ҶОН БИВЕР

МУАЛЛИФИ ШОҲАСАРҲО АЗ РӮИ ВЕРСИЯИ *“USA TODAY”*

# X

## ПОТЕНСИАЛЕРО, КИ ХУДО БА ШУМО ДОДААСТ, АФЗУН КУНЕД

Дӯсти азиз,

Ҳар яки мо офаридаи дастони Ӯ ҳастем ва дар Исои Масеҳ барои аъмоли нек офарида шудаем. Шумо ба воситаи файз ройгон аз олами боло таваллуд шудаед, то ки фарзанди Худо гардед, ва қуввати ҳамон файзро низ барои мақсади махсус пайдо кардаед. Оё шумо дарк мекунед, ки дар ниҳоди шумо потенсиали аҷоиб – қобилиятҳо ва атоҳое, ки барои расидан ба ин мақсад аз тарафи Худо ба шумо дода шудаанд, мавҷуд мебошад?

Ҳамон атоҳо, истеъдодҳо ва қобилиятҳое, ки ба шумо ҳадя карда шудаанд, барои шумо таъин карда нашудаанд; онҳо бояд ба воситаи шумо ба одамони дигар дода шаванд. Дар шумо чизе ҳаст, ки Худо онро ба дигарон додан мехоҳад. Ҳар яки мо бояд дар бораи атоҳое, ки Худо ба мо додааст, огоҳ бошем, онҳоро оқилона ва мақсаднок барои манфиати дигарон ва барои васеъ кардани Подшоҳии Худо истифода барем.

Хушбахт ва пурбаракат шахсе аст, ки атоҳои ба ӯ додаи Худоро медонад ва бо онҳо амал мекунад. Бадбахт ва залил шахсе аст, ки бо атоҳои каси дигар амал кардан мехоҳад. Вафодорона, бо файзи Худо ҳамкорӣ карда ва дар тадҳини Ӯ буда, мо бояд атоҳои худододаро аз мавқеи осоиштагӣ, на аз рӯи мубориза, афзун намоем.

Шумо бо файз ва тадҳини Ӯ соҳибистеъдод ва устувор гардидаед. Бо азми қавӣ барои иҷро кардани корҳои бузург дар роҳи Худо ба пеш ҳаракат кунед!

Бо шумо ҳамроҳ,
Ҷон



MessengerX

Ҷон Бивер
JohnBevere@ymail.com

MESSENGER INTERNATIONAL
MessengerInternational.org

X

## ҶОН БИВЕР

МУАЛЛИФИ ШОҲАСАРҲО АЗ РӮИ ВЕРСИЯИ “*USA TODAY*”

# X

## ПОТЕНСИАЛЕРО, КИ ХУДО БА ШУМО ДОДААСТ, АФЗУН КУНЕД

***X: Multiply Your God-Given Potential,*** Tajik, by John P. Bevere
© 2021 Messenger International
MessengerInternational.org
Originally published in English as X: Multiply Your God-Given Potential

Additional resources in Tajik are available for free download and video streaming at **MessengerX.com** and on the **MessengerX** App
To contact the author: JohnBevere@ymail.com

This book is a gift from Messenger International and is
NOT FOR SALE

***«X: Потенсиалеро, ки Худо ба шумо додааст, афзун кунед»***, Ҷон Бивер, бо забони тоҷикӣ
Copyright © 2021 Messenger InternationalMessengerInternational.org
Аввал бо забони англисӣ бо номи «X: Multiply Your God-Given Potential» нашр шудааст.

Маводҳои иловагӣ аз Ҷон ва Лиза Бивер бо забони тоҷикӣ барои ройгон зеркашӣ ва паҳн кардан дар **MessengerX.com** ва барномаи **MessengerX** дастрас аст.
Суроғаи электронӣ барои тамос бо муаллиф: JohnBevere@ymail.com

Ин китоб аз «Мессенҷер Интернэшнл» тӯҳфа аст
ва ФУРӮХТА НАМЕШАВАД.

Download on the App Store

GET IT ON Google Play

App Store тамғаи молии Apple Inc. мебошад, ки дар ИМА ва дигар кишварҳо ба қайд гирифта шудааст.
Google Play ва логотипи Google Play тамғаҳои молии Google LLC мебошанд.

*Ба ҳамсарони зебои писарони мо бахшида мешавад...*

Лиза ва ман аз таҳти дил шумоёнро дӯст медорем. Ҳар яке аз шумо хислатҳои аҷоибе доред, ки дар поён номбар карда шудаанд ва бештар аз он ҳам ҳастед, аммо ин хислатҳо дар ҳаёти шумоён зиёдтар ифода ёфтаанд:

*Ҷулиана*

25 октябри соли 2009 бо Эдисон оила барпо кардааст.

Ту зебо ва оқила ҳастӣ.

Ту ҳамеша духтари аввалини ман хоҳӣ буд.

*Ҷессика*

24 сентябри соли 2018 бо Остин оила барпо кардааст.

Ту меҳрубон ва дилрабо ҳастӣ.

Дар ҳар ҷое, ки ту ҳастӣ, муҳит аз шодӣ пур мешавад.

*Крисчен*

18 ноябри соли 2018 бо Арден оила барпо кардааст.

Ту пур аз файз ҳастӣ ва дили нарм дорӣ.

Муҳаббати ту ба писари мо оличаноб аст.

*Хонумиояндаи Алек Бивер*

Дилам муштоқи дидори туст.

Ман аллакай туро аз таҳти дил дӯст медорам.

Ҳар яки шумо ба ман ва Лиза хурсандии калон меоред.

Барои зиёд кардани оилаамон ба шумо ташаккур мегӯям.

Шумо абадан духтарони мо хоҳед буд.

# МУНДАРИҶА


Дар бораи ин китоб **IX**

1. Тасвири пурра **1**

2. Қобилиятҳои додашуда **19**

3. Ба худ софдилона баҳо диҳед **37**

4. Идоракунандагон **51**

5. Содиқ **73**

6. Меҳнатдӯстӣ ва афзункунӣ **95**

7. Афзункунии бузург **115**

8. Ғояҳои стратегӣ **135**

9. Саҳмгузорӣ **155**

10. Стимул **177**

11. Ба ман тақлид кунед **197**

12. Монеаҳо барои афзункунӣ I **219**

13. Монеаҳо барои афзункунӣ II **235**

14. Атоҳои худро ошкор кунед ва такмил диҳед **251**

15. Тадҳиншуда **273**

Замима **285**

Арзи сипос **288**

Тавзеҳот **289**

# Дар бораи ин китоб

Дар саҳифаҳои ин китоб шумо хиради илоҳӣ ва стратегияҳоеро пайдо мекунед, ки барои дарки мақсад, баланд бардоштани шавқу рағбат ва дар амал татбиқ кардани потенсиали шумо кӯмак менамоянд. Ҳар як боб барои тафаккур кардан саволҳоеро дар бар мегирад, ки барои дар ҳаёти худ истифода бурдани чизҳои омӯхтаатон ба шумо ёрӣ мерасонанд.

Агар шумо дар бораи афзункунӣ бисёртар донистан хоҳед, ман маводҳои иловагӣ, аз ҷумла дарсҳои видеоӣ, дастури ҳамроҳикунанда ва дигар маъхазҳои интернетиро, ки шумо ба таври инфиродӣ ё дар гурӯҳҳои хурд истифода бурда метавонед, эҷод кардаам. Шумо метавонед ин маъхазҳоро бо тамоми китобхонаи захиравӣ барои шогирдсозӣ дар **MessengerX.com** дастрас кунед. Миллионҳо одамон аллакай маводҳои моро истифода кардаанд ва ҳадафи мо ин аст, ки онҳо ба ҳар як шахс, новобаста аз макони зист, забон ва вазъи молиявӣ дастрас бошанд (дар ин бора бештар дар худи китоб). Як лаҳзаро барои ташриф овардан ба сайти мо ва ҳамроҳ шудан ба ҷамоати умумиҷаҳонии сафирон ҷудо кунед.

Агар дар шумо саволҳо пайдо шаванд, албатта бо ман ва дастаи ман дар хидматгузории “Мессенҷер Интернэшнл” тамос гиред.

Ба шумо муваффақият мехоҳам!

Ҷон

*Ибтидои ҳикмат тарси Худованд аст... Чунки ба воситаи ҳикмат айёми ту зиёд хоҳад шуд, ва солҳои умри ту хоҳад афзуд. Агар хирадманд бошӣ, ба нафъи худат хирадманд ҳастӣ.*

– Масалҳо 9: 10-12, NLT

# 1

# Тасвири пурра

Ин воқеа дар соли 2012 рӯй дод. Ман бояд дар як калисо дар минтақаи Лос Анҷелес дар хидматгузориҳои рӯзҳои истироҳат мавъиза мекардам. Одатан ман наздик ба бегоҳии рӯзи шанбе парвоз карда омада, хидматгузории шомгоҳии рӯзи шанбе ва саҳаргоҳии рӯзи якшанберо мегузаронам ва ҳамон рӯз ба хона бармегардам. Ин дафъа дар реҷаи ман дигаргуниҳо ба амал омаданд.

Яке аз ҳамкорони хидматгузории мо, ман ӯро Стен ном мебарам, чун огоҳӣ пайдо кард, ки ман дар минтақаи Лос Анҷелес қарор хоҳам дошт, ба ман занг зад ва пурсид, ки оё ман дар клуби машҳури наздишаҳрии "Ривиера" ба бозии голф машғул шудан мехоҳам. Муддати дароз фикр карда истодан лозим набуд, зеро ман дер боз орзу доштам, ки дар майдони ин клуб бозӣ кунам. Ман хурсандона ҷавоб додам:

– Албатта мехоҳам, бо камоли мамнуният!

Гап дар он аст, ки дар давоми беш аз 35 соли сафарҳо ва мавъизаи Каломи Худо гоҳ-гоҳ ман дар паёмҳоям зимнан муҳаббати худро ба бозии голф баён мекунам. Дар тӯли ин солҳо натиҷаи ғайричашмдошт, вале писандидаи ин якчанд пешниҳод барои бозӣ кардан дар беҳтарин клубҳои голфбозии ҷаҳон буд. Бешубҳа, ин яке аз он ҳолатҳо буд.

Ин даъвати *махсус* буд. "Ривиера" як клуби хусусӣ аст, ки ба

он дохил шудан хеле мушкил мебошад. Ҳар сол дар майдони ин клуб мусобиқаи “PGA тур”, ки “Ҷенесис инвитэйшнл” (дар гузашта “Мусобиқаи кушоди Лос Анҷелес”) ном дорад, гузаронида мешавад. Дар ин клуб дигар мусобиқаҳои калон, ба мисли чандин Сабқатҳои кушоди ИМА, қувваозмоиҳои Ассотсиатсияи бозингарони касбии голф, Сабқатҳои ИМА дар байни ҳаводорон, ва дигар мусобиқаҳои машҳур низ гузаронида шудаанд.

Стен субҳи барвақти рӯзи шанбе омад, то ки маро ҳамроҳи худ ба ин бозии матлуб гирифта барад. Ин рӯз барои ман махсусан боз барои он ҷолиб буд, ки яке аз дӯстони наздики ман, Арон Бэддели, ҳамагӣ як сол қабл дар Мусобиқаи кушоди Лос Анҷелес ғолиб омада буд. Ман ин бозиро бесаброна интизор будам ва баъзе зарбаҳои беҳтарини ӯро, ки ба вай дар соли 2011 пирӯзӣ оварда буданд, ба ёд меовардам!

Ман бо се зарба қафо монда (асабҳоям гиҷ шуданд), чор сӯрохии аввалро гузаштам, вале давррo бо ду зарба дар пеш ба анҷом расонидам. Стен ва ман вақтро хеле хуш гузаронидем; ин субҳ хеле гуворо буд.

Ҳангоми баргаштан ба меҳмонхонаи ман, ки дар маркази Лос Анҷелес ҷойгир шудааст, Стен саволи самимӣ дод:

– Ҷон, оё ба ту саволеро додан мумкин аст, ки ман дар бораш аллакай чандин вақт ҷиддан фикр карда истодаам?

– Албатта!

Ӯ бо фурӯтанӣ ва софдилӣ савол дод:

– Ҷон, ман 20 соли охир бо тамоми қувватам ғайратмандона заҳмат кашидам, ва вақти зиёдеро барои бунёд кардани коргоҳҳои худ сарф кардам. Ҳоло моликияти шахсии ман тақрибан 9 миллион долларро ташкил медиҳад. Бо мизоҷони ҳозираи ман ҳама кор бо муваффақият пеш рафта истодааст. Дар натиҷаи солҳои зиёди меҳнати ғайратмандона ҳамсарам ва фарзандонам аз лиҳози пул тамоми умр таъмин ҳастанд.

Баъд аз ин саволи ӯ садо дод:

– Акнун, вақте ки ман аз 50 гузаштам, барои чӣ ман бо ҳамон

суръат меҳнат кунам? Барои чӣ сармояи коргоҳҳои худро дар давоми 10 соли оянда ба 35 миллион доллар расонам?

Рӯҳулқудс барои ҷавоб зуд ба ман хирад дод:

– Иҷозат деҳ, ки ба ту як мисол биёрам, – гуфтам ман. – Тасаввур кун, ки ман ба ту мегӯям: “Стен, солҳои дароз ман ғайратмандона меҳнат кардам, 17 китоб навиштам, ки онҳо аллакай ба бештар аз 80 забон тарҷума ва миллионҳо нусха нашр шудаанд. Дар давоми 25 соли охир ман бештар аз 16 миллион километр роҳро тай кардам, аз фарқияти вақти минтақаҳо азият кашидам, бо ҳама гуна фарҳангҳо робита доштам, хӯрокҳои аҷоиб хӯрдам, дар утоқҳои танги меҳмонхонаҳо ҷойгир шудам, ва ҳамаи инро ба хотири он кардам, ки дар тамоми курраи замин Инҷилро мавъиза кунам. Дар хидматгузории ман ҳама чиз хуб пеш рафта истодааст, аҳволи молиявии ман устувор аст. Лиза ва бачагон низ таъмин ҳастанд. Барои чӣ ман бо ҳамон суръат кор кунам?

Ҳама чиз айни муддао шуд. Ӯ бо андаке табассум ҷавоб дод:

– Вақте ки ту бо Исо вомехӯрӣ, намехоҳам, ки дар ҷои ту бошам.

Ман фавран гуфтам:

– Стен, ту ба ман маҳз айни ҳамин чизро дар бораи корхонаҳоят гуфтӣ.

Табассуми ӯ фавран нопадид шуд. Ӯ бо ҳайрат нигоҳашро аз роҳ ба ман гардонид. Ба суханони шунидааш бовар накарда, пурсид:

– Чаро ту чунин мешуморӣ?

– Стен, Худо ба ҳамаи фарзандони Худ атоҳо додааст. Ин атоҳо бо файзи илоҳӣ барои бунёди Подшоҳии Ӯ ба мо дода шудаанд. Вале, мо худамон ин атоҳоро ихтиёрдорӣ мекунем ва бинобар ин дар вақти дилхоҳ тасмим мегирем, ки онҳоро бо яке аз се роҳи зерин истифода барем:

Мо метавонем, ки ин атоҳоро барои бунёди Подшоҳӣ истифода барем;

Мо метавонем, ки ин атоҳоро барои бунёди ҳаёти худ истифода барем;

Мо метавонем, ки ин атоҳоро ҳамту ба эътибор нагирем.

Стен бо диққат маро гӯш мекард, ва ман давом додам:

– Атоҳои маълуми ман нависандагӣ ва мавъиза кардан мебошанд; атоҳои ту ба соҳибкорӣ ва саховатмандӣ марбут ҳастанд. Ту ба мисоли ман хандидӣ! Аммо ту айни ҳамон чизро гуфтӣ. Атоҳои ту низ барои бунёди Подшоҳӣ муҳиманд, чуноне ки аз они ман. Дар асл, онҳо муҳимтар буда метавонанд, вале ту тасвири пурраро намебинӣ.

Мо дар ин бора сӯҳбатро давом додем. Дидани тағйироти фаврӣ дар афкор ва муносибати Стен дар ҷараёни сӯҳбати мо хурсандибахш буд.

Пас аз шаш моҳ ман ба Стен занг задам, то аз аҳволаш пурсон шавам. Дар байни мо сӯҳбати фаромӯшнашавандае ба амал омад.

– Салом, Стен, чӣ ҳол дорӣ?

– Оё ҳақиқати ҳолро донистан мехоҳӣ? – ҷавоби ӯ маро ба ҳайрат овард.

– Бале, албатта!

– Чизе, ки ту ба ман шаш моҳ қабл аз ин гуфтӣ, бо маънои мусбаташ, маро ором нагузошт.

– Ва ту чӣ кор кардӣ?

Ӯ хандида, зуд изҳор кард:

– Ман бо тамоми қувватам заҳмат кашида истодаам, ки барои бунёди Подшоҳӣ сармояи худро то 35 миллион доллар расонам.

– Аҷоиб!

Стен ҳақиқатеро дар бораи он дарк кард, ки дар кори пешбурди Подшоҳии Худо вай тамошобин нест. Ӯ чизеро фаҳмид, ки бисёриҳо аз он бехабар мемонанд. Ӯ фаҳмид, ки қобилиятҳои беназири ӯ на фақат барои ҳаёти муваққатӣ, балки барои абадият арзишманданд. Ҳоло ӯ пурра дарк мекунад, ки вай барои мақсаде қобилият дорад, ки аз ӯ ва оилааш бузургтар аст. Ман аз самимият, софдилӣ ва фурӯтании ӯ миннатдорам. Ин хислатҳо ба ӯ имкон доданд, то ҳақиқатҳоеро, ки ҳаёти ӯро дигаргун сохтанд, қабул намояд. Ва, ба туфайли шаҳодати ӯ, на танҳо ҳаёти ӯ, балки

ҳаёти бисёр одамон низ дигар шуд.

Ба шарофати маърифати худ Стен ҳоло бо шаҳодати зиндагии худ ҳадафи асосии ин китобро намоён карда, ба афзункунӣ саъй дорад. Мутаассифона, дар давоми солҳои зиёди сафар ва муоширати бо имондорон ман фаҳмидам, ки бисёриҳо чунон фикр мекунанд, ки Стен фикр мекард. Дар асл, ба андешаи ман, аксари одамон ҳамин тавр фикр мекунанд. Бисёриҳо инро ҷуръатмандона мисли ӯ эътироф намекунанд, аммо ҳангоми сӯҳбат ин тафаккур ошкор мешавад.

Агар шумо шубҳа дошта бошед, ки даъват шудаед, ман шодам, ки ин китоб ба дасти шумо афтод. Ман самимона умед мекунам, ки тафаккури шумо низ иваз мешавад.

Ба мисли Стен бо худ ростқавл бошед; ин ба шумо барои дидани тасвири пурра кӯмак мекунад. Дар ин ҳолати хоксорона шумо атоҳои беназири худро ошкор месозед ва боварии комил пайдо мекунед, ки онҳоро барои бунёди Подшоҳӣ афзун карда метавонед. Шумо аз ҷониби Худо ба мисли шубонатон ва ман даъват шудаед. Даъвати шумо ба мисли даъвати бузурги Билли Грэм ё ягон дигар ходими машҳур ҳаққонӣ аст.

Мо дар бораи он сухан меронем, ки шумо чӣ тавр атоҳои худро ошкор намуда, такмил дода ва, аз ҳама асосиаш, онҳоро афзун карда метавонед, то ки доираи таъсири даъвати худро васеътар намоед. Каломи Худо ва ҳикояҳои ин китоб имони шуморо мустаҳкам мегардонанд ва самаранокии шуморо хеле зиёд мекунанд. Ман инро бевосита медонам: вақте ки ин китобро менавиштам ва таҳрир мекардам, ин бо ман рӯй дод.

## БАРОИ МАҚСАД ТАВАЛЛУД ШУДАЕД – МАҚСАДИ МАХСУС

Биёед ба омӯзиши як порчаи машҳур аз Китоби Муқаддас шурӯъ мекунем:

> “Зеро ки шумо *бо файз* ба воситаи имон наҷот ёфтаед, ва ин на аз шумост, балки *атои Худост,* ва аз аъмол нест, то ки ҳеҷ

кас фахр накунад” (Эфсӯсиён 2:8-9).

Дар ин ду оят дар бораи *файзи Худо* сухан рафтааст. Комилан маълум аст, ки мо бо файз наҷот ёфтаем, ва ин атои Худост. Калисои асри 21 ин ҳақиқатро ба таври олиҷаноб паҳн кардааст. Мо ҳеҷ гоҳ бо чунин ҷидду ҷаҳд кор карда наметавонем, ин қадар пок зиндагӣ намекунем ё ин қадар қурбонӣ карда наметавонем, то ба имтиёзи он мушарраф шавем, ки бо Офаридгори худ – Худои Қодир ҷовидон зиндагӣ кунем. Ин порчаи китоби Муқаддас яке аз ҷойҳои асосии Навиштаҷот мебошад, ки ин ҳақиқати муҳимро, ё, гуфтан мумкин, асоситаринро ифшо месозад. Лекин, мо ба чизҳои зерин беэътиноӣ кардем:

> *“Зеро* ки мо офаридаи Ӯ ҳастем ва дар Исои Масеҳ барои аъмоли нек, ки *иҷрои онҳоро* Худо пешакӣ барои мо таъин намудааст, ба вуҷуд оварда шудаем” (Эфсӯсиён 2:10).

Диққат диҳед, ки калимаи аввалини ин оят *“зеро”* мебошад. Ин калима *пайвандаке* мебошад, ки ду фикрро бо ҳам мепайвандад. Ба ибораи дигар, қисми аввали ин фикр худ аз худ комил нест. Калимаи *“зеро”* маънои “барои он ки; аз ҳамин сабаб”-ро мефаҳмонад; маҳз барои ҳамин, ҳангоми иқтибос овардани оятҳои ҳашт ва нӯҳ набояд ояти даҳро сарфи назар кунем. Дар акси ҳол, мо мазмуни ин порчаро ба таври пурра намефаҳмем.

Ояти даҳ таъкид мекунад, ки мо офаридаи Ӯ ҳастем, барои мақсади махсус – иҷрои амалҳои нек офарида шудаем. Дар асл, дар ин се оят Павлус инро дар назар дорад:

> “Мо бо файз наҷот ёфтаем, *якум, то ягон касе бошем,* яъне фарзанди Худо бошем, ва ҳамон файз ба ҳадди баробар моро қувват мебахшад, *то ки ягон коре бикунем”.*

Мо ҳеҷ гоҳ набояд ба як ҳақиқат аз ҳисоби беэътиноӣ кардан

ба дигараш аҳамияти аз ҳад бештар диҳем. Аммо иҷозат диҳед фавран инро таъкид намоям – ҳуввияти мо дар Масеҳ аз аъмоли мо муҳимтар аст, *зеро ҳама корҳое, ки мо мекунем, аз он бояд сарчашма гирад, ки мо кӣ ҳастем.*

Аз ҳақиқат оид ба корҳо дур шудан осон аст. Ин моро аз ҳар гуна фишорҳои алоқаманд ба он, ки мо барои бунёди Подшоҳӣ бояд меҳнат кунем, озод мекунад. Аламовар аст, вақте ки одамон чунин рафтор мекунанд, чунки маҳз корҳои мо ба мо қувват мебахшанд. Исо мегӯяд: “Ғизои Ман он аст, ки иродаи Фиристандаи Худро ба ҷо оварам ва кори Ӯро ба анҷом расонам” (Юҳанно 4:34). Ӯ ҳамчунин мегӯяд: “Чунон ки Падар Маро фиристод, Ман низ шуморо мефиристам” (Юҳанно 20:21). Ин ду изҳоротро пайванд карда, мо равшан мебинем, ки ғизои мо ба ҷо овардан ва ба анҷом расонидани иродаи Исо мебошад. Ғизо чизе аст, ки ба мо қувват мебахшад. Агар ғизо нагирем, суст ва кам фоидаовар мешавем.

Биёед инро ба ҳаёти рӯҳонии худамон мегузаронем. Агар мо иродаи Исоро, ки моро фиристодааст, ба ҷо наоварем, мо суст мешавем. Суст гардида, мо ба озмоишҳо дучор мешавем.

Дар тӯли зиёда аз 40 соли роҳ рафтан бо Исо ман мушоҳида кардам, ки яке аз сабабҳои имонро тарк кардани одамон, норасоии “амал” аст. Онҳо нисбат ба даъвати худ танбал ва бепарво мешаванд, ва ҳатто пай намебаранд, ки чӣ тавр ба майпарастии худписандона ва бадахлоқӣ меафтанд, ё ба он чизҳое машғул мешаванд, ки онҳоро ба тарзи ҳаёти дунявӣ бармегардонанд. Онҳо қуввати рӯҳонии худро аз даст медиҳанд. Моҳият чунин аст:

*Коре, ки мо мекунем, ба мо қувват медиҳад.*

Пас, иҷозат диҳед, ки ҳақиқатро аз ин се оят такрор кунам. Шумо аз олами боло ройгон бо файз таваллуд шудаед, то ки фарзанди Худо шавед, ва шумо ба ҳадди баробар бо ҳамон файз фаро гирифта шудаед, то ки амал кунед. Каломи Худо ифроз мекунад, ки Худо пешакӣ ҳар як амали неки моро ба нақша

гирифтааст. Довуд менависад:

> “Ҷанинамро чашмони Ту дидааст, ва дар дафтари Ту ҳамаи узвҳоям навишта шудааст, ва рӯзҳои пайдо шудани онҳо, дар сурате ки ҳеҷ яке аз онҳо ҳанӯз вуҷуд надошт” (Забур 138:16).

Худо амалҳоеро, ки шумо бояд иҷро кунед, ҳанӯз пеш аз таваллуди шумо ба нақша гирифтааст. Ӯ ҳатто онҳоро ба китоб навиштааст! Метавон тасаввур кард, ки чӣ қадар бузург аст ин китоб, чунки дар он ҳар лаҳзаи ҳаёти мо сабт шудааст. Он вазифаҳое, ки Ӯ барои мо ба нақша гирифтааст, ба бунёди Подшоҳии Ӯ марбут мебошад. Хоҳиши бузургтарини Ӯ ин аст, ки мо Подшоҳии Ӯро бунёд кунем, аммо ҳеҷ кафолате мавҷуд нест, ки мо ин корро ба ҷо меорем. Дар Эфсӯсиён 2:10 ба ибораи *“иҷро кардан”* диққат диҳед. Ин оят маънои онро надорад, ки мо ин корҳоро ҳатман *иҷро мекунем.* Маҳз дар ҳамин ҷо интихоби озоди мо ба бозӣ медарояд. Ӯ пешакӣ амалҳои моро тайёр кардааст, вале қарор мо медиҳем, ки мувофиқи нақшаи Ӯ рафтор кунем ё не.

Ман итминони комил дорам, ки вақте мо дар рӯзи доварии имондорон (ки дар он барои меҳнати масеҳии худ мукофот мегирем ё барои хунукназарии худ азоб мекашем) дар назди Исо меистем, Ӯ ин китобро кушода, мегӯяд: “Биё тарзи зиндагии туро бо он нақшаи аввалине, ки Мо бо Падар барои ту пешбинӣ карда будем, муқоиса мекунем”. Дар робита бо доварӣ, ду оятҳои гуногуни Китоби Муқаддас мегӯянд, ки “китобҳо кушода шудаанд” (ниг. Дониёл 7:10 ва Ваҳй 20:12). Ман бовар дорам, ки Худо ин китобҳоро оид ба зиндагии мо пеш аз таваллуди мо навиштааст. Дар мавриди даъвати шахсиамон, мо на барои коре, ки иҷро кардаем, балки барои ба ҷо овардани коре, ки ба он даъват шудаем, доварӣ карда мешавем. Ин фикри ҳушёркунанда аст.

Инро хонда, мумкин аст, ки шумо андаке ба воҳима афтед. Лутфан, ин корро накунед! Се чизи муҳим мавҷуд аст, ки шумо бояд ба қайд гиред. Якум, Худо мехоҳад, ки шумо он кореро ба ҷо оваред, ки Ӯ шуморо ба он даъват кардааст; бинобар ин, Ӯ нақшаҳои Худро аз мо пинҳон намедорад. Ӯ мехоҳад,

ки шумо дар бораи даъвати худ бештар аз он донед, ки шумо мехоҳед! Дуюм, раванди афзоиши пурраи даъвати шумо ба роҳ рафтан монанд аст. Ин дар як лаҳза ба вуҷуд намеояд; аз ин рӯ, ба васвасаи бетоқатӣ муқобилат кунед. Сеюм, дар ин китоб шумо ҳам аз Китоби Муқаддас ва ҳам аз таҷрибаи шахсӣ маслиҳатҳоеро пайдо мекунед, ки барои ошкор кардан ва такмил додани даъвататон ба шумо ёрӣ мерасонанд.

Ба як мисоле диққат кунед, ки барои фаҳмонидани ин кӯмак мерасонад. Тасаввур кунед, ки ман шаҳрсозе ҳастам, ки дар наздикии маркази шаҳр маҷмааи зебои истиқоматӣ, фароғатӣ ва савдо бунёд кардан мехоҳам. Ман, ҳамчун шаҳрсоз, инчунин сармеъмор ҳастам, ва якҷоя бо бинокорон ва меъморони баландихтисос нақшаи генералиро тарҳрезӣ мекунам. Ман дар ин маҷмаа майдончаҳои бозӣ ва варзишӣ, аттраксионҳо, фавворaҳо, минтақаҳои истироҳатӣ ва барои сайругашт пайроҳаҳо сохтан мехоҳам. Ғайр аз ин, ман ба нақша мегирам, ки дар қабатҳои аввали биноҳои истиқоматии бисёрқабата мағозаҳоро ҷойгир кунам, ҳамчунин тарабхонаҳо, кинотеатрҳо ва дигар унсурҳои эҷодкоронаро бунёд созам, то ки маҷмааи мо беназир бошад.

Лоиҳакаширо ба охир расонида, ман пудратчиёнро, ки бояд қисмҳои гуногуни нақшаи генералии маро иҷро кунанд, интихоб мекунам. Ман онҳоро ба кор қабул карда, мӯҳлати иҷрои вазифаҳои онҳоро муқаррар менамоям. Лоиҳаи ман ба шурӯъ кардан тайёр аст.

Агар ҳама пудратчиён супоришҳои маро иҷро кунанд, сохтмони ин иншооти азим осон ва бомуваффақият давом хоҳад кард. Аммо, агар барои баъзе аз пудратчиён ин лоиҳа афзалияти аввалиндараҷа надошта бошад, чӣ ҳодиса рӯй медиҳад? Чӣ мешавад, агар онҳо супоришро қабул кунанд, вале дар мӯҳлате, ки барои сохтмон муқаррар карда шудааст, қобилиятҳои худро барои иҷрои дигар корҳо истифода баранд? Чӣ мешавад, агар онҳо қарор кунанд, ки ба моҳидорӣ раванд, голфбозӣ кунанд ё дар чорабиниҳои варзишӣ чунон зуд-зуд иштирок кунанд, ки

кор қафо монад? Чӣ мешавад, агар пудратчиҳои дигар танбалӣ кунанд ва ба кори худ ҷиддӣ муносибат накунанд? Агар ман пурра аз онҳо вобаста бошам, ин лоиҳа ҳеҷ гоҳ дар мӯҳлати муқарраршуда ба анҷом намерасад. Дар асл, онҳо ҳеҷ гоҳ онро ба анҷом намерасонанд.

Пудратчиён худашон қарор медиҳанд, ки бо вақт ва истеъдоди худ чӣ гуна муносибат кунанд. Аммо, ман, ҳамчун як шаҳрсоз, бо таъхири ҷиддӣ ва эҳтимолияти ба итмом нарасидани ин лоиҳа розӣ шуда наметавонам. Ба ҷои ин, ман маҷбур мешавам, ки пудратчиёни дигарро барои иҷрои кор даъват кунам.

Дар натиҷа чӣ рӯй медиҳад? Пудратчиёни аввалро барои иштирок дар сохтмони ин маҷмааи мӯҳташам эътироф намекунанд. Онҳо ба фарзандон, наберагон ва дӯстон маҳсули кори худро дар ин қисми марказии зебои шаҳр нишон дода наметавонанд. Фарзандони онҳо ба дигарон дар бораи он, ки волидонашон саҳмгузор буданд, нақл карда наметавонанд. Онҳо ҳамчунин мукофоти худро дар шакли пардохт барои вазифаи худ аз даст медиҳанд.

Шумо ин принсипро дар тамоми Китоби Муқаддас дида метавонед. Худо барои бунёди Подшоҳии Худ нақшаи генералӣ дорад. Аммо дар тӯли таърих Худо бо одамоне, ки хоҳиши Ӯро иҷро накарданд, маҷбур буд, ки сарукор дошта бошад. Бинобар ин, бисёр вақт ба Ӯ лозим мешуд, ки ба нақшаи аввалаи Худ ислоҳ дарорад. Ман танҳо мафҳумҳои инсониро истифода мебарам, чунки Худо аз ибтидо фарҷомро медонад – Ӯ ба вақт побанд нест. Аз ин рӯ, “тағйири” нақша барои Ӯ чизи ғайричашмдошт набуд. Вай пеш аз мӯҳлат медонист, ки коргаронаш чӣ кор хоҳанд кард ва Ӯ аллакай омода буд, ки онҳоро иваз кунад.

Инҳоянд чанде аз мисолҳои зиёди ин дар Навиштаҳо. Шумо инро дар мисоли падари Иброҳим, Тораҳ (писари хурдии ман Арден ба наздикӣ ин ҳақиқатро ба ёдам овард), мебинед. Аксари мо медонем, ки Иброҳим, пеш аз он ки Худо ӯро ба Канъон даъват кунад, дар Ури калдониён таваллуд шуда, ба воя

расидааст. Як далели андаке маълум вуҷуд дорад: агар шумо дар бораи падари ӯ, Тораҳ, бодиққат хонед, пай мебаред, ки, эҳтимолан, Худо аввалан ба ин кор ӯро даъват кардааст. Биёед дар бораи ин мехонем:

> “Ва Тораҳ писари худ Абром ва набераи худ Лут, писари Ҳорон, ва келини худ Сорай, зани писараш Абромро гирифта, бо онҳо аз Ури калдониён берун омад, *то ки ба замини Канъон бираванд,* вале ба Ҳоррон расида, *дар он ҷо маскан гирифтанд.* Ва айёми Тораҳ дусаду панҷ сол буд, ва Тораҳ дар Ҳоррон мурд” (Ҳастӣ 11:31-32).

Мо бояд ду чизро ба ҳисоб гирем. Аввалан, чаро касе бе ягон сабаб бо тамоми оилааш Урро тарк карда, зиёда аз ҳазор километр роҳро тай намуда, ба чунин ҷои номаълуме, ба мисли Канъон, меояд? Сафар бо шутурҳо суст ва душвор аст. Бо занон ва кӯдакон, эҳтимолан, ин ҳадди ақал чанд моҳро дар бар мегирифт. Аз эҳтимол дур нест, ки Тораҳ ба интернет даромада, аксҳоро дида ва мақолаҳоро дар бораи он, ки Канъон ҷои аҷиби кору зиндагӣ аст, хонда метавонист. Ӯ дар ин бора аз нашрияҳои шабакаҳои иҷтимоӣ хабардор намешуд. Барои ин сафари ногаҳонӣ ва тӯлонӣ мебоист сабабе вуҷуд дошта бошад.

Дуюм, агар ӯ ба Канъон раҳсипор шуда бошад, барои чӣ дар Ҳоррон маскан гирифт? Барои чӣ ӯ сафари худро ба анҷом нарасонид ва ба ҷои муқарраршуда рафта нарасид? Оё имкон дошт, ки ӯ барои қатъи сафар ба васваса дучор шуда бошад? Оё мумкин аст, ки дар вай хоҳишҳое пайдо шуда бошанд, ки ба монеа табдил ёбанд, ба мушкилот дучор оянд, касе аз аъзои оилааш аз ин сафар хаста шуда бошад, ё шароитҳои дигари диққатрабо ба вуҷуд омада бошанд? Оё мумкин аст, ки ӯ дар Ҳоррон имкониятҳои бештарро дид ва нахост, ки танҳо барои як сухани Худо онҳоро зери хатар гузорад?

Ҳамаи инро ба назар гирифта, оё хулоса баровარда метавонем, ки Тораҳ якумин шахсе буд, ки Худо интихоб кард, то “падари халқҳои бисёр” бошад? Ва маҳз ӯ аввалин шахсе

мебоист бошад, то унвони *“Падари имон”*-ро, ки имрӯз ба Иброҳим нисбат медиҳанд, ба худ гирад (ниг. Румиён 4:16-17)?

Тораҳ то охир рафтан нахост; ӯ дар Ҳоррон маскан гирифт. Ман боварӣ дорам, ки агар вай роҳи худро давом медод, мо ҳоло дар бораи саргузаштҳо ва аҳди ӯ бо Худо мехондем. Ман боварӣ дорам, ки Исроил ӯро падари худ мехонд, ва Исо «насли Тораҳ» номида мешуд, на «насли Иброҳим» (ниг. Ғалотиён 3:16).

Тағйироти дигар дар нақшаи генералии Худо – ин довар ва саркоҳин Элӣ. Ӯ ва наслҳои ӯ коҳиноне таъин шуда буданд, ки бояд ба хотири халқ дар назди Худо меистоданд. Аммо, ба назди Элӣ набӣ фиристода шуд ва набӣ гуфт:

> «Бинобар ин Худованд, Худои Исроил, чунин мегӯяд: “Ман гуфта будам, ки хонадони ту ва хонадони падарат ба ҳузури Ман то абад роҳ хоҳанд рафт. Вале алҳол, мегӯяд Худованд, ҳошо ки Ман инро раво бинам, зеро ки Ман эҳтиромкунандагони Худро эҳтиром хоҳам кард, валекин залилкунандагони Ман расво хоҳанд шуд. Инак, айёме фаро мерасад, ки Ман бозуи ту ва бозуи хонадони падаратро қатъ хоҳам кард, ба тавре ки пире дар хонадони ту нахоҳад буд”»
> (1 Подшоҳон 2:30-31, NLT).

Беитоатии Элӣ ҳам ба ӯ ва ҳам ба насли ӯ таъсир расонд. Агар Элӣ Худоро иззату эҳтиром мекард, оилаи ӯ муқаддасиро нигоҳ медошт.

Боз як мисол, аз Сулаймон, писари Довуд, сар карда, ҳамаи подшоҳони Исроил мебошанд. Худо ба ӯ гуфт: “Азбаски ту чунин рафтор намудӣ, ва аҳд ва фароизи Маро, ки ба ту амр фармудаам, риоя накардӣ, Ман мамлакатро аз ту пора карда гирифта, онро ба навкари ту хоҳам дод” (3 Подшоҳон 11:11, NLT). Агар Сулаймон бовафо мемонд, шоҳигарӣ ҳаргиз аз писари ӯ Раҳабъом гирифта намешуд. Қисми зиёди шоҳигарӣ ба Ёробъом дода шуда буд, аммо дертар ӯ низ бевафоӣ кард. Худо ба вай гуфт:

> “Азбаски Ман туро аз миёни қавм сарфароз кардам, ва туро

> бар қавми Худ Исроил раис таъин намудам, ва мамлакатро аз хонадони Довуд пора карда гирифтам, ва онро ба ту додам, вале ту мисли бандаам Довуд набудӣ, ки вай аҳкоми Маро риоя мекард ва бо тамоми дили худ Маро пайравӣ намуда, фақат он чиро, ки дар назари Ман рост аст, ба амал меовард... ва Маро аз худ дур андохтӣ, - бинобар ин, инак Ман бар хонадони Ёробъом фалокат меоварам...” (3 Подшоҳон 14-7:10).

Агар Ёробъом аз мақоми худ сӯистифода намекард ва атоҳои худро на барои манфиатҳои шахсӣ, балки ба хотири пешбурди Подшоҳии Худо истифода мебурд, тахти сулолаи ӯ пойдор боқӣ мемонд. Паёми ба ҳамин монандро подшоҳи Исроил Баъшо (ниг. 3 Подшоҳон 16:1-7), ва ҳамчунин дигар шахсоне гирифтанд, ки подшоҳӣ ба онҳо ато карда шуда буд.

Мағзи гап дар он аст, ки бевафоии мо ба даъвати Худо на танҳо ба мо, балки ба наслҳои мо низ таъсир мерасонад. Ин бо Торах рӯй надод, аммо бо бисёр касони дигар рӯй дод.

Мо чунин вазъияти монандро дар байни паёмбарон мебинем. Элишоъ ба Илёс хидмат мекард ва андозаи дучанди он тадҳинеро, ки дар ҳаёти ӯ мавҷуд буд, соҳиб шуд. Вале, пас аз чандин солҳо, хидматгори Элишоъ, Ҷеҳазӣ – шахси навбатие, ки бояд атои паёмбариро қабул мекард, чизеро, ки муҳим буд, сарфи назар кард, ва аз даъвати худ маҳрум шуд. Ӯ махав гардид ва хидматеро, ки барояш даъват шуда буд, тарк кард (ниг. 4 Подшоҳон 5:20-27). Хидматгори нав (номи ӯ гуфта нашудааст) ёрдамчии Элишоъ гардида, ҷои Ҷеҳазиро соҳиб шуд.

Дар Аҳди Ҷадид мо мебинем, ки чӣ тавр ин ҳолат бо Яҳудои Исқариют рӯй дод. Азбаски ӯ даъват ва атоҳои ба вай атошударо сӯистифода бурд, лозим шуд, ки вай иваз карда шавад. Петрус ба шогирдон дар болохона гуфт: “Зеро ки дар китоби Забур навишта шудааст: “Манзили вай хароб гардад ва касе дар он сокин нашавад”; ва: “Ҷоҳу ҷалоли варо дигаре бигирад”. Бинобар ин, мо касеро бояд интихоб кунем, ки ҷои Яҳудоро бигирад” (Аъмол 1:20-21, NTL).

Чӣ қадар ғамангез, чӣ қадар аламовар! Мо аз фикри он ба худ омада метавонем, ки чӣ хел бисёр одамон, азбаски даъват ва атоҳои худро ба таври шоиста ба кор бурда натавонистаанд, пушаймон мешаванд. Ба ҷиҳати мусбии масъала баргашта, гуфта метавонем, ки хонандаи азиз, шумо бо мақсад – мақсади махсус таваллуд шудаед. Ҳаёти шумо барои бунёди чизе, ки абадӣ аст, пурарзиш мебошад. Ва ин аз рӯи хости одамон нест, балки аз тарафи Худо муқаррар карда шудааст.

## ШУМО САМАРАНОКИИ ХУДРО МУАЙЯН МЕКУНЕД

Ин шуморо хеле мутаҳаййир месозад, аммо *чӣ қадар самаранок будани шумо на ба Худо, балки ба худи шумо вобаста аст.* Ба андешаи шумо ин ақида нисбат ба Худо беэҳтиромӣ аст, агар шумо чунин шумормед, ки ҳама дастовардҳои ҳаёти шумо натиҷаи соҳибихтиёрии Худо мебошад. Аммо ман мехоҳам, то шумо боварӣ ҳосил кунед, ки ин ақида нисбат ба Худо беэҳтиромӣ нест ва бе ҳеҷ ваҷҳ соҳибихтиёрии Худоро паст намекунад. Ин шаҳодат медиҳад, ки Худо ба мо эътимод дорад ва Ӯ мехоҳад, то писарону духтарони Ӯ аз интихоби озоде, ки Ӯ ба мо додааст, истифода баранд.

Биёед боз порчаеро аз Китоби Муқаддас, ки ба ин боб оғоз бахшидааст, мехонем:

> “Ба воситаи ҳикмат *айёми ту зиёд хоҳад шуд,* ва солҳои умри ту хоҳад афзуд. Агар хирадманд бошӣ, ба нафъи худат хирадманд ҳастӣ” (Масалҳо 9:10-12, NLT).

Ин ҳақиқат воқеан рӯҳбаланд мекунад ва таассурот мебахшад! Иборои *“айёми ту зиёд хоҳад шуд”* чӣ маъно дорад? Ин маънои зиёд шудани рӯзҳои шуморо надорад; дар ин бора аллакай дар ибораи “солҳои умри ту хоҳад афзуд” гуфта шудааст. Мазмуни ягонаи ин ибора рӯз ба рӯз афзун шудани самаранокии шумо буда метавонад. Бо суханони дигар, шумо аз ҳар як рӯз нисбат ба одаме, ки хиради Худоро надорад, бештар фоида мегиред.

Шояд шумо ин оятро аз китоби Масалҳо шунидаед: “Агар оҳан кунд шавад, ва дами онро тез накунанд, бештар зӯр задан лозим меояд; вале ҳикмат барои муваффақият судманд аст” (Воиз 10:10). Дар ин ҷо дар бораи хирад гуфта шудааст. Шумо бо табари кунд (бе хирад) дар ҳақиқат самаранок ва сермаҳсул буда наметавонед. Аз дигар тараф, шумо бо табари тез (хирадмандона зиндагӣ карда) хеле бештар дарахт бурида метавонед. Шумо айни ҳамон қувватро сарф карда, бештар натиҷа ба даст оварда метавонед.

Хиради Худо хеле муҳим аст. Дар идомаи ин китоб ман воқеаеро дар бораи дӯсти худ, ки дар давоми даҳсолаҳо ҳамчун имондор бесамар буд, ва, охири охирон, аз ҳолати карахтии худ хаста шуд, нақл мекунам. Вай аз он шурӯъ кард, ки дар давоми шаш моҳ ба омӯзиши Каломи Худо машғул гардид. Ба туфайли ин кор, ӯ барои самаранокии бештар ҳикмат пайдо кард. Шумо аз саргузашти зиндагии ӯ дар ҳайрат мемонед.

Каломи Худо на танҳо ба дӯсти ман, балки ба ҳамаи мо мегӯяд: “Ба даст овардани ҳикмат кори муҳимтаринест, ки ту карда метавонӣ” (Масалҳо 4:7, GNT). Ба ман ин фикр писанд аст. Ҳамон лаҳза ки шумо дар ҳақиқат ҳам ба ин бовар мекунед, вақт ва қуввати худро барои он сарф мекунед, ки ҳикмат ба даст оваред. Аммо ҳақиқати бузурги Масалҳо 9:11-12 чунин аст: ҳамон лаҳза ки ҳикмат ба даст меоваред, *худи шумо аз он фоида мегиред!*

Дар ин китоб ман дар бораи ҳикмати Худо нақл мекунам, ки барои пайдо кардани он, якҷоя бо таҷрибаҳои мусбӣ ва манфӣ, солҳои зиёди пажӯҳишҳо, дуоҳо ва шуниданҳо сарф шудаанд. Аммо чуноне ки аз ин китоб меомӯзед, на танҳо ман, балки дигарон низ, ки бо онҳо шарафи муошират кардан доштам, оқилона рафтор карданд ва самараи бебаҳо оварданд. Ман танҳо умед карда метавонам, ки дар муддати кӯтоҳи вақт шумо он чиро ба даст хоҳед овард, ки барояш ман солҳои зиёд сарф кардаам ва бо ҳикмате, ки дар бораащ ҳоло ба шумо нақл мекунам, хеле пеш меравед. Ин кори Подшоҳии мо аст. Ҳамаи мо як ҳастем, ва агар шумо бурд кунед, пас ман ҳам бурд мекунам. Агар шумо пешравӣ

кунед, ин ба ман ҳам фоида хоҳад овард, зеро мо як ҳастем. Ҳамаи мо барои мақсади ягона ва барои ҷалоли Подшоҳи ягона меҳнат мекунем.

## СИР

Биёед ба боби навбатӣ бо савол мегузарем. Оё шумо дар бораи сирре донистан мехоҳед, ки бисёр одамон аз он бехабаранд, аммо ба шарофати он имкониятҳои шумо васеътар мешаванд, ва шумо аз натиҷаҳои қаблии худ пештар мегузаред?

Фикр мекунам, ки донистан мехоҳед! Зеро чунин сир дар ҳақиқат вуҷуд дорад. Ва мо мехоҳем, ки ин ҳақиқати ниҳониро ошкор кунем.

## ТАФАККУР КУНЕД

1. Мувофиқи Эфсӯсиён 2:10, Худо корҳоеро, ки шумо бояд иҷро кунед, аллакай пеш аз таваллуди шумо ба нақша гирифтааст. Шумо оё ягон бор дар бораи ин нақшаҳо донистан мехостед? Барои ошкор кардани онҳо чӣ ба шумо халал мерасонид?

2. Шумо барои мақсад – мақсади махсус таваллуд шудаед. Дар партави саргузашти Стен, шумо қобилиятҳо ва атоҳои худро чӣ гуна баррасӣ мекунед? Оё шумо онҳоро барои бунёди Подшоҳии Худо зарур мешуморед? Ё шумо, ҳамчун Стен, тасвири пурраро намебинед?

3. Татбиқи иродаи Худо шуморо мустаҳкам мегардонад. Оё он коре, ки ҳоло иҷро мекунед, шуморо мустаҳкам мегардонад? Агар не, чаро шумо қаноатмандӣ ҳис намекунед?

*Ба ҳасби файзе ки ба мо дода шудааст, атоҳои гуногун дорем, пас биёед онҳоро истифода барем.*

– Румиён 12:6, NKJV

2

# Қобилиятҳои додашуда

Ман дӯсте бо номи Ҷим дорам, ки дар тӯли 18 сол мураббии дастаи духтаронаи синфҳои болоӣ оид ба баскетбол буд. Дар муддати ҳамин қадар вақт дастаи ӯ боре ҳам дар мусобиқаҳои иёлат ғолиб омада натавонист. Сол ба сол онҳо ё дар бозиҳои ниҳоии минтақавӣ мағлуб мешуданд, ё, агар ба бозиҳои қаҳрамонии иёлат роҳ ёбанд, аллакай дар марҳилаи аввала шикаст мехӯрданд.

Ҷим ба ман нақл мекард:

– Ман хеле рӯҳафтода шуда будам ва омода будам, ки аз ҳама чиз даст кашам, аммо тақрибан дар ҳамин муддат ман дар бораи қуввати файзи Худо фаҳмидам.

Ҷим қарори қатъӣ қабул кард. Вай дигар бо қуввати худ дастаро машқ додан нахост, тавре ки ҳаждаҳ сол боз чунин мекард; ӯ пурра ба файзи Худо такя карданро интихоб кард. Ӯ аз Худо пурсид, ки вай чӣ кор бояд кунад, ва Худо ҷавоб дод: "Машқҳои худро бо тарзи дигар гузаронед. Ба ҷои навад дақиқа дар майдончаи варзишӣ, 45 дақиқа дар ҳуҷраи либоскашӣ монед ва Китоби Муқаддас хонед, сӯҳбат гузаронед ва дуо кунед, ва 45 дақиқаи навбатӣ дар майдонча машқ кунед".

Ҷим гуфт:

– Ҷон, ин бенатиҷа ба назар мерасид. Мо бояд маҳорату малакаи худро сайқал медодем. Барои ман ҳар як сонияи ин 90 дақиқа барои машқгузаронӣ зарур буд. Вале ман медонистам, ки

суханони Худоро шунидаам.

Ӯ давом дод:

– Ман ба духтарон дар бораи ин стратегияи нав нақл кардам. Онҳо гумон карданд, ки ин каме мазҳабист ва ин як фикри соддалавҳона аст. Баъзеҳо аввалин бор инро шунида, ҳатто рӯҳафтода шуданд, аммо, вақте ки ман дар бораи он, ки чаро чунин тасмим гирифтам, нақл кардам, онҳо розӣ шуданд.

Бо табассум ӯ гуфт:

– Ҳамон сол мо аввалин бор дар мусобиқоти қаҳрамонии иёлат ғолиб омадем. Ва гӯё ки ин кам бошад, соли дигар мо боз пирӯз шудем.

Ӯ дар бораи мусобиқаҳои дуюми қаҳрамонии иёлат нақл кардан гирифт:

– Ин тасаввурнопазир буд, зеро мо дар бозии ниҳоӣ ягон партофти духолиро ба самар расонида натавонистем. Мо аслан бо ин ҳама хатогиҳо набояд ғолиб мешудем! Аммо, ба омор нигоҳ карда, мо дидем, ки оид ба партофтҳои сехолӣ дар ин бозӣ рекорд гузоштаем. Партофтҳои сехолӣ ҳамаи партофтҳои духолии иҷронашударо ҷуброн карданд ва ба мо барои ғалаба холҳои лозимаро фароҳам оварданд.

## ҚУВВАТ

Ҷим бо ҳикмати Худо пайванд шуд – ба ҳамон ҳикмате, ки ҳаввории Павлус дарёфт кард, ва ҳамон ҳикматеро, ки, тибқи омор, 90 фоизи калисои асри 21 аз даст додааст. Ӯ фаҳмид, ки *файзе,* ки Китоби Муқаддас дар бораш мегӯяд, ин на танҳо файзи илоҳии наҷот, балки ҳам *қуввати* Ӯ барои ҳаёти мост. Суханони Павлусро хонед, аммо дар назар дошта бошед, ки ин айни суханони Худованд мебошанд: “Барои ту *файзи Ман* басанда аст, зеро вақте ки ту *заиф* ҳастӣ, *қуввати Ман* ба ҳадди пурра зоҳир мешавад” (2 Қӯринтиён 12:9, GNT).

Дар ин ҷо савол ё нофаҳмие мавҷуд нест. Худо рӯирост *файзи Худро қуввати Худ* меномад. Калимаи *“заиф”* дар ин оят нотавониро дар назар дорад. Худо ба Павлус ва ба мо эълон

мекунад: “Қуввати ман (файз) дар вазъиятҳое, ки аз қобилиятҳои табиии шумо болотар ҳастанд, бо тарзи беҳтар амал мекунад”.

Ҷим бо умеди он, ки дар мусобиқаи қаҳрамонии иёлат дастаи худро пирӯз мегардонад, 18 сол ғайратмандона кор кард, аммо ин чӣ натиҷа дод? Ҳеҷ чиз, танҳо солҳои зиёди нокомӣ. Аммо нокомӣ ва ноумедиҳои зиёде, ки Ҷим аз сар гузаронид, бо ҳикмате, ки ӯ оқибат дарёфт кард, ҷуброн карда шуд: *Файзи Худо ба мо қувват мебахшад, ки аз чаҳорчӯбаи қобилиятҳои табиӣ берун оем.*

Дар номаи дигар Павлус хеле ҷуръатмандона изҳор мекунад: “Ман аз ҳамаи ҳаввориён зиёдтар меҳнат кардаам”. Наход ки дар ҳақиқат ҳам ӯ чунин навиштааст? Фикр кунед, ки ӯ киро дар назар дошт – Петрус, Яъқуб, Юҳанно, Барнаббо, Апӯллӯс ва бисёр ҳавввориёни дигарро. Ин андаке ҳавобаландона садо медиҳад, аммо, агар ин изҳоротро то охир хонед, шумо мефаҳмед, ки ин тавр нест.

> “Ман аз ҳамаи онҳо зиёдтар меҳнат кардам; аммо дар асл ин меҳнати ман набуд, балки натиҷаи файзи Худо буд, ки ба воситаи ман амал мекард” (1 Қӯринтиён 15:10, GNT).

Павлус бо қуввати Худо фахр мекард, на бо қобилиятҳои худ; аз ин рӯ дар ин ҷо ҳеҷ худситоӣ мавҷуд нест. Ӯ ба файз такя мекард, то ки рисолати илоҳиро иҷро кунад. Пас аз солҳои тӯлонии ноумедиҳо ва маърифати минбаъда, Ҷим, ҳамчун мураббии варзиш, ба қуввати Худо (файз) такя мекунад, то ки аз қобилиятҳои худ пеш гузарад. Ӯ ин ҳикматро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти худ истифода бурданро сар кард: акнун табари ӯ тез шудааст!

Инро ба назар гирифта, биёед ба даъвати шахсии худ бармегардем. Боз ҳам Каломи Худо эълон мекунад: “Зеро ки мо офаридаи Ӯ ҳастем ва дар Исои Масеҳ барои аъмоли нек, ки иҷрои онҳоро Худо пешакӣ барои мо таъин намудааст, ба вуҷуд оварда шудаем” (Эфсӯсиён 2:10). Худи Худо даъвати шуморо ҳатто пеш аз таваллудатон омода кардааст. Ин даъвати махсус аст – маҳз ҳамон чиз аст, ки ба шумо қаноатмандии ҳақиқӣ меорад, ки ҳеҷ як кор ва ҳеҷ як машғулият ба шумо дода наметавонад. Ин мақсади зиндагии

шумо аст, ва он аз ҷиҳати миқёси худ ҷолиб аст. Дар асл, як ҳақиқати муҳиме дар бораи даъвати шумо мавҷуд аст, ки бояд донед.

*Даъвати шумо, ки Худо барои шумо муҳайё кардааст, аз қобилиятҳои табиии шумо болотар аст.*

Иҷозат диҳед, ки ин фикрро беҳтар фаҳмонам. Мо бе ҳеҷ ваҷҳ даъвати илоҳиро бо қуввати худамон иҷро карда наметавонем. Ман инро аз куҷо медонам? Зеро Худо қатъиян изҳор мекунад, ки *Ӯ ҷалоли Худашро ба ҳеҷ кас намедиҳад* (ниг. Ишаъё 48:11). Агар касе даъвати илоҳии худашро бо қуввати худ иҷро карда бошад, пас Худо мебоист ҷалоли Худро бо дигарон тақсим кунад, аммо Ӯ ҳеҷ гоҳ ин корро намекунад! Худо қасдан чунин кардааст, ки даъвати шумо аз қобилиятҳои шумо болотар бошад, то ки шумо барои иҷро кардани он ба *файзи* Ӯ эҳтиёҷ дошта бошед!

## ҚОБИЛИЯТҲОИ МАХСУС

Акнун, мо бояд савол диҳем: оё атоҳои махсуси файз вуҷуд дорад? Ба ибораи дигар, ҳамон тавре ки файз ба мо барои аз чаҳорчӯбаи қобилиятҳои табиии худамон баромадан қуввват медиҳад, оё атоҳои беназири Худо, ки барои иҷроиши рисолати махсуси мо зарур ҳастанд, мавҷуд ҳастанд?

Ба ман иҷозат диҳед, ки бо чанд мисол фаҳмонам. Агар Роҷер Федерер ракетка ва тӯбчаи теннисбозӣ намедошт, ӯ ҳаргиз яке аз теннисбозони машҳур шуда наметавонист. Агар устои беҳтарини чӯбкорӣ дар шаҳри шумо асбоб намедошт, ҳеҷ гоҳ чунин шуда наметавонист. Агар Микеланҷело теғ, мӯқалам ва ранг намедошт, ҳеҷ гоҳ шумо дар бораи ӯ намешунидед. Оё гуфтан мумкин аст, ки айни ҳамин мисолҳо барои даъвати илоҳии мо низ мувофиқ ҳастанд.

Ду ҳикояи кӯтоҳ барои ҷавоб додан ба ин савол ба шумо кӯмак мекунанд. Вақте ки ман дар роҳи хидматгузорӣ қадамҳои аввалини худро мегузоштам, ман бо раҳбари нотакрори ситоиш ва парастиш шинос шудам. Ӯ дар хидматгузории як башоратдиҳандаи машҳур дар миёнаи солҳои 1900-ум раҳбари парастиш буд. Ин башоратдиҳанда солҳои 1970 вафот кард, ва ӯ, яъне ҳамон раҳбари парастиш, ки дар

борааш нақл мекунам, хидматгузории худро сар кард.

Ӯ дар солҳои 1980-ум бисёр вақт ба калисои мо ташриф меовард, ва, вақте ки ӯ парастиш мекард, ман ҳамту истода, бо ҳаяҷон гӯш мекардам – ӯ хеле соҳибистеъдод буд! Танҳо камтари мусиқанавозоне, ки ман мешинохтам, чун ӯ пианино навохта метавонистанд, ва ӯ ин корро бе душворӣ иҷро мекард. Дар як лаҳза ӯ метавонист толори иборат аз сеюним ҳазор одамро ба по хезонад, ва онҳо ба сурудхонӣ ва рақскунӣ шурӯъ мекарданд. Вақте ки ӯ Худоро ситоиш мекард, тамоми муҳит дигар мешуд; он аз ҳузури Худо пур мегардид.

Чанд дафъаи охир, вақте ки ӯ ба назди мо барои хидматгузорӣ меомад, ман шарафи ҳамроҳӣ кардани ӯро доштам. Ҳангоми якҷоя буданамон ман ба вай саволҳо медодам, зеро мехостам, ки дар бораи қобилиятҳои худододи ӯ бидонам. Ман фаҳмидам, ки модари ӯ, зани парҳезгор ва худотарс, ҳар рӯз соатҳо дуо мекардаст. Ӯ гуфт:

– Ҷон, вақте ки ман дар батни модарам будам, боре марди ношиносе (модари ӯ боварӣ дошт, ки ин фаришта буд) ба назди хонаи мо омад. Ин мард, ки модари ман вайро ҳеҷ гоҳ пештар надида буд, гуфт: “Писари ту бисёр одамонро ба ҳузури Худо роҳнамоӣ мекунад ва аз хурдӣ пианиноро моҳирона менавозад”.

Қисми дигари ҳикояи ӯ маро дар ҳайрат гузошт, ва онро фаромӯшнашаванда гардонид. Дар кӯдакӣ, боре ӯ ба назди пианинои волидайни худ нишаст ва бе ягон дарс ё машғулияти пешакӣ бехато навохтан гирифт. Ин “Рақси саг” набуд, балки як асари мураккаб буд, ки онро танҳо донишҷӯёни бахши фортепиано навохта метавонистанд. Ва, ҳам албатта, ӯ бе ягон нота менавохт.

Аз ҳамон рӯз сар карда, ӯ бе ягон коғаз моҳирона мусиқа менавохт; ӯ тамоми оҳангҳоро бо қуввати шунавоӣ иҷро мекард. Ӯ ҳама гуна сурудро танҳо як бор гӯш мекард ва пас аз чанд сония оҳанги онро навохта метавонист. Хидматгузории ӯ аз давраи ҷавонӣ сар шуд; ӯ дар хидматгузориҳои асосии калисои шаҳри худ мусиқа менавохт. Ниҳоятан, атои ӯ барои хидматгузории ин башоратдиҳандаи машҳур роҳ кушод.

Маълум аст, ки ӯ соҳибистеъдод буд, яъне атои илоҳӣ дошт.

Боз як шахси соҳибистеъдоди хеле машҳур, Акиане Крамарик, бе ягон дарси расмкашӣ дар синни чорсолагӣ ба таври нотакрор ба расм кашидан шурӯъ кардааст. Дар шашсолагӣ ӯ бо кашидани шаклҳои мураккаб ва ҳамчунин рӯъёҳои беназири худ пешрафт кард. Дар синни ҳаштсолагӣ ӯ расми машҳури Шоҳзодаи Сулҳро кашид, ки портреташ дар утоқи кории ман, дар пушти мизи кориам, овезон аст.

Маълум аст, ки ӯ соҳибистеъдод аст, яъне атои илоҳӣ дорад.

Барои чӣ танҳо баъзе шахсон атоҳо мегиранд? Ва оё ҳақиқатан ҳам чунин аст?

Мо бояд боз як савол диҳем: баъзеҳо, бисёриҳо ё ҳамаи фарзандони Худо атоҳо мегиранд? Биёед боз оятеро аз “Тарҷумаи нави зинда” мехонем, ки ин бобро оғоз бахшидааст:

> “Бо *файзи* Худ, Худо ба мо *атоҳои* гуногун додааст, пас биёед онҳоро барои иҷрои корҳои муайян самаранок истифода барем” (Румиён 12:6, NLT).

Мо дар ин оят ду калимаи хеле муҳимро мебинем. Аввалин, ки мо аллакай дар борааш гап задем – *“файз”,* аз калимаи юнонии *“харис”* тарҷума шудааст. Дуюмин калима дар ин оят – *“атоҳо”,* ки аз калимаи шабеҳи юнонии *“харизма”* тарҷума шудааст. Мо маҳз ҳамин калимаро меомӯзем.

Дар тӯли солҳои омӯзиши луғатҳои забони юнонӣ ва заминаи истифодаи калимаи *“харизма”* дар Аҳди Ҷадид ман таърифи ин калимаро ҳосил кардам:

*Харизма* – атои махсуси файз, ки ба инсон қобилиятҳои махсус медиҳад.

Сухан дар бораи қобилияти илоҳӣ меравад, ки Худо ба инсон ато кардааст ва он ҳамеша аз қобилияти маъмулии табиӣ болотар аст. Дигар атоҳо ҳамчун имкониятҳои табиии инсонӣ ба назар мерасанд, аммо дар асл онҳо фавқулоддаанд. Баъзе атоҳо ҳангоми таваллуд, баъзеи дигар дар вақти махсус, ба воситаи Каломи Худованд, дода мешаванд.

# *ХАРИЗМАИ* НАВИСАНДАГӢ

Ба ман иҷозат диҳед, ки омӯзиши *харизмаро* бо мисолҳо аз ҳаёти худам сар кунам (ман ба таври мухтасар ин ҳикояҳоро дар яке аз китобҳои пештараи худ, ки *"Бо абадият ҳаракаткунандагон"* ном дорад, хотирнишон кардаам).

Навиштани китобҳо яке аз *харизмаҳои* ҳаёти ман мебошад. Агар дар давоми солҳои зиёд хидматгузории моро мушоҳида накардаед, эҳтимол, шумо намедонед, ки забони англисӣ, мактуби эҷодӣ ва забони хориҷӣ фанҳои мактабӣ буданд. Ман дар омӯзиши ин фанҳо натиҷаҳои бадтарин доштам. Баъзан ман фикр мекунам, ки муаллимони забони англисӣ маро танҳо ба он хотир ба синфи навбатӣ мегузарониданд, ки боз як соли дигар маро тоқат накунанд!

Вақте ки дар синфи мо танҳо дар ҳаҷми як ё ду саҳифа кори хаттӣ супориш медоданд, ман барои он чизе, ки бояд зуд иҷро карда мешуд, соатҳои дароз сарф мекардам. Ман як-ду ҷумла менавиштам, ба чизе, ки навиштам, чанд дақиқа назар медӯхтам ва азбаски ин хеле бемаънӣ ва ноӯҳдабароёна ба назар мерасид, худро беш аз беш нороҳат эҳсос мекардам. Ниҳоятан, ман коғазро ғиҷим карда партофта, ҳамаашро аз нав такрор мекардам. Ман бисёр коғаз, вақт ва нерӯи зеҳнӣ сарф карда, инро гаштаю баргашта анҷом медодам. Ман дар ёд дорам, ки дар давоми як соат ҳатто ду сархатро навишта наметавонистам.

Агар шумо ба баҳодиҳии шахсии ман шубҳа дошта бошед, иҷозат диҳед, ки баҳои худро оид ба санҷиши Стандартишуда ёдрас кунам. Чуноне ки шумо эҳтимол медонед, санҷиши Стандартишуда барои дохил шудан ба бисёр донишгоҳҳои олии ИМА имтиҳони ҳатмӣ мебошад. Вақте ки ман санҷиш месупоридам, ду фанни асосии он *математика* ва *англисии гуфтугӯӣ* буд. *Англисии гуфтугӯӣ,* дар асл, як имтиҳони забони англисӣ буд, ки дар он малакаи хондан ва навиштан тафтиш карда мешуд. Баҳои аз ҳама баланд 800 хол буд. Ман дар имтиҳони *англисии гуфтугӯӣ* 370 хол (бале, шумо дуруст хондед) гирифтам. Бо таносуби фоизҳо, ин 42 фоизи хиҷолатбор аст, ки мутобиқи

аксарияти системаҳои баҳодиҳии сатҳи дониш ғайриқаноатбахш ҳисобида мешавад. Дар тамоми сафарҳои худ дар тӯли бештар аз 30 сол ман танҳо як шахсеро вохӯрдам, ки холи ӯ аз санҷиши Стандартишуда оид ба *англисии гуфтугӯӣ* аз они ман пасттар буд.

Биёед ба бештар аз 30 соли сафарҳои ман мегузарем. Як субҳи тобистони соли 1991, вақте ки ман дар як ҷои дурдаст ва хилват дуо мекардам, Худо ба ман гуфт: "Писарам, Ман мехоҳам, ки ту китобҳо нависӣ".

Ман дар даруни худ хандидам: "Худоё, Ту, шояд, дар рӯи ин замин он қадар бисёр писарону духтарон дорӣ, ки аллакай моро фарқ карда наметавонӣ. Хубтар мебуд, ки Ту ин корро аз ман талаб накунӣ; аз муаллимони англисии ман, ки ба талабагони синфҳои болоӣ дарс медиҳанд, пурсуҷӯ кун".

Ҷавоб наомад. Танҳо хомӯшӣ.

Ман хомӯшии Ӯро ҳамчун аломати ризо қабул кардам. Ман худро бовар кунонидам, ки аз ин кор халос шудам, зеро аз Ӯ изҳори норизоӣ нашунидам. Аммо дар қалби худ медонистам, ки ин тавр нест.

Даҳ моҳ пас ду зан аз ду иёлати гуногун бо фарқияти ду ҳафта ба назди ман омаданд, ва айни ҳамон як гапро ба ман гуфтанд: "Ҷон Бивер, агар он чизеро, ки Худо ба ту медиҳад, нанависӣ, Ӯ ин паёмҳоро ба каси дигар медиҳад, аммо рӯзе мерасад, ки ту дар назди доварии Ӯ ҷавоб медиҳӣ".

Вақте ки зани дуввум аз Техас айни ҳамон гапро, ки зани аввалин аз Флорида гуфта буд, ба ман иброз кард, тарси муқаддаси Худо маро пур кард, ва ман ба амал кардан шурӯъ намудам. Ин соли 1992 буд; ҳоло "iPad"-ҳо набуданд, танҳо қаламу коғаз. Ман вароқи дафтарчаро гирифтам ва бо ҳарфҳои ғафс дар қисми болоии он навиштам: "ШАРТНОМА". Ман дар давомаш чунин суханонро навиштам:

> *"Падар, ман китоб навишта наметавонам. Бинобар ин, барои он ки ба Ту итоат кунам, ба ман файз лозим аст! Агар ман нависам, пас илтимос мекунам, ки ҳар як сухан бо илҳоми Рӯҳи Ту гуфта ва бо тадҳини Ту пур карда шавад.*

*Ман илтимос мекунам, ки ин паёмҳо ҳаёти мардон, занон, кӯдакон, калисоҳо, шаҳрҳо ва мамлакатҳоро дигар кунанд. Ман пешакӣ ӯҳдадор мешавам, ки тамоми шараф, ситоиш, ҷалол ва сипосро ба Ту диҳам. Ман бо номи пурқудрати Исои Масеҳ ин шартномаро (аҳдро) бо Ту мебандам.*

*Писар ва ходими Ту, Ҷон Бивер".*

Ба замони худамон бармегардем, қариб 30 сол баъдтар. Ман аллакай бештар аз 20 китоб навиштаам, ки даҳҳо миллион нусха чоп шудаанд. Бисёре аз онҳо ҳам дар Иёлоти Муттаҳида ва ҳам берун аз он ба рӯйхати серхаридортарин адабиётҳои масеҳӣ ва умумӣ дохил шудаанд. Ин китобҳо ба бештар аз 100 забони дунё тарҷума карда шудаанд, ва дар баъзе кишварҳо онҳо ҳам дар категорияҳои дунявӣ ва ҳам масеҳӣ китобҳои адади чопашон зиёдтарин ба шумор мераванд.

Қариб дар ҳар китоб ман аз 20 то 30 фоизи маводи навишташударо нашунидаам, нахондаам ва фикр карда набаровардаам. Ман ин маводро дар вақти ҳуруфчинӣ пайдо кардаам. Ман ҳолатҳоеро дар ёд дорам, ки ҳангоми дар утоқи кории хонаам ё дар меҳмонхона буданам аз чизе, ки менавиштам, ба ваҷд меомадам. Ҳатто чанд маротиба аз ҷоям ҷаҳида, фарёд карда будам: "Ин хеле олиҷаноб аст!"

Шумо пурсида метавонед: "Чӣ тавр шумо ҷуръат кардед, ки ин гапро гӯед? Ин ҳавобаландӣ аст!"

Ба ин ман чунин ҷавоб медиҳам. Ман медонам, ки ин мавод аз куҷо гирифта шудааст, ва он *аз они ман нест.* Ман пурра мӯътақидам, ки номи ман дар ин китобҳо барои он навишта шудааст, ки ман дар ҷаҳон аввалин шуда, ин китобҳоро хондаам! Ман медонам, ки ин суханон аз Рӯҳи Муқаддас омадаанд. Ҳаворӣ Павлус низ каме ҳавобаланд ба назар мерасид, вақте ки навишт: "Ман аз ҳаввориҳои дигар зиёдтар меҳнат кардаам". Чунин вонамуд шуданаш мумкин аст, ки ин суханонро шахсе менависад, ки хислати рақобаткунандагӣ, худхоҳӣ ва ҳатто худписандӣ дорад. Вале мо аз Каломи Худо медонем, ки Павлус бо атои файзи Худо фахр мекард, на бо қобилиятҳои худ.

Шахсан ман боварӣ дорам, ки ҳамон субҳи тобистон, вақте ки Худо дар дуо бо ман ҳарф зад, ба ҳаёти ман *харизмаи* нависандагӣ *роҳ ёфт.* Аммо то даме ки ман барои итоат кардан ба Худо қарор қабул накардам, он *фаъол* нашуд. Шояд баъзеҳо бо ин фикр баҳс кунанд, вале иҷозат диҳед, то аз худи аввал бигӯям, ки ин мавзӯъ он қадар муҳим нест, то ки мавриди муҳокима қарор бигирад. Ман мефаҳмам, ки фикру ақидаи ман хато буда метавонад; бинобар ин иҷозат диҳед, ки дар ин бобат эътирозҳои эҳтимолиро пешниҳод кунам.

Баъзеҳо эътироз баён карда метавонанд, ки ин ато ба ман ҳамон вақте дода шуд, ки ман дар соли 1979 аз олами боло таваллуд шудам. Ман аз рӯи таҷрибаи худ ба ин ҷавоб дода наметавонам, чунки ман аз соли 1979 то соли 1992, яъне то навиштани шартнома, ҳеҷ чизе иншо накарда будам. Як чизро аниқ гуфта метавонам: ман мисли пианинонавозе, ки дар бораатш дар ин боб нақл кардам, бо ин ато таваллуд нашуда будам. Аммо қиссаи зиндагии ӯ нишон медиҳад, ки баъзе атоҳо ба одам аз лаҳзаи таваллуд дода мешаванд. Масалан, мо аз Каломи Худо медонем, ки Яҳёи Таъмиддиҳанда ҳанӯз дар батни модараш аз Рӯҳулқудс (Ҳамон, ки атоҳо медиҳад) пур буд, чунки ӯ Масеҳи зиндаро дар батни Марям шинохт, дар ҳоле ки худаш дар батни Элисобаъ буд (ниг. Луқо 1:41). Сӣ сол пас ҳамон ато ба Яҳё имкон дод, ки Исоро бишносад (аз ҳама пештар), вақте ки Ӯ барои таъмид гирифтан омад (ниг. Юҳанно 1:29).

Аммо атоҳое ҳастанд, ки дертар меоянд. Шоул, писари Қиш, тамоми умр нубувват накарда буд. То даме ки Самуил бо равған ӯро дар синни ҷавонӣ ҳамчун подшоҳи аввалини Исроил тадҳин накард, ин ба вуқӯъ наомад. Самуил гуфт, ки пас аз вохӯрии онҳо Шоул гурӯҳи одамонеро мебинад, ки асбобҳои мусиқӣ менавозанд ва нубувват мекунанд. Ман суханони Самуилро иқтибос меорам: “Ва Рӯҳи Худованд бар ту нозил шуда, бо онҳо нубувват хоҳӣ кард, ва ту шахси дигаре хоҳӣ гардид” (1 Подшоҳон 10:6, НРП).

Аз ин ду шаҳодати Китоби Муқаддас мо равшан мебинем, ки баъзе атоҳо рост аз батни модар дода мешаванд, баъзеи дигарҳояшон дертар.

## *ХАРИЗМАИ* МАВЪИЗА

Боз як *харизма* дар ҳаёти ман – ин баромадҳои оммавӣ. Ҳикояи ман дар бораи ин бахшоиш барои хубтар фаҳмидани мавзӯи мо ёрӣ мерасонад.

Ман ҳеҷ гоҳ он рӯзро фаромӯш намекунам, ки завҷаам Лиза маро аввалин бор дар вазъияте, ки ба хидматгузорӣ шабоҳат дошт, шунида буд. Мулоим карда гӯям, ин нокомии бузург буд, ва ман бе муболиға мегӯям. Дар панҷ дақиқаи аввали мавъизаи ман хоби ӯ сахт бурд, ва тамоми вақти боқимонда вай аз хоб бедор мешуд ва боз ба хоб мерафт. Ҳолати хеле хиҷолатовар буд. Дугонаи беҳтарини ӯ Эми, ки дар паҳлӯяш нишаста буд, чунон сахт ба хоб рафт, ки ман дидам, ки чӣ тавр аз даҳони калон кушодаи вай об ҷорӣ мешуд, дар ҳоле ки ӯ дар кишвари хобу хаёл саёҳат мекард. Росташро гӯям, ман сухангӯи оҷиз будам.

Дар он вақт ман дар калисои маҳаллӣ ба ҳайси ёрдамчии шубон ва завҷаи ӯ хидмат мекардам (калисои мо бо 400 коргар дар Иёлоти Муттаҳида хеле бонуфуз буд). Вазифаи ман барои эҳтиёҷоти оилаи шубонам ғамхорӣ кардан ва ҳамаи ходимонеро , ки ба калисои мо ташриф меоварданд, пазирой намудан буд. Комилан фаҳмо буд, ки дар Подшоҳии Худо ба ман на хидмат бо Калом, балки аниқтараш хидматгузории пасипардагӣ дода шуда буд (ман дар ин бора дар яке аз бобҳои оянда нақл мекунам).

Ба ҳар ҳол, ман кӯшиш мекардам, ки хидматгузории худро сар кунам, зеро Худо ба ман нишон дода буд, ки ман ба ҳамаи халқҳои ҷаҳон Каломи Ӯро мавъиза хоҳам кард. Иштибоҳи ман чунин буд: ман инро бо қуввати худам мекардам. Ман ҳанӯз дар чунин мавсиме будам, ки дар он ман, дар навбати аввал, дар хидмати одами дигар будам ва мебоист “дар чизи бегона вафодор” бошам (ниг. Луқо 16:12). Ман ҳамаи вақти холигӣ ва қуввати худро барои тайёр кардан, бастану печонидан ва фурӯхтани паёмҳои худ сарф мекардам (хеле беҳтар мебуд, агар ман барои иҷро кардани хидматгузорие, ки ба ӯҳда доштам, кӯшиш ба харҷ диҳам ва барои завҷаи худ шавҳари беҳтарин бошам, аммо баъзан мо маҷбур ҳастем, ки аз хатогиҳои худамон сабақ омӯзем).

Хулоса, ман “хидматгузории Исмоил”-ро ба вуҷуд овардам. Барои чӣ ман инро чунин номидам? Дар Китоби Муқаддас шабеҳи он чизе навишта шудааст, ки ман кардаам. Вақте ки Абром (Иброҳим) 75 сола буд, Худо ба ӯ ваъда дод, ки вай писардор мешавад, ва ба воситаи ҳамон писар, охири охирон, ӯ падари халқҳои зиёд мегардад. Пас аз ин ваъда даҳ сол сипарӣ шуд, вале ӯ фарзанддор нашуд, ҳол он ки акнун вай 85 сола шуда буд. Аз ин рӯ, Иброҳим ва завҷаи ӯ нақша тартиб доданд, то ки ба Худо барои иҷро кардани ваъдааш “ёрдам” кунанд. Бинобар ин ман ин гуна шурӯъкуниро хидматгузории Исмоил меномам.

Бовар кардан душвор аст, аммо баъзе одамон воқеан ҳам барои маводҳои ман пул харҷ мекарданд. Ман онҳоро ба “Хидматгузории Биверҳо”, ки худсарона чунин ном ниҳода будам, мефурӯхтам. Шиори мо “Бо нури аҷоиби Ӯ оламро равшан мекунем” буд. Ман ҳангоми навиштани ин сатрҳо ба нодонӣ ва нокомилии худ механдам. Силсилаи якуми мавъизаҳои Исмоили мо, ки аз чор аудиокассета иборат буд, паёмеро дар бар мегирифт, ки ҳамсарам ва дугонаи беҳтарини ӯро “алла” мегуфт! Боз чӣ қадар одамон ба хоб рафтанд, ки ин силсилаи мавъизаҳоро шунида, аз даҳонашон об ҷорӣ мешуд? Ман дар ин бора фикр карда, як қад мепаррам!

Бовар мекунед ё не, аҳвол бадтар мешуд. Дар он вақт қаҳрамони ман башоратдиҳандаи бузург Ти Эл Осборн буд, ки ҳоло дар осмон аст. Ӯ ва завҷааш хидматгузориеро роҳбарӣ мекарданд, ки дар тӯли зиндагиашон бештар аз 50 миллион нафарро ба наҷот овардааст. Ман ба мисли ӯ мавъиза кардан мехостам. Ман соатҳо мавъизаи ӯро гӯш мекардам, тарзу оҳанги суханронӣ, таълимот, ибораҳои ҷолиб ва ҳатто ҳаҷви ӯро аз худ мекардам. Акнун ман на танҳо воизи дилгиркунанда, балки нусхаи масхараомези шахси дигар будам.

Ти Эл суханвари моҳир буд. Вақте ки ӯ дар калисои мо мавъиза мекард, ҳама бодиққат ба ҳар як сухани ӯ гӯш медоданд. Боре ӯ дар бораи иқдоми азими илоҳӣ дар яке аз бузургтарин ҷамъомадҳои хушхабаррасонӣ, ки хидматгузории ӯ дар Африқо гузаронида буд, нақл кард. Ҳангоми нақлкунӣ ӯ аз воқеаҳои дар он ҷо рӯйдода чунон илҳом гирифт, ки аз ваҷд хитоб кард:

“Оҳҳо!”. Ӯ суханрониашро қатъ кард, ва ҳамаи мо дар интизорӣ шах шуда мондем. Аммо ӯ бо даст ишора карду танҳо гуфт:

– Калимаи ҷолиб. Баръаксашро хонӣ ҳам, ҳамон тавр садо медиҳад.

Ҳама хандиданд; тавре садо дод, ки танҳо ӯ гуфта метавонист.

Ҳамчун ҷавони аблаҳ ва соддалавҳ, ман инро аз худ карда, доимо “оҳҳо” гуфтан мегирифтам. Ман инро ончунон мекардам, ки Ти Эл дар ҳолати алоҳида карда буд. Фақат як мушкилие буд – ҳеҷ кас боре ҳам ба ин намехандид, аммо албатта, ман инро намефаҳмидам.

Пас аз кӯшишҳои зиёди бебарор ман ниҳоят таслим шудам. Ва вақте ки ман чунин кардам, тағйироти аҷибе рӯй дод. Ман боз бо хушнудӣ хидматгузориеро, ки ба ӯҳда доштам, иҷро кардан гирифтам. Акнун ман вақти озоди худро ба оила ва дӯстонам месупоридам. Вақте ки ман аз ин мубориза даст кашидам, зиндагӣ боз пурмазмун ва хурсандибахш гардид. Ва вақте ки ман қаноатмандии ҳаққонӣ ҳосил кардам, ман фаҳмидам, ки тамоми кӯшишҳои ман беҳуда буданд, ва бо осонӣ ба “Хидматгузории Биверҳо” хотима бахшидам. Ман медонистам, ки рӯзе мерасаду Худо ваъдаашро иҷро мекунад, аммо ин на аз рӯи ташаббуси ман ба амал меояд.

Пас аз он ки ман оромию осудагӣ пайдо кардам, пайхас кунед, ки чӣ рӯй дод! Пас аз чанд моҳ баракати Худо омад. Аз ман хоҳиш карданд, ки дар яке аз калисоҳои босуръат афзоишёбандаи Иёлоти Муттаҳида шубони хидматгузории ҷавонон шавам.

Ман ҳеҷ гоҳ якшанбеи аввалинро фаромӯш намекунам. Шубони калисои мо хидматгузори дар ҷаҳон машҳур буд. Он вақтҳо ҳар якшанбе одамон дар зери офтоби сӯзон навбат мепоиданд, ки дар толор ҷои хубтар пайдо кунанд ва толор ҳамеша дар рӯзҳои ибодат аз одамон пур мешуд. Ба ибодатҳои калисои мо аз иёлатҳо ва кишварҳои гуногун меҳмонон ташриф меоварданд.

Хидматгузорӣ дар авҷи аълои худ буд. Парастиш олиҷаноб буд. Шубони мо ба минбар баромад ва қариб фавран ба калисо

дар бораи шубони нави хидматгузории ҷавонон – дар бораи ман хабар дод. Баъд аз ин, ӯ аз ман хоҳиш кард, ки баромада, дар давоми чанд дақиқае ба онҳое, ки ба ибодати рӯзи якшанбе омада буданд, ҳарф занам.

Ман дар ин бора намедонистам, аммо дар он лаҳза завҷаам ба воҳима афтод. Ба гумонам, агар барои андеша кардан вақт медоштам, ман низ ба воҳима меафтодам. Ин барои ман як ҳаяҷони бузург буд! Аз ман хоҳиш карданд, ки ба 2800 нафар одамон муроҷиат кунам. Лиза аз оқибати ин кор ба ҳарос афтод, зеро, дар асоси таҷрибаи пештара, вай медонист, ки чӣ бояд рӯй медод. Чӣ тавр мо аз ин балои дарпешистода худро эмин нигоҳ дошта метавонистем? Ба эҳтимоли зиёд, бисёр калисоҳо маро бори охир мешуниданд, зеро маълум буд, ки баъд аз ин маро дигар барои мавъиза кардан даъват намекарданд. Дар ҳоле ки ман ба минбар наздик мешудам, ҳамаи ин гумонҳо ҷамъ шуда, дар қалби завҷаам тарсу ҳаросро ба вуҷуд меоварданд. Баъдтар ӯ ба ман гуфт, ки бо ҷидду ҷаҳд дуо кард, то ки ман ба Ти Эл Осборн тақлид накунам, хусусан шӯхии маъмулии бемаънии худро дар бораи баръакс хондани калима “оҳҳо” ба забон наорам.

Ҳамин ки ман ба минбар расидам, шубони калони мо баландгӯякро ба ман дод. Пас аз 60 сония тамоми калисо аз ҷойҳои худ бархост; одамон дар ҷавоб ба суханони ман шодмонӣ, кафкӯбӣ ва бо шавқ хитоб мекарданд. Ман чор-панҷ дақиқа мавъиза кардам ва дар ин муддат ҳама 2800 одам рост меистоданд. Баъд аз ин ман баландгӯякро ба шубони худ додам ва ба ҷои худ баргаштам. Дар тӯли панҷ дақиқаи дигар аз таъсири адреналин ё ҳузури Худо, ё ҳам ину ҳам он, меларзидам.

Завҷаи ман ба он чизе, ки ҳозиракак рӯй дода буд, бовар кардан натавониста, дар ҳайрат монда буд. Вай баъд аз ибодат ба ман гуфт:

– Ҷон, ман фикр кардам: *“Ба ҷисми шавҳари ман кӣ дохил шуд?”.*

Дар давраи вазифаи аввалини ман дар хидматгузорӣ мо дар Техас зиндагӣ мекардем, вале ин калисо дар Флорида буд. Бисёр

солҳо Лиза ба онҳое, ки дар бораи ин воқеа мепурсиданд, чунин мегуфт: “Ҳамин ки мо аз сарҳади Флорида гузаштем, Ҷон одами дигар шуд”. Айни ҳамин суханон дар бораи Шоул навишта шудаанд, вақте атои Худо ба ҳаёти вай омад (ниг. 1 Подшоҳон 10:6).

Аз ҳамон вақт сар карда, ман одамонро таълим медиҳам ва баромад мекунам ва, дар ҳолатҳои зиёд, ин корро бо осонӣ ба ҷо меорам (дар яке аз бобҳои оянда дар бораи ҳолатҳое, ки ба ман мавъиза кардан душвор буд, нақл мекунам). Ман дигар барои ин кор қувват сарф намекунам. Ин бе муборизае, ки дар рӯзҳои “хидматгузории Исмоил” аз сар мегузаронидам, ба амал меояд. Фарқият дар натиҷаҳои давраҳои Исмоил ва Исҳоқ ҳамчун шаб ва рӯз бузург аст.

Биёед ба давраи ҳашт-даҳ соли баъд аз ин якшанбеи аввалин дар Флорида мегузарем. То ин вақт “Мессенҷер Интернэшнл” аллакай хидматгузории амалкунанда буд. Мо дар гаражамон рӯбучини баҳориро анҷом медодем. Ҳангоми ҷо ба ҷо кардани қуттиҳо фонограммаҳои аслии мавъизаҳои ман дар аудиокассетаҳо, аз ҷумла ҳамон мавъизае, ки Лиза ва дугонаи ӯро алла гуфта буд, ба дастамон афтод. Ман бе дудилагӣ онро гирифтам, то ки ба сатили партов андозам. Ногаҳон ман овози Рӯҳулқудсро шунидам: “Писарам, ин фонограммаи аслиро напарто”.

Ман зуд эътироз кардам: “Барои чӣ не? Он пурдаҳшат аст; ҳеҷ каси дигар набояд ин паёмро гӯш кунад. Он бояд нобуд карда шавад”.

Ман боз шунидам: “Ин корро накун”.

Бо дарки пурра, ки ман овози Худоро шунидам, боз эътироз кардам: “Барои чӣ?”.

“Чунки он муҳофизатгари ту аст”, Худованд хеле возеҳ ба қалби ман гап зад.

“Муҳофизатгар?”

Ва ногаҳон ман ҳикмат гирифтам: “Писарам, Ман мехоҳам, ки ту ҳамеша дар ёд дошта бошӣ, ки бе Ман ту чӣ қадар суханвари ношоям ҳастӣ”.

Ҳар сол ман ин “омили муҳофизатӣ”-ро пурратар дарк мекунам.

Дар давоми се даҳсолаи охир ин ато қудратмандона амал кард ва ҳосили фаровон овард. Дар ҳолатҳои бешумор ман шоҳиди тағйиротҳои ногаҳонӣ дар муҳити калисоҳо, авҷи аълои парастиш дар ҷавоб ба кушоиши додашуда, ҷонҳои бешумори наҷотёфта ва зоҳиршавии мӯъҷизаҳои сершумор шудаам. Дар вақти чунин ҳосили фаровон фикр кардан осон мебуд, ки ман, каме ҳам бошад, ба ин саҳмгузор ҳастам, аммо якҷоя бо ҳаввории Павлус ошкоро гуфта метавонам: “Аммо ин меҳнати ман набуд, балки натиҷаи файзи Худо буд, ки ба воситаи ман амал мекард” (1 Қӯринтиён 15:10, NLT). Дар давоми ҳамин қадар солҳо ман фаромӯш накардаам, ки бе *харизмаи* Худо ман чӣ қадар бад мавъиза мекардам.

## ШУМО СОҲИБИСТЕЪДОД ҲАСТЕД?

Мо аз атоҳое, ки Худо барои хидмат ва обод кардани дигарон ба ман додааст, дутоашро дида баромадем. Он муборизаеро, ки дар ҳаёти ман ҷой дошт, шумо медонед. Эҳтимол, шумо барои ёфтани харизмаи ҳаёти худ то ба ин дараҷа нарафта бошед. Ё, шояд, шумо ин қиссаҳоро хонда, боз ҳам бештар ноумед мешавед ва фикр мекунед: *“Ман ягон хел ато надорам”*. Ман шуморо бовар мекунонам, ки атоҳо доред, ва ин дар ду боби навбатӣ фаҳмо мешавад.

Ман ваъда дода будам, ки ба чунин савол ҷавоб диҳам: “Атоҳоро баъзеҳо, бисёриҳо ё ҳамаи фарзандони Худо пайдо мекунанд?” Танҳо як ҷавоб аст – албатта, ҳама! Ва хеле зуд ман инро бо Каломи Худо исбот мекунам. Мо на танҳо ин саволро муфассал баррасӣ мекунем, балки, пеш аз пурра тамом кардани ин китоб, шумо дар бораи чӣ тавр ошкор кардан, инкишоф додан ва истифода бурдани *харизмаи* худ ва ба ин восита зиёд кардани самаранокии худ дар бунёди Подшоҳии Худо маълумоти возеҳ пайдо мекунед.

## ТАФАККУР КУНЕД

1. Файзе, ки Китоби Муқаддас мегӯяд, ин на танҳо файзи илоҳии наҷот аст, балки қуввати Ӯ барои ҳаёти мост. Шумо файзи Худоро чӣ хел тасаввур мекардед? Баъд аз хондани ин боб фаҳмиши шумо дар бораи файз аз кадом ҷиҳат тағйир ёфт?

2. Даъвати шумо, ки Худо барои шумо омода кардааст, аз қобилиятҳои табиии шумо болотар аст. Барои чӣ Худо лозим донист, ки ҳамин тавр шавад? Шумо чӣ тавр файзи таҳкимбахши Худоро, ки бо фаровонӣ ба шумо дастрас аст, гирифта метавонед?

3. Атоҳоро баъзеҳо, бисёриҳо ё ҳамаи фарзандони Худо гирифта метавонанд? Шумо кадом атоҳо ва қобилиятҳоро пайдо кардед? Ба фикри шумо, ин атоҳо ба дигарон чӣ тавр фоида оварда метавонад?

*Дар бораи он ки ба худ чӣ гуна баҳо медиҳед, софдил бошед.*

– Румиён 12:3, NLT

3

# Ба худ софдилона баҳо диҳед

Ман ба шумо дар бораи он нақл кардам, ки чӣ тавр ман кӯшиш ба харҷ медодам, то *харизмаи* ҳаёти худро кашф кунам ва дар он қадам занам. Акнун ман мухтасар дар бораи он нақл кардан мехоҳам, ки чӣ ба ман ато нашудааст.

Рӯйхати мукаммали ин қобилиятҳоро тартиб додан ғайриимкон аст, чунки онҳо хеле зиёданд. Аввалин қобилиятҳо дар ин рӯйхат сурудхонӣ ва навохтани асбобҳои мусиқӣ мебошанд. Ҳар вақте ки ман дар хона суруд мехонам, зану фарзандонам боадабона, вале бо қатъият аз ман хоҳиш мекунанд, ки дар даруни худ зам-зама кунам.

Дар синфҳои болоӣ, дар машғулиятҳои варзиши сабук, ман дар душхонаи ҳуҷраи либоскашиамон танҳо як маротиба кӯшиш карда будам, ки суруд хонам. Ман ба эътирози қатъӣ дучор шуда будам: якчанд бачагон якҷоя фарёд заданд, то ки ман хомӯш шавам, ва як бача зарфи шампунро ба сӯям ҳаво дод.

Падару модарам ҳамаи фарзандони оилаи Биверҳоро ба дарси фортепиано мефиристоданд. Муаллимаи ман пианинонавози моҳир ва дар шаҳри мо хеле машҳур буд. Омӯзонидани фортепианонавозӣ касби ӯ буд, ва ӯ дар ин кор хеле муваффақ буд. Вале баъд аз чор машғулияти хеле вазнин вай ба назди падару

модарам омад ва хоҳиш кард, то онҳо ба ман иҷозат диҳанд, ки дигар машғул нашавам. Ана то чӣ андоза аҳвол бад буд.

Пас аз муддате ман фикр кардам, ки айб дар пианино буд, ва пас аз чанд сол барои навохтани дигар асбоб кӯшиш кардам. Мо гитараи классикӣ харидем ва муаллими хеле машҳурро пайдо кардем. Ӯ хеле пурсабр буд ва бо ман бодиққат кор мекард. Ман бо тамоми қувватам ғайратмандона машқ мекардам, аммо ҳеҷ натиҷае набуд. Ман якуним сол ба омӯзиш машғул шудам, аммо ниҳоят иқрор шудам, ки ман ягон истеъдоди мусиқӣ надорам.

Ин бо чӣ анҷомид? Гуфта метавонам, ки дар давоми ҳамаи ин солҳо ҳеҷ чизе рӯй надод. Ин соҳа аз қобилиятҳои нависандагии ман куллан фарқ мекунад. Ҳамин тавр қобилиятҳои мусиқӣ дар ҳаёти ман ҳеҷ гоҳ ҳам зоҳир нашуданд.

## ХУДБАҲОДИҲӢ

Ман рӯйхати он қобилиятҳоеро, ки ба ман ато нашудаанд, боз ҳам идома дода метавонистам, аммо шумо фаҳмидед, ки ман чиро дар назар дорам. Гуфтан мумкин аст, ки ҳамаи мо, одатан, медонем, ки дар чӣ ноком ҳастем. Баъзан ман мехостам, то мо атоҳои худро ҳамин тавр ба осонӣ муайян кунем, чуноне ки ба соҳаҳое, ки дар он мо ато надорем, ишора карда метавонем.

Инак, биёед ба он чиз мегузарем, ки дар борааш Павлус таълим медод:

> “Мувофиқи имтиёз ва қудрате, ки Худо ба ман додааст, ман ҳар яки шуморо *огоҳ мекунам:* дар ҳаққи худатон бештар аз он, ки дар асл ҳастед, фикр накунед. Дар бораи он ки ба худ чӣ тавр баҳо медиҳед, софдил бошед, ва ба андозаи имоне, ки Худо ба мо додааст, фикр ронед. Айнан чуноне ки дар як бадан узвҳои бисёре дорем, ва ҳар як узв вазифаи махсусе дорад, бадани Масеҳ низ ҳамон гуна аст. Мо узвҳои бисёри як бадан ҳастем, ва ҳамаи мо ба якдигар тааллуқ дорем. Бо файзи Худ, Худо ба мо атоҳои гуногун додааст, то ки корҳои муайянро самаранок иҷро кунем” (Румиён 12:3-6, NLT).

Павлус он чиро ки дар борааш навиштан мехоҳад, *огоҳӣ* номида, шурӯъ мекунад. Иҷозат диҳед, ки огоҳии ӯро алоҳида таъкид кунам: “Дар ҳаққи худатон бештар аз он, ки дар асл ҳастед, фикр накунед. Дар бораи он ки ба худ чӣ тавр баҳо медиҳед, софдил бошед”. Ин оят моро водор мекунад, ки ба худ софдилона баҳо диҳем. Мувофиқи чӣ? Он атоҳое, ки Худо *дар айни замон* ба мо додааст.

Барои чӣ ман ибораи *“дар айни замон”*-ро истифода бурдам? Дар бораи мисоле, ки ман пештар истифода бурдам, андеша кунед. Баҳои софдилонаи Шоул то вохӯрдан бо Самуил чунин буд: “Ман нубувват карда наметавонам”. Ин баҳодиҳӣ дар он вақт дуруст ва дақиқ буд. Аммо баъд аз он ки бо Самуил вохӯрд, ва атои Худо ба ҳаёти ӯ омад, баҳои софдилонаи ӯ тағйир ёфт: “Ман нубувват карда метавонам”.

Чӣ қадар мехостам ин оятро бодиққаттар хонам, вақте ки ман саъй мекардам, то хидматгузории Исмоилро барои худ таъсис диҳам! Агар ман софдил мебудам, дарк мекардам, ки *дар он вақт* ман барои баромадҳои оммавӣ ато надоштам, вале барои он ато доштам, ки ба шубони худ хизмат кунам. Ба ҷои ин, ман кӯшиш мекардам, то бо қуввати худ он чизеро, *ки бояд ба вуқӯъ ояд,* ба вуҷуд орам, дар ҳоле ки оиди ин ба ман равшан гуфта шуда, дар дуо зоҳир гардида ва тавассути нубувватҳои роҳбарон пешгӯӣ карда шуда буд. Маълум буд, ки *ин вақт* ҳанӯз фаро нарасидааст. Бинобар ин, агар ман ба ин дастури Каломи Худо итоат карда, ба худ софдилона баҳо медодам ва мефаҳмидам, ки ман тайёр нестам, вақт, пул ва қуввати зиёдро сарфа мекардам. Ман ҳамчунин дар он хидматгузорие, ки *он вақт* ба ӯҳда доштам, самараноктар мебудам.

Суханони Павлус дар бораи атоҳои гуногун хеле возеҳ мебошанд: “Айнан чуноне ки дар як бадан узвҳои бисёре дорем, ва ҳар як узв вазифаи махсусе дорад, бадани Масеҳ низ ҳамон гуна аст” (Румиён 12:4). Вақте ки шумо ба бадани худ нигоҳ мекунед, ин осон ва возеҳ аст. Дар ин бора фикр кунед: ангуштони мо он вазифаеро иҷро карда метавонанд,

ки биниамон наметавонад. Биниамон он кореро иҷро карда метавонад, ки гӯшҳоямон наметавонанд. Гӯшҳоямон он кореро карда метавонанд, ки меъдаамон наметавонад. Меъдаи мо он вазифаеро иҷро мекунад, ки ҷигарамон наметавонад, ва ғайра. Ин чунин маъно дорад:

> *Хушбахт ва пурбаракат шахсе аст, ки атоҳои ба ӯ додаи Худоро медонад ва бо онҳо амал мекунад. Бадбахт ва залил шахсе аст, ки бо атоҳои шахси дигар амал кардан мехоҳад.*

Оё ба шумо аҷоиб наметофт, агар як саҳар аз хоб бедор шавед, ва ангушти калони шумо гӯяд: "Дигар бас аст! Даҳон, ту аллакай солҳои зиёд гап мезанӣ. Имрӯз ман гап хоҳам зад". Ин хандовар аст; ангушти калон ба мисли даҳон аз худ садо баровarda наметавонад. Аммо ангушти калон қобилиятҳое дорад, ки даҳон надорад. Тасаввур кунед, ки даҳони шумо мегӯяд: "Имрӯз ман дар компютер чоп мекунам!" Боз ҳам ин хандаовар аст.

Саволи навбатии муҳим: барои чӣ мо ба "атоҳои минбар" ин қадар зиёд таваҷҷӯҳ зоҳир мекунем"? Барои чӣ мо ходимонеро, ки мавъиза мекунанд ва роҳбарони парастишро соҳибони атоҳои муҳимтарин мешуморем? Павлус дар номаи худ ба калисои Қӯринтӯс дар ин бора чунин мегӯяд: "Баъзе узвҳои бадан, ки ба назар заифтар ва камаҳамияттар менамоянд, дар асл аз ҳама заруртаринанд" (1 Қӯринтиён 12:22, NLT).

Иҷозат диҳед, ки мисоли амалӣ биёрам. Шумо оё мушоҳида кардаед, ки пойҳо диққат ҷалб мекунанд? Одамон мегӯянд: "Ӯ пойҳои зебо дорад" ё "Пойҳои ӯ хеле сермушаканд!"

Ман дар ёд дорам, боре, вақте ки ман наврас будам, падарам, ки марди хеле муҳофизакор, хушахлоқ ва ором буд, як коре кард, ки комилан ба хислати ӯ созгор набуд. Ӯ қариб ҳеҷ гоҳ ба худ диққат талаб намекард. Аммо боре ногаҳон ӯ гуфт:

– Писарам, ту пойҳои хеле қавӣ дорӣ.

Ман посухе надода, табассум кардам ва фикркунон бо тааҷҷуб ба ӯ нигаристам, ки вай чиро дар назар дорад. Вай давом дод:

– Оё донистан мехоҳӣ, ки барои чӣ? Чунки ман ҳам пойҳои қавӣ дорам. Ту пойҳоятро аз ман мерос гирифтаӣ.

Ман намедонистам, ки ба суханони ӯ ханда кунам, ё ташаккур гӯям, чунки рафтори ғайриоддии вай маро комилан ба тааҷҷуб овард. Ман танҳо хандида гуфтам:

– Раҳмат, падар, ки ту ба ман пойҳои қавӣ додӣ.

Ин рост аст – пойҳо диққатро ҷалб мекунанд. Аммо шумо дар бораи он фикр кардаед, ки одамон бе пой зиндагӣ карда метавонанд? Ман як шахсеро медонам, ки дар натиҷаи садамаи нақлиётӣ аз пои худ маҳрум мондааст, аммо бо ҳаёти муқаррарӣ зиндагӣ карданро идома медиҳад.

Аммо ҷигар тамоман масъалаи дигар аст. Ҳеҷ кас бе ҷигар зиндагӣ карда наметавонад. Он бениҳоят муҳим аст, хеле муҳимтар аз пой. Аммо оё шумо боре шунидаед, ки касе гуфта бошад: “Ту ҷигари зебо дорӣ. Он аъло аст!”? Ҳеҷ гоҳ!

Инак, суханони Павлусро бори дигар бишнавед: “Баъзе узвҳои бадан, ки ба назар заифтар ва камаҳамияттар менамоянд, дар асл аз ҳама зарууртаринанд”.

Ва ман боз мепурсам: барои чӣ мо ба “атоҳои минбар” ҳамин қадар зиёд таваҷҷӯҳ зоҳир мекунем? Онҳо қисмҳои “намоён” мебошанд, ва онҳо зарур ҳастанд, аммо, мувофиқи Каломи Худо, онҳо аз ҳама зарууртарин намебошанд.

Дӯсти ман Стен (аз боби аввал) атои дастрас кардани одамон дар ҷаҳони соҳибкорӣ, пул кор кардан ва атои саховатмандӣ дорад. Аз сабаби қоидаҳои ногуфтае, ки дар фарҳанги решадавондаи калисои мо мавҷуд аст, атои ӯ аз ҳама гуна “атоҳои минбар” камарзиштар ба назар мерасад. Калисо чӣ гуна тасаввурот дошт? “Одамоне, ки дар назди минбар меистанд, интихобшудагон мебошанд; маҳз онҳо даъвати ҳақиқӣ доранд”.

Дар ин бора фикр кунед. Агар дар бораи касе гӯянд: “Ин мард ё ин зан ато дорад”, ҳама фикр мекунанд, ки ин атои шубон, сардори парастиш, шубони ҷавонон, нависандаи масеҳӣ, башоратдиҳанда, ва ғайра аст. Ин суханро шунида, хеле кам

одамон фикр мекунанд: “Ин мард дар соҳаи тиб ато дорад, ва ӯ усулҳои нави табобати саратонро кашф мекунад”, ё “Ин зан дар ҳукумат кор мекунад ва қонунҳоеро қабул менамояд, ки пешрафти Подшоҳии Худоро ҳимоя мекунанд”, ё “Ин мард корманди соҳаи маориф аст, ӯ дар зеҳни бачагон дониш ва ҳикмати Худоро кишт мекунад”, ё “Ин зан ба соҳибкорӣ даъват шудааст, то дар ин соҳа одамони гумшударо пайдо кунад ва сохтмони Подшоҳии Худоро маблағгузорӣ намояд”.

Оқибатҳои ин тарзи тафаккур маълуманд: Стен солҳои дароз аъзои калисо буд, вале намефаҳмид, ки вай низ ба мисли ман “даъват” шудааст. Гарчанде қобилиятҳои худододаи ӯ амалкунанда бошанд ҳам, аз сабаби мафкураи хомӯшона, ки атоҳои “калисо” нисбат ба дигар атоҳо муҳимтаранд, онҳо аҳамиятнок ба назар намерасиданд. Ин мафкура бояд тағйир ёбад! Ҳамаи мо даъват шудаем, ки дар атоҳои беназири худ, ки барои иҷро кардани даъватамон дар Подшоҳии Худо зарур ҳастанд, амал намоем.

Биёед тамоми порчаро, ки дар он Павлус дар ин бора ба калисои қӯринтиён навиштааст, мехонем.

> “Бадани мо узвҳои бисёр дорад, ва Худо ҳар як узвро дар ҷое, ки Ӯ мехоҳад, ҷойгир кардааст. Агар бадан танҳо як узв медошт, чӣ қадар ғалатӣ мебуд! Бале, узвҳо зиёданд, аммо танҳо як бадан. Чашм ба даст гуфта наметавонад: “Ту ба ман даркор нестӣ”. Сар ба пойҳо гуфта наметавонад: “Шумо ба ман даркор нестед”. Баъзе узвҳои бадан, ки ба назар заифтар ва камаҳамияттар менамоянд, дар асл аз ҳама зарууртаринанд. Ва он узвҳоеро, ки мо камтар мӯҳтарам медонем, бо ғамхории бештар мепӯшонем. Мо он узвҳоеро, ки набояд намоён бошанд, бодиққат муҳофизат мекунем, дар ҳоле ки узвҳои мӯҳтарам ба чунин нигоҳубини махсус ниёз надоранд. Инак, Худо баданро тавре ҷобаҷогузорӣ кардааст, ки ба узвҳои зоҳиран камаҳамият эҳтиром ва ғамхории бештар зоҳир карда шавад. Ин ба мутобиқати байни узвҳо мусоидат мекунад, то ки ҳамаи узвҳо ба якдигар ғамхорӣ кунанд” (1 Қӯринтиён 12:18-25, NLT).

Эҳтимол, мо метавонем “атоҳои калисо”-ро нисбат ба дигар атоҳо бештар қадр кунем, зеро суханони Павлусро бо муҳити калисо маҳдуд мекунем. Аён аст, ки дар чунин муҳит атоҳои мавъиза ва таълим бештар талаб карда мешаванд. Аммо кори Подшоҳии Худо дар ҳама ҷо ҷараён дорад, ва ин боз як тафаккури дигаре аст, ки бояд ба куллӣ тағйир ёбад. Калимаи “калисо” дар забони юнонӣ *“экклесиас”* аст, ки маънояш “даъватшудагон” мебошад. Таъриф аз луғати юнонӣ илова мекунад: одамони даъватшуда ё онҳое, ки барои корҳои ҷамъиятии давлати озод даъват ё ҷамъ оварда шудаанд; бадани шаҳрвандони озод, ки барои муждарасонӣ якҷоя даъват шудаанд”[i].

Наход мо танҳо ҳамон вақт калисо ҳастем, ки дар бино қарор дорем? Наход мо танҳо ҳамон вақт калисо ҳастем, ки барои дуо, парастиш, мавъиза ё ибодат ҷамъ оем? Аз боиси ин мафкура, одамон ҳангоми дар ин муҳит будан ба таври махсус рафтор мекунанд ва вақте ки дар ҷомеа ҳастанд, ба рафтори дигар бармегарданд. Мо калисо ҳастем, ва мо бо атоҳо муҷаҳҳаз гардонида шудаем, то ки дар ҳар ҷое, ки бошем, дар як шабонарӯз 24 соат, 7 рӯз дар як ҳафта ва 365 рӯз дар як сол Подшоҳии Худоро бунёд кунем!

Ба наздикӣ ман бо як мултимиллиардер вохӯрдам. Ӯ, чуноне ки худаш ном ниҳод, “Саёҳати илоҳӣ” мегузаронд. Ӯ бо дастаи худ ба шаҳрҳои гуногун парвоз мекард ва ба калисоҳо ва анҷуманҳо ташриф меовард, то ки бо баъзе ходимон вохӯрӣ гузаронад. Ӯ мехост, ки хидматгузории панҷгона ӯро сайқал диҳад ва барои кор боз ҳам бештар муҷаҳҳаз гардонад. Яке аз дӯстони наздики ман пешакӣ вохӯрии моро бо ӯ ба нақша гирифта буд. Мо ҳангоми анҷуман дар Даллас, ки дар он ман мавъиза кардам, вохӯрдем. Хӯроки нисфирӯзии сесоатаи мо хеле оличаноб буд, ва ман бо он ҳиссиёте аз он ҷо рафтам, ки, назар ба ӯ, аз ин вохӯрӣ ман бештар фоида гирифтам.

Ӯ нақл кард, ки дар давраҳои аввали фаъолияти худ дар роҳи соҳибкорӣ ӯ базӯр қадам мезад, аммо рӯзе фаро расид, ки чашмонаш кушода шуданд. Маърифати ӯ аз он сар шуд, ки аз худ

пурсид, ки барои чӣ Подшоҳии Худо танҳо бояд дар калисо ва анҷуманҳо зоҳир шавад? Барои чӣ он дар ҳама ҷо набояд зоҳир шавад? Ӯ медонист, ки ба соҳибкорӣ даъват шудааст, аммо барои чӣ дар ин соҳа ӯ ҳамчун беимонҳо рафтор мекард? Ӯ аз ин ҷаҳон ҳеҷ фарқе надошт.

Вай тасмим гирифт, ки дар ҷаҳони соҳибкорӣ "бо Худо роҳ меравад" ва айнан ба мисли воизе, ки дар минбар баромад мекунад, ба овози Рӯҳулқудс гӯш медиҳад. Дар асл ӯ бо масъалаи давъати худ рӯ ба рӯ шуд ва қарор кард, ки ӯ аз ҷониби Худо даъват шудааст, ба ҳамон тарзе ки ҳар кадом як шубонро Худо даъват кардааст. Сипас ӯ атоҳои худододаашро ошкор кард ва қарор дод, ки онҳоро ба таври мақсаднок истифода барад. Ӯ овози Худоро дар вақти оромие, ки бо Ӯ мегузаронд, ва ҳам дар вохӯриҳои корӣ мешунид. Албатта, Худо дар корҳои ӯ каломи дониш ва ҳикмат медод.

Натиҷаҳо аёнанд; ӯ дигар мушкилие надорад! Вай баъзе суханони махсуси Худоро, ки аксар вақт ночиз менамуд, нақл кард. Аммо ӯ қатъиян тасмим гирифт, ки итоаткор бошад, ҳатто вақте ки дастурҳои илоҳӣ ба ҳикмате, ки дар ҷаҳони соҳибкорӣ қабул шудааст, зид буданд ва риоя кардани онҳо ноқулай буд. Вай дар бораи шубҳаҳо, хашмҳо, изтироб ва ҳатто муқовимате, ки ҳам аз ҷониби муштариён ва ҳам аз аъзои дастаи худаш дучор омадааст, нақл кард. Аммо меваи эътимоди қавии ӯ ба суханони аз Худо гирифтааш миллиардҳо доллар буд. Ман аз мӯъҷизаҳое, ки ӯ ҳикоя кард, дар ҳайрат мондам.

## ТАЪЛИМ ДОДАНИ ХАЛҚҲО

Агар мо тасаввуроти калисоро дар бораи атоҳо дигар кунем, чӣ мешавад? Агар мо ба ҳар касе, ки паёмҳои моро гӯш мекунад, фаҳмонем, ки ҳар як инсон барои бунёди Подшоҳии Худо даъват шудааст ва соҳибистеъдод ва арзишманд мебошад, чӣ мешавад? Ҷавоб оддӣ аст: ҳама бо ҳадафмандӣ ва бо ҷидду ҷаҳди Билли Грэм, Орал Робертс, Модар Тереза ва ҳаввории Павлус меҳнат мекунанд. Ман ҳангоми вохӯрӣ бо ин мултимиллиардер

ҳадафмандӣ ва ҷидду ҷаҳди ӯро дидам. Вай дар бораи рисолати худ ва дар бораи он, ки атоҳои худододаи ӯ барои иҷро кардани он чӣ қадар заруранд, медонист.

Тафаккури мо барои таълим додани халқҳо маҳз чунин бояд бошад. Биёед ин фикрро муфассалтар баррасӣ мекунем. Исо намегӯяд: “Онҳоеро, ки ба калисо меравaнд, таълим диҳед”; Ӯ фармудааст, ки “халқҳоро таълим диҳем” (ниг. Матто 28:19). Калимаи “халқҳо” дар забони юнонӣ *“этнос”* аст, ки маъноящ “гурӯҳи шахсоне, ки аз ҷиҳати хешовандӣ, фарҳанг ва анъанаҳои муштарак муттаҳид шудаанд” [ii] мебошад. Ин таъриф ба миллатҳо, қабилаҳо ва гурӯҳҳои минтақавӣ ва қавмии мавҷуда дахл дорад. Аммо он ҳамчунин одамонеро, ки дорои умумияти муайян мебошанд, масалан, дучархасаворон, ҳунарпешагон, табибон, соҳибкорон, пилотҳо, ҳуқуқшиносон, модарон-соҳибхоназанҳо, коргарони ҳукумат, варзишгарон, ва ғайраро дар бар мегирад. Мо бояд ҳам мардон ва ҳам занонеро, ки дар ин соҳаҳо кору фаъолият мекунанд, ба шогирдӣ қабул кунем ва таълим диҳем.

Аммо биёед як қадам пештар меравем. Исо намегӯяд: “Одамонро дар халқҳо таълим диҳед”; Ӯ мегӯяд: “Халқҳоро таълим диҳед”. Фарқиятро фаҳмидан зарур аст; мо бояд тарзи фаъолияти соҳаҳои гуногунро мувофиқи Каломи Худо тағйир диҳем. Албатта, дар навбати аввал, ин вақте рӯй медиҳад, ки мо одамони дар ин соҳаҳо фаъолияткунандаро дастрас кунем. Лекин мо бояд дар сатҳи амиқтар кор барем. Мо бояд на танҳо одамон, балки тарзи амалҳои онҳоро дар роҳи Падар, Писар ва Рӯҳулқудс таъмид диҳем (ғӯта занонем). Масалан, шумо метавонед барои тағйир додани тарзи тафаккури одамоне, ки дар ҷаҳони соҳибкорӣ фаъолият мебаранд, ёрӣ расонед, чуноне ки бо он мултимиллиардер рӯй дод. Ин танҳо як нӯги пирях аст.

Дар бораи Заккай андеша кунед. Ӯ сардори боҷгирон ва, бешубҳа, дар тамоми минтақа яке аз беҳтаринҳо дар ин соҳа буд. Аслан, ӯ дар ҳамон маҳал сардори мафия буд. Бо эҳтимоли зиёд, мардум аз ӯ нафрат доштанд, зеро ӯ он кореро мекард, ки аксарияти боҷгирон мекарданд – ӯ мансабашро барои манфиати

шахсиаш истифода мебурд. Вай эҳтимолан дуздӣ мекард, бо зӯрӣ пул меситонид, фиреб медод, ба шаҳрвандон таҳдид мекард ва онҳоро метарсонд. Ӯ аз ҷиҳати манфӣ шахси машҳур ва бонуфуз буд, ва бо эҳтимоли зиёд ҳамаи зердастонаш ӯро пайравӣ мекарданд.

Ман дар баъзе кишварҳое, ки рафта будам, бо ин рӯ ба рӯ шудаам. Роҳбари кишвар фасодзада буд ва аз мансабдоронаш талаб мекард, ки ба ӯ пора диҳанд. Айни ҳамин чиз то поёнтарин мансабҳо давом мекард. Дар натиҷа, ҳатто ба корманди хадамоти муҳоҷират дар фурудгоҳ барои иҷозати тарки кишвар пора додан лозим буд.

Ба ҳикояи Заккай бармегардем. Аҷиб аст, ки Исо ӯро бо номаш хонд ва танҳо чунин гуфт: “Эй Заккай! Зуд фурӯд ой, зеро ки имрӯз Маро лозим аст дар хонаат бимонам”.

Аммо Заккай бархоста, ба Худованд гуфт: “Худовандо! Нисфи дороии худро ман ба мискинон медиҳам, ва агар чизи касеро ноинсофона гирифта бошам, чор баробар подош медиҳам” (Луқо 19:5-8).

Дар он минтақа дар соҳаи ҷамъоварии андоз чӣ ҳодиса рӯй дод? Тарзи корбарии роҳбари онҳо аз усулҳои торики ҷаҳонӣ ба низоми муқарраршудаи Подшоҳии Худо гузашт! Акнун ин соҳаи бизнес ва идоракунӣ дар ин ҷо дар замин хеле наздиктар ба он иҷро мегардид, ки дар осмон амал мекунад. Дар ҷомеа дигаргунӣ ба вуқӯъ омад. Ин дигаргунӣ ҳангоми хидматгузорӣ дар калисо ё вақте ки Исо барои пайрави Худ гардонидани Заккай мавъиза мекард, ба амал наомад. Ин воқеа дар маркази шаҳр рӯй дод. Заккай бо Исо вохӯрд ва тарзи рафтори ӯ ногаҳон тағйир ёфт. Ин бояд ҳар вақте, ки одамон дар миллатҳои мо бо мо вохӯранд (дар соҳаҳое, ки мо барои таъсиргузорӣ даъват шудаем), рӯй диҳад, чунки ҳамон Исо дар мо зиндагӣ мекунад.

Ҳоло ман як собиқ бозингари Лигаи миллии футболро, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ аудиторияи зиёди бодибилдерҳоро дорад, таълим дода истодаам. Ӯ новобаста ба он ки муштариёнаш аллакай Исоро қабул кардаанд ё не, ба ин бодибилдерҳо чунон

дастур медиҳад, ки фарҳанги Подшоҳии осмон ба ин халқ (*"этнос"*) дохил шавад. Вай бо ин одамон муошират карда, роҳҳо ва усулҳои Подшоҳии Худоро нишон медиҳад.

Атоҳои мо танҳо барои ҷамъомади муқаддасон, ки дар биноҳо ҷамъ мешаванд, таъин нашудаанд, гарчанде ки ин қобили қабул ва муҳим аст, ва ман бе ҳеҷ ваҷҳ аҳамияти ҷамъомадҳоямонро паст задан намехоҳам. Мақсади ман васеъ кардани тасаввуроти мо оид ба амалкарди атоҳои Худо аст. Агар мо берун аз калисо даъват шудаем, ва ин ба бисёре аз мо дахл дорад, пас мо даъват шудаем, ки ба таври фавқуттабиӣ ба воситаи атоҳоямон дар доираи таъсири худ – дар байни *"этнос"*-и худамон амал кунем.

Агар шумо одат кардаед, ки чизҳои дунёиро аз чизҳои рӯҳонӣ ҷудо кунед, ин мафкура бояд иваз шавад. Вақте ки шумо ба ҷое ворид мешавед, новобаста аз он ки куҷо аст – ба ҳуҷраи беморхона, ки дар он шумо ҳамчун ҷарроҳ ё ҳамшираи шафқат кор мекунед, ба синф, ки дар он шумо ҳамчун омӯзгор дарс медиҳед, ба завод, ҳамчун мошинист ва ғайра, шумо ато доред, ки ба ин муҳит чизҳои рӯҳонӣ биёред ва дар он ҷо одамонро бо исми Падар, Писар ва Рӯҳулқудс таълим диҳед. Ба ибораи дигар, шумо аз ҷониби Худо дастгирӣ ва қудрат доред, то ки осмонро ба замин биёред, чунон ки Исо бо Заккай ва дигарон рафтор кард. Шумо барои он даъват карда шудаед, ки роҳҳои амалкарди Подшоҳии Худоро васеъ кунед ва онро дар доираи таъсири худ паҳн намоед.

Магар ин кор ва таҳсили шуморо зиёдтар ба саргузашт монанд намекунад?

## ТАФАККУР КУНЕД

1. Каломи Худо огоҳ мекунад, ки мо ба худ софдилона баҳо диҳем. Ин баҳодиҳӣ бояд *дар айни замон* ба амал оварда шавад. Ман дар бораи он нақл кардам, ки чӣ тавр ман пеш аз мӯҳлат барои сар кардани хидмат кӯшиш ба харҷ додам. Чӣ тавр шумо ҳамон хатогиро пешгирӣ карда метавонед? Шумо дар айни замон чӣ гуна атоҳо доред?

2. Хушбахт ва пурбаракат шахсе аст, ки атоҳои ба ӯ додаи Худоро медонад ва бо онҳо амал мекунад. Бадбахт ва залил шахсе аст, ки бо атоҳои каси дигар амал кардан мехоҳад. Оё шумо ягон бор барои интихоби атое, ки ба даъвати шумо мувофиқ нест, дар худ васваса ҳис карда будед?

3. Атоҳои мо на танҳо барои ҷамъомади муқаддасон дар бино, балки барои доираҳои махсуси таъсири мо таъин карда шудаанд. Оё шумо ҳаёти ҳаррӯзаи худатонро барои бунёди Подшоҳии Худо муҳим меҳисобед? Чӣ тавр шумо атоҳои касбии худатонро барои пешбурди Подшоҳии Худо истифода бурда метавонед?

*Пас, ҳар кас бояд моро ходимони Масеҳ ва мувакkалони асрори Худо ҳисоб кунад.*

– 1 Қӯринтиён 4:1, NKJV

4

# Идоракунандагон

Мо калимаи *“файз”* ва *“ато”*-ро омӯхтем; акнун дар бораи *“идоракунӣ”* сӯҳбат мекунем. Дар бораи ин калима низ тасаввурот пайдо карда, мо метавонем ин се калимаро аз Китоби Муқаддас бо ҳам пайванд созем, то ки рисолати худро дар ҳаёт ошкор кунем.

Луғати “Мерриам-Вебстер” “идоракунӣ”-ро ҳамчун “сариштакории боэҳтиёт ва масъулиятноки чизе, ки ба ғамхории касе вогузор шудааст” шарҳ медиҳад. Мо таърифҳои юнонии калимаҳои калидии Китоби Муқаддасро омӯхта, оқилона рафтор мекунем, зеро аксар вақт калимаҳои тарҷумашуда, маънои дақиқи онҳоро фаҳмонида наметавонанд. Аммо дар мавриди калимаи “идоракунӣ” ин тавр нест; таърифҳо дар забони юнонӣ ва тарҷума ба ҳам монананд. Калимаи *“идоракунанда”* аз калимаи юнонии *“ойкономос”,* ки маънояш “касе, ки салоҳият ва масъулият барои чизе дорад; касе, ки масъул аст; роҳбар, мудир” мебошад[iii].

Дар асоси ин ду таъриф се паҳлӯҳои гуногуни идоракунӣ мавҷуд мебошанд:

Идоракунанда:

- Он чизеро, ки ба дигар кас тааллуқ дорад, назорат мекунад.
- Қудрати сариштa кардани чизеро дорад, ки ба ӯ бовар карда шудааст.
- Масъулият ба дӯш дорад: ӯ ба соҳибмулк ҳисобот медиҳад.

Худо ҳама чизро офаридааст, ва ҳама чиз мутааллиқ ба Ӯст! Дар Забур 23:1 навишта шудааст: “Замин ва ҳар чӣ дар он аст, аз они Худованд аст”. Ин чунин маъно дорад, ки мо идоракунандаи ҳама чиз дар замин ҳастем. Мо бояд тамоми замин – хушкӣ, об, ҳаво, захираҳо, ҳайвонот, моҳиҳо ва паррандагонро идора кунем. Мо масъул ҳастем, ки барои некӯаҳволии одамон аз ҷиҳати рӯҳонӣ, эмотсионалӣ, зеҳнӣ ва ҷисмонӣ ғамхорӣ кунем. Ман метавонистам давом диҳам, аммо, дар асл, мо барои ҳама чизи рӯи замин – хоҳ намоён ва хоҳ нонамоён масъул ҳастем.

Аммо биёед бубинем, ки калимаи “идоракунӣ” дар изҳороти Павлус маҳз бо кадом маъно истифода шудааст. Ӯ дар бораи *“муваккалони асрори Худо*” менависад. Дар “Тарҷумаи нави зиндаи русӣ” навишта шудааст, ки ба мо *“супориш* дода шуда буд, ки асрори Худоро шарҳ диҳем”. Яке аз атоҳо *(харизмаҳо)* дар ҳаёти Павлус ваҳй буд; ӯ асрорро – ҳақиқатҳои ниҳониро, ки ҳанӯз кушода нашудаанд, ошкор мекард. Аз ин рӯ, *идоракуние,* ки дар ин ҷо гуфта шудааст, на идоракунии пул, вақт ва захираҳо аст (гарчанде ки ҳамаи ин чизҳо муҳиманд), балки идоракунии атои *(харизмаи)* ӯ мебошад. Оё ин ба мо низ дахл дорад?

Петрус менависад: “Ба якдигар, ҳар яке аз рӯи *бахшоише* ки ёфтаед, ҳамчун *муваккалони* неки *файзи* гуногуни Худо хизмат кунед” (1 Петрус 4:10,NKJV). Дар ин оят ҳамаи се калима, ки мо ҷудо кардем (ато – *“харизма”,* муваккалон (яъне идоракунандагон –шарҳи тарҷумон) – *“ойкономос”,* ва файз – *“харис”* зикр карда шудаанд. Петрус, ҳамчун Павлус, ба мо хабар медиҳад, ки мо бояд *харизмаеро,* ки ба мо бовар карда шудааст, идора кунем. Дар ин оят бисёр чизҳо кушода шудаанд; бинобар ин мо бояд онро бодиққат омӯзем.

Диққат диҳед, ки Петрус менависад, ки “ҳар кас” бахшоиш, яъне ато гирифтааст. Пеш аз ҳама ишора кардан зарур аст, ки ӯ нанавиштааст: “ҳар ходим”, “ҳар шубон” ё “ҳар сардори парастиш”. Агар шумо аз олами боло таваллуд шуда бошед, шумо ато ё атоҳое доред, ки ба шумо дода ё бовар карда шудаанд. Ин аст ҷавоби библиявӣ ба саволе, ки ду боб пеш аз ин дода будем.

*Шумо ато ё атоҳо доред, ва, ҳамчун такрор, харизма – ин ҳадяи махсуси файз аст, ки ба шумо қобилиятҳои махсус мебахшад.*

Барои нишон додани аҳамиятнокии атоҳои шумо, биёед муносибати Павлусро ҳамчун намуна дида мебароем. Ӯ ба идоракунии худ ҷиддӣ муносибат мекард; гуфтан мумкин аст, ки бениҳоят ҷиддӣ. Дар давоми суханаш ӯ дар нома ба қӯринтиён менависад:

> “Зеро, агар башорат диҳам, ин барои ман сабаби фахр нест, чунки ин барои ман як кори воҷибист: *вой бар ҳоли ман,* агар башорат надиҳам! Зеро, агар инро ба таври ихтиёрӣ ба ҷо оварам, мукофот мегирам; лекин агар ба таври ғайриихтиёрӣ бошад, ин як *вазифаи маъмуриест, ки ба зиммаи ман гузошта шудааст”* (1 Қӯринтиён 9:16-17).

Диққати маро фавран суханони *“вой бар ҳоли ман”* ҷалб мекунанд. Ин суханони қатъӣ мебошанд, қатъитар аз оне, ки бисёре аз мо фикр мекунанд. Калимаи *“вой”* аз юнонии *“оуай”* тарҷума карда шудааст, ки маънояш “фалокат, даҳшат”[iv] мебошад. Боз як луғати дигар ин калимаро ҳамчун “хитоб аз мусибат ё алам”[v] медиҳад. Ҳар зикри ин калима дар Аҳди Ҷадид маънои доварии бениҳоят сахт ва даҳшатнокеро дар назар дорад, ки ба гирифторони он нисбат дода шудааст. Аз тарафи Павлус истифода бурдани ибораи “вой бар ҳоли ман” ба худро лаънат кардан монанд аст. Ин ифода бояд фавран диққати моро ҷалб кунад. Беэътиноӣ кардан ба атоҳое, ки Худо додааст, масъалаи ҷиддӣ аст.

Павлус медонист, ки Худо ба ӯ як чизеро супурдааст, ки арзиши бузург дорад. Як ҳақиқати ҳушёркунандае вуҷуд дорад: агар ӯ онро ба таври лозима истифода намебурд, дигарон аз он чизе, ки Худо ба онҳо додан мехост, нафъ пайдо карда наметавонистанд ва ҳатто зиён медиданд. Павлус медонист, ки ин ато на барои худи ӯ, балки *ба воситаи* ӯ, *барои* дигарон дода шудааст. Ба ибораи дигар, ӯ дар худ он чизеро дошт, ки Худо ба дигарон додан мехост, ва маҳз барои ҳамин ӯ бо чунин қатъият ба худ “вой” эълон кард, дар ҳоле ки агар вай ба идоракунии худ беэътиноӣ мекунад.

Биёед инро ба ҳисоби худ гузорем. Мо бояд ду далели ҷолиброқайд кунем. Якум, атои Павлус “аён” буд. Дар хотир доред, ки Худо муайян кард, то атоҳои ноаён назар ба атоҳои аён арзишмандтар бошанд. Агар Павлус ба атои аёни худ чунин ҷиддӣ муносибат мекарда бошад, мо набояд атоеро, ки Худо ба мо додааст, беқадр кунем, махсусан агар он ноаён бошад.

Хулосаи дуюм боз ҳам муҳимтар аст. Атоҳои Худо дар ҳаёти шумо на барои худатон, балки *барои* он дода мешавад, ки дигар одамон *ба воситаи* шумо аз онҳо нафъ ёбанд. Атои нависандагӣ ба ман на барои ман дода шудааст, балки барои шумо. Атои мавъиза кардан ба ман на барои ман дода шудааст, балки барои онҳое, ки мавъизаҳои маро мешунаванд. Атои роҳбарӣ ба ман на барои ман дода шудааст, балки барои онҳое, ки ман роҳбариашон мекунам, ва ғайра.

## МО ТАСМИМ МЕГИРЕМ, КИ АТОИ ХУДРО ЧӢ ТАВР ИСТИФОДА БАРЕМ

Мо метавонем атоҳои худро самаранок истифода барем ё аз онҳо сӯистифода кунем – ин интихоби мо. Ҳатто агар ато мувофиқи нияти азалии илоҳии худ – барои бунёди Подшоҳӣ ба кор бурда нашавад ҳам, он кор мекунад. Адолф Гитлер раҳбари боистеъдод буд ва метавонист кишвари худро ба роҳе ҳидоят кунад, ки ба миллионҳо немисҳо, ибриҳо, русҳо, франсузҳо, британиягиҳо, ва ғайраҳо некӯаҳволӣ оварда метавонист. Оё ӯ атои худро барои ҷалоли Худо истифода бурд, ё барои худ ва онҳое, ки барояш писандида буданд? Оё ӯ атои худро барои харобкорӣ истифода бурд, ки дар натиҷа шумораи зиёди ибриён ва одамон аз дигар халқҳо бе ягон сабаб ғорат, шиканҷа ва қатл карда шуданд? Ҷавобҳо ба ин саволҳо ба муҳокимаронӣ эҳтиёҷ надоранд – онҳо комилан фаҳмо мебошанд.

Оқибатҳои ҳукмронии Адолф Гитлер маълум ҳастанд, вале иҷозат диҳед, то ду шахси хеле машҳурро ба хотир биёрам, ки натиҷаи идоракунии онҳо он қадар равшан нест. Шахси аввал – Уитни Хюстон, сарояндае аст, ки дорои яке аз овозҳои беҳтарине

буд, ки дар тамоми умри худ шунидаам. Ламси Худованд дар ҳаёти ӯ аён буд. Вақте ки Уитни месароид, ҳар касе, ки ӯро мешунид, мафтуни овози ӯ мегашт. Овози ӯ заминӣ набуд, балки осмонӣ ва ҳаяҷонбахш буд.

Мисоли дуюм – Фредди Меркюри, сарояндаи асосии рок-гурӯҳи “Куин” мебошад. Ӯ метавонист бо атои ғазалнависӣ ва сурудхонӣ ба стадионҳои пуродам таъсир расонад. Қобилиятҳои ӯ оддӣ набуданд, ва, ба гуфти баъзеҳо, ҳатто фавқуттабиӣ буданд. Ӯ метавонист қариб дар ҳама гуна вазъиятҳо одамонро ба осонӣ идора кунад. Бо гузашти солҳо пас аз маргаш, одамони зиёд ҳоло ҳам сурудҳои ӯро месароянд.

Оё гуфта метавонем, ки Уитни ва Фредди атоҳои худро бомуваффақият истифода бурданд? Бешубҳа, аксарияти одамон мегӯянд, ки ҳамин тавр аст. Аммо биёед ба ин дар партави суханони Исо нигоҳ мекунем:

> “Ҳаққонияти ҳикмат аз рӯи *натиҷаҳои* он тасдиқ карда мешавад (Матто 11:19, NLT).

ва боз,

> “Ҳаққонияти ҳикматро *ҳаёти пайравони он тасдиқ мекунад* (Луқо 7:35, NLT).

Биёед самараи ин ду ҳунарпешагони аҷоиброро, ҳам натиҷаҳои кӯтоҳмуддат ва ҳам дарозмуддати идоракунии онҳоро меомӯзем. Оё Уитни атои худро барои роҳнамоӣ кардани одамон ба сӯи Худо истифода бурд? Оё сурудҳои ӯро гӯш карда, ба некӯкорӣ саъй карданд? Оё сурудҳои ӯ риштаҳои издивоҷро мустаҳкам карданд, ё интизориҳои ғайривоқеии ошиқонаро ба бор оварда, норозигиҳоро бедор карданд? Оё Фредди атои худро барои ба сӯи қудсият раҳнамун кардани одамон истифода бурд? Оё ӯ ба мардум насиҳат кард, ки Офаридгори худро эҳтиром кунанд? Уитни ва Фредди чӣ тавр ин заминро тарк карданд? Мероси онҳо муваққатист ё абадӣ? Он ҷовидон боқӣ мемонад, ё якҷоя бо ин дунё нобуд мешавад?

Исо моро ташвиқ мекунад, ки ба натиҷаи ҳаёти инсон нигоҳ

кунем. Ман ба шумо вогузор мекунам, ки натиҷаҳои идоракунии Уитни ва Фреддиро худатон муайян кунед. Аммо баррасии ниҳоӣ дар ҳузури Офаридагори мо анҷом дода хоҳад шуд. Дар рӯзи доварӣ ҳама ҳисобот хоҳанд дод.

Ман мефаҳмам, ки агар шумо мухлиси Уитни ё Фредди бошед, шояд ин муҳокима ба шумо писанд наояд. Аммо биёед саволе медиҳем, ки равшантар нишон медиҳад, ки чӣ тавр идоракунии онҳо дар доварӣ ҳукм карда мешавад. Биёед мероси онҳоро аз дурнамои даҳ миллион сол баррасӣ мекунем. Чӣ тавр Уитни ва Фредди идоракунии атоҳои худододаашонро баҳогузорӣ карда метавонанд? Дурнамои ҷовидонӣ метавонад, ки нуқтаи назари аввалаи шуморо тағйир диҳад.

Ҳаёт аз бисёр ҷиҳат аз дурнамо вобаста аст. Агар онро бо призмаи 80 сол нигоҳ кунем, мо ҳама чизро аз як тараф мебинем. Агар бо призмаи абадият баррасӣ кунем, ҳама чиз комилан ба таври дигар намудор мешавад.

Тасаввур кунед, ки шуморо ба ягон ошхона ба хӯроки шом даъват мекунанд. Шумо маблағи муайянро месупоред ва ҳар чизеро, ки хоҳед, хӯрда метавонед. Дар яке аз мизҳо танҳо шириниҳои болаззат гузошта шудаанд. Агар шумо ба ин миз бо дурнамои якрӯза нигоҳ кунед, чӣ тавр рафтор мекунед? Бо эҳтимоли зиёд, шумо ҳамаи шириниҳоро мехӯред. Аммо агар шумо ба ин миз бо дурнамои як сол нигоҳ кунед, чӣ мешавад? Эҳтимол, шумо як намуди шириниро мехӯред, ё ягонтошро намехӯред. Барои чӣ? Шумо намехоҳед, ки субҳи рӯзи дигар бо дарди меъда аз хоб бедор шавед, то охири ҳафта чор килограмм вазн гиред ва саломатии бардавоми худро зери хатар гузоред!

Вақте ки ба самараи Уитни ва Фредди аз мавқеи абадият нигоҳ мекунем, маълум мешавад, ки идоракунии онҳо хирадмандона буд ё не.

Барои мо роҷеъ ба Адолф Гитлер, ё ҳатто дар бораи Фредди Меркюри ва Уитни Хюстон гап задан комилан бехатар аст. Аммо воқеияти ҳушёркунанда чунин аст: шумо ва ман низ ба назди Довар ҳозир хоҳем шуд. Атоҳои мо аз дурнамои абадият баррасӣ

карда хоҳанд шуд, на аз нуқтаи назари 70-80 сол. Аъмоли мо дар партави Каломи ҷовидонии Худо, ки он ба мо бунёди Подшоҳии Ӯро мефармояд, доварӣ карда хоҳад шуд. Оё мероси мо боқӣ хоҳад монд, ё якҷоя бо ин дунё фано мешавад?

## НИГОҲИ АМИҚ БА НИЯТҲО

Биёед он чизеро, ки дар боби аввал оиди он сӯҳбат кардем, такрор мекунем. Дар вақти дилхоҳ шумо метавонед атоҳои худро бо яке аз се роҳи зерин идора кунед:

- Мо метавонем, ки ин атоҳоро барои бунёди Подшоҳӣ истифода барем;
- Мо метавонем, ки ин атоҳоро барои бунёди ҳаёти худ истифода барем;
- Мо метавонем, ки ин атоҳоро ҳамту ба эътибор нагирем.

Дар бораи нуқтаи назари дуюм муфассалтар мебояд сӯҳбат кард, зеро он метавонад фиребанда бошад. Бисёр одамон фикр мекунанд, ки дигаронро обод месозанд ва ин корро ба хотири Подшоҳии Худо мекунанд, аммо онҳо бо назардошти фоидаи шахсӣ амал мекунанд.

Ман нофаҳмида, ба ин вазъият афтода мондам. Солҳои пеш, вақте ки ман акнун ба хидмат шурӯъ мекардам, ба ҳамаи коргарон ва имондорони калисо, ва ҳамчунин ба ҳамаи он касоне, ки ман мешинохтам, доимо суханони хуб ва гуворо мегуфтам. Ман ҳатто вақте ки ин нодуруст буд, суханони хурсандибахшу гуворо мегуфтам. Ба гӯши ман овозаҳое расиданд, ки одамон маро меҳрубон ва пурмуҳаббат меҳисобанд. Ин таърифҳо, албатта, маро рӯҳбаланд мекарданд.

Боре дар вақти дуо Худо ба ман гуфт: “Одамон мегӯянд, ки ту пурмуҳаббат, ғамхор ва меҳрубон ҳастӣ, ҳамин тавр не?”

Одатан ман суханони Ӯро ҳамчун тасдиқ қабул мекардам, аммо тарзи гуфтори Рӯҳулқудс нишон медод, ки Ӯ чизи дигарро дар назар дорад. Бинобар ин, ман бо эҳтиёт ҷавоб додам: “Бале, ҳамин тавр аст”.

Ӯ фавран ҷавоб гардонд: “Медонӣ, барои чӣ ту ба одамон танҳо суханони дилнишин мегӯӣ?”

Ман бо эҳтиёти боз ҳам бештар ҷавоб додам: “Барои чӣ?”

“Чунки ту метарсӣ, ки онҳо туро рад мекунанд” – гуфт Ӯ. – “Пас муҳаббати ту ба кӣ равона карда шудааст, ба худат ё ба онҳо?”

Комилан фош шудани ниятҳои худро фаҳмида, ман бо суханони Ӯ розӣ шудам.

Баъд аз ин Ӯ гуфт: “Агар ту дар ҳақиқат одамонро дӯст медоштӣ, бо вуҷуди хавфи радшавӣ, ту ба онҳо ҳақиқатро мегуфтӣ”.

Ин ислоҳ ба муносибати ман бо одамон равона карда шуда буд. Аммо, ба мавзӯи худамон баргашта, ман бояд бипурсам: оё мо метавонем бо ин тарз атоеро, ки аз Худо гирифтаем, сӯистифода кунем? Ба ибораи дигар, оё мумкин аст, ки ба одамон чунин вонамуд шавад, ки мо атои худро барои бунёди Подшоҳӣ истифода мебарем, дар ҳоле ки аслан мо онро бо ниятҳои ғаразнок истифода мебарем? Ҷавоб, албатта, мусбӣ аст, ва ман боз аз ҳаёти худ мисол меорам, ва сипас онро бо мисолҳо аз каломи Худо тақвият медиҳам.

Одатан ман аз Худованд алоқамандона ба он, ки дар анҷуманҳо ва хидматгузориҳои калисо оиди чӣ мавъиза кунам, каломи мушаххас намегирам, аммо ман доимо ба дили худ гӯш медиҳам, то ки роҳнамоии Рӯҳулқудсро пайдо кунам. Бо вуҷуди ин, як ҳолате буд, ки ман қабл аз мавъиза аз Худованд аниқ калом гирифтам.

Ман мебоист дар як анҷуман дар Ғарби Миёнаи ИМА мавъиза мекардам. Дар ҳуҷраи меҳмонхона ҳамон рӯзе, ки ман бояд хидмат мекардам, бедор шуда, аз Рӯҳулқудс возеҳ шунидам: “Ман мехоҳам, ки ин бегоҳирӯзӣ дар анҷуман ту дар мавзӯи *“Доми шайтон”* (ин китобро ман дар соли 1994 дар бораи он навишта будам, ки чӣ тавр хашму кинаро мағлуб кардан ва он касонеро, ки моро озор додаанд, бахшидан мумкин аст) мавъиза кунӣ”.

Ман бо дастури Ӯ тамоми рӯз мубориза бурдам. Китоби *“Доми*

*шайтон”* аллакай чанд сол дар фурӯш буд ва ба бестселлер табдил ёфт. Ман паёми ин китобро дар тамоми кишвар аллакай муддати дароз мавъиза мекунам, ва бисёр одамон онро аллакай шунидаанд. Ғайр аз ин, барои ман аз он сабаб ба ин дастури Рӯҳулқудс итоат кардан мушкил буд, ки ман он вақт аз болои дастнависи нав кор мекардам. Вақте ки шумо дар бораи ягон чиз дар давоми якчанд моҳ менависед, ин ҳақиқатҳо дар қалби шумо возеҳтар ва тару тоза мебошанд. Аслан, ман паёми кӯҳнаро мавъиза кардан намехостам. Аммо ман аз Рӯҳулқудс дастури мустақим гирифтам.

Вақте ки ман расида омадам, ҳамоҳангсозони анҷуман ба ман хабар доданд, ки одамон роҳи дарозро тай карданд, то маро гӯш кунанд. Ман ба фикр афтодам, ки онҳо шояд паёми такрориро гӯш мекунанд, ва ба эҳтимоли зиёд, онҳо аллакай китоби *“Доми шайтон”*-ро хондаанд.

Ба толор ворид шуда, фаҳмидам, ки муҳит пурҷӯшу хурӯш буд. Интизории мардум аён ба назар мерасид. Итоат кардан ба дастуре, ки саҳаргоҳӣ гирифта будам, барои ман боз ҳам мушкилтар шуд. Бо ягон маънӣ, ман одамонро ноумед кардан намехостам. Ман ба фишор дода шуда, тасмим гирифтам, ки паёми “тозаи” худро мавъиза кунам, ва аз он, ки чӣ тавр ин ҳама хуб пеш рафт, ба ваҷд омада будам. Мавъиза пурқувват буд, ва одамон бо шавқ гӯш карданд. Баъзеҳо бо изҳороти асосии ман розӣ шуда, ҳатто аз ҷойҳояшон бархостанд. Ба назар чунин мерасид, ки ман “беҷазо мондам”, ё дастуре, ки саҳаргоҳӣ шунидам, аз Худо набуд. Ба ҳар ҳол, ман шод будам. Пас аз мавъиза дар ҳуҷраи ходимон ҳама ба ҳаяҷон омада, барои мавъизаи олиҷаноб ба ман миннатдорӣ изҳор карданд.

Одатан ман аз шаҳре, ки дар он мавъиза мекунам, бо ҳисси қаноатмандӣ ва хурсандӣ бармегардам; ман гӯё ҳис мекунам, ки Худо дар қалби ман табассум мекунад. Субҳи рӯзи дигар ҳама чиз тамоман баръакс буд. Ман бо вазнинie дар дил, бе қувват бедор шудам, ва бо депрессия мубориза мебурдам. Ман зуд сабаби инро фаҳмидам – ман ба Худо беитоатӣ кардам. Аввалан он субҳ

ман ба зону афтодам, тавба кардам ва бахшиш пурсидам. Ман талаб кардам, ки хуни Исо маро пок созад.

Аммо сабукӣ намеомад. Ман тамоми рӯз – ҳамаи вақти боқимонда дар меҳмонхона, тамоми роҳ то фурудгоҳ, дар вақти интизории парвози мавқуф гузошташуда дар фурудгоҳ ва дар давоми тамоми парвоз то соҳили Ғарбии ИМА ин вазнинӣ ва ғуссаро дар худ бардошта мегаштам. Ғусса, вазнинӣ ва депрессия тоқатфарсо буданд. Ниҳоят, вақте ки мо дар болои шаҳри Сан Диего давр мезадем, ин ҳиссиёт маро тарк кард.

Ман пурсидам: “Падар, ман ин саҳар тавба кардам ва бахшиш пурсидам. Барои чӣ Ту дар ман хурсандӣ, оромӣ ва қаноатмандиро танҳо ҳозир барқарор кардӣ?”

Ман шунидам, ки Худованд чӣ гуфт: “Ман иҷозат додам, ки ту бори беитоатии худро бардошта гардӣ, то дарк карда тавонӣ, ки ин чӣ қадар ҷиддӣ аст. Дар ин хидматгузорӣ як шубоне буд, ва ӯ мебоист дар мавзӯи *“Доми шайтон”,* ки ба ту бовар карда, супоридаам, паём шунавад. Ҳаёт ва хидмагузории ӯ ҳоло дар марҳилаи таҳаввул қарор дорад. Ту ба Ман итоат накардӣ, ва беитоатӣ бошад, оқибатҳои вазнин дорад. Он вазниние, ки ту ҳис кардӣ, огоҳӣ аст, то ки ту инро дигар такрор накунӣ. Акнун ту дар шаҳри дигар ҳастӣ: ба Ман итоат кун.”

Ман дар бораи шаби гузашта фикр кардам. Одамоне, ки дар ҷамъомад иштирок доштанд, гурӯҳи ходимон ва ҳамоҳангсозони анҷуман ҳама хурсанд буданд. Маро бори дигар даъват карданд, ва ман дертар ҳатто аз ҳамон хидматгузорӣ шаҳодат ҳам шунидам. Аён аст, ки атои Худо ба воситаи ман амал кард, ҳатто дар ҳоле ки он мутобиқи нияти илоҳӣ истифода нашуд.

Шумо мепурсед: “Шумо мутмаинед, ки чунин ҳолат рӯй дода метавонад? Биёед чанд ҳикояҳои Китоби Муқаддасро оиди сӯистифода кардани атои илоҳӣ дида мебароем. Дар бораи Мӯсо фикр кунед. Ӯ даъват карда шуда буд, ки Исроилро ба сӯи Замини ваъдашуда роҳнамоӣ кунад, ва барои иҷрои рисолати худ атои содир кардани мӯъҷизаҳои бузургро гирифт.

Боре Худо ба Мӯсо амр фармуд, ки ба сахра гап занад, то аз

он об ҷорӣ шавад ва мардум бинӯшанд. Аммо Мӯсо бо хашм ба сахра зарба зад ва ин амри илоҳиро ба таври равшан иҷро накард. Ба ҳар ҳол об ба фаровонӣ ҷорӣ шуд – кифоя буд, ки миллионҳо нафар одамон дар моварои биёбон аз он бинӯшанд. Ин боз як мӯъҷизаи бузурге дар рӯйхати Мӯсо буд. Қавм аз атои пешвои худ ба ҳайрат омад. Аммо, вақте ки "анҷуман" ба итмом расид, Мӯсо сарзаниш карда шуд, ки атои худро мувофиқи амри Худо ба кор набурд. Аз сабаби ин сӯистифодабарӣ, ба ӯ даромадан ба Замини мавъуд манъ карда шуд. Ин воқеа ҳушёрӣ медиҳад, агар дар борааш фикр кунед.

Мисоли навбатӣ Билъом аст. Ӯ дар бораи Исроил нубувват кардааст, ва суханони ӯ то имрӯз дар Китоби Муқаддас навишта шудаанд. Чӣ қадар шаҳодати бузургест – нубуввати шумо дар Каломи абадии Худо сабт шудааст! Аммо ин воқеа он қадар ҳам осон ба вуқӯъ наомадааст. Худо ба таври возеҳ ба ӯ гуфт, ки наравад ва он чиро, ки дигарон аз ӯ мехостанд, анҷом надиҳад. Вале бо вуҷуди ин, атое, ки ба Билъом бовар карда, бахшида шудааст, кор кард, ҳатто вақте ки Худо рӯирост ба ӯ гуфт: "Бо онҳо нарав" (Ададҳо 22:12). Мо дар ин ҷо боз амалкарди аторо берун аз нияти аслии Худо мебинем.

Ман мехоҳам инро шарҳ диҳам: Худо ба идоракунии андак-андаки атоҳое, ки ба мо супоридааст, машғул намешавад. Агар Ӯ чунин рафтор мекард, мо *идоракунандагон* номида намешудем. Шахси маъмур, яъне идоракунанда, қудрат дорад, ки чизи ба ӯ супурдашударо бе назорати мустақим роҳнамоӣ кунад. Масали Исо дар бораи амалдори ноинсоф аз Китоби Муқаддас ба ин мисол шуда метавонад:

> «Як марди сарватдор буд, ки *амалдоре (идоракунандае – шарҳи тарҷ.)* дошт, ва дар ҳаққи вай ба ӯ шикоят карданд, ки молу мулки ӯро исроф менамояд; вайро ҷеғ зада, гуфт: "Ин чист, ки дар ҳаққи ту шунидаам? Аз *амалиёти* худ ҳисобот деҳ, зеро ки дигар наметавонӣ *амалдор (идоракунанда – шарҳи тарҷ.)* бошӣ"» (Луқо 16:1-2).

Азбаски идоракунӣ дар замонҳои Китоби Муқаддас нисбат ба ҳозира маъмултар буд, мо ба осонӣ метавонем як чизи муҳимро дар ин ҳикоя нодида гирем. Диққат диҳед, ки дар давоми муайяни вақт ин одами сарватманд намедонист, ки чӣ гап шуда истодааст. Ӯ ҳар рӯз амалиёти идоракунандаи худро тафтиш намекард. Дахолати шахси дигар лозим шуд, то диққати ӯро ба идоракунии нодуруст, ки аллакай муддати тӯлонӣ давом мекард, ҷалб кунад.

Мо айни ҳаминро дар китоби Ҳастӣ дар мисоли Юсуф мебинем. Дар Миср вай аввал дар хонаи Фӯтифар хизматгор буд, аммо баъдтар вазифаи баландтар гирифта, маъмури тамоми хонадони ӯ шуд. Навишта шудааст: "Аз ин рӯ, Фӯтифар вазифаи пурраи маъмуриро бар ҳама чизе, ки ба худаш мутааллиқ буд, ба ӯҳдаи Юсуф вогузор кард. Ва ӯ аз он чи бо Юсуф буд, ғайр аз хӯроке, ки вай мехӯрд, аз ҳеҷ чизи дигар хабар надошт" (Ҳастӣ 39:6, NLT). Фӯтифар кори Юсуфро тафтишу назорат намекард: ӯ идоракуниро ба вай супорида буд.

Атоҳои Худо дар мо ба таври монанд кор мекунад. Ҳаворӣ Петрус менависад, ки мо идоракунандагони неки *харизма* – файзи гуногуни Худо дар ҳаёти худ бошем.

## АТОҲОИ АБАДИИ НОАЁН

Биёед омӯзишро давом медиҳем. Аввалан, биёед суханони Петрусро ба хотир меорем: "Ба якдигар, ҳар яке аз рӯи бахшоише ки ёфтаед, ҳамчун муваккалони неки файзи гуногуни Худо *хизмат кунед"*. Ҳамчун идоракунандагон, аз мо талаб карда мешавад, ки *хидмат кунем* ё атоҳои худро истифода барем. Боз ҳам, онҳо на барои худи мо дода шудаанд, балки барои дигарон. Ибораи "хидмат кардан" аз калимаи юнонии *"диаконео"* тарҷума карда шудааст, ки маънояш "хидмат кардан, хидмат расонидан, бо ишора ба он, ки кор то охир ба иҷро расонида шавад"[vi] мебошад. Мо бояд дили одамеро дошта бошем, ки бо атоҳои худ ба хидмат кардан тайёр аст. Атоҳоямонро мо муфт ба даст овардаем, ва мо бояд онҳоро барои обод кардани дигарон истифода барем.

Мо бояд “ба якдигар *бо атоҳое, ки ба мо бовар карда, супорида шудааст,* ҳамчун идоракунандагони файзи *гуногуни* Худо хидмат кунем”. Калимаи “гуногун” дар ин оят “намудҳои ҳархела”[vii] маъно дорад. Барои номбар кардани он намудҳои ҳархелаи атоҳое, ки Худо ба халқи Худ додааст, саҳифаҳои хеле бисёр лозим мешавад. Эҳтимолан, чунин рӯйхатро тартиб додан ғайриимкон аст. Баъзе атоҳо бо бунёди Подшоҳии Худо робитаи ошкоро дорад. Аммо пайвастагии аксари атоҳоро бо бунёди Подшоҳии Худо дидан душвор аст. Иҷозат диҳед, ки мисол биёрам.

Ба наздикӣ як шубон ба ман дар бораи сӯҳбати ҷолибе нақл кард, ки бевосита то саршавии анҷуман баргузор шуд. Ин чорабинӣ хеле оммавӣ аст ва дар он одамони зиёд иштирок мекунанд. Дар ҳоле ки дастаи ӯ толорро омода мекард, шубон як духтурро, ки аъзои калисои ӯст, мушоҳида кард, ки варақаҳоро дар нишастгоҳҳои иштирокдорони анҷуман паҳн мекунад.

Шубон ба назди духтур омад ва узрхоҳӣ кард:

– Духтур, шумо набояд ин корро кунед. Мо таҷрибаомӯзон ва ихтиёриён дорем, ки онҳо ин корро ҳал мекунанд.

Ин духтур бо ҷиддият, вале боодобона ӯро ислоҳ кард:

– Ман ҳар сол ба хотири ин анҷуман рухсатӣ мегирам. Барои ман ин аз ҳама ҳафтаи пурқимат аст, чунки ман барои бунёди Подшоҳии Худо каме бошад ҳам саҳми худро мегузорам.

Ҳикояи ин шубонро, ки дӯсти ман аст, шунида, аз боиси ин духтур ғамгин шудам. Ман фаҳмидам, ки ӯ тасвири пурраро оид ба аҳамияти атоҳояш дар бунёди Подшоҳии Худо намебинад. Боз ҳам, алоқамандии баъзе атоҳо бо Подшоҳии Худо рӯирост аён аст, аммо алоқамандии аксарияти атоҳо – не, вале ҳеҷ яке аз онҳо камаҳамият нестанд.

Ин духтур ба мисли Стен, ки дар боби аввал дар борааш сӯҳбат кардем, фикр мекард. Агар духтурон намебуданд, чӣ мешуд? Агар одамоне, ки барои бунёди Подшоҳии Худо дар дигар соҳаҳо даъват шудаанд, бемор шаванд, чӣ мешавад? Бе ёрии тиббӣ, бисёриҳо зиндагиро барвақт тарк мекарданд.

Биёед барои нишон додани ин алоқамандӣ мисоли сохтае мебиёрем. Як духтур атои худро истифода бурда, саломатии як соҳибхоназанро барқарор мекунад. Ин зан аллакай бемори бистарии дар ҳолати ночор монда нест, ки бармаҳал бимирад. Акнун вай метавонад дар атои худ – тарбияти парҳезгоронаи ду фарзанд муваффақ шавад. Духтари ӯ дар соҳаи инноватсия соҳибистеъдод аст, ва модар ӯро дар ин ҷода рӯҳбаланд мекунад. Таҳсилро бо ихтисоси барномасозии компютерӣ хатм карда, дар ширкате, ки ба барномасозӣ машғул аст, ба кор шурӯъ менамояд.

Духтари аллакай ба камолрасидаи ин зан, ки дар атои худ ба пуррагӣ амал мекунад, усули нави алоқаро ихтироъ менамояд, ки аз ҳама усулҳои дигари бозор хеле самараноктар аст. Аммо бе ҳамкори ӯ, ки дар шӯъбаи реклама кор мекунад, ҳеҷ кас дар бораи инноватсияи ӯ хабардор шуда наметавонист. Ӯ атои худро истифода мебарад, то ки ба дилерҳо ва харидорон дар бораи потенсиали ин барномаи нав хабар диҳад.

Яке аз дилерҳо – ширкате, ки ба як зани кордони боистеъдод тааллуқ дорад, ба фурӯхтани ин барнома сар мекунад. Дар силсилаи мағозаҳои ӯ барои фурӯш дастае ҳаст, ва яке аз аъзои ин даста атои худро истифода мебарад, ки ин барномаро ба як хидматгузорӣ, ки барои таълим додани халқҳо дар саросари ҷаҳон даъват шудааст, бифурӯшад.

Дар ин хидматгузорӣ як мутахассиси ТИ (технологияҳои информатсионӣ – шарҳи тарҷ.) ҳаст, ки потенсиали ин барномаро мебинад ва онро барои харидорӣ кардан тавсия медиҳад. Ӯ ин барномаро ба системаи мавҷудаи ин хидматгузорӣ мутобиқ мегардонад.

Бо ёрии ин барнома, ин хидматгузорӣ имконият меёбад, ки ба шубонҳо ва роҳбарон дар тамоми ҷаҳон таъсири босамар расонад. Дар натиҷа шумораи одамони наҷотёфта афзун мешавад, ва одамон тавассути ин воситаи алоқа таълим мегиранд.

Дар рӯзи доварӣ Исо ба ин духтур, ки ин модар ва соҳибхоназанро табобат карда буд, ҳамон одамони сершумореро нишон медиҳад, ки вай ба наҷот овардааст. Мо тақрибан

тасаввур карда метавонем, ки чӣ рӯй медиҳад. Ин духтур мегӯяд: “Не, ман ин корро карда наметавонистам. Ман ҳеҷ гоҳ ба назди ин халқҳо сафар накардаам”.

Он гоҳ Исо ба ӯ нишон медиҳад, ки азбаски ӯ дар атои худ вафодор буд, вокуниши занҷирӣ рӯй дод, ки ба наҷоти бисёр одамон ва устуворшавии имондорон дар тамоми ҷаҳон оварда расонд. Эҳтимолан, Исо ба ин духтур мегӯяд: “Ту маҳорати касбии худро бо тайёрӣ на барои одамон, балки барои Худованд истифода бурдӣ, ва маҳсули кори ту аён аст. Бисёриҳо ба туфайли итоати ту бо таъсири Подшоҳии Худо фаро гирифта шуданд. Офарин, хидматгори нек ва содиқ!”

Шумо пурсида метавонед: “Оё Китоби Муқаддас ин ғояро тасдиқ мекунад?” Ояти зеринро хонед:

> “Ҳар он чи мекунед, аз ҷону дил ба ҷо оваред, мисли он ки барои Худованд бошад, на барои одамон, чун медонед, ки аз Худованд меросро мукофот хоҳед гирифт” (Қӯлассиён 3:23-24, NCV).

Ин танҳо як мисол аст. Имкониятҳои бешумори алоқаҳои ба ин монанд ё вокунишҳои занҷирӣ мавҷуд мебошанд.

Биёед ба ҳикояи дӯсти ман, шубон, бармегардем. Чӣ мешавад, агар ҳамон духтур аз ҳисси қаноатмандие, ки танҳо як ҳафта дар як сол давом мекунад, хаста шавад? (Албатта, норозигии ӯ аз дарк накардани аҳамияти атои ӯ сарчашма мегирад.) Пурра имкон дорад, ки ӯ дар ниҳоят, худро 52 ҳафта дар як сол қаноатманд ҳис кардан хоста, соҳаи тибро тарк кунад. Фарз кардем, ки ӯ дар калисои худ ба ҳайси муаллим ва мураттабкунандаи маводҳои таълимӣ барои синфҳои шогирдсозӣ кор пайдо мекунад. Дар назди тахти доварӣ чӣ воқеа рӯй медиҳад? Бо назардошти он, ки ӯ атои барояш супоридашударо тарк кард, оё мукофоти бузург ба даст меорад?

Мутаассифона, ман бисёр вақт ҳам мардон ва ҳам занонеро дидаам, ки барои дар хидматгузории пурравақт мондан мубориза

мебаранд, зеро намедонанд, *ки атои* онҳо дар соҳаҳое, ки берун аз муҳити калисо ҳастанд, рушд карда метавонанд.

Барои мушоҳида кардани атоҳои ноаёни хидматӣ дар Подшоҳии Худо дониш, зиракӣ ва камолоти рӯҳонӣ зарур мебошанд.

Ҳақиқат дар он аст, ки атои шумо дар соҳаи ҳифзи саломатӣ, маориф, идоракунӣ, варзиш, дар дунёи соҳибкорӣ, дар санъат, дар васоити ахбори умум, дар хона ё ягон соҳаи дигар бо бунёди Подшоҳӣ алоқаманд мебошад. Худи Сармеъмор ҳама чизро бо ҳамин тарз ба тартиб овардааст.

Эҳтимоли зиёд дорад, ки мо, то даме ки ба назди тахти доварии Исо ҳозир нашавем, робитаи итоаткорӣ ва муваффақиятамонро намебинем. Чуноне ки Павлус менависад, “Айни ҳамин ба аъмоли нек низ дахл дорад, ҳатто агар онҳо дар аввал маълум набошанд ҳам, оқибат маълум ва эътироф карда хоҳанд шуд” (1 Тимотиюс 5:25, ТРТ).

Бинобар ин, новобаста аз он ки атои шумо аён аст ё не, ба шумо амр карда шудааст: “Ҳар кас дар он вазъе ки Худованд ӯро даъват намудааст, бимонад” (1 Қӯринтиён 7:17).

## НИЯТҲО ХЕЛЕ МУҲИМАНД

Биёед ба суханони Павлус, ки мо онро ҳамчун намунаи идоракунии худ истифода мебарем, бармегардем:

> “Чунки ин барои ман як кори воҷибист: вой бар ҳоли ман, агар башорат надиҳам! Зеро, агар инро *ба таври ихтиёрӣ* ба ҷо оварам, *мукофот* мегирам” (1 Қӯринтиён 9:16-17).

Ҳақиқати навбатӣ, ки таъкид бояд кард, ин аст, ки мукофоти мо бевосита ба кори ихтиёрии мо, ё, умуман, ба муносибати мо вобаста аст. Соддатар карда гӯем, агар муносибати мо *фидокорона* бошад, мо мукофот мегирем: вале агар он *худхоҳона* бошад, мо мукофот намегирем.

Ниятҳои фидокорона ва ғаразнок он қадар бисёр зуҳурот дошта метавонанд, ки онҳоро номбар кардан ғайриимкон аст.

Биёед танҳо якчанд муқоисаҳоро дида мебароем. Фидокорӣ фикр мекунад: *“Чӣ имтиёзест, ки бо қобилиятҳои ба ман додашуда ба дигарон хидмат карда метавонам!”* Худпарастӣ мепурсад: *“Ба туфайли қобилиятҳои худ ман чӣ фоида карда метавонам?”* Моҳиятан, нияти якум инро дар назар дорад: *“Ман барои ту чӣ кор карда метавонам?”,* дуюм бошад: *“Ман аз ин чӣ мегирам?”*

Фидокорӣ тасмим мегирад*: “Новобаста ба он ки чӣ ба даст меорам, ҳама кори аз дастам меомадагиро мекунам”*, дар ҳоле ки худпарастӣ мегӯяд: *“Чаро ман бояд корҳои зиёдеро анҷом диҳам, агар ман аз он чизи зиёде нагирам?”*

Фидокорӣ андеша мекунад*: “Ман бояд ба пеш ҳаракат кунам; одамони зиёде ҳастанд, ки ба ёрдам мӯҳтоҷ мебошанд”,* вале худпарастӣ мегӯяд: *“Ман муваффақам; акнун ман ором шуда метавонам”.*

Павлус дар бораи аҳамияти *муносибатҳо* ё *ниятҳо* чунин менависад: “Бигзор ҳар кӣ моро ходимони Масеҳ ва *идоракунандагон* ҳисоб кунад”, ва, тақрибан зуд пас аз ин суханҳо, мегӯяд:

> “Барои ман хеле кам аҳамият дорад, ки шумо, ё одамони дигар, дар ҳаққи ман чӣ гуна ҳукм мекунед. Ман ҳатто ба ҳукми худ дар ин бора эътимод надорам. Виҷдони ман пок аст, лекин ин ҳақ будани маро исбот намекунад; ҳукмкунандаи ман Худованд аст. Бинобар ин ба ҳеҷ ваҷҳ пеш аз баргаштани Худованд, ҳеҷ касро ҳукм накунед, ки маҳз Ӯ *асрори ториктарини* моро равшан ва *ниятҳои пинҳони* моро ошкор хоҳад кард, ва он гоҳ ҳар кас аз ҷониби Худо таҳсин хоҳад ёфт” (1 Қӯринтиён 4:3-5, NLT ).

Павлус ба баҳои дӯстон, мунаққидон ё ягон мақоми худпешбарикунанда, ва ҳатто ба андешаи худаш аҳамият намедод. Ин арзёбиҳо дар муқоиса бо он чизе, ки мо рӯ ба рӯ мешавем, яъне дар муқоиса бо ҳукми илоҳӣ бемаъноанд. Муҳим он аст, ки *Исо* ба идоракунии мо чӣ гуна баҳо медиҳад.

Албатта, аъмоле, ки мо бо итоаткорӣ ба ҷо овардем, дар доварӣ хеле муҳим хоҳанд буд. Исо ба таври возеҳ изҳор мекунад: “Инак, Ман ба зудӣ меоям! Ман ба ҳама подош медиҳам, ва ҳар кас мувофиқи аъмолаш сазо хоҳад гирифт” (Ваҳй 22:12, НРП). Доварӣ на аз рӯи принсипи “ин ё он” доир мегардад, балки “ҳам ин, ва ҳам он” – дар доварӣ ҳам *ниятҳои* мо ва ҳам *аъмоли* мо санҷида мешаванд.

Шояд баъзеҳо фикр кунанд, ки Павлус “Доварии бузург дар назди тахти сафед” гуфта, доварӣ бар беимононро дар назар дорад, ки дар он беимонҳое, ки файзи наҷотбахши Исои Масеҳро қабул накардаанд, дар бораи гуноҳҳои худ ҳисобот медиҳанд. Ин бешубҳа чунин нест, чунки дар Доварии бузург дар назди тахти сафед ҳеҷ кас аз Худо “таҳсин” намегирад, чуноне ки Павлус дар ин ҷо ишора мекунад.

Муҳим аст, ки ба контексти ин порча диққат диҳем. Павлус дар бораи *идоракунӣ* гап мезанад. Аз ин рӯ, доир ба он чизе, ки ӯ дар назар дорад, ҷои шубҳа нест. “Асрори ториктарин” ва “ниятҳои пинҳон”-и мо дар истифодаи атоҳои мо дар доварӣ ошкор карда мешаванд. Ин дар ҳақиқат диққати маро ҷалб мекунад!

Иҷозат диҳед, ки ҳикояи пештараамро оид ба беитоатӣ ба Худованд, алоқамандона ба он, ки дар бораи чӣ ман бояд мавъиза мекардам, ба таври возеҳ баён кунам. Одамоне, ки дар ин хидматгузорӣ иштирок карданд, эҳтимол то ба имрӯз бовар доранд, ки ҳангоми мавъиза кардани паёми “тоза”-и худ ман ба Худо итоаткор будам. Аммо ин тавр набуд. Эҳтимол онҳо дар рӯзи доварӣ оиди беитоатии ман огоҳ мешаванд, чунки Исо изҳор мекунад:

> “Вақте мерасад, ки ҳама чизи ниҳонӣ ошкор хоҳад шуд ва ҳар чизе, ки махфӣ аст, ба ҳама маълум хоҳад шуд. Ҳар он чизе, ки шумо дар торикӣ мегӯед (сирру ниятҳои пинҳонии мо) дар рӯшноӣ шунида хоҳад шуд, ва ҳар он чизе, ки паси дарҳои баста пичиррос задаед, дар болои бомҳо ба самъи ҳама эълон карда мешавад!” (Луқо 12:2-3, NLT, тавзеҳотро дар байни қавсҳо ман илова кардаам).

Бо эҳтимоли пурра, ман ба назди тахти доварӣ даъват карда мешавам, то ки аз шубонҳо ва дигарон, ки паёми *“Доми шайтон”*-ро ҳамон бегоҳирӯзӣ нашуниданд, бахшиш пурсам.

## ЧӢ ИНТИЗОРӢ МЕРАВАД?

Мо равшан нишон додем, ки фаҳмиши дуруст оид ба идоракунӣ то чӣ андоза муҳим аст. Ана саволи муҳиме, ки ҳоло дода метавонем: “Аз мо чӣ интизорӣ меравад?” Ба ибораи дигар, Исо ҳангоми арзёбӣ кардани он, ки мо бо атоҳои ба мо супоридашуда, чӣ гуна рафтор кардем, Ӯ ба кадом натиҷаҳо назар хоҳад кард? Оё мо дар ин бора огоҳ шуда метавонем? Албатта метавонем, зеро Исо изҳор мекунад, ки мо “дар рӯзи доварӣ бо ростие, ки Ӯ гуфтааст, доварӣ карда мешавем” (Юҳанно 12:48, NLT).

Мо ин омӯзиши шавқовар ва илҳомбахшро, ки ҳадафи ин китоб аст, аз боби оянда сар мекунем.

## ТАФАККУР КУНЕД

1. Пеш аз хондани ин боб, худро ҳамчун идоракунанда ҳисоб мекардед? Барои чӣ ҳа, ва барои чӣ не?

2. Атоҳое, ки ба шумо дода шудаанд, барои худи шумо таъин карда нашудаанд; онҳо ба воситаи шумо бояд ба дигарон дода шаванд. Баибораи дигар, шумо чизеро дар худ доред, ки Худо ба дигарон додан мехоҳад. Инак, барои чӣ бо садоқатмандӣ идора кардани атоҳоятон зарур аст? Агар шумо ба идоракунии худ беэътиноӣ кунед, оқибат чӣ рӯй медиҳад?

3. Дар вақти дилхоҳ шумо атоҳои худро бо яке аз усулҳои зерин истифода бурда метавонед. Шумо метавонед, ки ин атоҳоро барои бунёди Подшоҳӣ истифода баред. Шумо метавонед, ки ин атоҳоро барои бунёди ҳаёти худ истифода баред. Ё шумо метавонед, ки ин атоҳоро ҳамту ба эътибор нагиред. Шумо атоҳои худро чӣ тавр истифода мебаред? Шумо чиро бояд дар идоракунии атоҳое, ки Худо ба шумо додааст, тағйир диҳед?

*Пас, ҳар кас бояд моро ходимони Масеҳ ва идоракунандагони асрори Худо ҳисоб кунад. Аз идоракунандагон талаб карда мешавад, ки ҳар яке содиқ бошад.*

– 1 Қӯринтиён 4:1-2, NKJV

# 5

# Содиқ

Ҳавворӣ Павлус худаш ва Апӯллӯсро *ходимони* Исои Масеҳ ва *идоракунандагони* атоҳои Худо меномад. Дар боби қаблӣ мо фаҳмидем, ки ин тавсиф на танҳо ба ин ду муқаддасони бузург ё роҳбарони калисои имрӯза, балки ба ҳар як имондор дахл дорад. Шумо ва ҳам ман ходимони Исои Масеҳ мебошем, ва, дар навбати аввал, мо ҳамчун идоракунандагони неки атоҳое, ки ба мо бовар карда супорида шудаанд, ин вазифаро иҷро мекунем.

Биёед ба он диққат медиҳем, ки аз идоракунандагон чӣ талаб карда мешавад. Дар ояте, ки ин бобро оғоз мекунад, танҳо як сифат – *садоқат* зикр карда шудааст. Пеш аз он ки давом диҳем, биёед дар бораи он далел андешаронӣ мекунем, ки дар ин ҷо ду, се ё сифатҳои бисёр зикр карда нашудаанд. Павлус изҳор карда метавонист, ки аз идоракунандагон талаб карда мешавад, ки онҳо фараҳбахш, қавӣ, орифони Китоби Муқаддас бошанд, раҳмдилӣ ё ягон хислати дигари парҳезгорона дошта бошанд. Албатта ман аҳамияти ин хислатҳоро истисно намекунам. Бо вуҷуди ин, ман ба як хислат ишора мекунам, ва он *ҳатмӣ аст.* Аз ин боис, агар мо хоҳем, ки идоракунандагони нек бошем ва рӯзе аз Худовандамон "Офарин!" шунавем, омӯхтани ин хислат хеле зарур аст.

## ТАЪРИФИ САДОҚАТ

Ман мушарраф гардидаам, ки ба дастаҳои роҳбарикунанда дар тамоми ҷаҳон, на танҳо ба гурӯҳҳои хидматгузор, балки ба дастаҳои корпоративӣ, ҳукуматӣ, соҳибкорӣ, соҳаҳои маориф ва варзиш суханронӣ кунам, гарчанде ходимон аксарияти шунавандагони маро дар бар мегиранд. Чандин маротиба ман аз аъзои ин дастаҳо хоҳиш кардаам, ки бо як калима мафҳуми *"садоқат"*-ро шарҳ диҳанд. Қариб ҳар дафъа ҷавобҳои монандро шунида, ман қарор кардам, ки рӯйхати маъмултарини онҳоро тартиб диҳам:

- Устувор
- Собитқадам
- Мӯътамад
- Ростқавл
- Хушмуомила
- Росткор
- Вафодор
- Фидокор
- Ҳақгӯй
- Суботкор
- Итоаткор

Дигар таърифҳо ҳам буданд, аммо инҳо бисёртар зикр карда шудаанд. Аз ҳама муҳимтаринаш он аст, ки ҳамаи ин ҷавобҳо ба шарҳи луғавӣ ва синонимҳои калимаи *"содиқ"* мувофиқ ҳастанд.

Аммо боз як таърифи хеле муҳими ин калима мавҷуд мебошад, ки боре ҳам дар ягон воҳӯрӣ нашунидам – "афзункунӣ".

Шумо фавран фикр карда метавонед: *"Афзункунӣ? Ин таърифи садоқат нест!"* Эҳтимол, шумо, ба мисли муаллимони мактабии ман аз фанни забони англисӣ, аллакай оиди донишҳои забономӯзии ман шубҳа пайдо мекунед. Бо вуҷуди ин, ман шуморо бовар мекунонам, ки дар охири ин боб на танҳо бо ин таърифи садоқат розӣ мешавед, балки, бо эҳтимоли зиёд, онро яке аз муҳимтарин мешуморед.

## МАСАЛ ДАР БОРАИ ТАЛАНТҲО

Барои фаҳмонидани ғояи афзункунӣ, биёед масали Исоро дар бораи талантҳо меомӯзем. Лутфан, онро бо диққат хонед, ҳатто агар шумо онро маротибаи зиёд хондаед.

> “Подшоҳии Худоро ба марде монанд кардан мумкин аст, ки сафари дур рафтанӣ шуда, ғуломони худро талабид ва молу мулкашро ба онҳо супурд (Матто 25:14, NLT).

Аввалан, ин ҳикоя масалест, ки маънои рамзӣ дорад, на аслӣ. Бинобар ин, мо онро бояд дар партави Китоби Муқаддас ё матлаби пурраи Каломи Худо тафсир кунем. Шахсе, ки ба сафари дур рафт, рамзи Исо аст. Хидматгорон ва идоракунандагони ӯ мо ҳастем.

Дуюм, диққат диҳед, ки сафар тӯлонӣ аст ва он бо ду далел тасдиқ карда мешавад. Аввалан, аз замоне, ки Исо бунёди Подшоҳии Худоро, яъне он чиро, ки ба хотири он Ӯ ҷон фидо кард, фармоиш дод, тақрибан ду ҳазор сол гузашт. Маълум аст, ки Ӯ ҳоло барнагаштааст, вале ҳатто аз лиҳози таърихӣ то имрӯз вақти зиёд сипарӣ шудааст.

Сеюм, ин масал бори дигар нишон медиҳад, ки идоракунӣ ба микроидоракунӣ мубаддал намешавад. Марде, ки дар масал ба сафар мебарояд, барои тафтиш кардани кори хидматгорони худ ҳар моҳ барнамегардад. Мувофиқи ин масал, ӯ то баргашта омадани худ кори онҳоро тафтиш намекунад.

Биёед давом медиҳем:

> “Ӯ панҷ халта нуқраро ба яке, ду халта нуқраро ба дигаре ва як халта нуқраро ба сеюмӣ, ба ҳар яке ба андозаи қобилиятҳояшон тақсим карда дод. Пас аз он ӯ ба сафар баромад” (Матто 25:15, NLT).

Дар ин ҳикоя ба онҳо пул бовар карда супориданд. Дар бисёр тарҷумаҳои Китоби Муқаддас калимаи *“талант”,* ки тарҷумаи дақиқи калимаи юнонии *“талантон”* аст, истифода

бурда мешавад. Талант ченаки тарозу аст ва, асосан, барои тилло ва нуқра ба кор бурда мешавад. Як талант, тақрибан ба 34 килограмм баробар аст. Мувофиқи ақидаи аксарияти мутахассисон як талант тақрибан 18.000 доллари амрикоӣ арзиш дорад (дигар ақидаҳо фарқ мекунанд, вале кам). Аммо, ҳамаи мутахассисон аз он ҷиҳат ҳамфикр мебошанд, ки Аҳди Ҷадид талантро ҳамчун миқдори зиёди пул арзёбӣ мекунад. Сию чор килограмм нуқра – ин чизи майда-чуйда нест!

Аз рӯи фаҳмиши ҳозираам, ман чунин намеҳисобам, ки барои тафсири ин масал миқдори дақиқи пул муҳим аст. Вале мо бо итминони комил гуфта метавонем, ки як талант рамзи масъулияти калон мебошад.

Ман бовар намекунам, ки Исо дар ин ҷо оиди пул суханронӣ кардааст, гарчанде, умуман, ин ба пул низ дахл дорад. Дар масалҳои худ Исо он чиро, ки Ӯ дар назар дорад, ба сифати рамзҳо хеле кам истифода мебарад. Аз рӯи суханони Ӯ, гандум рамзи одамони парҳезгор, мастакҳо – одамони бадкор, тухмиҳо – суханон, хорҳо – ташвиши ин дунё, дарав – анҷоми ин олам, даравгарон – фариштагон, ва ғайраҳо мебошанд. Аз рӯи матлаби пурраи Аҳди Ҷадид, бо эҳтимоли зиёд ин талантҳо *харизма* ё атоҳои ба мо додашуда мебошанд.

Боз як далели муҳим дар ин ҳикоя он аст, ки хидматгорон пулро ба миқдори баробар нагирифтанд. Каме баъдтар мо дар ин бора муфассалтар гап мезанем, аммо маҳз барои ҳамин ман аллакай чандин маротиба он чиро, ки ба мо супорида шудааст, атоҳо номидам. Баъзеҳо як ато доранд, дигарон – ду ато, ва баъзеи дигарон – атоҳои бисёртар.

Миқдори гуногуни маблағҳо рамзи дараҷаҳои гуногуни нуфузи атоҳои мо мебошанд. Биёед рӯирост гап мезанем: одамоне ҳастанд, ки атоҳояшон нисбат ба атоҳои дигарон нуфузи зиёдтар доранд. Бисёриҳо атои сурудхонӣ доранд, ва онҳо ҳамаи он касонеро, ки онҳоро мешунаванд, рӯҳбаланд мекунанд. Аммо на ҳама сарояндагон соҳиби истеъдоди Селин Дион ва Андреа Бочелли мебошанд. Аз ин рӯ, ман чунин меҳисобам, ки ҳар як

талант рамзи атои муайян ё дараҷаи ин ато мебошад. Биёед давом медиҳем:

> “Хидматгоре, ки панҷ халта нуқра гирифта буд, ба тиҷорат машғул шуда, боз панҷ халтаи дигар фоида гирифт. Хидматгоре, ки ду халта нуқра гирифта буд, низ ба кор шурӯъ кард ва ду халтаи дигар фоида гирифт. Аммо хидматгоре, ки як халта нуқра гирифта буд, дар замин чоҳе канд ва пулҳои хӯҷаини худро пинҳон кард” (Матто 25:16-18, NLT).

Биёед ман бо гузоштани номҳо ба хидматгорон ин ҳикояро фардӣ кунам. Хидматгори якумро Элисон, дуввумро Боб, сеюмро Ларри меномем. Элисон бо панҷ халта сар карда, онро *афзун кард* ва дар натиҷа ба даҳ расонд. Боб ду халтаи худро *афзун кард* ва дар натиҷа ба чор расонд. Аммо Ларри атои ба ӯ супоридашударо афзун накард; ӯ онро танҳо *нигоҳдорӣ* кард. Биёед ба он назар меандозем, ки ин чӣ тавр намудор мешавад:

Элисон: 5 x 2 = 10

Боб: 2 x 2 = 4

Ларри: 1 = 1

Минбаъд ман хидматгоронро бо номҳое, ки мо ба онҳо гузоштем, ном мегирам.

## ДОВАРӢ

Бори дигар қайд кардан бениҳоят зарур мебошад, ки Исо дар ин масал калимаи “дур”-ро таъкид кардааст. Ин ҳикоя аз баёни сафари дур сар шудааст, ва боз, Ӯ мегӯяд: “Пас аз муддати дуру дарозе оғои он ғуломон омада, аз онҳо *ҳисобот* талаб кард, ки онҳо пули ӯро чӣ тавр истифода бурданд” (Матто 25:19, NLT). Ҳисоботе, ки хӯҷаин аз ҳар як идоракунанда талаб кард, рамзи доварие аст, ки ҳар як кас ба он ҳозир мешавад ва дар он ҳаллу фасл карда мешавад, ки мо атоҳои ба мо супоридашударо чӣ тавр истифода бурдем. Биёед аввал дар бораи доварии Элисон мехонем:

> *«Элисон,* ки панҷ халта ба ӯ супорида шуда буд, боз бо панҷ халтаи дигар ба пеш баромад ва гуфт: “Хӯҷаин, ту ба ман панҷ халта нуқра додӣ, ва ман боз панҷ халтаи дигар фоида ба даст овардам”».

Ҳукми хӯҷаини ӯро гӯш кунед:

> Хӯҷаин ӯро таҳсин кард: “Офарин, эй хидматгори нек ва содиқ! Дар идора кардани ин маблағи андак *ту содиқ будӣ,* акнун ман ба ту вазифаи бештар медиҳам. Ҳама якҷоя хурсандӣ мекунем! (Матто 25:20-21, NLT).

Дар ин ҷо ҳақиқати муҳиме ҳаст, ки мо набояд нодида гирем. Хӯҷаин мегӯяд: “Ту содиқ будӣ”. Шумо ҷавоби хӯҷаинро чи хеле ки мехоҳед, маънидод кунед, аммо он шарҳу тафсири дигар надорад: Исо бевосита *садоқатро* ба *афзункунӣ* нисбат медиҳад. Суханони хӯҷаинро бо диққат аз нав хонед; дар он аз ғайр аз коре, ки Элисон кардааст, чизи дигаре гуфта нашудааст. Ӯ нагуфтаст, ки вай устувор, мӯътамад, вафодор, фидокор, ростқавл буд, ва дигар таърифҳои яккалимагии *садоқатро* истифода набурдааст. Маро нодуруст нафаҳмед – ҳамаи ин хислатҳои олиҷаноб садоқатро тасвир мекунанд, аммо онҳо дар ин ҷо зикр карда нашудаанд. Ӯ бевосита *садоқатро* бо *афзункунӣ* алоқаманд мекунад!

Боб низ айни ҳамон суханонро шунид. Дар бораи ҳукми ӯ бодиққат хонед:

> *«Боб,* ки ду халта нуқра гирифта буд, ба пеш баромад ва гуфт: “ Хӯҷаин, ту ба ман ду халта нуқра додӣ, то ки ба кор андозам, ва ман боз ду халта нуқра фоида гирифтам”».

Ҳукми аллакай шиноси хӯҷаини ӯро гӯш кунед:

> «Хӯҷаин гуфт: “Офарин, хидматгори нек ва содиқ. Дар идоракунии ин маблағи андак *ту содиқ будӣ;* барои ҳамин акнун ман ба ту вазифаи зиёдтар медиҳам. Якҷоя хурсандӣ мекунем!”» (Матто 25: 22-23, NLT).

Боз, Исо *садоқатро* ба *афзункунӣ* нисбат медиҳад. Ҳеҷ чизи дигар зикр карда нашудааст – на ягон кор, некӯкорӣ ё натиҷаҳо! Исо намехоҳад, ки таъкидкунии хӯҷаин суст карда шуда бошад. Танҳо ба як хулоса омадан мумкин аст: ин хидматгор чизеро, ки ба ӯ супорида шуда буд, афзун кард, ва ин ба таври возеҳ ба садоқат баробар карда шуд.

Ҳамчунин таҳсине, ки Боб гирифт, бо он суханоне, ки ба Элисон гуфта шуда буд, калима ба калима мувофиқ меояд. Ин нишон медиҳад, ки дар рӯзи доварӣ афзункунии мо дар асоси меҳнати мо “баҳогузорӣ” карда мешавад. Исо новобаста аз дараҷаи нуфузи атоҳои мо ба таври баробар аз мо хурсанд мешавад. Танҳо як чиз муҳим хоҳад буд – оё мо атоҳоямонро афзун кардем?

Масалан, соҳибхоназан ё модар, ки самаранокии худро афзун кардааст, айни ҳамон таҳсинро сазовор мешавад, ки як соҳибкоре бо афзун кардани маҳсули кор ва хайроти худ дар Подшоҳии Худо сазовор шудааст.

Акнун бошад, дар бораи доварии Ларри мехонем:

> «Пас аз ин бо як халта нуқра *Ларри* омад ва гуфт: “Хӯҷаин, ман медонистам, ки ту одами сахтгир ҳастӣ, аз он ҷое, ки кишт накардаӣ, медаравӣ, ва аз ҷое, ки напошидаӣ ҳосил ҷамъ мекунӣ. Ман тарсидам, ки пули туро гум мекунам, ва рафта онро дар замин пинҳон кардам. Инак, ман пули туро бармегардонам”» (Матто 25:24-25, NLT).

Пеш аз он ки ба ҳукми Ларри гузарем, биёед, баъзе ҳақиқатҳоро қайд мекунем. Аввалан, Ларри афзун накард, танҳо чизи ба ӯ супоридашударо нигоҳ дошт. Ҳамчунин ба он диққат диҳед, ки чаро ӯ таланти худро афзун накард. Ӯ хислати хӯҷаини худро намедонист, бинобар ин иштибоҳан вайро сахтгир ҳисобид. Дар давоми солҳои хидматгузорӣ ба имондорон дар қисмҳои гуногуни ҷаҳон ва табақаҳои гуногуни ҷамъият, ман мушоҳида кардам, ки яке аз монеаҳои асосӣ барои самаранокӣ ин надонистани хислати Худо мебошад (ман дар ин бора дар яке аз бобҳои оянда муфассал гап мезанам).

Дуруст нашинохтани Худо аксар вақт дар мо он чизро ба вуҷуд меорад, ки ба афзун кардани чизҳои ба мо супорида шуда монеа мешавад, яъне *тарсро*. Ларри тарсид! Аз сабаби тарсу ваҳм ё беҷуръатӣ атоҳои ҳақиқии Худо дар ҳаёти мо амал карданро бас мекунанд. Аҳамияти ин далелро баҳогузорӣ кардан ғайриимкон аст. Ман инро на аз рӯи шунидан медонам, чунки ман солҳои дароз аз ин азият кашидаам (ман ҳамчунин дар ин бора дар яке аз бобҳои оянда нақл хоҳам кард).

Биёед ба ҳукми Ларри нигоҳ мекунем:

> «Аммо хӯҷаин гуфт: “Эй хидматгори *шарир* ва *танбал!”»* (Матто 25:26, NLT).

Чӣ қадар ҷавоби қатъӣ! Биёед, пеш аз давом додан, бозмеистем ва ин суханонро меомӯзем. Дар ёд дошта бошед, ки ҳамаи он се нафар – на танҳо Элисон ва Боб, балки Ларри низ *хидматгор* мебошанд. Ду нафари аввал одамони *бегона* нестанд. Ва маҳз хӯҷаини *онҳо* кори онҳоро муҳокима мекунад. Ларри бар хилофи ду нафари дигар, “Офарин, хидматгори нек ва содиқ” гуфтани хӯҷаинро нашунид. Ба ҷои ин, ӯ шунид: “Хидматгори шарир ва танбал!” Ин суханон равшан диққатро ҷалб мекунанд. Исо дар ин ҷо на дар бораи наҷот, балки дар бораи доварӣ суханронӣ мекунад, ва дар он доварӣ масъалаи он, ки чӣ тавр мо атоҳои худро истифода бурдем, ва оё мо барои кори худ мукофот мегирем ё зиён мебинем, баррасӣ карда мешавад.

Биёед ҳар ду суханони хӯҷаинро бодиққат меомӯзем. Аз осонтараш сар мекунем. Калимаи *“Танбал”* аз калимаи юнонии *“окнерос”* тарҷума шудааст, ки маънояш “мавқуф гузоштан, сустҳаракат, дермонда, беамал, танбал”[viii] мебошад. Боз як луғат ин калимаро ҳамчун “алоқаманд ба калавиш ё канорагирӣ аз як шуғли арзанда, эҳтимол, аз сабаби набудани ғурур” [ix] маънидод мекунад.

Дӯсти ман Рик Реннер, коршиноси забони юнонӣ, дар бораи калимаи *“окнерос”* чунин мегӯяд: ин калима одамеро мефаҳмонад, ки ба ҳаёт муносибати фориғболона, бефарқона,

бепарвоёна, беҳиссиётона, ғайрифаъол ва беҳавсала дорад”. Дар асоси ин се маъхаз, мо таърифи ин калимаи юнониро пайдо мекунем, ки тасаввуроти моро васеъ менамояд ва барои хубтар фаҳмидани он кӯмак мекунад.

Агар шумо тарсед, дудила мешавед ё аз иштирок кардан дар ягон коре, ки кардан мумкин аст ё бояд карда шавад, канорагирӣ мекунед. Агар шумо бефаъолият бошед, барои ба анҷом расонидани коре, ки бояд карда мешуд, кӯшиш намекунед. Агар шумо бефарқ бошед, шумо ҳатто дар бораи сар кардани коре фикр ҳам намекунед. Ин калимаи юнонӣ ҳар сеи маъноро дар бар мегирад, аммо хидматгор иқрор шуд: “Ман тарсидам”. Дигар тарафҳои танбалӣ низ дар ҳаёти вай зоҳир шуда метавонистанд, аммо барои вай дудилагӣ аз тарс ҳалкунанда буд.

Шумо оё ягон бор барои иҷро кардани коре хоҳиш пайдо карда, онро аз майнаатон дур карда натавонистаед, махсусан дар вақти дуо, аммо хеле дурудароз дудила шудаед, чунки аз ноком шудан тарсидаед? Оё чунин ҳолат рӯй дода буд, ки баъд аз ин шумо дидаед, ки каси дигар бо ягон тарзе ин корро кардааст, ва шумо фикр кардаед: *“Ин идеяи ман буд; ин корро бояд ман мекардам”?* Ана Исо чиро дар назар дошт, вақте ки дар бораи ин хидматгор гап мезад. Вай доимо дудила мешуд, на як бору ду бор, балки дар тӯли тамоми идоракунии худ. Ин чанд маротиба ҷоиз аст, зеро одатан мо бо он ба воя мерасем. Вале агар мо муддати дароз ба дудилагӣ андармон шавем, он ба одати мо табдил меёбад, ва мо аз боиси он аз ҳар гуна амал канораҷӯӣ мекунем, ва идоракунии мо бесамар мешавад.

Вақте ки Худованд аввалин бор аз ман навиштани китобҳоро талаб кард, ман 10 моҳ дудила шудам. Ман аз навиштан метарсидам. Ман доимо дар мактаб ноком мешудам. Як ҳамсабақам дар донишгоҳ кори хаттии маро ошкоро дар назди ҳама танқид карда буд! Мо супорише доштем, ки як қисми он хондани мактуби якдигар буд, ва, дар вақти мусоҳиба, ҳамсабақи ман ба профессор норозигии худро оид ба кори ман изҳор кард. Ман ягона донишҷӯе будам, ки аз ҳамсабақам танқид шунидаам.

Тарси ман асоси мустаҳкам дошт. Ман оид ба санҷишҳои

Стандартишуда ва Америкоӣ холҳои бад доштам, муаллимон норозигӣ баён мекарданд, баҳоҳоям паст буданд ва ҳамсабақи танқидкунанда доштам; гузаштаам ҷонибдори ман набуд. Ҳамаи инҳо танҳо шубҳаҳои маро тасдиқ мекарданд. Ба замми ин, навиштани китоб вақти зиёдро талаб мекард, ва вақт хеле муҳим буд. Ин ба кӯшишҳои ман бахри ривоҷи хидматгузории ҷавонон ба ман халал расонида метавонист. Барои итоат кардан ба супориши Ӯ ман бояд ин ҳама тарсу хавотириҳои ҷиддиро як сӯ мегузоштам.

Агар ман ба ҷои итоат кардан дурудароз дудила мешудам, чӣ мешуд? Натиҷа айнан ҳамон гуна мешуд, ки Худо ба воситаи ду зане, ки пештар ёдрас кардам, баён карда буд. Ӯ ин талантро ба каси дигар медод, ба "Элисон"-и дигар, ки даъвати маро соҳиб мешуд ва онро иҷро мекард. Ва имрӯз ман дар куҷо мебудам? Наход ман дар назди тахти доварӣ танбал номида мешудам?

Ман дарк намекардам, ки даъвати ман ба воситаи навиштани китобҳо бояд иҷро мегардид. Агар шумо то сӣ сола шудани ман мегуфтед: "Ҷон, Худо туро ба воситаи китобҳоят ба назди халқҳои ҷаҳон мефиристонад", ман қоҳ-қоҳ зада механдидам, ва аз пасатон дарро пӯшида истода, мегуфтам: "Ту девона шудаӣ! Ман ҳатто кори хаттии иборат аз се саҳифаро навишта наметавонам". Аммо имрӯз китобҳои ман дар ИМА ва ҷаҳон серхаридортарин мебошанд; онҳо ба бештар аз 100 забонҳо тарҷума ва даҳҳо миллион нусха чоп карда шудаанд. Агар ман итоат намекардам, чӣ мешуд? Агар ман ба тарс имкон медодам, ки маро дар қайди худ нигоҳ дорад, чӣ мешуд? Ман дар бораи он ки чӣ гуна имконияттро аз даст дода метавонистам, фикр карда, як қад мепаррам.

Акнун биёед дар бораи калимаи мушкиле, ки хӯҷаин ба хидматгори сеюм гуфт, сӯҳбат мекунем. Калимаи *"шарир"* аз ҳад зиёд қатъиёна ба назар мерасад, аммо Исо ҳеҷ гоҳ калимаро бе мақсад истифода намебарад. Он аз калимаи юнонии *"понерос",* ки маънояш "камбудии ҷиддӣ доштан ва, дар натиҷа, бефоида будан"[x] аст.

Агар онро ба ҳисоб гирем, ки Ларри бо атои худ чӣ гуна рафтор кард, пас ин шарҳи луғавӣ мувофиқ мебошад. Он ҳамон маъноро дошта метавонад, ки Павлус "вой бар ҳоли ман" гуфта буд, дар

ҳоле ки агар ӯ алоқамандона ба атое, ки аз Худо гирифтааст, содиқона рафтор намекард. Тасаввуроти нодурусти Ларри дар бораи хӯҷаинаш камбудии ҷиддие буд, ки тарси ӯро зиёд мекард. Ӯ дар истифодаи атое, ки ба ӯ супорида шуда буд, *бефоида* буд. Ин изҳорот бениҳоят қатъиёна мебошанд, вале, агар рафтори Ларриро бо суханони Павлус оиди беэътиноӣ кардан ба атои худ муқоиса кунем, онҳо бо ҳам мувофиқ меоянд.

Иҷозат диҳед, то ошкоро гӯям, ки ин ба наҷоти мо дахл надорад, балки ба он дахл дорад, ки чӣ тавр мо нисбат бо атоҳои худ рафтор мекунем. Худо инро ба таври зерин баррасӣ мекунад:

*Одамоне, ки афзун мекунанд, меҳрубон ва содиқанд.*
*Одамоне, ки танҳо нигоҳ медоранд, камбудии ҷиддӣ доранд,*
*танбал ва бефоида мебошанд.*

Оё имкон дорад, ки тасаввуроти мо оиди садоқат нопурра бошад? Дар бораи мисоли зерин андеша кунед: як шахси кордон дар ноҳияе, ки иқтисодиёташ қавӣ ва рушдкунанда аст, зиндагӣ мекунад. Кори ӯ – мағозаи хурдакак, ки аз падараш мерос гирифтааст ва он фоида меорад, вале рушд намекунад. Ӯ имкон дошт, ки филиалҳои нави мағозаи худро дар дигар қисмҳои шаҳр кушояд, аммо ба атои соҳибкории худ нигоҳ накарда, ӯ аз “зиндагии бароҳат” қаноатманд буд.

Биёед ин мисолро дар партави масали худамон дида мебароем. Ҳукми Ларриро ба ҳисоб гирифта истода, биёед ду саволи муҳим медиҳем. Оё ба ин соҳиби мағоза лозим нест, ки ба хотири бунёди Подшоҳии Худо атои худро истифода бурда, мағозаҳои нав кушояд ва ба бозорҳои нав роҳ ёбад? Оё хоҳиши “таваккал накардан”-и ӯ ба стратегияи “нигоҳ доштан”-и хидматгори бесадоқат монанд нест?

Оё мо ҳамон меъёрҳоеро, ки Исо барои муайян кардани садоқатмандӣ истифода мебурд, истифода мебарем? Гарчанде таъминоти зиндагии ин шахси кордон хуб аст, оё ин дарвоқеъ масъалаи асосӣ нест, ки ӯ бояд атоҳои худро афзун кунад, ё танҳо онҳоро нигоҳ дорад? Биёед дар баҳогузорӣ кардан ростқавл бошем.

Оё мо самаранокиро ба ҳисоб нагирифта, ба садоқат танҳо дар асоси боэътимодӣ баҳо медиҳем? Дар асоси бардавомӣ, бидуни ба ҳисоб гирифтани вусъатёбӣ? Дар асоси суботкорӣ, бидуни ба ҳисоб гирифтани афзункунӣ? Наход ки мо мазмуни пурраи садоқат, яъне афзун кардани атоҳоеро, ки гирифтаем, аз даст дода бошем?

Вақте ки Худо марду занро офарид, ҳукми аввалини Ӯ "Борвар ва афзун шавед" (Ҳастӣ: 1:28) буд. Албатта, Ӯ онро дар назар дошт, ки фарзандон ба дунё оварда, заминро пур кунем. Вале ҳамчунин, ва ба андозаи зиёдтар, ҳукми ӯ чунин маъно дорад: *"Мо бояд ҳама он чиро, ки Худо барои нигоҳубин кардан ба мо супоридааст, афзун карда, ба Ӯ баргардонем".* Мо бояд ба воситаи афзункунӣ "зиёд" шавем. Дар масали оид ба талантҳо Исо ҳамин ҳукми аввалинро аз китоби Ҳастӣ бевосита ба атоҳои ба мо супоридашуда истифода мебарад.

## НА БО ҚОБИЛИЯТИ ШУМО!

Шумо ошуфта шудед? Шояд ҳа, аммо дар ёд дошта бошед, ки файзи Худо – ин ҳама чизе, ки ба мо лозим мебошад. Аз шумо на бо қуввати худ иҷро кардани ҳама ин чизҳо талаб карда мешавад, балки бо *харис* ва *харизмаи* Худо. Ман ин паёмро на барои он навиштам, ки шасти шуморо гардонам, балки ба шумо дар бораи потенсиале, ки Худо ба шумо додааст, хабар диҳам, ва имони шуморо ба файз ва атоҳои шумо афзун намоям. Ман нияти онро надорам, ки ба дӯши шумо бори гаронеро гузорам, ки бардошта наметавонед. Павлус се маротиба ба Худо дуо кард, то ки Ӯ бори вайро сабук кунад, аммо бубинед, ки Худо ба вай чӣ ҷавоб дод:

> «"Барои ту файзи Ман басанда аст, зеро ки қуввати Ман дар заъф комил мешавад". Ба ин сабаб ман бо рағбати бештар аз заъфҳои худ фахр менамоям, то ки қуввати Масеҳ дар ман сокин гардад. Бинобар ин заъфҳоям ба ман *писанд* ҳастанд» (2 Қӯринтиён 12:9-10, NLT).

Яке аз шарҳҳои луғавии калимаи юнонии "заъф" калимаи "маҳдудият" мебошад. Шумо ва ман ягона одамоне нестем, ки гоҳ-

гоҳе афсурдахотир мешавем. Ҳамаи мо маҳдудиятҳо дорем: ҳатто ҳаввори Павлус маҳдудиятҳо дошт. Дар контексти бевоситаи ин оят ӯ дар бораи муқобилият, зиддият ва ҳатто таъқиботи ҷисмоние менависад, ки дар ҳар шаҳр ӯ дучор мешуд (ниг. боби 11), аммо ин ҳақиқат ҳамчунин ба маҳдудиятҳо ва ба вазъиятҳои мушкиле дахл дорад, ки ҳар яки мо рӯ ба рӯ шуда метавонем, он гоҳ вазифаи мо иҷронашаванда ба назар мерасад. Гарчанде ин, албатта, осон нест, ин бояд моро водор намояд, ки ҷуръати бештар дошта бошем ва ба қуввати Ӯ такя кунем. Ба ҷои он ки маҳдудиятҳоеро, ки дар гӯшатон садо медиҳанд, *гӯш андозед,* ваъдаҳои Худоро *эълон кунед.* Шояд, мо, ба ҷои он ки ҳақиқатҳои Ӯро ёдоварӣ кунем аз ҳад зиёд ба фикрҳои худ гӯш медиҳем!

Павлус се маротиба аз Худо талаб кард, ки дахолат кунад, ва ҳар дафъа Худо ба вай *харисро* ёдрас мекард. Маротибаи сеюм Павлус фаҳмид; ӯ дарк кард, ки маҳдудиятҳои ӯ бояд ӯро танҳо барои боз ҳам бештар бовар кардан ба файз ва атоҳои Худо дар ҳаёти худ водор кунад.

Ана барои чӣ ӯ дигар талаб накард: “Худо, инро бигир!”, ва гуфт: “Заъфҳоям ба ман *писанд* ҳастанд”. Наход ӯ калимаи “писанд”-ро ба забон оварда бошад? Бале! Ӯ дарк кард, ки чӣ қадар матлаб ғайриимкон бошад, ҳамон қадар бештар қуввати Худо дар ҳаёти ӯ намоён мешавад, *агар ӯ бовар кунад!*

Як ҳақиқати муҳим мавҷуд мебошад: *файзе, ки ба мо барои афзункунӣ лозим мебошад, танҳо бо имон ба даст овардан мумкин аст!* Павлус менависад: “Мо *бо имон* сӯи ин файз роҳ ёфтаем” (Румиён 5:2, НРП). Инро ба таври зерин тасаввур кунед: имон ин қубуре аст, ки файзи зарурӣро барои афзункунӣ ба қалби мо мерасонад. Вақте ки мо ин паёмро мешунавем, имони мо (ё қубур) бояд васеъ шавад, на танг. Ин интихоби мо аст. Навишта шудааст:

> “Аммо ба онҳо каломе ки шуниданд, *фоидае набахшид,* чунки бо имони шунавандагон напайваст. Зеро бо имон *ба оромӣ дохил мешавем”* (Ибриён 4:2-3).

Ин ҳақиқатҳоро чунон қабул накунед, ки барои шумо *бефоида*

бошад. Ба ҷои ин, онҳоро бо имон ҳазм кунед. Айни ҳамон як Калом аз Худо ба исроилиён ду натиҷаи гуногун дошт. Он барои Мӯсо, Еҳушаъ ибни Нун, Колеб *фоидабахш* буд; онҳо ба он мусбӣ назар карда, мустаҳкам шуданд. Аммо айни ҳамин калом барои исроилиёни боқимонда *бефоида* буд, чунки онҳо аз ҷиҳати манфӣ ба он нигоҳ карданд. Фарқи имон ва беимонӣ ана дар ҳамин аст.

Бовар кунед, ки Худо шуморо устувор гардонд, то ки аз қобилиятҳои табиии худ пеш гузаред. Ӯ ба шумо барои қувват пайдо кардан ғайр аз файзи Худ усули дигареро надод. Ба файзи Ӯ такя карда, шумо *ба оромии ҳақиқӣ дохил мешавед* – шумо дигар ба қуввати шахсиатон умед намебандед ва барои ноил шудан ба натиҷаҳо мубориза намебаред. Ин *оромӣ* худаш чӣ аст? Ин ҳамкорӣ бо қобилиятҳои Худо аст, то ки рисолати худро иҷро кунед. Вақте ки шумо ба оромӣ дохил мешавед, Худо шуморо ба афзункунӣ роҳнамоӣ мекунад!

Ин яке аз сабабҳои он аст, ки Довуд “марде, ки мувофиқи табъи дили Худост” номида шуд. Ӯ ба қуввати Худо такя мекард, на ба қуввати худ. Ӯ чандинбора такрор мекард: “Худованд истеҳкоми ҷони ман аст” (Забур 26:1). Дар ҳар чизе, ки ӯ муваффақ шуд, як умумияти хос мавҷуд буд: ӯ ба қобилиятҳои Худо, ки дар ӯ ва ба воситаи зоҳир мешуданд, такя мекард. Ана барои чӣ Павлус ба фарзанди рӯҳонии худ Тимотиюс, ки бо тарс ва камҷуръатӣ мубориза мебурд, навиштааст: “Эй фарзандам, *бо файзе* ки дар Исои Масеҳ аст, *қавӣ бош”* (2 Тимотиюс 2:1, НРП).

Маҳз барои ҳамин ман бобҳои дуюм ва сеюми ин китобро ба он бахшидам, ки пеш аз омӯхтани масали Исо дар бораи талантҳо фаҳмишатонро оиди *харис* ва *харизма* мустаҳкам кунам. Дар акси ҳол, аз фикри он, ки идоракунии худро бояд бо қуввати худ иҷро кунем, моро ҳиссиёти афсурдаҳолӣ ва ошуфтагӣ фаро гирифта метавонист.

*Лутфан, фаромӯш накунед: даъвати шумо аз қобилияти табиии шумо бузургтар аст.* Эҳтимол, маҳз барои ҳамин навишта шудааст:

> “Эй бародарон, бингаред, ки шумо, вақте ки *даъват шудед,* чӣ будед: бисёре ҳаким нестед, бисёре тавоно нестед, бисёре наҷиб нестед; лекин Худо ҷоҳилони ҷаҳонро баргузид, то ки ҳакимонро шарманда кунад, ва нотавонони ҷаҳонро баргузид, то ки тавонгаронро шарманда кунад; ва Худо бекасони ҷаҳон ва ҳақиронро, ва он чиро, ки номавҷуд аст, баргузид, то ки мавҷудро ботил кунад, — барои он ки ҳеҷ ҷисме дар пеши Худо фахр накунад” (1 Қӯринтиён 1:26-29, НРП).

Барои чӣ ҳамин тавр аст? Барои чӣ дар байни онҳое, ки даъват шудаанд, ҳакимон, тавонгарон ва наҷибон зиёд нестанд? Наход сабаб дар он бошад, ки барои одамони табиатан соҳибистеъдод бо қуввати худ “муваффақ шудан” осонтар аст? Дар асл, ин одамон нодонанд, чунки худро бо дигарон муқоиса карда, худро ғолиб меҳисобанд, дар ҳоле ки онҳо бояд худро дар партави даъвате, ки аз Офаридгор гирифтаанд, бубинанд.

Павлус ин гуна шахс набуд. Гарчанде то наҷот ёфтан ӯ дар муқоиса бо ҳамзамонони худ ҳаким ва наҷиб буд, лаҳзае фаро расид, ки ҳамаи ин қобилиятҳои табииро “ахлот” ҳисоб кард, то қуввати Масеҳро дарёбад. Ӯ яке аз бисёр шахсоне буд, ки чунин рафтор кардаанд, зеро дарк кард, ки ҳатто агар ӯ аз аксарияти одамон хирадмандтар бошад ҳам, дар муқоиса бо ҳикмати Худо хирадманд набуд (ниг. Филиппиён 3:4-11).

## СОТСИАЛИСТӢ Ё КАПИТАЛИСТӢ?

Биёед омӯзиши масали Исоро давом медиҳем. Дар ҳақиқат, шумо мебинед, ки давоми ин масал боз ҳам бештар шавқовар ва ҳайратангез аст.

> “Он гоҳ ӯ амр кард: “Пулҳоро аз вай гирифта, ба касе ки даҳ халта нуқра дорад, бидиҳед” (Матто 25:28, NLT).

Диққат кунед! Оё дар ин ҷо ҳамин тавр навишта шудааст? Ӯ амр мекунад, ки аз Ларри халтаи нуқраро (талантро) гирифта, ба Элисон диҳанд. Биёед мебинем, ки ин чӣ тавр намудор мешавад:

Элисон: 5 x 2 = 10 +1 (аз Ларри) = 11

Ларри: 1 – 1 (ба Элисон дода шуд) = 0

Элисон соҳиби 11 халта нуқра шуд, Ларри ҳеҷ чиз надорад!

Боре, ҳангоми дуо кардан, ман аз он чизе, ки дар қалбам шунидам, шах шуда мондам! Ман дар бораи ин ба шумо нақл мекунам. Ман аллакай оиди масал дар бораи талантҳо вақти зиёд фикр намекардам. Ҳамон саҳар ман шунидам, ки чӣ тавр Рӯҳи Худованд ба ман гуфт: “Писарам, мафкураи Ман бештар капиталистӣ аст, на сотсиалистӣ”.

*Чӣ?!* Ман аз шунидани суханони Ӯ ҳайрон шудам, лекин ман хеле вақти зиёд бо Худо равон будам, ва медонистам, ки Ӯ чизҳоеро ба мо нишон медиҳад, ки мо намедонем. Аксар вақт онҳо бар хилофи мафкураи динӣ ё маъмулӣ садо медиҳанд, ва ҳатто баъзе вақт бемаъно ба назар мерасанд! Ин дафъа, вақте ки ман суханони Ӯро шунидам, онҳо ба ман бемаъно тобиданд. Ман ҳикмат талаб кардам, зеро фикр мекардам, ки, новобаста ба дигарон, Худо дар амалҳои Худ сотсиалистӣ аст.

Ҳамон саҳарӣ Ӯ ба ман ин масалро ишора кард ва нишон дод, ки, агар мафкураи Ӯ сотсиалистӣ мебуд, ин масал ба таври дигар ба поён мерасид. Масал бо он тарз оғоз мешуд, ки ҳамаи се нафар миқдори баробари талантҳоро мегирифтанд.

Элисон: 3

Боб: 3

Ларри: 3

Элисон ва Боб содиқ буданд (афзун карданд), Ларри бошад, ҳамчун шахси бефоида ва танбал, ба худаш содиқ мемонд. Натиҷаҳо бояд чунин ба назар мерасиданд:

Элисон: 3 x 2 = 6

Боб: 3 x 2 = 6

Ларри: 3 = 3

Худои сотсиалистии фарзшаванда чунин рафтор мекард:

Элисон: 6 – 1 = 5

Боб: 6 - 1 = 5

Ларри: 3 + 1 (аз Элисон)
+ 1 (аз Боб) = 5

Дар охир ҳама панҷ талантӣ медоштанд! Аммо ин рӯй надод. Худо як халта нуқраро аз Ларри гирифта, онро ба нафаре, ки даҳ халта нуқра дошт, дод. Чаро? Исо мефаҳмонад:

> “Ба онҳое, ки чизи гирифтаашонро самаранок истифода мебаранд *(афзун мекунанд), бисёртар дода мешавад,* ва дар онҳо фаровон хоҳад шуд. Вале онҳое, ки ҳеҷ коре намекунанд *(нигоҳ медоранд),* ҳатто андак чизе, ки онҳо доранд, гирифта мешавад” (Матто 25:29, NLT).

Ман намегӯям, ки Худо капиталист аст. Бе ҳеҷ ваҷҳ! Ман онро дар назар дорам, ки дар ин ҳолати алоҳида капитализм ба мафкура ва роҳҳои Ӯ бештар мувофиқ меояд, на сотсиализм. Дар асри 21 ҷавонони моро дар Амрико ва дар дигар кишварҳо низ таълим дода истодаанд, ки ба таври сотсиалистӣ фикр кунанд. Сотсиализм парҳезгор ва фоидабахш нест; дар асл, он рӯирост ба хиради Худо муқобил аст. Ин яке аз рӯҳҳои зиддимасеҳ аст, ки дар зери ниқоби некӯаҳволии ҳамагон пинҳон шудааст ва мехоҳад ба танбалӣ мукофот диҳад ва меҳнатдӯстӣ, комёбӣ ва фаровониро ба ҷазо кашад.

Роҳи Худо ин роҳе аст, ки ба афзункунандагон бештар мукофот додан мехоҳад, ва Ӯ зид нест, ки дар онҳо *фаровонӣ* бошад. Исо мегӯяд: “Онҳо *фаровонӣ* хоҳанд дошт”. Худо мехоҳад, ки дар мо фаровонӣ бошад, *ба шарте, ки мо аз таҳти дил барои бунёди Подшоҳии Ӯ саъй кунем ва фаровонии худро барои дигарон истифода барем.*

Эҳтимол, шумо аллакай ин изҳоротро шунидаед: “*Худо зидди фаровонӣ нест; Ӯ зидди он аст, ки фаровонӣ моро тасарруф кунад”.* Ин фикр ҳақиқат аст. Одамоне, ки дар қалбашон оташи мақсадҳои Худо фурӯзон аст, аз ғун кардани сарват хушнуд намешаванд. Хушнудии онҳо аз роҳ рафтан бо Худо ва истифода бурдани фаровоние бармеояд, ки Ӯ барои бунёди Подшоҳии Худ

медиҳад. Фаровонӣ барои онҳо баҳри обод кардани дигарон фақат асбоб аст. Ва, маъмулан, агар мо хирадманд бошем, ба асбобҳои худ ошиқ намешавем.

Мо бояд як ҳақиқати муҳимро таъкид созем: мо бояд дар ҳаққи камбағалон – онҳое, ки ба меҳнат кардан қобил нестанд ва ба ёрдами аввала мӯҳтоҷанд, ғамхорӣ кунем. Павлус менависад: "Муҳаббат ба мо қувват мебахшад, ки вазниниҳои якдигарро бардошта, шариати Масеҳро иҷро кунем. Агар шумо фикр кунед, ки бениҳоят шахси муҳим ҳастед, ва хам шуда, ба дигар кас ёрдам карданро ор медонед, шумо худро фиреб медиҳед" (Ғалотиён 6:2-3,ТРТ).

Вақте ки роҳбарони калисои аввала вохӯрданд, онҳо дарк карданд, ки супоришҳои гуногун доранд, ва ҳатто дар байни онҳо баъзе гуногунфикрӣ мавҷуд буд. Вале онҳо аниқ бо он розӣ шуданд, ки бояд ҳатман ба камбағалон ва мӯҳтоҷон ёрдам кунанд. Павлус менависад:

"Онҳо фақат аз ман хоҳиш карданд, ки мо камбағалон ва мӯҳтоҷонро дар хотир нигоҳ дорем, ва ман иштиёқманд будам, ки маҳз ҳаминро ба ҷо оварам" (Ғалотиён 2:10, ТРТ).

Аммо муайян кардан зарур аст, ки одам *эҳтиёҷманд* аст, ё ӯ фақат *танбал* аст. Нуқтаи назари сотсиалистӣ аз он иборат аст, ки ҳам ба танбалон, ва ҳам ба мӯҳтоҷон ба ҳадди баробар дода шавад. Агар мо ба танбалон диҳем, мо танҳо вобастагии онҳоро ба худамон зиёд мекунем. Мақсади мо – ҳамеша одамонро ба сӯи атоҳои худододаи онҳо раҳнамун кардан аст, то ки онҳо низ муваффақ шаванд ва Подшоҳии Худоро бунёд кунанд.

## КОРБУРДИ АМАЛӢ

Ба ҳар ҳол, он ҳақиқат муҳим аст, ки ба мо атоҳо дода шудаанд, ва аз мо умед карда мешавад, ки онҳоро барои афзункунӣ истифода барем. Агар шумо Худоро дӯст доред, шумо аз таҳти дил атоҳои худро барои ҷалоли Ӯ истифода мебаред. Мақсади асосии ман ин аст, ки шуморо ба хоҳиш ва потенсиали дарунии шумо бедор кунам. Шумо барои мақсад – мақсади

махсус офарида шудаед. Шумо қобилияти афзун кардани он чизҳоеро доред, ки ба шумо барои ҷалоли Подшоҳи мо дода шудаанд. Ин хулосаи муҳимтарин аз ин боб мебошад.

Инак, мо фаҳмидем, ки ин масал чӣ гуна маънои рамзӣ дорад, ва акнун мо тайёр ҳастем, ки ба саволҳои амалӣ гузарем. Мо чӣ тавр инро ба кор бурда метавонем? Ин принсипҳо дар ҳаёти рӯзмарра чӣ тавр кор мекунанд?

Мо аз боби оянда сар карда, дар ин бора гап мезанем.

## ТАФАККУР КУНЕД

1. Як хислате мавҷуд аст, ки идоракунандаро возеҳ муайян мекунад – садоқат. Шумо садоқатро чӣ гуна тасаввур мекардед? Нуқтаи назари шумо баъд аз хондани ин боб то кадом андоза тағйир ёфт?

2. Афзункунии абадиро бо қуввати худ ба даст овардан номумкин аст. Ин натиҷаи ҳамкорӣ бо файзи Худо аст. Оё шумо бо қуввати худ барои афзун кардани атоҳоятон кӯшиш мекунед? Шумо чӣ тавр атоҳои худро аз мавқеи оромӣ афзун карда метавонед, на аз мавқеи мубориза?

3. Худо зидди фаровонӣ нест; Ӯ ба он зид аст, ки фаровонӣ моро тасарруф кунад. Ба фикри шумо, барои чӣ ба Худо зарур аст, ки шумо атоҳои худро афзун кунед? Чӣ тавр афзуншавии атоҳои шумо ба Худо боз ҳам бештар ҷалол оварда метавонад ва боз ҳам бештар ба дигарон таъсир мерасонад?

*Касе, ки чизи ками ба ӯ додашударо содиқона ва софдилона истифода мебарад, ба вай вазифаҳои бештар супорида мешавад.*

– Луқо 16:10, ТРТ

6

# Меҳнатдӯстӣ ва афзункунӣ

Мувофиқи суханони Исо, агар мо софдилона зиндагӣ кунем, устувор, боэътимод, фидокор, меҳнатдӯст бошем, ва чизеро, ки дар айни замон идора карда истодаем, афзун кунем, ба мо вазифаҳои зиёдтар дода мешавад. Содда карда гӯем, *вақте ки мо софдилона афзун мекунем, Худо ба мо масъулияти бештар медиҳад.* Ӯ ба мо пешравӣ медиҳад. Ин яке аз қонунҳои Подшоҳии Ӯ мебошад.

Худро тафтиш кунед. Оё мафкураи шумо ба афзункунӣ равона карда шудааст? Ё мафкураи шумо бештар ба нигоҳдорӣ равона карда шудааст? Оё шумо дараҷаи муайяни комёбиро, ки, ба фикри шумо, аз аксарияти одамон баландтар, аз волидайни шумо беҳтар, ва барои зиндагии бароҳат кифоя аст, муяссар шуда, бозистодед?

Ба худатон софдилона баҳогузорӣ кунед. Агар шумо бештар на ба афзункунӣ, балки ба нигоҳдорӣ майл доред, барои шумо хабари хуше ҳаст: шумо то ҳол дар ин замин зиндагӣ мекунед, ва шумо барои дигар шудан, афзун кардан, ва, дар натиҷа, барои масъулияти бештар гирифтан фурсат доред.

## ДУ НАТИҶАИ ГУНОГУН

Ҳатто дар айёми бачагӣ барои ман дарки ин ду мафкураи бо ҳам муқобил – нигоҳдорӣ ва афзункунӣ мушкил набуд, чунки ду

бобои ман онҳоро дар пеши чашмони ман таҷассум мекарданд. Яке аз онҳо дар синни 65 солагӣ ба нафақа баромад ва хонашин шуд. Ҳар сол ӯ барои ду ҳафта ба хабаргирии мо меомад, ва ман медидам, ки вай рӯз ба рӯз ба ҳеҷ чиз машғул намешуд. Ӯ дар сояи булути калони мо менишаст ва тамоку мекашид. Вақте ки мо ба хабаргирии ӯ мерафтем, аҳвол қариб ҳамон тавр буд. Мутассифона, дар солҳои охирини умраш ӯ, ба назарам, на бо ҳаёт, балки бо мавҷуд будан қаноат мекард.

Бобои дуюми ман дар 62 солагӣ ба нафақа баромад ва гуфтан мумкин аст, ки ҳаёти дуюми худро сар кард. Дар 60 солагӣ ӯ ба донишгоҳи "Ратҷерс" дохил шуд ва кишоварзиро омӯхт. Дар давоми даҳсолаи навбатӣ ду китоб навишт, як боғи калон бунёд кард, чорвои хонагӣ парвариш намуд, дар минтақаи наздисоҳилии иёлати Флорида барои сохтани кондоминимумҳо ёрӣ расонд, то ки ба пиронсолон хонаҳои бароҳат бунёд карда шавад, ва дар бисёр лоиҳаҳои расмӣ ва ҷамъиятӣ фаъол буд. Ӯ ҳамеша ба онҳое, ки мӯҳтоҷанд, кӯмак мекард.

Вақте ки ӯ ба хабаргирии мо меомад ё мо ба хабаргирии ӯ мерафтем, ин як воқеаи иштиёқангез буд. Ӯ сафарҳои моҳидорӣ, вақтгузарониҳо дар боғҳои тафреҳӣ ва саёҳатҳоро ба Ню-Йорк Сити ба нақша мегирифт. Ӯ бо мо бозӣ мекард, моро ба назди ҳамсояҳо мебурд, якҷоя бо мо ба соҳибони мағозаҳои маҳаллӣ ёрӣ мерасонд ва ҳар бегоҳӣ барои мо хӯрокҳои болаззат тайёр мекард. Бобои дигари ман ҳатто дар ошхона кӯмак намекард.

Яке аз бобоёни ман дар синни 75 солагӣ вафот кард, вале дигараш – дар 91 солагӣ. Пайхас карда метавонед, ки кадоме аз онҳо дарозтар умр дид? Бале, ҳамоне, ки биниш дошт, ҳамоне, ки афзун мекард. Аҷиб аст, ки ӯ танҳо дар 89 солагӣ наҷотро қабул кард. Аммо ӯ пеш аз ин ҳам мувофиқи принсипҳои Худо – тибқи қонунҳои Подшоҳии Худо зиндагӣ мекард, ва бо фаровонӣ баракат дода шуд.

Пеш аз он ки ман шарафи ба Исо овардани бобоямро доштам, барои имонам аз ҷониби ӯ ба бисёр таъқибот рӯ ба рӯ шуда будам! Ҳар дафъае ки мо якҷоя мешудем, ӯ имони маро масхара

мекард. Баъд аз кӯшишҳои зиёди мавъиза кардани Инҷил ба ӯ, вақте ки, охири охирон, ӯ гуфт, ки “Ман Исоро ҳамчун Худованди худ қабул кардан мехоҳам”, ман базӯр ҳайрати худро нигоҳ доштам. Ин рӯзи бузург буд!

Пас аз як моҳи имон оварданаш боз ман ба назди ӯ ташриф овардам. Дар он вақт ӯ ҳамагӣ дар масофаи як соати мошинсавор аз хонаи мо зиндагӣ мекард. Ӯ акнун аз хонаи худ дар Дейтон Бич ба маркази пиронсолон ба Ормонд Бич кӯчида буд. Ҳангоми ин дафъа ташриф оварданам ӯ гуфт:

– Ҷон, дар бораи супориши ман донистан мехоҳӣ? Дар бораи он ки ман дар ин замин чӣ кор бояд кунам?

Ман ҳайрон шудам, ки одами навакак наҷотёфта дар синну соли ӯ ҳамин тавр фикр мекард. Аммо ба ҷои он ки дар ин бора ҳарф занам, ман танҳо гуфтам:

– Бале, бобоҷон, супорише, ки ту дорӣ чӣ гуна аст?

Ӯ бо табассум гуфт:

Рӯҳулқудс ба ман гуфт, ки барои он ман дар ин ҷо ҳастам, ки ба ҳамаи ин одамон дар бораи Исои Масеҳ нақл кунам.

Дар ин марказ чанд сад нафар одамони пиронсол буданд.

Пас аз ду сол модари ман бо ҳамроҳии бародараш ӯро ба Оклаҳома оварданд, то ки ӯ ба писари ягонаи худ наздик бошад. Як ҳафта дар он ҷо истода, тамоми шаб саргузашти ҳаёти худро ба занаки касалбони худ нақл карда, хобаш набурд. Саҳарии барвақт, наздик ба тулӯи офтоб, ӯ ба касалбон гуфт:

– Вақти ба хона рафтан фаро расид. Ба писари ман гӯй, ки барои ман шабнишиние ташкил кунад.

Баъди ин суханон ӯ ҷисми худро тарк карда, ба оилаи осмонии худ пайваст.

Модарам ба изтиробу ташвиш афтода буд, ки ҳангоми аз Флорида ба Оклаҳома кӯчонидан онҳо ӯро аз ҳад зиёд ба стресс дучор карданд. Вақте ки ӯ дар ин бора ба ман арз намуд, ман зуд ӯро бовар кунонидам, ки ин тавр нест:

– Модар, вақте ки бобоям 89 сола буд, ӯ ба ман чизе гуфта буд.

Худо ба вай нишон дода буд, ки барои иҷро кардани супориши худ дар Ормонд Бич ӯ ду соли дигар дар ин замин зиндагӣ мекунад. Ин ҳафтаи аввалини ӯ дар Оклаҳома буд; ӯ супориши худро иҷро кард.

Ин суханон модарамро ҳам таскин доданд, ва ҳам ҳайрон карданд.

Гарчанде бобои ман одами наҷотнаёфта бошад ҳам, принсипҳои Худо оид ба меҳнатдӯстӣ ва садоқат дар ҳаёти ӯ зоҳир мешуданд. Ду тарзи гуногуни ҳаёти бобоҳоямро дида, ҳатто пеш аз имондор шуданам, ман қарор дода будам, ки намунаи он бобоямро пайравӣ мекунам, ки афзун мекард ва то дами вопасинаш дар ҳаёт мақсад дошт.

Вале иҷозат диҳед, ки ростқавл бошам. Бисёр маротиба дар ман васвасаи интихоб кардани дигар роҳ – ҳаёти осон пайдо мешуд. Мо бояд фикрҳои худро ба таври мақсаднок ба он равона кунем, ки ба тарзи ҳаёти “нигоҳдорӣ” дода нашавем, зеро ин кор хеле осон аст.

Афзункунӣ дар танбалӣ, камҷуръатӣ, фориғболӣ ва бефарқӣ зоҳир намешавад. Ҳаворӣ Павлус мегӯяд: “Ҳеҷ гоҳ танбалӣ накунед, балки *ғайратмандона меҳнат кунед* ва ба Худо *ташаббускорона* хидмат намоед” (Румиён 12:11, NLT).

Аввалан бифаҳмед, ки ин ҳукм аст, на ҷумла. Ба суханони ӯ нигоҳ кунед: “ғайратмандона меҳнат кунед”. Ин яке аз аввалин сифатҳоест, ки барои афзунӣ шумо бояд дошта бошед. Мо бояд на танҳо *ғайратмандона меҳнат кунем,* балки дар кори худ *ташаббус* низ дошта бошем. Маро нодуруст нафаҳмед – имон, биниш ва собитқадамӣ се омили муҳимтарини афзункунӣ мебошанд. Вале агар остин барзада, ба кор машғул нашавем, онҳо беҳудаанд.

Ман ва Лиза аз ҳамон рӯзе, ки имондор шудем, ғайратмандона кор мекунем. Ин ба даруни мо ҷойгир карда шудааст, ва Худо ба ҳар як имондор инро дохил кардааст. Ташаббускории мо ба вазъиятҳои беруна вобаста набуд, балки аз саъю кӯшиши амиқе, ки аз ду чиз – муҳаббати безаволи мо ба Исои Масеҳ ва муҳаббати безаволи мо ба халқи Ӯ бармеояд. Ин саъю кӯшиш дар азми

устувори дили мо асос ёфтааст, на аз ҳиссиётҳо, ва он дар мо хоҳиши пурҳарорати бунёди Подшоҳии Ӯро ба бор меорад. Ин хеле зарур аст, чунки дар мо на ҳама вақт рӯҳбаландии эмотсионалӣ буда метавонад. Дар асл, давраҳое фаро расида метавонанд, ки мо куллан ҳеҷ чизро эҳсос нахоҳем кард.

Яке аз калимаҳои ҳамрешаи *“ташаббускорӣ”* дар забони юнонӣ – ин калимаи “энтеос” мебошад, ки маънояш “Худоро дар дарун доштан” аст[xi]. Меҳнатдӯстии мо бояд аз ҳузури Ӯ, ки дар даруни мост, сарчашма гирад, на аз ҳиссиётҳо ё вазъиятҳои беруна.

## АФЗУН КАРДАНИ ЧИЗЕ, КИ БА ДИГАР КАС ТААЛЛУҚ ДОРАД

Баъд аз он ки мо издивоҷ кардем, калисои аввалине, ки мо мерафтем, дар Даллас, иёлати Техас, буд. Ин яке аз калисоҳои маъруф дар кишвари мо буд, ки якчанд сад одамон хидмат мекарданд. Мо ҳамчун ихтиёриён, ба иҷрои ҳар кори зарурӣ омода будем. Ман ходими тартибот таъин шудам, ба таври ихтиёрӣ дар хидматгузорӣ дар маҳбасхонаҳо ва дар ҷойҳои ҳабси пешакӣ хидмат мекардам, дар вақти анҷуманҳо ёрӣ мерасонидам, супоришҳои майдаро барои кормандони калисо иҷро менамудам ва ҳатто ба фарзандони шубони худ дарси теннис меомӯзонидам. Ман ҳаргиз ба ҳеҷ як имкони хидмат кардан “не” намегуфтам, новобаста ба он ки ин чӣ коре буд, ва ман зимнан ҳамчун муҳандис дар ширкати “Рокуэлл интернешнл” дар як ҳафта 40 соат меҳнат карда, ҳамаи ин корҳоро иҷро мекардам.

Дар натиҷа саъю кӯшиши маро дар хидматгузорӣ дида, ҳамсари шубони калони мо (ки директори иҷроияи калисо буд), аз ман пурсид, ки оё ман барои вақти пурра ба штати калисо ҳамроҳ шудан мехоҳам ё не. Дар вақти мусоҳиба вай гуфт:

– Ҷон, фикр намекунам, ки барои ба кор қабул кардани ту ҷуръат карда метавонем.

– Албатта метавонед, – гуфтам ман.

Барои ман фарқ надошт, ки чӣ қадар маош пешниҳод мекунанд. Ман тайёр будам, ки ҳар вазифаро барои ҳама гуна маош қабул кунам. Баъд аз мусоҳиба ӯ ба ман вазифаи ёрдамчии дастаи иҷроияро пешниҳод кард. Ба ману Лиза лозим набуд, ки бениҳоят бо ҷидду ҷаҳд дуо гӯем, зеро мо медонистем, ки ин иродаи Худо буд. Ман ин пешниҳодро бо 18.000 доллар барои як сол қабул кардам. Даромади мо хеле кам шуд, аммо барои мо ин пешравӣ буд. Ману Лиза медонистем, ки бо ин маоши нав мо бояд ба таъминоти фавқуттабиӣ бовар мекардем, вале ин моро ба ташвиш намеовард. Мо ба он чиз ҷалб шуда будем, ки, мувофиқи ақидаи мо, даъвати ҳаёти мо буд.

Вазифаи мо ба шубонамон, оилаи ӯ ва меҳмонон ёрдам кардан буд. Якум, ба онҳо ҳамчун ба Масеҳ хидмат кардан. Дуюм, доимо ба пеш нигоҳ кардан, пешакӣ мӯҳтоҷиҳои онҳоро дида, қабл аз хоҳиш кардани онҳо, онҳоро қонеъ гардондан. Охирин, вақте ки аз ман иҷро кардани кореро талаб кунанд, ҳеҷ гоҳ “ин ғайриимкон аст” нагуфтан буд. Ман ҳамеша усулҳои иҷро кардани супоришҳои онҳоро ба воситаи дуо, нуқтаи назари эҷодкорона ва меҳнати ғайратмандона пайдо мекардам. Агар ягон кори номумкин бошад (кам дар кам ин ҳолат рӯй медод), ман ҳама вақт роҳи беҳтарини ҳалли масъаларо пешниҳод менамудам. Аксар вақт он барои иҷро кардани вазифаи ман, ҳатто назар ба усуле, ки дар аввал пешниҳод карда мешуд, бештар мувофиқ меомад.

Дар вақти машғул шудан ба ин кор ману Лиза фарзанд надоштем. Ҳафтаи кории мо шашрӯза буд ва он одатан аз 50 то 70 соатро дар бар мегирифт. Мо ҳар ду зарурияти онро ҳис мекардем, ки шубонҳоямонро аз ҳар гуна намуди эҳтимолии фишорҳо озод кунем. Мо мехостем, ки тамоми диққати онҳо барои роҳбарӣ кардани калисо равона карда шавад.

Ман бисёр воқеаҳоро нақл карда метавонам, то ки ниятҳои худро ошкор кунам, аммо танҳо якеашро ҳикоя мекунам. Шубони ман меҳмоне дошт, ки пештар дар дастаи ходимони як башоратдиҳандаи машҳури дар он вақт аллакай фавтида хидмат

мекард. Шубони ман дар бораи ин ходими фавтида бештар донистан мехост, ва онҳо то дер сӯҳбат карданд. Телефони ман дар соати 1:00 вақти шабона занг зад. Дар хатти алоқа шубони ман буд, ва ӯ аз ман хоҳиш кард, ки ба хонаи вай равам (аз хонаи мо 25 дақиқа роҳи мошинсавор) ва меҳмони ӯро гашта ба меҳмонхона барам.

– Зуд меравам, – гуфтам ман бе дудилагӣ.

Ман ба хонаи ӯ омадам ва дар ҳоле ки онҳо хайрухуш мекарданд, интизор шудам, ва баргашта меҳмонро ба меҳмонхона бурдам. Ман хеле дертар аз соати 2:00-и шаб хоб кардам.

Шубони ман намедонист, ки ман бояд барои пешвоз гирифтани меҳмони дигар, ки дар шоми дигар бояд дар калисои мо мавъиза мекард, ба фурудгоҳ равам. Ӯ бо рейси шабона аз Ҳавайи парвоз карда, соати 5:40 дақиқаи субҳ расида омад. Ман бояд соати 4:30 дақиқа аз хоб бармехестам, то ки ӯро дар фурудгоҳ пешвоз гирам. Ман боре ҳам ба шубони худ шикоят накардам, ки ҳамон шаб аз се соат камтар хоб кардам. Ман барои иҷро кардани ҳама гуна эҳтиёҷоти шубонам ва ҳамсари ӯ азми қавӣ доштам, ва ман ҳама вақт ба худам ёдрас мекардам, ки ин хидмат бароям шараф аст.

Ҳамчун ёрдамчии шубонам ва ҳамсари ӯ чор сол хидмат карда, боре, вақте ки ҳамроҳи онҳо будам, ман гуфтам:

– Ман дуо карда истодаам ва аз Худо талаб дорам, то одаме, ки ҷои маро мегирад, аз ман ду баробар беҳтар кор кунад.

Ман бо дурустӣ рафтан мехостам, ва хоҳиш доштам, ки вазифаи ман боз ҳам бештар самаранок шавад.

– Ин ғайриимкон аст, – ҷавоб доданд онҳо – Ту кори бисёрро анҷом додӣ.

Суханони онҳо маро рӯҳбаланд кард. Тамоми меҳнати вазнини ман осон намудор шуд, вале ман пешравӣ мехостам. Ниҳоят, онҳо ду нафарро ба ҷои ман таъин карданд. Шубонам маро ба як калисои машҳури дигар дар иёлати Флорида, ба вазифаи шубони ҷавонон,

ки ман дар боби 2-юм зикр кардам, бо дуои баракат раҳо кард.

Вақте ки ман ин вазифаро дар Флорида ба дӯш гирифтам, зиқ шудам, ки мо ҷавонон ва наврасонро зиёд дастрас намекардем. Ин охири солҳои 1980-ум буд, ва ягона воситаи визуалӣ телевизион буд. Компютерҳо, планшетҳо, смартфонҳо набуданд. Пахши муттасил ихтироъ карда нашуда буд. Соддатар карда гӯем, пахши ҳаррӯза ба воситаи телевизион усули беҳтарини дастрас кардани одамон буд.

Маълумотҳоро ҷамъоварӣ карда, ман фаҳмидам, ки яке аз стансияҳои пурқуввати телевизионӣ дар Флоридаи марказӣ барои пахш дар шоми шанбе соати 22:00 вақти озод доштааст. Ман дар бораи арзиши 30 дақиқаи вақти эфир пурсон шудам. Нарх хеле баланд буд.

Ман аз шубони калони мо пурсидам, ки барои барномаи башоратрасониии ҷавонони мо ин вақти эфирро харида метавонем ё не.

– Ҷон, ин берун аз имкони буҷаи мо аст, – ҷавоб дод ӯ.

Ман пурсидам:

– Оё шумо иҷозат медиҳед, ки ба ҷавонон имкон диҳем, то онҳо ҳар моҳ барои барномаи мо ионат диҳанд?

– Албатта, агар онҳо инро ба худ раво бинанд, – ҷавоб дод ӯ.

Ман фикр намекунам, ки ӯ бовар мекард, ки ҷавонон ин корро карда метавонанд.

Дар хидматгузории ҷавонон ман биниши худро оиди чӣ тавр дастрас кардани гумшудагон фаҳмонидам. Дар он рӯзҳо бисёр ҷавонон ва наврасон рӯзҳои шанбе то дер телевизор тамошо мекарданд. Дар ин барнома мо дар аввал Каломи Худоро мавъиза карда, сипас тамошобинонро ба калисо ва ба хидматгузории ҷавонон даъват кардан мехостем. Ман ба иштирокчиёни хидматгузории ҷавонон пешниҳод кардам, ки аз пулҳои кисагӣ ва аз ҳаққи коре, ки баъди таҳсил иҷро мекарданд, барои ин биниш хайрот диҳанд, ё барои ин ба корҳои ғайридоимӣ ҷойгир шаванд. Маблағҳои ҷамъшавандаро ҳисоб

карда, ман ва ёрдамчиам дар ҳайрат мондем – мо барои ин барномаи телевизионӣ пардохт карда метавонистем!

Шубони калони ман боз ҳам бештар ба тааҷҷуб омад. Ӯ барои сар кардани ин барнома, ки мо онро “Ҷавонони оташин” номгузорӣ кардем, иҷозат дод. Мо ҳар моҳ хароҷотро мепӯшонидем, ва чизи рӯҳбаландкунанда он буд, ки бисёр ҷавонон ва наврасоне, ки ба ҳеҷ калисо намерафтанд, ба хидматгузории ҷавонони мо ташриф меовардагӣ ва ба Исо бовар мекардагӣ шуданд.

Одамон 20 сол пас аз ин ба назди ман омада, дар бораи он нақл мекарданд, ки дар охири солҳои 1980-ум онҳо барномаи “Ҷавонони оташин”-ро тамошо мекарданд ва он ба ҳаёти онҳо таъсир мерасонд.

Вақте ки вазифаи шубониро дар хидматгузории ҷавонон бас кардам, мо ин хидматгузориро ба се гурӯҳ тақсим кардем. Акнун се роҳбар дар хидматгузорие, ки мо ба танҳоӣ сар карда будем, кор мекарданд. Боз, файзи Худо, итоат ва меҳнати ғайратмандона ба сӯи афзункунӣ роҳ кушоданд.

Исо мегӯяд:

> “Агар дар чизи бегона содиқ набошӣ, кӣ ба шумо аз они худатонро медиҳад?” (Луқо 16:12).

Биёед суханони Ӯро мувофиқи масал оиди талантҳо дигар хел ифода мекунем:

> “Агар шумо чизи бегонаро афзун накардед, кӣ ба шумо аз они худатонро барои афзункунӣ медиҳад?”

Маҳз ҳамин шубони калон нақшаи Худоро дар бораи он, ки мо бо Лиза бояд хидматгузории “Мессенҷер Интернэшнл”-ро оғоз кунем, эълон кард. Дар ин бора аввалин шуда ӯ арз кард, на мо. Вақте ки хидматгузории шубони ҷавононро қабул намудам, ман гуфтам: “Шубон, то омадани Исо ё то даме ки Худо ба шумо ва ба ман низ нишон надиҳад, ки мо бояд ба пеш равем, ман дар ин

ҷо мемонам”. Агар Худо қадами ояндаи моро дар хидматгузорӣ нишон надиҳад, ман мутмаин нестам, ки озодона аз ин калисо биравам. Ман то имрӯз бовар дорам, ки маҳз Худо дар аввал ин хидматгузориро ба ӯ нишон дод.

## ТАВАЛЛУДИ “МЕССЕНҶЕР ИНТЕРНЭШНЛ”

Зуд баъд аз он ки мо аз калисои Флорида рафтем, дар Колумбия, дар иёлати Каролинаи Ҷанубӣ, хидматгузорӣ доир кардем. Субҳи барвақт буд, ва ман барои дуо ҷои хилват пайдо кардам. Худо ба ман гап зад: “Писарам, ту аз тухмии садоқат, ки дар давоми ҳафт соли охир ба хидмати одамони дигар машғул шуда, кишт кардӣ, ҳосили фаровон ҷамъоварӣ мекунӣ. Ин зуд ба амал меояд ва дар тамоми зиндагии ту давом мекунад”.

Имрӯз, ба ақиб нигоҳ карда, аз ин ҳосил дар ҳайрат мемонам.

Баъд аз он ки мо аз тарафи калисоямон барои сар кардани хидматгузории “Мессенҷер Интернэшнл” фиристода шудем, омили асосии афзункунии мо боз меҳнатдӯстӣ буд. Мо бо Лиза шабҳо бо ҳам аудиокассетаҳоро нусхабардорӣ мекардем, тамғакоғазҳо месохтем ва ба тартиб додани силсилаи мавъизаҳо машғул мешудем. Дӯстони мо пайваста назди мо меомаданд, то ки барои тамғазанӣ ва бандубасти чизҳои ба ҳар тараф мефиристондагӣ ва корҳои дигар ба мо кӯмак кунанд. Мо бо Лиза мактубҳо чоп мекардем, чекҳоро ба ҳисоби бонкии хидматгузорӣ мегузаронидем, ҳисоботи молиявӣ тартиб медодем ва ҳама гуна ҳуҷҷатҳои заруриро ба расмият медаровардем. Мо ба компютер қайдҳоро сабт мекардем, бо почта кор мебурдем ва маводҳои барои корамон заруриро худамон мехаридем, ва ин ҳама танҳо қисми хурдтарини кори мо буд. Мо корро баъд аз дуои субҳгоҳӣ оғоз намуда, аксар вақт то соати 9:00 ё то бевақтии шаб кор мекардем.

Мо ин корҳоро бо хурсандӣ ба ҷо меовардем ва инро барои худ шараф ҳисоб мекардем. Ангезаи мо аз қалби мо бармеомад, ва он ноумедиҳои бешумор ва давраҳои хушкро аз сар гузаронид. Ман боварӣ дорам, ки барои наафтодан ба маъюсӣ мо қувват доштем,

зеро мо ҳар субҳ якҷоя дар дуо вақт мегузаронидем.

Мо ба боло ва ба поён дар “I-95” – шоҳроҳи асосии Соҳили ғарбӣ, бо “Хонда Сивик”-и худ, бо ду писарони хурдсоламон, ки дар ҷойгоҳи автомобилиашон дар нишастгоҳи ақиби мошин менишастанд, равона будем, ва дар калисоҳои хурде, ки аз 80 то 100 нафар иборат буданд, мавъиза мекардем. Мо аввалин хидматгузориро дар калисое, ки дар хадамоти дафн ҷамъ омада буд, доир кардем – бисёр оғози мафтункунанда!

Мо кассетаҳоямонро мефурӯхтем ва пулашро барои ривоҷи хидматгузориамон истифода мебурдем. Мо аҳд карда будем, ки аз ин маблағҳо маош намегирем, чунки ривоҷу равнақ додани хизматгузории “Мессенҷер Интернэшнл” муҳим буд. Вақтҳое буданд, ки маблағҳои ба мо шахсан зарур дар рӯзи охирин пайдо мешуданд. Мо дар ҳисоби “фурӯши маводҳои аудиоӣ” пул доштем, лекин мо қарор дода будем, ки онҳоро истифода набарем.

Маҳз баъд аз якуним соли ин меҳнати ғайратмандона аз Худо калом омад, ки ман бояд дар бораaш нависам. Ман ончунон хавотир шудам, ки барои дар давоми қисми зиёди рӯз навиштан ва дар баробари он бисёр вазифаҳои гуногунро иҷро кардан вақт намерасад. Ин қарор таваккалӣ ба назар мерасид, аммо онро мо қабул кардем, ва барои навиштани китоби аввалинам вақти зиёд сарф мекардам. Аммо чизе рӯй дод, ки ман пешакӣ пайхас карда наметавонистам: якчанд ҷавонон барои иҷро кардани ҳамон корҳои дуюмдараҷаамон, ки дар навиштани китоб ба ман халал расонида метавонист, ба таври ихтиёрӣ муроҷиат карданд. Онҳо ҳамон вазифаеро ба дӯши худ гирифтанд, ки мо дар Даллас барои шубонҳои худ иҷро мекардем. Онҳо мӯҳтоҷиҳои моро диданд ва ба кӯмаки мо омаданд, гарчанде мо аз онҳо хоҳиш накарда будем.

Дар як сол ман дастхати китоби “Ғалаба дар биёбон”-ро бо меҳнати пурмашаққат ба охир расонидам, гарчанде ки баъзан он кори беҳуда ба назар мерасид. Ман як принсипи муҳимро фаҳмидам: *мо бояд дар файз (атоҳо), ки дар ҳаёти мо аст, ба камол расем.* Аксари мо дар аввал натиҷаҳои “фантастикӣ” надорем. Петрус менависад: дар файзи... Худованд

ва Наҷотдиҳандаи мо Исои Масеҳ нумӯ ёбед (2 Петрус 3:18). Нисбат ба даврае, ки китоби аввалинамро навишта будам, ҳоло қобилияти нависандагии ман хеле хубтар шудааст.

Лиза ва ман ин дастхатро ба як муҳаррири машҳур нишон додем. Хеле тааҷҷубовар буд, ки ӯ онро сахт танқид кард, ва гуфт, ки барои ба бадани Масеҳ эълон кардани ин гуна паём, ман хеле ҷавон ва бетаҷриба ҳастам.

Баъд аз ин зарбаи радкунӣ, мо бо Лиза зуд ба ҷустани муҳаррири дигар сар кардем. Мо боз як муҳаррирро пайдо кардем, ва ӯ тамоми дастхатро таҳриф кард. Вақте ки онро баргашта гирифтем, мо бо Лиза ба изтироб афтодем. Ӯ садои ман ва қуввати ин паёмро гум кард. Ва, бадтар аз ҳама, ин дастхат бемаъно ба назар мерасид! Кӯтоҳ карда гӯем, вай онро вайрон кард. Ин боз як зарба буд – мо чӣ кор бояд мекардем? Охир аз як сол зиёдтар сипарӣ шуд.

Мо таслим нашудем. Мо боз як занаки муҳаррирро пайдо кардем ва баъд аз он ки ӯ нусхаи дигар кардашударо хонд, вай розӣ шуд, ки дастхати аввала таҳриф карда шуда буд.

– Ҷон, Лиза, – гуфт вай, – ислоҳ кардани дастхати таҳрифшуда дуруст нест. Пулҳоеро, ки ба ҳамон муҳаррир додед, фаромӯш кунед ва аз нав шурӯъ намоед.

Вай тавсия дод, ки Лиза нусхаи аслиро таҳрир карда, ба ӯ фиристад. Мо маслиҳати ӯро шунидем, ва Лиза шабҳои бехобиро аз сар гузаронида, дастхати аслиро таҳрир кард. Баъд аз ин, муҳаррири нав китоби аз тарафи Лиза таҳрир кардашударо гирифт ва ба кор шурӯъ намуд. Вай хеле хуб меҳнат кард, ва мо ҳис кардем, ки ниҳоят мо дастхати тайёрро дар даст доштем.

Ман онро ба ду нашриёти машҳур пешниҳод кардам. Яке аз онҳо ба мо ҷавоб ҳам надод, аммо дигараш хат навишт. Онҳо гуфтанд, ки китоби ман аз ҳад зиёд "пандомӯзона" аст, ва, азбаски ман ходими машҳур набудам, онҳо намехостанд, ки онро нашр кунанд. Ман кӯшиш кардам, ки онро ба чанд нашриёти на он қадар машҳур пешниҳод кунам, аммо ҳеҷ кадоме аз онҳо мароқ зоҳир накарданд.

Оё тасаввур карда метавонед, ки мо чӣ қадар рӯҳафтода шудем? Боз як сол гузашт, ва, чунин ба назар мерасид ки, мо ба кӯчаи сарбаста даромадем. Ман ҳайрон шудам, вале таслим шудан намехостам.

Дар он давра мустақилона нашр кардан падидаи гӯшношунид буд. Ягон муаллифи муваффақ ба ин кор машғул намешуд, аммо яке аз дӯстонам ба ман маслиҳат дод, ки кӯшиш кунам. Мо аниқ кардем, ки барои чандин ҳазор китоб нашр кардан 12.000 доллар лозим аст, мо бошем аллакай ба ду муҳаррир пул дода будем.

Барои мо ин маблағи калон буд. Тамоми даромади «Мессенҷер Интернэшнл» дар соли 1990 40.000 долларро ташкил дод. Соли сеюми хидматгузории мо сар мешуд, ва даромади мо нисбат ба соли аввал зиёд набуд. Дар ёд дорам, ки дар охири соли дуюм, вақте ки мо аввалин компютери худро, ки ҳамагӣ чанд сад доллар арзиш дошт, харидем, то чӣ андоза хурсанд шудам. Бинобар ин 12.000 доллар маблағ ғайриимкон ба назар мерасид! Барои мо мӯъҷиза лозим буд, ки ин миқдор маблағро ба даст оварем.

Мо бо як зан шинос шудем, ки дар нашриёти на он қадар калон ба ҳайси саҳифабанд кор мекард. Он нашриёт дар бораи бозиҳои варзишӣ, ки дар фазои кушод гузаронида мешаванд, китоб чоп мекард. Вақте ки ӯ дар бораи навиштани китоб аз ман шунид, ба назди Лиза омада, пешниҳод кард, ки саҳифабандӣ ва шаклбандии китобро бемузд ба ҷо меорад. Мо хеле хурсанд шудем, ки барои ин хидматрасониҳо аз супоридани якчанд ҳазор доллар халос мешавем.

Худо ба таври мӯъҷиза маблағи боқимондаро, ки зарур буд, ато кард, ва мо 5.000 нусха китоби *“Ғалаба дар биёбон”*-ро (ки ҳоло ба *“Худо, ту дар куҷоӣ?!”* иваз карда шудааст) чоп кардем. Аввалин рӯҳбаландии мо дер давом накард; мо фаҳмидем, ки мо илоҷи паҳнкунӣ надорем. Паҳнкунандагон ва мағозаҳои китобфурӯшӣ дар бораи мо ҳеҷ чиз намедонистанд, ва дар он давра ин ширкатҳо фақат аз нашриётҳои маъруф китоб мехариданд. Ҳеҷ кас ба китобҳое, ки мустақилона нашр карда мешуданд, мароқ зоҳир намекард.

Мо китобамонро ба силсилаи мавъизаҳо дар аудиокассетаҳо ба миз гузошта, дар ҳар ҷое, ки хидмат мекардем, ба фурӯш мемондем. Вақте ки ман дар бораи биёбон мавъиза мекардам, мо ҳама китобҳоеро, ки ҳамроҳи худ меовардем, мефурӯхтем. Ба одамон ин паём маъқул мешуд, аммо паҳнкунии китоб бо ҳамин маҳдуд мешуд.

Худо ба ман дар дуо дар бораи навиштани китоби дуюм гап зад, ва, дар давоми нӯҳ моҳи навбатӣ, ман китоби “Овози нидокунандае дар биёбон”-ро навиштам. Нашриётҳо ба мисли пештара мароқ зоҳир накарданд, ва мо боз дар соли 1993 онро худамон мустақилона чоп кардем. Акнун дар мизи мо ду китоб гузошта шуда буданд, ки дар ягон мағозаи китобфурӯшӣ фурӯхта намешуданд.

## ИМКОНИЯТ

Бо гузашти як сол яке аз дӯстонам занг зада, маро ба хӯроки нисфирӯзӣ таклиф кард.

– Ман мехоҳам, ки туро бо дӯстам шинос кунам, – гуфт ӯ.

Ман розӣ шудам. Ман донистам, ки дӯсти ӯ роҳбари нави ҳамон нашриёте будааст, ки ду сол қабл пешниҳоди маро рад карда буд. Пас аз хӯрдани хӯрок, ӯ дар бораи хидматгузории ману Лиза пурсон шуд.

– Дар айни ҳол шумо кадом паёмро мавъиза мекунед? – пурсид ӯ.

Ман дар бораи он чиз нақл кардам, ки аз ҳама бештар дар қалбам фурӯзон буд. Ин паём дар бораи он буд, ки мағлуб кардани хашму кина ва бахшидани онҳое, ки ба мо дард овардаанд, чӣ қадар зарур аст. Ӯ савол доданро давом медод, ва ман бештар дар бораи ҳамин паём гап задам. Пас аз 15 дақиқа ӯ гуфт:

- Ҷон, медонед, мо инро нашр карда наметавонем, чунки мо дар як сол танҳо 22-24 китоб нашр мекунему халос – китобҳоеро, ки аз тарафи муаллифон ва ходимони машҳур навишта шудаанд.

Ман ҳайрон шуда, ба ӯ нигаристам ва гуфтам:

- Ман саъй намекунам, ки паёмамро ба шумо фурӯшам; шумо худатон пурсидед, ки ман ба калисоҳо сафар карда, дар бораи чӣ мавъиза мекунам.

Ӯ фаҳмид ва ханда кард:

- Бале, дуруст аст, давом диҳед.

Ман нақл карданро давом додам. Пас аз 15 дақиқа вай сухани маро бурида, гуфт:

- Оё дастхати ин паёмро дар давоми се моҳ ба ман фиристонда метавонед?

Ман бо тааҷҷуб ҷавоб додам:

- Ба фикрам, шумо гуфтед, ки паёмамро нашр карда наметавонед.

- Фикри ман дигар шуд, – гуфт ӯ. – Ин паём бояд паҳн карда шавад.

Ин нашриёт *"Доми шайтон"*-ро дар моҳи июни 1994 чоп кард. Ман хеле рӯҳбаланд шуда будам! Худо дареро боз кард, ки ман худам боз карда наметавонистам. Ман боварӣ доштам, ки ин китоб шӯҳрат пайдо мекунад ва хуб ба фурӯш меравад; аммо дар давоми ҳафт моҳи аввал ин тавр нашуд. Ҳар моҳ ман аз нашриёт дар бораи фурӯш хабарҳои ғамангез мешунидам. Ман дар қалби худ боварӣ доштам, ки ин паём барои бисёр одамон – барои халқҳои ҷаҳон таъин карда шудааст. Ман ин умедро аз худ раҳо кардан намехостам, вале ҳама чиз боз ба як афсурдаҳолии ноумедкунанда ишора мекард.

Чанд моҳ пас ба ман коргарзани дастаи маркетингии ин нашриёт занг зад. Ӯ гуфт:

– Ҷон, як ток-шоуи байналхалқӣ, ки дар пахши мустақим гузаронида мешавад, мехоҳад, ки шуморо 16 январи соли 1995 ба барномаи худ даъват кунад. Онҳо 20 дақиқа вақтро ба ихтиёри шумо медиҳанд, аммо, дар навбати аввал, онҳо мехоҳанд, ки дар бораи шумо, Лиза, чор писарони шумо ва хидматгузориатон сӯҳбат кунанд. Ва онҳо ҳамчунин розӣ шуданд, ки китоби шуморо

ёдрас мекунанд. Ин оғоз аст, гуфтан мумкин, ба мисли кушода шудани дар аст. Оё шумо мехоҳед, ки мо ин даъватро барои шумо қабул кунем.

– Албатта ҳа!

Ман ба он пахши мустақим равона шудам. Ҳамон шом як ходими машҳуре бо завҷааш барандаи ин барнома буд. Ӯ бо ман салому алек карда, пеш аз ҳама китоби *“Доми шайтон”*-ро ба даст гирифт ва пурсид:

– Доми шайтон чӣ аст? Ин паём дар бораи чист?

Ман ҳайрон шудам, ки ӯ аз китоб сар кард, на аз оилаи мо, аммо ман фавран дар бораи китоби худ гап заданро сар кардам. Зоҳиран, дар студия ҳама чиз аз ҳаракат бозмонд. Ман бояд ба ташкилотчии эфир бодиққат мебудам, чунки ӯ бояд аломатҳоро оиди вақти боқимонда ба ман нишон медод. Онҳо қайд карданд, ки дар ихтиёри ман ҳамагӣ 20 дақиқа вақт аст. Бо вуҷуди ин ташкилотичии эфир ягон хел аломатро нишон надод. Барандагон чунон мароқ зоҳир карданд, ки суханони маро намебуриданд, ислоҳ намекарданд ва умуман ҳеҷ чиз намегуфтанд. Мо бо барандагон эҳсоси вақтро гум кардем ва баъдтар фаҳмидем, ки ман беист дар давоми чил дақиқа ҳарф задаам.

Ин паём ба баранда сахт таъсир кард. Ӯ дар кишвари мо яке аз калонтарин анҷуманҳоро доир мекард. Яке аз чизҳое, ки ӯ фавран дар пахши мустақим ба амал овард, ин буд, ки ӯ маро ба анҷумани худ таклиф кард, то ман дар бораи ин паём мавъиза кунам.

Пас аз чанд рӯз нашриёт ба ман хабар дод, ки китоби *“Доми шайтон”* дар тамоми мағозаҳои кишвар ба фурӯш рафт, ва онҳо боз барои 20 ҳазор нусха фармоиш гирифтанд.

– Ҷон, мо ҳеҷ гоҳ чизи ба ин монандро надида будем, – гуфт ӯ, – ва барандагони ток-шоу гуфтанд, ки ҳеҷ гоҳ оиди барномаи худ ҳамин қадар вокуниш нагирифта буданд.

Дар қалби худ ман медонистам, ки инро Худо ба амал овард, ва ин тасдиқ кард, ки ин паём аз Худо аст.

Бо мурури вақт китоби *“Доми шайтон”* шоҳасари байналхалқӣ гардид. Дар давоми 25 сол он дар рӯйхатҳои гуногуни китобҳои машҳур пайдо мешуд. Аз замони навишта шудани ин китоб шумораи нусхаҳои фурӯхташуда, ҳам чопӣ ва ҳам электронӣ ва аудиокитобҳо, ба ду миллион наздик мешаванд. Ёдоварӣ кардан аҷиб аст, ки ҳамааш чӣ тавр оғоз шуда буд. Ҳамон нашриёте, ки дар аввал маро ҳамчун муаллиф рад карда буд, акнун китоби *“Доми шайтон”*-ро яке аз китобҳои серхаридортарини тамоми давраҳо меҳисобад. Худо дар ҳақиқат шӯхтабъ аст!

Агар ман итоат намекардам ва наменавиштам, ин паём одамони сершуморро фаро намегирифт. Ин китобро навишта, ман ба ин паём афзункунӣ овардам, чунки он шумораи зиёди одамонеро дастрас кард, ки ман ҳеҷ гоҳ шахсан ба онҳо мавъиза карда наметавонистам.

Дар асл, ин афзункунии тасаввурнопазир аз навиштани китоб сар нашуд. Ин афзункунӣ хеле барвақт сар шуд, вақте ки мо ба мушкилиҳои сершумор нигоҳ накарда, ба пеш равона шуданро идома додем. Ман ғайратмандона кор мекардам, то ки шубони аввалини худро аз ҳар гуна фишор халос кунам, ва баъд ба ҳайси шубони ҷавонон нуфузи калисои навбатиамонро паҳн намудам. Ин дар хидматгузории “Мессенҷер Интернэшнл” давом кард, мо шабу рӯзи дароз кор мекардем, ва сипас ба овози Худо оиди навиштану нашр кардани китобҳо гӯш додем.

Ман фикр мекардам, ки раванди афзункунӣ барои паёми “Доми шайтон” фароҳам оварда шуда буд, ва паҳншавии ин паём ба таври табиӣ ба воситаи фурӯши китобҳо ва мавъизаҳои ман дар калисоҳо дар саросари ҷаҳон давом хоҳад кард. Ман хато карда будаам. Худо мехостааст, ки ба мо чизи бештарро бовар кунад.

## ТАФАККУР КУНЕД

1. Оё мафкураи шумо ба афзункунӣ равона карда шудааст? Ё мафкураи шумо бештар ба нигоҳдорӣ равона карда шудааст? Шумо ба самти маҷро шино карда, бо ҳаёти ором зиндагӣ карданро афзал медонед, ё худро барои шитофтан ба сӯи ҳаёти мақсаднок рӯҳбаланд месозед?

2. Агар одам танбал ва беамал шавад, афзункунӣ ба амал намеояд. Мо на танҳо бояд ғайратмандона кор кунем, балки дар кори худ ташаббускорӣ низ дошта бошем. Оё шумо худро дар коратон ташаббускор меҳисобед? Оё шумо ба кори худ ташаббускорона муносибат мекунед. Ё шумо ба дараҷаи муайяни комёбӣ, ки онро кофӣ ё беҳтар аз дигарон меҳисобед, муваффақ шуда, бозистодед?

3. Вақте ки ман навиштанро сар кардам, рӯҳафтодагӣ, радшавӣ ва ғаму ғуссаро аз сар гузаронидам, аммо вақте ки ман ба он чизе, ки Худо гуфт, итоаткор мондам, пешравӣ омад. Шумо чӣ тавр дар файзе, ки Худо ба шумо додааст, ба камол мерасед? Саргузашти ман то чӣ андоза шуморо рӯҳбаланд мекунад, то ки ноумедӣ ва ғаму ғуссаро ғалаба карда, ба пеш равед?

*Ва онҳоро баракат медиҳад,*
*ва онҳо бағоят борвар мешаванд.*

– Забур 106:38

7

# Афзункунии бузург

Аксар вақт Худо зиқӣ ва норозигиро барои бедор кардани имони мо ҳам ба афзункунии аввала ва ҳам ба дараҷаҳои навбатии афзункунӣ ҳамчун стимул истифода мебарад. Мо инро дар ҳаёти Абром (Иброҳим) мебинем. Вақте ки ӯ 75 сола буд, Худо ба ӯ зоҳир шуд, дар рӯъё ба ӯ сухан ронд:

> "Натарс, эй Абром; *Ман туро ҳимоя мекунам; мукофоти ту бағоят бузург аст"* (Ҳастӣ 15:1, NLT).

Биёед ин оятро дида мебароем. Худои Қодир Ҳамоне аст, ки заминро бо тамоми захираҳои азимаш офаридааст, ва он ба Ӯ тааллуқ дорад. Ӯ ҳамеша буд, ва мавҷудияти Ӯ ҳеҷ гоҳ қатъ намегардад. Ягон махлуқи дигар бо азамати Ӯ баробар шуда наметавонад. На танҳо дар Ӯ ҳаёт аст; Ӯ Худ Ҳаёт *аст.* Ҳама дониш ва ҳикмат, ҳама хазинаҳои ҳақиқӣ ва ҳаловатҳои ҷовидонӣ дар Ӯст. Берун аз Ӯ ҳеҷ чизи арзишманде мавҷуд нест.

Ва ин Шахсияти аҷиб эълон мекунад, ки Ӯ Абромро *ҳимоят мекунад* ва ба ӯ *мукофоти бузург* медиҳад. Биёед ҳам *ҳимоят* ва ҳам мукофоти бузургро муҳокима мекунем.

Аввалан дар бораи *ҳимоят*. Тасаввур кунед, ки президенти Иёлоти Муттаҳида ба ҳама қувваҳои мусаллаҳи кишвар фармон

медиҳад, ки шуморо *ҳимоят кунанд.* Ҳамаи генералҳо ба афсарони худ хабар медиҳанд, ки бехатарии шумо вазифаи муҳимтарин аст, ва ҳама гуна амалҳое, ки барои бехатарии шумо зарур аст, бояд иҷро карда шаванд. Агар зарур бошад, онҳо ҳамаи сарбозонро бо тамоми маҷмӯи аслиҳаҳои ҳозиразамон ба гирди шумо ҷойгир мекунанд. Ин қариб тасаввурнопазир аст, аммо, агар ин рӯй медод, шумо худро хеле бехавфу хатар ҳис мекардед. Лекин, дар муқоиса бо суханони Худои Қодир "Ман туро *ҳимоят мекунам"* ин ҳеҷ аст.

*Мукофоти бузург* чӣ? Агар ҳамсояи шумо мегуфт: "Ман ба ту мукофоти бузург, медиҳам", ин хеле дилписанд ва саховатмандона мебуд, аммо, эҳтимол, ӯ ба шумо чизи бештарро пешниҳод карда наметавонист. Агар одами аз ҳама бойтарини Иёлоти Муттаҳида айни ҳамон суханонро мегуфт, шумо бештар рӯҳбаланд мешудед. Вале ҳеҷ як аз ин ваъдаҳо бо чизе, ки дар ин оят навишта шудааст, баробар шуда наметавонад. Касе, ки тамоми чизҳо дар ин сайёра ба Ӯ тааллуқ дорад, мукофот пешниҳод мекунад! Ӯ ба Абром эълон мекунад: "Мукофоте, ки Ман бароят тайёр кардаам, бузург аст!" Росташро гӯям, миқёси ин ваъдаро ба худ тасаввур кардан мушкил аст. Аммо ин охири кор нест.

Далели тасаввурнопазири навбатӣ дар он аст, ки Офаридгор сафир нафиристонид – Ӯ шахсан Худаш омад. Худои Қодир ин ваъдаҳои тасаввурнашавандаро рӯ ба рӯ медиҳад.

Азамати инро ба худ тасаввур карда метавонед? Мо ба ин бояд чӣ гуна муносибат кунем? Оё он рӯҳбаландӣ, шодӣ, хушбахтӣ ва ҳаяҷонеро, ки ҳар яке аз мо эҳсос карда метавонистем, бо сухан ифода кардан мумкин аст? Аммо ҷавоби Абром ҳатто ба ин ҳиссиёт наздик ҳам набуд. Дар асл, ӯ рӯҳбаланд набуд; ӯ ошуфта буд!

> "Худоё Худовандо! Аз ҳамаи ин баракатҳои Ту ба ман чӣ фоида аст, агар ман ҳатто писаре надошта бошам? (Ҳастӣ 15:2, NLT).

Шумо дар ҷавоби ӯ норозигиро мешунавед? Аҷоиб! Вале оё

набудани ғайрат дар Абром падидаи мусбӣ буда метавонад? Агар Абром мегуфт: “Хеле хуб! Бигзор ҳамаи ин айни ҳозир сар шавад!”, оё ин воқеа ба таври дигар ба амал меомад? Дар асл, саволи навбатиро додан дурусттар мебуд. Агар ҳатто ҷавоби Абром чунин мебуд, Худо ба ӯ зоҳир мешуд? Ба фикрам, не, зоҳир намешуд, ва иҷозат диҳед, то бифаҳмонам, ки барои чӣ.

Биёед саргузашти Абромро лаҳзае як сӯ мегузорем, то он чизеро, ки ман дар назар дорам, возеҳ дарк кунем. Пас аз чандин сол, вақте ки исроилиён дар биёбон оворагардӣ мекарданд, норозигии онҳо аз нороҳатии шахсӣ сарчашма мегирифт, ва, мутаассифона, ин боиси он гардид, ки онҳо аз даъвати худ маҳрум шаванд. Бар хилофи онҳо, ҳаворӣ Павлус парҳезгории худро намоён карда, гуфт:

> “Ман ёд гирифтаам, ки бо он чи дорам, қаноат намоям: дар камбағалӣ ҳам зиста метавонам, дар фаровонӣ ҳам; дар ҳар чиз ва дар ҳар ҷо аз сар гузаронидани серӣ ва гуруснагӣ, фаровонӣ ва камиро ёд гирифтаам” (Филиппиён 4:11-12).

Дар симои Павлус ва Абром Худо одамонеро пайдо кард, ки барои қабул кардани мушкилиҳо тайёр буданд ва на танҳо дар бораи худ фикр мекарданд. Сабаби норозигии онҳо на мӯҳтоҷиҳо ё хоҳишҳои шахсӣ, балки ғамхорӣ дар ҳаққи дигарон буд.

Принсипи зайлро дар ёд дошта бошед: агар сабаби норозигии ман эҳтиёҷоти шахсии ман бошад, пас ин ба Худо писанд нест. Аммо агар сабаби норозигӣ эҳтиёҷоти одамони дигар дар Подшоҳии Худо бошад, пас ин ба Худо писанд аст. Норозигии Абром ҳамин гуна буд, ва дар натиҷа чӣ шуд? Худо ситораҳои осмон ва реги лаби баҳрро нишон дода, биниши ӯро васеъ гардонид ва ваъда дод, ки мукофоти ӯ дар муқоиса ба он, ки ӯ ҳисоб карда метавонад, ба одамони бештар таъсир мерасонад. Ин Худоро водор кард, ки эълон кунад:

> “Ва аҳди Худро дар миёни Худам ва ту барқарор мекунам, ва *туро хеле ва хеле афзун мегардонам”* (Ҳастӣ 17:2).

Агар Абром аз баракатҳои аҷоиби ҳаёти худ қаноатманд мебуд, чӣ мешуд? Оё ӯ дар синни 75 солагӣ бовар карда метавонист, ки писардор шуда метавонад? *Норозигии вай барои афзункунӣ таконе дод.*

Ман онро ёд гирифтаам, ки чунин норозигиро сарфи назар кардан нашояд: он барои самаранокии бештар ҷастгоҳе мебошад. Маҳз ҳамин чиз ба калисои Лудкия намерасид. Исо онҳоро сахт сарзаниш кард, чунки онҳо ин тавр фикр мекарданд: "Ман... ба ҳеҷ чиз эҳтиёҷ надорам" (Ваҳй 3:17). Онҳо аз боиси Инҷилро қабул накардани одамон ташвиш намекашиданд, чунки онҳо танҳо дар бораи манфиати худ фикр мекарданд ва дар фаровоние, ки доштанд, худро бароҳат ҳис менамуданд. Ва дар натиҷа онҳо ба афзункунӣ саъй намекарданд.

Стен маҳз бо ҳамин озмоиш мубориза бурдааст. Ман низ гоҳ-гоҳе бо ин гуна озмоиш рӯ ба рӯ мешавам ва маҷбур мегардам, ки барои ғолиб омадан мубориза барам. Дар асл ин қариб бо ҳар яки мо рӯй медиҳад.

Ҳар қадаре ки ба Худо бештар хидмат кунам, ҳамон қадар бештар дарк мекунам, ки яке аз меваҳои имондори ҳақиқӣ – ин саъю кӯшиши амиқ барои он аст, ки таъсири Подшоҳии Худо ба ҳаёти одамон оварда шавад. Дар он лаҳзае ки мо наҷот меёбем, мо дигаргун мешавем, ба шахсияти тамоман дигар табдил меёбем. Мо барои хидмат кардан майлу иштиёқи пурҳарорат пайдо карда, аз нав таваллуд мешавем. Исо изҳор мекунад:

> *"Камарҳотон барои хидмат баста ва чароғҳотон фурӯзон бошад"* (Луқо 12:35, NLT).

Ин дастур аз ҷониби Худованди мо ҳамон мавқеъро таъкид месозад, ки мо ҳамчун имондор бояд нигоҳ дорем: *хидмат* ва *саъю кӯшиш* барои хидмат кардан. Ман ибораи *"нигоҳ доштан"*-ро истифода бурдам, чунки ин аллакай қисми табиати нави мо мебошад. Аксар вақт аз тарси афтидан ба он, ки "наҷот ба воситаи аъмол аст", ҳақиқат оиди хидмат сарфи назар карда мешавад, дар

ҳоле ки наҷот – ин атои ройгон аст. Аммо, хидмат бо “наҷот ба воситаи аъмол” ҳеҷ умумияте надорад; он хоҳиши ирсии рӯҳи мо мебошад. Барои чӣ мо ин ҷиҳати муҳими ҳаёти навамонро нодида мегирем ва аҳамияти онро кам мекунем? Оё имкон дорад, ки тамоюли муосир оиди ба тарзи нав фаҳмидани масеҳият имони моро бештар худбинона мегардонад, ва бо ин мо танбалиро, ки хоси табиати гуноҳкори одам аст, ташвиқ мекунем?

Барои чӣ Исо гуфт: “Барои хидмат камар бандед”? Барои чӣ Ӯ либосро ба хидмат монанд кард? Китоби Ваҳй ба мо ҷавоб медиҳад:

> «“Биёед ба ваҷд меоем ва шодӣ мекунем ва Ӯро ҷалол медиҳем, зеро ки никоҳи Барра фаро расидааст, ва завҷаи Ӯ *худро тайёр кардааст”.* Ва ба вай ато шуд, ки катони тоза ва дурахшон дар бар кунад; зеро ки он катон рамзи *корҳои неки* халқи Худо аст» (Ваҳй 19:7-8, NLT).

Аввалан, мо мебинем, ки маҳз арӯс худро тайёр кардааст, на Худо ӯро тайёр кардааст. Дуюм, муҳим он аст, ки ӯ чӣ тавр худро омода кардааст. Ҳар як арӯс барои интихоб кардани сару либоси тӯёна вақти зиёд сарф мекунад. Барои ин рӯзи олиҷаноб ин яке аз корҳои муҳимтарини ӯ мебошад. Дар фарҳанги ғарб арӯс барои ҷустуҷӯ ва харидани сару либоси худ вақти зиёд сарф мекунад. Дар Подшоҳии Худо, ҳамчун арӯси Масеҳ, мо низ барои *тайёр кардани* сару либоси худ вақти зиёд сарф мекунем. Либоси мо аз катони тоза ва дурахшон тайёр карда шудааст, ва он, мувофиқи ин ояти Китоби Муқаддас, хидмати мо дар бунёди Подшоҳии Худо мебошад. Инак, хидматгузорӣ ДНК-и рӯҳонии мо аст. Исо мегӯяд: “Чунон ки Падар Маро фиристод, Ман низ шуморо мефиристам” (Юҳанно 20:21). Ӯ омад, то ки хидмат кунад (ниг. Марқӯс 10:45), ва рисолати мо низ чунин аст. Ӯ ҳамчунин мефаҳмонад, ки барои чӣ хидмат кардан зарур аст: “Ғизои Ман он аст, ки иродаи Фиристандаи Худро ба ҷо оварам ва кори Ӯро ба анҷом расонам” (Юҳанно 4:34).

Мо бидуни ғизои ҷисмонӣ зиёд истодагарӣ карда

наметавонем. Бо ҳамин тариқ, имондоре, ки барои бунёди Подшоҳии Худо хидмат мекунад, бе ғизо зиёд истодагарӣ карда наметавонад, ва, охири охирон, имонашро тарк мекунад. Исо дар Инҷили Луқо боби 12-ум дар ин бора сухан гуфтанро давом медиҳад. Маҳз барои ҳамин қувваҳои системаи гуноҳкори дунёвӣ ҳама гуна кори имконпазирро ба амал меорад, то ба ҷои норозигие, ки ба афзункунӣ меорад, нуқтаи назари қаноатмандона ва худписандонаро нисбат ба ҳаёт интихоб кунем.

Бинобар ин, хонандаи азиз, нисбат ба норозиги худ оид ба сатҳи таъсиргузории худ беэътиноӣ накунед. Маҳз Худо бисёр вақт ҳаминро истифода мебарад, то ки боварии шуморо нисбат ба афзункунии илоҳӣ бештар гардонад.

## НОРОЗИГИИ МАН

Баъд аз он ки китоби *“Доми шайтон”* на танҳо дар Иёлоти Муттаҳида, балки дар дигар кишварҳо низ машҳур гардид, шумо гумон бурда метавонед, ки ман қонеъ шудам. Аммо ин тавр нест. Ман бо норозигӣ мубориза бурданро дар сатҳи дигар сар кардам.

Ман аллакай дар калисоҳои калон ва дар анҷуманҳои калон мавъиза мекардам, аммо норозигии ман аз он бармеомад, ки дар як хидматгузорӣ паёми худро ба таври пурра баён карда наметавонистам. Ман барои навиштани як китоб тақрибан 400 соат сарф мекунам. Вақте ки ман ин паёмро менавиштам, Рӯҳулқудс ба ман бисёр чизҳоро зоҳир кард. Ин ҳақиқатҳо барои онҳое таъин карда шудаанд, ки Худо дӯсташон медорад, устувор мегардонад, озод мекунад ва ба Худаш наздик месозад.

Вақти барои мавъиза ҷудо кардашуда дар аксарияти калисоҳо аз 35 то 45 дақиқаро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, дар мавзӯи *“Доми шайтон”* гап зада истода, ман метавонистам як боб, дар беҳтарин ҳолат, якуним бобро фаро гирам. Ин чунин маъно дошт, ки одамон 90 фоизи паёмро намешуниданд. Албатта, онҳо китобро харида ва хонда метавонистанд, аммо, одатан, инро танҳо аз панҷ як нафари иштирокчиён мекунанд.

Дар натиҷаи норозигии ман, баъд аз чор ё панҷ соли нашр шудани китоб ба ман фикре омад. Барои чӣ аз рӯи китоби *“Доми шайтон”* курси таълимӣ таҳия накунам? Ман метавонистам 12 дарси сидақиқагии видеоӣ сабт кунам ва ҳақиқатҳои асосии ҳар як боби китобро матраҳ созам. Ва одамон, ҳам дар гурӯҳҳои майда ва ҳам мустақилона, на танҳо хонда истода, балки ҳамчунин тамошо карда ва шунида, ин паёмро пурра аз худ карда метавонистанд. Ин ҳамчунин самаранокии ин паёмро афзун карда метавонист. Мо барои муҳокимарониҳо ё омӯзиши мустақилона саволҳо тартиб дода метавонистем, ки бо ин тарз ба Рӯҳулқудс имкон медодем, то одамонро амиқтар ламс кунад ва ин паёмро барои ҳар як кас фоидабахш гардонад.

Ман инро бо дастаамон муҳокима кардам. Яке аз аъзои даста пешниҳод кард, ки барои иштирокчиён дафтари корӣ ва ҳамчунин барои роҳбарон дастурамал, ки ин 12 дарси видеоиро пурра карда метавонистанд, ташкил кунем. Ин курси таълимиро дар шароитҳои хеле гуногун истифода бурдан мумкин буд.

Мо як ширкати хеле хуберо пайдо кардем, ки барои зиёдтар аз 2.500 мизоҷон, аз ҷумла барои чандин иттиҳодияҳо дар Иёлоти Муттаҳида, маводҳо истеҳсол мекард. Аз оғоз талаботҳои мо чунин буданд: “Ҳеҷ гуна муносибати беаҳамиятона ба кор, ҳеҷ гуна созиш дар масъалаи сифат, ва муносибати пурмасъулияти инноватсионӣ. Биёед кӯшиш мекунем, ки барои чандин солҳо, ҳам дар тарзу ҳам дар услуб, ба пеш қадам гузорем”. Воқеан, боре ман шарафёб гардидам, ки барои корманди яке аз президентҳои ИМА омӯзиши Китоби Муқаддас гузаронам. Ман ба Бинои Сафед аз Канори ғарб ворид шудам ва дар ҳар ҷо бартариятро дидам. Дар он рӯз ман фикр кардам: *“Ҳамаи ин чизҳо президенти Иёлоти Муттаҳидаро муаррифӣ мекунанд; мо дар “Мессенҷер Интернэшнл” Подшоҳи тамоми коинотро муаррифӣ мекунем”.* Новобаста ба он ки мо аз худи аввал бартариятро таъкид мекардем, баъд аз ин воқеа мо ӯҳдадор шудем, ки боз ҳам бештар собитқадам бошем, то ҳеҷ гоҳ дар масъалаи сифат ба созиш наравем ва нисбат ба кор беаҳамиятӣ зоҳир накунем.

Ҳамон лаҳза ки мо курси таълимиро тайёр кардем, вазифаҳои ду аъзои дастаамон аз нав тақсим карда шуданд; онҳо дар вақти пурраи корӣ занг заданро оғоз карданд (дар аввали солҳои 2000-ум ин ҳанӯз ҳам барои муошират бо роҳбарони калисо роҳи беҳтарин буд). Вазифаи онҳо бо тамоми калисоҳое, ки дар давоми 10 соли охир мо мавъиза карда будем, тамос гирифтан ва ба роҳбарон дар бораи курси таълимии мо хабар додан буд. Мо аз таҳти дил мехостем, ки барои мустаҳкам гардонидани калисоҳои маҳаллӣ шубонҳоро дастгирӣ кунем ва дар омӯзонидани аъзои калисои онҳо кӯмак расонем. Дар он рӯзҳо курсҳои таълимии ба ин монанд кам буданд; ин ғоя ҳанӯз паҳн нашуда буд.

Вақте ки роҳбарон ин ғояро дастгирӣ карданд, мо хеле хурсанд шудем – вокуниши онҳо тасаввурнопазир буд! Пас аз чандин муддат, калисоҳо ба мо дар бораи афзоиши давомот, ҳам дар гурӯҳҳои хурд ва ҳам дар ҷамъомадҳои асосӣ, хабар додан гирифтанд. Дар аввал мо фикр карда будем, ки фақат калисоҳое, ки камтар аз 100 нафар имондорон доранд, дар хидматгузориҳои худ ин курси таълимиро истифода хоҳанд бурд. Аммо, якчанд калисоҳои иборат аз чандин ҳазор нафар имондорон буданд, ки дар хидматгузориҳои якшанбегии худ ин дарсҳои видеоиро истифода мебурданд, ва онҳо низ афзоиш пайдо мекарданд. Роҳбарон хабар медоданд, ки имондорони онҳо хоҳиш карда истодаанд, ки агар рӯзҳои истироҳат ба идҳо рост оянд, дарси навбатиро нишон надиҳанд, чунки онҳо дар хидматгузорӣ иштирок карда наметавонистанд. Ба мо калисоҳо менавиштанд, ки шумораи имондорон ду ё се баробар афзоиш ёфта истодаанд.

Шубонҳо ба дӯстони худ дар бораи он хабар медоданд, ки дар калисоҳо ва гурӯҳҳои хурди онҳо чиҳо рӯй дода истодаанд. Ва аллакай худи шубонҳо ба мо занг зада, хоҳиши худро барои пайдо кардани ин курси таълимӣ изҳор мекарданд. Дар давоми якчанд сол курси моро ҳазорҳо калисоҳо – бештар аз 20 ҳазор калисоҳо дар Иёлоти Муттаҳида ва бештар аз ҳазор калисоҳо дар Австралия истифода бурданд. Шӯъбаи муносибатҳои байникалисогии мо афзоиш ёфт, ва дар он аллакай ҳафт нафар

бо вақти пурра кор мекардагӣ шуданд. Мо ҳамеша аз калисоҳо дар бораи ба амал омадани дигаргуниҳо дар ҳаёти имондорон, калисоҳо ва оилаҳо шаҳодатҳо мешунидем.

Дар давоми чанд соли дигар мо барои ҳар яке аз китобҳои асосие, ки хидмагузории мо нашр мекард, курсҳои таълимӣ таҳия кардем. Дар муддати 12 сол хидматгузории мо аллакай 10 курси таълимӣ таҳия кард, ки онҳоро дар тамоми Иёлоти Муттаҳида ва дар саросари Австралия истифода мебурданд.

Ин афзуншавӣ як паҳлӯе дошт, ки мо пешбинӣ накарда будем, вале баъдтар онро ошкор кардем. Шумораи зиёди одамон, ки ҳеҷ гоҳ яке аз китобҳои маро намехариданд ва ягон мавъизаи маро гӯш намекарданд, акнун аз ин паёмҳо баҳра мебурданд. Ин аъзои он калисоҳо ва гурӯҳҳои хурде буданд, ки роҳбаронашон онҳоро бо ёрии маводҳои таълимии мо таълим додан мехостанд.

## “ТУ СОДИҚ БУДӢ”

Албатта, мо саршор аз шукргузорӣ будем! Шумораи китобҳое, ки ба фурӯш рафта буданд, якчанд миллионро ташкил медоданд, курсҳои таълимӣ бошанд – садҳо ҳазорро. Вале ман ҳанӯз бо норозигӣ мубориза мебурдам. Ман медонистам, ки ин паёмҳо барои бадани Масеҳ таъин шуда буданд. Ва, гарчанде онҳо самараи зиёд меоварданд, ҳоло ҳам дар бисёр кишварҳо бисёр имондороне буданд, ки илоҷи пайдо кардани китобҳоро надоштанд.

Мо чӣ тавр ба онҳо ёрӣ дода метавонистем?

Ман медонистам, ки мӯҳтоҷӣ хеле зиёд буд, аммо ман тасаввуроте надоштам, ки чӣ тавр бо ин шубонҳо ва роҳбарон робита барқарор кунам. Аммо, мо бояд илоҷе пайдо мекардем. Мо ба мӯҳтоҷиҳое, ки мешунидем, кӯмак карданро сар кардем. Мо ба директори байналмилалиамон супориш додем, ки, агар ягон гурӯҳи роҳбарон аз кишварҳои рӯ ба инкишоф ё кишварҳое, ки ба Инҷил муносибати душманона доранд, оиди китобҳо муроҷиат кунанд, мо ба онҳо китобҳоро ҳамчун тӯҳфа

мефиристонем ё дар кишвари онҳо нашр карда, муздашро пардохт мекунем.

Норозигии ман зиёд мешуд, зеро мо танҳо қисми ночизи эҳтиёҷоти мавҷуда – аз 10 то 20 ҳазор китобро дар як сол қонеъ карда метавонистему халос. Ин дар муқоиса бо мӯҳтоҷии воқеие, ки барои маводҳои таълимӣ мавҷуд буд, қатрае аз баҳр ба назар мерасид, вале мо сол ба сол бо истифода аз ҳар гуна имкониятҳое, ки фароҳам меомад, ин корро давом медодем.

Баъд аз ин Рӯзи Хотираи соли 2010 фаро расид (31 май). Лиза дар Англия буд, ва дар як анҷумани занона хидмат мекард. Ман дар айни замон аз бозии голф баргаштам. Ман Китоби Муқаддаси худро ба даст гирифтам ва бедор шудани шавқи хондани китоби Дониёлро ҳис карда, ба таҳхона фаромадам. Дар ҳоле ки ман боби дуюмро мехондам, ногаҳон Рӯҳи Худованд таҳхонаи моро пур кард, ва ман дар қалби худ шунидам: “Писарам, ту дар кишварҳои англисзабон *содиқ* будӣ. Акнун Ман мехоҳам, ки ту паёмҳои худро ба дасти ҳар як шубон ва роҳбар дар саросари ҷаҳон супорӣ”.

Ҳузури Худо чанд лаҳза боқӣ монд. То даме ки ҳузури Худо нарафт, ман бо ҳаяҷон ва тааҷҷуб меистодам. Ҳамон рӯз ман донистам, ки тағйироте рӯй дод. Мо набояд танҳо имкониятҳоеро, ки вомехӯрдем, истифода мебурдем; мо супориши илоҳӣ гирифтем. Акнун мо мехостем ба таври мақсаднок шубонҳо ва роҳбарони эҳтиёҷмандро, новобаста ба кишваре, ки онҳо мезистанд, новобаста ба забон ва аҳволи молиявиашон, пайдо кунем.

Диққати маро он чиз ҷалб кард, ки Рӯҳулқудс калимаи *“содиқ”*-ро истифода бурд. Он вақтҳо ман садоқатро бо афзункунӣ алоқаманд ҳисоб намекардам – ин ҳақиқат то ҳол ба ман кушода нашуда буд. Агар аз ман дар бораи таърифи инҷилии садоқат мепурсиданд, ман аниқ калимаи *“афзункунӣ”*-ро зикр намекардам. Суханони Рӯҳулқудс дар таҳхонаи мо мусоидат карданд, ки қалби ман барои ин ҳақиқат кушода шавад. Ман медонистам, ки суханони Худоро шунидам, аммо боз ҳам фикр

мекардам, ки хидматгузории мо чунин супориши бузургро иҷро карда наметавонад.

Ману Лиза дӯсти деринае дорем, ки номаш Роб Биркбек аст. Ӯ дар хидматгузории бузурги байналхалқии як башоратдиҳандаи машҳур кор мекард. Роб директори калони ин хидматгузорӣ буд, ва ҳамчунин ба нашр ва паҳн кардани китобҳои ин башоратдиҳанда машғул мешуд. Бинобар ин Роб бо ноширон ва шубонҳо қариб дар ҳар кишвари дунё робитаҳои хуб дошт. Чунин шуд, ки аз сабаби ба нафақа баромадани ҳамон башоратдиҳанда дар ҳамон вақт Роб аз кори худ маҳрум гардид. Мо бо Лиза Роб ва ҳамсари ӯ Ванессаро таклиф кардем, ки ба дастаи мо ҳамроҳ шаванд, чунки мо ба наздикӣ бе директори байналхалқӣ монда будем. Ҳеҷ яке аз мо тасаввур карда наметавонист, ки ин ҳамкорӣ чӣ гуна таъсирбахш буда метавонад.

Январи соли 2011 фаро расид. Ман бо роҳбарони шӯъбаҳои хидматгузориамон дар толори анҷумани мо вохӯрӣ мегузаронидам, ва дар он Роб ва Ванесса низ иштирок доштанд. Ҳангоми ин вохӯрӣ ман пурсидам:

– Мо соли гузашта барои шубонҳо ва роҳбарон дар кишварҳои хориҷӣ чӣ қадар китоб паҳн кардем?

Яке аз аъзои дастаи мо ба ҳисоботи солона нигоҳ карда, ҷавоб дод:

– Сию се ҳазор китоб.

Ӯ фикр кард, ки ҷавоби мусбӣ мешунавад, аммо не. Ман дигар норозигии худро пинҳон карда натавонистам.

– Ҳамин қадар халос?

Баъд аз ин аз даҳони ман суханони зайл баромаданд:

– Имсол мо барои шубонҳо ва роҳбарон дар кишварҳои рӯ ба инкишоф ва кишварҳое, ки ба Инҷил душманона муносибат мекунанд, 250.000 китоб паҳн мекунем.

Дар ҳуҷра хомӯшии том ҳукмфармо шуд. Баъдтар Лиза ба ман гуфт, ки дар он лаҳза ӯ таъми хӯрокеро, ки аз меъдааш ба боло баромад, ҳис кард (ӯ эҳсоси баланди ҳаҷв дорад).

Якумин шуда, директори иҷроияи мо, ки писари калонии мо мебошад, ба гап даромад:

– Падар, – гуфт Эдисон, – ту бовар дорӣ, ки ин қадар зиёд китоб паҳн карда метавонӣ?

– Бале, албатта, – ҷиддӣ гуфтам ман.

Ӯ дар давоми 20 дақиқаи охир ба ман савол додан гирифт. Ман дар назди ҳозирин, ки оромона гӯш мекарданд, ба саволҳои ӯ ҷавоб медодам. Ӯ хеле бо эҳтиром ҳарф мезад, аммо доимо изҳор мекард, ки супориши ман иҷронашаванда аст. Ниҳоят, бо овози ҳазин, ӯ гуфт:

– Фақат ин ки ман ба дастаамон мақсади ғайривоқеиро талқин кардан намехоҳам!

Ман дигар тоқат кардан намехостам. Мизро бо мушт зада, ман қатъиёна эълон кардам:

– Ман гуфтам, ки мо имсол 250.000 китоб паҳн кардан мехоҳем!

Дар ҳуҷра хомӯшӣ ҳукмфармо шуд. Зуд вохӯрӣ ба охир расид, ва ҳама бо эҳсоси ногувор аз он ҷо рафтанд.

Субҳи дигар, вақте ки мо танҳо будем, писарам гуфт:

– Аз он ки ту бо ман бо чунин оҳанг сӯҳбат кардӣ, ман худро каме бад ҳис кардам.

Мо ҳар ду ором шуда будем ва оштӣ шудан мехостем.

– Писарам, ту медонӣ, ки вақте дастаи мо саҳми худро мегузорад, ин ба ман маъқул мешавад, – ҷавоб додам ман. – Одатан ман, пеш аз қабул кардани қарори ниҳоӣ, пешниҳод ва фикри ҳар касро бармекашам. Аммо дирӯз тамоман ба таври дигар буд. Ман аз ҳамаи шумо напурсидам: “Ба фикри шумо, оё лозим аст, ки 250.000 китоб паҳн кунем?”, ё “Ба фикри шумо, имсол мо чӣ қадар китоб бояд паҳн кунем?” Ман гуфтам, ки мо ин корро мекунем! Аммо ту дар давоми 20 дақиқа бо ман баҳс кардӣ.

Ӯ инро эътироф кард ва розӣ шуд, аммо сулҳхоҳона хоҳиши охиринро изҳор кард:

– Падар, оё дар давоми 24 соати охир дар ин бора дуо карда метавонӣ? Агар баъд аз ин боз ҳам бовар кунӣ, ки мо бояд ин корро кунем, дастаи мо ҳама гуна кӯшишро ба харҷ медиҳад, то ки инро ба амал орад.

– Албатта, – гуфтам ман.

Росташро гӯям, ман дар ин бора ба таври махсус дуо накардам! Ман кӯтоҳ дуо кардам, ҳамту ба он хотир, ки ба қавлам вафо кунам, аммо ман аллакай аз ҳамон вохӯрие, ки дар таҳхонаамон бо Худо доштам, медонистам, ки маҳз ҳамин тавр бояд рафтор кунем.

Шояд шумо пурсед: “Шумо ноором҄ ҳис кардед?” Шубҳа накунед ҳам мешавад. Ман қариб ба даҳшат афтодам! Ман дар бораи он ба худ фикр карданро раво намедидам, ки аз куҷо маблағҳоро дастрас карда метавонистам. Агар ман ба худ раво медидам, ки бо ин роҳ равона шавам, ман зуд бо писарам розӣ мешудам ва миқдори китобҳоро ба ҳадди “оқилона” иваз мекардам. Мақсад оиди паҳн кардани чоряк миллион китоб ғайриимкон ба назар мерасид, аммо ман бо азми қавӣ ҳамон супоришеро, ки гирифта будам, маҳкам дошта меистодам. Ман медонистам, ки мо ё стратегияи эҷодкорона ё таъминоти мӯъҷизавиро ба даст меорем. Ман аз куҷо медонистам, ки на яке аз онҳо, балки якбора ҳар ду ба амал меоянд!

Пас аз се ҳафта дар меҳмонхона дар Флорида будам ва китоби нав менавиштам. Дастаи ман медонад, ки саҳарӣ, вақте ки ман ба навиштан машғул ҳастам, занг задан дуруст нест, чунки ин барои ман вақти беҳтарине аст, ки дар он тамоми диққати худро ба кор равона карда метавонам. Телефони ман занг зад, ва ман дидам, ки занг аз утоқи корӣ буд. Ман ҷавоб додам, зеро медонистам, ки мумкин ягон воқеаи фаврӣ ё муҳим рӯй дода бошад. Ман аз он сӯ садоҳои хурсандиро шунидам. Ҳамон одамоне, ки дар ҳамон вохӯрии шиддатнок се ҳафта қабл иштирок доштанд, дар ҳуҷрае буданд, ки ба ман аз он ҷо занг зада шуд, ва ба назарам, онҳо ҳама хурсандӣ мекарданд ва механдиданд.

Эдисон гуфт:

– Падар, мо ба шарикони молиявии худ дар бораи он, ки 250.000 китоб паҳн карданӣ ҳастем, мактуби расмӣ нафиристодем, аммо яке аз аъзои дастаи мо бо шиноси худ сӯҳбат кард, ва, вақте ки он шахс аз нақшаи мо огоҳ шуд, вай ваъда дод, ки барои ин лоиҳа 300.000 доллар хайрот медиҳад!

То ин лаҳза, аз ҳама хайроти калоне, ки хидматгузории мо аз як нафар гирифта буд, 50.000 долларро ташкил медод. Акнун ман низ ба хурсандӣ ҳамроҳ шудам! Пас аз суханоне, ки пур аз тааҷҷуб ва шодмонӣ буданд, ман ба ҳама гуфтам:

– Акнун шумо мефаҳмед, ки ҳангоми ҳамон вохӯрӣ се ҳафта қабл аз ин ман чаро ин қадар боисрор будам?

Писарам ханда кард ва зуд ҷавоб дод:

– Падар, агар ту гӯӣ, ки мо бояд як миллион китоб паҳн кунем, ман пурра тарафдор мешавам!

Дигарон самимона суханони ӯро тасдиқ карданд.

Ман он субҳро ҳеҷ фаромӯш намекунам. Ман телефонро гузоштам ва дигар навишта натавонистам. Ҳама он коре, ки карда метавонистам, ин дар ҳуҷраи меҳмонхона роҳ гаштан ва гуфтани чунин суханон буд: “Туро шукр мегӯям! Туро шукр мегӯям! Туро шукр мегӯям!”. Тамоми ин вақт аз чашмонам ашк ҷорӣ мешуд. Ҳама чизе, ки ман андаруни қалби худ дида метавонистам, ин шубонҳо ва роҳбарони рӯҳан гуруснае буданд, ки бо эҳтиёҷмандии зиёд маводҳои таълимиро барои шогирдсозӣ мегирифтанд.

Ман хеле миннатдорам, ки Эдисон самимӣ буд ва ба ман саволҳо медод. Ман шодам, ки ӯ фикрҳои худро дар даруни худ нигоҳ надошт, балки он чиро, ки ҳама дар ҳамон вохӯрӣ ҳис мекарданд, изҳор кард. Бо эҳтимоли зиёд, онҳо шуниданд, ки чӣ тавр дар саволҳои Эдисон нигарониҳои онҳо садо доданд, ва ба ҳамаи ин фикрҳо бояд муқовимат кардан лозим буд. Ҳамин воқеа моро водор кард, ки бо тарсҳои худ рӯ ба рӯ шавем. Агар ман ба ин тарсҳо гӯш медодам, онҳо моро маҷбур мекарданд, ки самти худро

дигар кунем ва дар чаҳорчӯбаи имкониятҳои худ боқӣ монем. Дар он ҳолат биниши рӯҳонии мо хомӯш мешуд, ва мо чунин хайроти бисёр ва саховатмандонаро ба даст намеовардем. Эҳтимол, мо 50.000 китоб паҳн мекардем ё дар ҳолати номуайян мемондем.

Мо дар назди худ мақсад гузоштем; Рӯҳулқудс онро шунид, ва баъд қалби он шахсро ламс кард, то ки ӯ хайроти ғайриоддӣ кунад. Ҳамчун даста, мо ба сатҳи нави имон баромадем.

Дар ҳамон сол, бо файзи Худо, мо барои шубонҳо ва роҳбарон дар 48 кишвари дунё, аз қабили Эрон, Ироқ, Суриё, Лубнон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Туркманистон, Хорватия, Албания, Миср, Ветнам, Мянма, Камбоҷа, Чин, Муғулистон, Туркия, кишварҳои зиёди эҳтиёҷманд дар Африқо ва ғайра ба миқдори 271.700 китоб паҳн кардем. Солҳои қаблӣ мо даҳҳо ҳазор китоб паҳн мекардем, вале акнун бошад, ба чоряк миллион гузаштем. Самаранокии мо аз ҳашт маротиба ҳам зиёдтар шуд. Барои ин афзункунии бузург – ҷалол ба Худо!

## НОРОЗИГИИ БЕШТАР

Оё аз ин бештар буда метавонист?

Дар моҳи майи 2011, пас аз чор моҳи баъди ҳамон муқовимати шиддатнок дар толоре, ки анҷумани мо доир мегардид, Роб ва ман дар Бейрут, пойтахти Лубнон, будем ва дар он ҷо ба шубонҳо ва роҳбароне, ки аз тамоми Шарқи Наздик ҷамъ шуда буданд, хидмат мекардем. Дар вақти танаффус Роб бо хоҳише ба назди ман омад:

– Як шубон аз Эрбиля, аз Ироқ каме бо ту сӯҳбат кардан мехоҳад. Оё мехоҳӣ бо вай вохӯрӣ?

– Албатта!

Роб мулоқоти моро дар толори меҳмонхона ташкил кард. Ин ҷавони тақрибан 35 солае буд, ки чашмонаш аз оташ ва орзу медурахшиданд. Ман гуфта метавонистам, ки ӯ барои бунёди Подшоҳии Худо азми қавӣ дошт. Ӯ барои хидматгузорӣ камар баста буд ва чароғи имони ӯ фурӯзон буд! Ӯ аз Эрбиля бо як

мақсад – барои тақвият ёфтан ба воситаи омӯзиш ва мулоқот бо одамон омада буд. Ман фавран гуфта метавонистам, ки ӯ роҳбари пешқадам ва навоваре буд, ки аҳамияти фаҳмо ва дастрас буданро ба гумшудагон хуб дарк мекард.

Муоширати мо ҳамчун як гуфтугӯи осон ва гуворо оғоз ёфт, аммо дар ниҳоят, ба сӯҳбати ҷиддӣ мубаддал шуд. Ӯ ба ман гуфт:

- Шубон Бивер, ман шуморо падари рӯҳонии худ меҳисобам. Ман ҳама чизеро, ки шумо менависед (ҳамагӣ якчанд китоби ман ба забони ӯ тарҷума шуда буд, вале ӯ забони англисиро медонист), мехонам. Ман ҳатто корти бонкии худро барои зеркашӣ кардани маводҳои шумо аз веб-сайти “Мессенҷер Интернэшнл” истифода мебарам...

Дар ин лаҳза гӯё ки ба болои ман оби сард рехта шуд. Ман қариб дар ёд надорам, ки баъд аз ин дар бораи чӣ гуфтугӯ кардем. Ақли ман фарёд мезад: *“Ман ба шубон аз Ироқ – кишваре, ки аз боиси ҷанг харобу валангор шудааст, нигоҳ мекунам, ва ба ӯ лозим аст, ки барои зеркашӣ кардани маводҳо аз сайти мо корти бонкиашро истифода барад?”* Ман интизор шуда наметавонистам, то бо Худованд танҳо бимонам ва ба Ӯ ин эҳтиёҷи шадидро пешниҳод намоям.

Бо ӯ хайрухуш карда, ман рост ба ҳуҷраи худ равона шудам ва даромада, аз пасам дарро пӯшидам. Ман чунон ошуфта шуда будам, ки фарёд задам:

– Худоё, Ту бояд нишон диҳӣ, ки ман чӣ тавр паёмеро, ки ба ман бовар карда супоридаӣ, ба шубонҳо ва роҳбароне, ки дар саросари дунё ба он эҳтиёҷ доранд, бирасонам!

Ман ҳеҷ парвое надоштам, ки дар ҳуҷраҳои паҳлӯӣ кӣ буд. Ман бояд аз осмон роҳнамоӣ меёфтам ва мефаҳмидам, ки чӣ тавр супориши Ӯро иҷро кунам ва ин маводҳоро ба тамоми роҳбарон дар саросари ҷаҳон бирасонам.

Пас аз чанд рӯз баъди ин дуои пурқувват, дар ман фикре пайдо шуд. Ин фикр ба ман стратегияеро дод, ки он барои чандин маротиба, ҳатто бисёр маротиба, бидуни меҳнат ва

хароҷоти иловагӣ ба самаранок гардидани хидматгузории мо ёрӣ расонида метавонист.

Ин фикри олиҷаноб буд... ва он танҳо бо ҳикмати Худованд дода шуда метавонист. Ин хеле оддӣ буд, аммо пештар мо аз ин бехабар будем. Хонданро давом диҳед!

## ТАФАККУР КУНЕД

1. Озурдагӣ ва норозигӣ аксар вақт метавонанд, ки барои афзун шудани имони мо ангезае (стимул – шарҳи тарҷ.) гарданд. Оё Худо шуморо даъват мекунад, ки дар соҳаи муайяни ҳаётатон ба камол расед? Агар ҳа, шумо чӣ тавр ба даъвати Ӯ ҷавоб медиҳед?

2. Агар эҳтиёҷоти шахсии шумо сабаби норозигӣ бошад, ин ба Худо писанд нест. Аммо агар сабаби норозигӣ мӯҳтоҷиҳои дигарон ва эҳтиёҷот баҳри бунёди Подшоҳии Худо бошад, ин ба Худо писанд аст. Сабаби норозигии шумо чӣ аст?

3. Дар бораи ҳикояи ман оиди 250.000 китоб фикр кунед. Чаро имон барои ба даст овардани ваъдаҳои Худо ва дастрас кардани дараҷаҳои нави афзункунӣ хеле зарур аст? Чаро муҳим аст, ки шумо ба Худо итоаткор бошед, ҳатто дар ҳоле, ки дигарон бо шумо розӣ нестанд?

*Агар шумо чӣ кор карданатонро надонед, ба Падар дуо гӯед. Ӯ мадад карданро дӯст медорад.*

– Яъқуб 1:5, MSG

# 8

# Ғояҳои стратегӣ

Ҳар сол ман беш аз беш ба арзиши бузурги *ғояи стратегии илҳомбахш* боварӣ ҳосил мекунам. Аксар вақт мо интизор мешавем, ки таъминот ва дахолати Худо бидуни нақшаи тактикӣ хоҳад омад, аммо, маъмулан, ин тавр нест. Ба ҷои ин, аз ҷониби Худо ғояҳои стратегии илҳомбахш меоянд! Аз Китоби Муқаддас бисёр мисолҳо овардан мумкин аст, ки ин ҳақиқатро тасдиқ мекунанд, аммо иҷозат диҳед, ки ҳамагӣ чанде аз онҳоро ёдрас кунам:

- *Ғояи стратегӣ* – пораи дарахтеро ба оби талх андохтан, то ки миллионҳо одамон аз он об бинӯшанд (ниг. Хуруҷ 15:22-25).
- *Ғояи илҳомбахши дигар* – сахраро задан, то ки миллионҳо одамон бо об таъмин шаванд (ниг. Хуруҷ 17:5-6).
- *Ғояи стратегӣ* – дар гирди девори фатҳнопазири шаҳр дар давоми шаш рӯз ҳар рӯз як маротиба гардиш намудан. Ва *ғояи стратегии* дигар баъд аз ин, рӯзи ҳафтум – дар гирди девори шаҳр, шох навохта, ҳафт маротиба гардиш намудан ва пас аз он фарёд задан. Мақсад – ба шаҳр зада даромадан ва забт кардани он (ниг. Еҳушаъ ибни Нун 6).
- *Ғояи стратегӣ* – ба даҳҳо ҳазор сарбозон фармон додан, то ки об нӯшанд, ва бо ин роҳ сарбозони беҳтаринро муайян кардан, ва сипас онҳоеро, ки ба об хам шуда, нӯшиданд, аз онҳое, ки нигоҳашонро аз майдони ҷанг накананд, ҷудо кардан (ниг. Доварон 7:4-6).

- *Ғояи стратегӣ* – душманро рӯ ба рӯ ҳуҷум накардан, балки аз ақиби лашкари душман давр зада, аз ҷониби дарахтони тут наздик шудан, ва акси садои қадамҳоро дар сари дарахтони тут шунидан, ки маънояш мадади Худо дар муҳориба аст (ниг. 2 Подшоҳон 5:22-25).
- *Ғояи стратегӣ* – дар вазъияти гуруснагии шадид аз бевазан ва писари вай хоҳиш кардан, ки ба набӣ қути лоямути худро диҳанд, ба ҷои он, ки худашон онро бихӯранд. Онҳо ба набӣ итоат карда, бар хилофи бисёр оилаҳои дигар, аз марг раҳо шуданд (ниг. 3 Подшоҳон 17:8-15).
- *Ғояи стратегӣ* – аз бевазани қарздор, ки ду писарашро бар ивази қарз кашида гирифтан мехоҳанд, пурсидан, ки дар хонааш чӣ ҳаст. Ва сипас ба вай дастур додан, ки аз ҳамсояҳо зарфҳои холӣ талаб кунад, то ки онҳоро бо ягона чизе, ки дошт – андаке равғани зайтун пур кардан, ҳамаи равғанро фурӯхтан ва қарзро соф кардан (ниг. 4 Подшоҳон 4:1-7)
- *Ғояи стратегӣ* – ба сарлашкари бемор фармудан, ки ба дарёи Ӯрдун ҳафт маротиба ғӯта занад, ки дар натиҷа вай шифои комил пайдо мекунад (ниг. 4 Подшоҳон 5:1-19).
- Ғояи стратегӣ – гурӯҳи парастиш ва ҳамду саноро пешопеши лашкар фиристодан, то ки ғалаби фавқулоддаро таъмин намоянд (ниг. 2 Вақоеънома 20:21-26).
- *Ғояи стратегӣ* – ба ҷои таоми фаровони дастархони подшоҳ сабзавот хӯрдан, то ки солим ва хушнамуд гардӣ ва дар байни ҷавонони беҳтарини кишвар назаррабо бошӣ (ниг. Дониёл 1:8-16)
- *Ғояи стратегӣ* – зарфҳои об ва оби тозаро истифода бурда, шароби беҳтарин муҳайё кардан ва зиёфати тӯёнаро бо хурсандӣ давом додан (ниг. Юҳанно 2:6-10).
- *Ғояи стратегӣ* – ғизои андакеро гирифта, онро баракат додан, ва тақсим карда дода, ҳазорҳо одамонро сер гардонидан (ниг. Матто 14:13-21).
- *Ғояи стратегӣ* – бо оби даҳон гил сохта, ба чашми одами нобино гузоштан ва ӯро барои шустан фиристодан, то ки бино

шавад (ниг. Юҳанно 9:6-7).

- *Ғояи стратегӣ* – киштии ғарқ шудаистодаро тарк накардан, то ки ҳама бошандагони киштӣ наҷот ёбанд (ниг. Аъмол 27:21-44).

Дар ҳар як аз ин ҳолатҳо ғояҳои илҳомбахш сабаби мудохилаи Худо гардиданд. Шумо дар ҳар яки он нишонаи умумиро мебинед? Ин стратегияҳо чунин маъно доштанд, ки одамон бояд чизи доштаашонро истифода баранд, ё ба таври дигар амал кунанд. Дар ҳар як ҳолат таъминоти илоҳӣ ба як чизи шинос печонида шуда буд. Ба ибораи дигар, унсури асосие, ки ба содиршавии мӯъҷиза боис мегардад, ба таври сеҳрнок зоҳир намешуд.

*Худо аксар вақт стратегияҳоеро медиҳад, ки бо ин восита чӣ тавр* бо роҳи ғайриоддӣ *истифода бурдани чизҳои оддиро нишон диҳад,* то ки натиҷаҳои фавқулодда ба даст оварда шаванд. Ана барои чӣ ғояи илҳомбахш ин қадар аҳамиятнок аст. Навишта шудааст: “Ба даст овардани ҳикмат аз ҳама кори муҳимтаринест, ки ту карда метавонӣ” (Масалҳо 4:7, GNT). Яке аз шаклҳои ҳикмати илоҳӣ – ин ғояи стратегӣ, ва хабари хуш дар он аст, ки Худо ин ҳикматро боздошт намекунад. Вақте ки мо бо душвориҳои ғайриоддӣ рӯ ба рӯ мешавем, ҳаворӣ Яъқуб ба мо мегӯяд:

> “Агар ба шумо ҳикмат (ғояи стратегӣ) лозим бошад, аз Худои саховатманд талаб кунед, ва Ӯ ба шумо ато хоҳад кард. Ӯ шуморо барои хоҳишатон сарзаниш намекунад” (Яъқуб 1:5, NLT, шарҳдиҳӣ дар байни қавсҳо аз они ман аст).

Ӯ онро бидуни нигоҳ доштан ва пинҳон кардан, ба шумо ба таври возеҳ нишон медиҳад. Ин ваъдаи Ӯ аст. Аммо барои гирифтани ғояи стратегии илҳомбахш ду шарт мавҷуд мебошанд, ки бояд иҷро карда шаванд:

> “Фақат боварӣ ҳосил кунед, ки бо *имони комил* талаб доред ва шубҳа накунед, ки ба даст меоред. Чунки шаккок дар лаҳзаи аввал бовар мекунад, вале баъд ба шубҳа меафтад. *Дудилагӣ* шуморо ба мавҷи баҳр монанд мекунад, ки аз шамол баланд шуда, ҷавлон мезанад. Шумо дар лаҳзаи аввал дар боло

ҳастед, вале дар лаҳзаи дигар ба зер афканда мешавед. Вақте ки шумо *мутмаин нестед* ва *дудилагӣ мекунед,* устувор нестед. Оё шумо дар ин ҳолат истода, интизор мешавед, ки аз Худованд чизе бигиред?" (Яъқуб 1:6-8, ТРТ).

Мо бояд бо *имони комил* талаб кунем. Мо *интизор* намешавем, ки ғояи тактикиро ба даст меорем – мо ба он пурра умед мебандем. Ҳамчунин, мо бояд барои гирифтани он чизе, ки талаб дорем, саъй кунем – мо бояд *сахт хоҳиш дошта бошем.* Дархости мо аз муносибати фориғболона ва дилсардона барнамеояд: *"Агар ман онро ба даст орам, хеле хуб мешавад, вагарна, ҳеҷ гап не".* Мо барои ба даст овардан бояд иштиёқи сахт ва азми қавӣ дошта бошем.

*Ғояи стратегӣ* – ин атои Худо, ва ҳамон лаҳза ки мо онро ба даст меорем, он барои баромадан ба сатҳи навбатии афзункунӣ ба мо роҳ мекушояд. Он барои афзункунӣ ба мо қувват мебахшад.

## ҒОЯИ СТРАТЕГИИ ИЛҲОМБАХШ

Ҳамон дуоеро, ки дар меҳмонхонаи Бейрут карда будам, ба ёд оварда, гуфтан мехоҳам, ки ҳамон рӯз ман дар ҳуҷраи худ оромона дуо карда натавонистам; ман ором буда наметавонистам. Ман дар кӯчаи сарбаста монда будам, ҳеҷ ғояе надоштам, аммо медонистам, ки масъулияти бо маводҳо таъмин кардани шубонҳое, ки мӯҳтоҷӣ ва гуруснагии рӯҳонӣ доштанд, ба зиммаи ман вогузор карда шуда буд. Ман одати дар меҳмонхонаҳо фарёд карданро надорам, вале, рости гап, ҳамон рӯз ман фикр ҳам накардам, ки маро кӣ мешунавад. Ин фарёди имдодталабона барои стратегия (ҳикмат) буд, то ки самаранокии мо афзун шавад.

Пас аз чанд муддати дуои пурҷидду ҷаҳд, оромӣ қалби маро фаро гирифт. Ман фаҳмидам, ки дархости ман шунида шуд ва, сабукӣ ҳис карда, бовар кардам, ки ҷавоб меояд. Шукргузорӣ аз қалби ман ҷорӣ мешуд, гарчанде ҳанӯз ман *ғояи стратегӣ* ё *нақшае* надошам.

Пас аз чанд рӯз ман фикр кардам: *"Мо барои нашр ва тақсим кардани китобҳоямон вақт, маблағ ва қуввати зиёд масраф*

*мекунем, аммо ҳар як роҳбар танҳо як мавод мегирад. Чаро он кореро накунем, ки солҳои пеш бо маводҳои англисизабон карда будем? Барои чӣ ба роҳбарон бо забонҳои дигар курси пурраи таълимӣ омода накунем? Мо самаранокии умумии худамонро афзун мекунем!”*

Вале як монеаи бузурге вуҷуд дошт; чӣ тавр мо ин қадар маводҳои зиёдро нашр ва паҳн карда метавонистем? Ҳатто агар мо барои чопи ин ҳама маводҳо пул пардохт кунем ҳам, дар аксари кишварҳое, ки ба нақша гирифтаем, паҳнкунандагон маводҳоро, бо назардошти ин гуна ҳаҷм ва вазн, аз як ҷо ба ҷои дигар кашонда наметавонистанд, чунки қисми аксари паҳнкунӣ дар ҷангалзорҳо, дар кӯҳистон, дар биёбонҳо ё бо роҳҳои обӣ анҷом дода мешаванд. Ин маҳалҳои дурдаст мебошанд ва ба он ҷойҳо расидан душвор аст, ва ба аксари он ҷойҳо роҳҳо кушода нашудаанд. Ғайр аз ин, дар кишварҳое, ки ба Инҷил муносибати душманона доранд, мақомот ба осонӣ паҳнкунандагонро ёфта, маводҳоро мусодира карда метавонистанд.

Пас аз дуоҳо ва андешарониҳои зиёд, боз як ғоя пайдо шуд – курси пурраро ба DVD-диск (ки маълумотҳои “танҳо барои хондан”-ро барои компютерҳо дар бар мегирад) илова кардан. Аммо саволҳои нав пайдо шуданд. Оё шубонҳо ва роҳбарон дар кишварҳое, ки мо ба нақша мегирем, компютерҳоро истифода мебаранд ва агар ҳа, онҳо DVD-дискҳоро дар компютерҳои худ дида метавонанд? Боз як саволе, ки ҷанбаи дигар дорад: оё дар як DVD-диск ҷой басанда аст, то ки тамоми маводҳои курси таълимиро ба он ҷойгир кунем.

Ба ман ҷавобҳо лозим буданд ва, дар навбати аввал, аз Роб пурсидам. Ӯ дар бораи имкониятҳои техникии кишварҳое, ки ба нақша гирифтаем, аз ҳама бештар огоҳ аст, чунки ӯ ба 160 кишвар ташриф овардааст. Ман аз ӯ пурсидам:

– Оё шубонҳо ва роҳбарон дар аксари мамлакатҳои ҷаҳон, ҳатто агар сарватманд набошанд ҳам, бо компютерҳо кор мебаранд?

– Бале, танҳо дар баъзе кишварҳо чунин имконият мавҷуд нест.

– Оё онҳо дар компютерҳои худ DVD-дискҳоро тамошо карда

метавонанд? Ва агар ҳа, чӣ қадар маводҳоро дар як DVD-диск ҷойгир кардан мумкин аст?

Чеҳраи Роб дурахшон шуд, ва ӯ ҷавоб дод:

– Бале, оиди саволи дуюм, ба фикрам, маводҳои хеле зиёд.

Ман фикрамро ба вай баён кардам:

– Оё мо ба қисми дарунии муқоваи ақиби китоб лифофаи пластикиро бо DVD-диск часпонда метавонем?

– Бале! – гуфт ӯ бо рӯҳбаландӣ.

Роб ба ин кор машғул шуд ва пас аз чанд рӯз бо ҷавобҳо баргашта омад.

– Ман навигарии аҷоиб дорам. Агар нархи нашр ва паҳнкунии китобро ба ҳисоби миёна ба назар гирем, илова кардани DVD-диск хароҷоти моро танҳо панҷ фоиз зиёд мекунаду халос.

Ман болидарӯҳ шудам, аммо ҳанӯз ҳам каме худро нигоҳ медоштам, зеро намедонистам, ки DVD-диск чӣ қадар маводҳоро ғунҷонида метавонист. Роб ба суханаш идома дод:

– Ҷолиб аст, ки DVD-диск на танҳо тамоми курси таълимиро, балки боз *аудикитобҳо,* якчанд китобҳои дигар, Аҳди Ҷадид ва китобҳоро бо файли “PDF” (то ки шубонҳои маҳаллӣ бештар китоб чоп карда тавонанд, агар онҳо чунин имконият дошта бошанд) ғунҷонида метавонад.

Агар бе муболиға гӯям, мо аз хурсандӣ ба ҷӯш омадем.

Ин моро боз ба як *ғояи стратегӣ* овард, ки боз ҳам аз имкониятҳои техникии ҳамон кишварҳо вобаста буд. Ман пурсидам:

– Оё дар аксари он кишварҳо интернет дастрас аст?

– Дар аксарияти кишварҳо дастрас аст, – ҷавоб дод Роб.

– Чӣ мешавад, агар веб-сайте созем, ки дар он ҳамаи маводҳои тарҷумашуда ворид карда шуда бошад? Мо онро чунон номгузорӣ мекунем, ки ҳамчун веб-сайти масеҳӣ ҷудо шуда наистад; бо ин тарз, ҳукумате, ки ба таълимоти Китоби Муқаддас зид аст, онро набандад. Мо маълумотро дар бораи ин веб-сайт дар муқоваи пеши китобҳои паҳншаванда илова карда метавонем ва аз шубонҳо ва роҳбарон хоҳиш мекунем, то ки онҳо ба одамони

худ ройгон зеркашӣ кардани ҳамаи маводҳоро аз ин веб-сайт пешниҳод кунанд ва тамоми калисо онро якҷоя омӯхта тавонанд.

Мо ба ду кӯдаке, ки ба мағозаи шириниҳо даромадааст, монанд будем – мо хурсандии худро пинҳон карда наметавонистем. Дар мо беш аз беш ғояҳои наве пайдо мешуданд, ки ин стратегияро мустаҳкам карда метавонистанд.

Ҳама тадқиқотҳо ва ҳисобу китоби заруриро иҷро карда, мо ошкор кардем, ки ба туфайли шумораи зиёди нашр, мо ин "маҷмӯи маводҳо барои роҳбарон"-ро бо арзиши қариб чор доллар барои як нусха омода ва паҳн карда метавонем. Дастаи "Мессенҷер"-и мо барои таҳияи веб-сайт дониш ва маҳорати зарурӣ дошт.

Дере нагузашта дастаи мо дарк кард, ки ин ғояи осмонӣ ба мо имконият дод, ки на фақат роҳбарони алоҳида, балки ҷамоатҳо ва гурӯҳҳои хонагии зиёдро таълим диҳем, қувват бахшем ва устувор гардонем. Дар бисёр деҳаҳои хурд дар саросари ҷаҳон танҳо як калисо мавҷуд аст, ва ин чунин маъно дорад, ки мо ҳамагӣ бо чанд доллар ба тамоми минтақаи аҳолинишин ба таври назаррас таъсир расонда метавонем. Ин бурдбории бузург аст! Оё умуман ин имконпазир аст?

Дар вохӯрии ояндаи роҳбарони шӯъбаҳои хидматгузории "Мессенҷер" мо дар бораи ин биниш нақл кардем. Ҳамаи иштирокдорон ба ташаббускории мо ҳавасманд шуданд; тамоми даста аз боиси ин нақша хурсанд шуданд. Ман бо тантана гуфтам:

– Муҳим нест, ки чӣ қадар вақт лозим мешавад – 10 сол, 20 сол ё бисёртар, мо дар ин сайёра ҳар як роҳбари масеҳиро бо маводҳое, ки Худо ба мо бовар карда супоридааст, таъмин мекунем!

Пас аз як моҳ ба утоқи кори мо як соҳибкор аз Техас занг зад. Ӯ дархост кард, ки бо ману Лиза 15 дақиқа мулоқот кардан мехоҳад. Ӯ ва ҳамсараш ба Колорадо парвоз карда омаданд. Ҳангоми вохӯрӣ ӯ ба гиря даромад. Ӯ ашкрезон гуфт:

– Ман медонам, ки шумо чӣ корҳоро ба анҷом расонида истодаед. Ман медонам, ки шумо шубонҳоро дар кишварҳои дурдаст бо маводҳо таъмин карда истодаед. Ман низ ба ин кор шарик шудан мехоҳам.

Баъди гуфтани ин суханон ӯ ба рӯи миз як чекро гузошт ва ба тарафи ман тела дод. Қариб монд, ки ман ба замин ғалтам: ин чек барои 750.000 доллар буд.

Дар давоми якчанд моҳ мо веб-сайт таҳия кардем ва барои амалӣ гардонидани нақшаи “маҷмӯи маводҳо барои роҳбарон” дар кишварҳо ва минтақаҳои тамоми ҷаҳон ғайратмандона заҳмат кашидем. Мо барои тарҷумаи маводҳо – китобҳо, курси таълимии дахлдор ва китобҳои иловагӣ, ки ба DVD-диск, барои ҳар як забон илова карда мешуданд, пардохти яквақта муқаррар кардем. Роб дастаҳои беҳтарини тарҷумонҳоро ба бисёр забонҳо киро кард ва роҳбарӣ намуд. Ин ду хайроти саховатмандона, ки якҷоя аз миллион доллар бештар шуданд, хароҷоти моро барои соли аввал пӯшониданд.

## ҒОЯ БАРОИ ТАШКИЛИ ДАСТА

Биёед як лаҳза ба январи соли 2011, пас аз чанд рӯз баъди он, ки ман барои 250.000 китоб пахн кардан қарор қабул кардам, бармегардем. Ин ду хайроти калон ҳоло дода нашуда буданд, ва ман хурсандам, ки ин якбора рӯй надод, чунки камбудии маблағ маро водор кард, ки ҳар субҳ Худоро биҷӯям, то ки ба ман роҳ нишон диҳад. Ба мо нақшае лозим буд, ки чӣ тавр дар бораи бинишамон хабар расонем ва ба ин васила дастаи калоне ташкил намоем, ки ин тадбири бузургро дастгирӣ кунад. Ба туфайли ин, мо тавонистем ҳамаи шубонҳо ва роҳбаронро, новобаста аз забон, макони зист ва аҳволи молиявиашон бо маводҳо таъмин намоем.

Пас аз якчанд дуоҳои субҳгоҳӣ Рӯҳулқудс ба қалби ман пичиррос зад: “Писарам, ту бо муҳаббати худ нисбат ба бозии голф машҳур ҳастӣ. Онро барои ҷамъоварӣ кардан истифода бар. Ман дӯстони зиндадилро ба назди ту меорам, ва онҳо ба дастаи ту ҳамроҳ шуда, ин бинишро дастгирӣ мекунанд”. Ман зуд андеша кардам, ки дар Колорадо Спринг яке за меҳмонхонаҳои беҳтарин дар Иёлоти Муттаҳида – Броудмур аст, ки ду майдони голфбозӣ дорад ва дар онҳо мусобиқаҳои маъруф гузаронида мешаванд. Ман ин нақшаро ба Эдисон ва Лиза нақл кардам.

Онҳо нақшаи маро шуниданд, ва баъд пурсиданд:

– Кай мо инро мекунем?

– Биёед ҳамин тобистон сар мекунем, – ҷавоб додам ман.

Мо аз он нигарон будем, ки барои ташкил кардани ҳама чиз вақти кифоя пайдо карда наметавонем. Дар ин меҳмонхона мумкин аст, ки ба қадри кофӣ утоқҳои озод мавҷуд набошанд – барои меҳмонхонаҳои дарозумри панҷситорагӣ, панҷалмосӣ ин корӣ маъмулӣ аст. Дар онҳо одатан утоқҳо чанд сол қабл банд карда мешаванд, мо бошем мавсими серталабро ба ҳадаф гирифта будем. Сабаби дигари нигаронӣ он буд, ки меҳмонони эҳтимолии мо барои тобистон аллакай нақшаҳои худашонро дошта метавонистанд.

Писари ман бо ин кор машғул шуд ва пас аз ду рӯз бо навигариҳо омад:

– Падар, ҳамаи утоқҳо, ба истиснои як ҳафта, пурра барои тобистон банд карда шудаанд. Мо тақрибан сад утоқро банд карда метавонем, ва чунин шуд, ки дар ин ҳафта модарам ва ту ҳеҷ гуна сафаре надоред.

– Биё онҳоро банд мекунем! – гуфтам ман бе дудилагӣ.

– Мо вазифадор мешавем, ки шартнома имзо кунем, - маро огоҳ кард ӯ, – мо ӯҳдадориҳои молиявӣ хоҳем дошт. Оё мо ҳамаи утоқҳоро банд карда метавонем?

Боз, ин суханон аз даҳонам баромаданд:

– Ҳамаи утоқҳо банд хоҳанд шуд.

Ман намехостам, ки дар ин бора зиёд фикр кунам; ман тибқи мулоҳизаҳои худ аз ин нақша даст кашидан намехостам.

Ман медонистам, ки дар Иёлоти Муттаҳида бисёр калисоҳо ва соҳибкороне буданд, ки ин тадбирро бо майли тамом дастгирӣ мекунанд. Ман ба ҳама касоне, ки ба хотир овардам, занг задам, ва қариб ҳама дар ин чорабинӣ иштирок кардан мехостанд. Дар муддати ду моҳ мо аз шумораи кофии ҷуфтҳои оилавӣ барои банд кардани утоқҳои фармоишӣ розигӣ гирифтем.

Ин мусобиқаро ба нақша гирифта, дастаи мо азм кард, ки на танҳо мусобиқа оид ба бозии голф, балки маҷмӯи чорабиниҳоро

ташкил кунад, ва онро ба таври фаромӯшнашаванда доир намояд. Мо тасмим гирифтем, ки ҳама чиз бо дараҷаи аъло ва ба таври мақсаднок матраҳ карда мешавад, то махсусан барои ҷуфтҳои оилавие, ки ба бозии голф машғул нашудаанд, вақти хурсандибахш фароҳам оварда шавад. Лиза мехост, ки бо занон вохӯриҳои махсус ташкил кунад. Мо қарор додем, ки фавран ҳангоми пешвозгирӣ ба ҳар як ҷуфти оилавӣ сабадҳои зеборо бо шириниҳо ва ҳадяҳо тақдим кунем. Меҳмононро таомҳои болаззат ва барномаҳои махсуси шавқовар, ки барои меҳмонхонаи Броудмур хос мебошанд, интизор буданд. Ҳамчунин ташкили вохӯриҳо барои роҳбарон ва ҳадяҳои зебо барои ҳамаи иштирокдорон ба нақша гирифта шуд, ва ин ҳама барои он буд, ки арзи сипоси худро барои ҳамроҳ шудан ба дастаи мо расонем.

Аввалин “Ҷоми Мессенҷер”-и мо дар охири июни соли 2011 ташкил карда шуд. То саршавии чорабинӣ ман ба варзишгарони касбӣ ва мусиқачиёни машҳур занг задам ва хоҳиш кардам, ки ашёҳои имзошударо хайрот кунанд. Мо ҳамчунин аз бисёр соҳибкорон хоҳиш кардем, ки ашёҳои арзишманд ё хизматҳо пешниҳод кунанд. Мо ҳамаи ин хайротро дар вақти зиёфати ниҳоӣ ба музояда гузоштем. Мо дар чемпионати аввал андаке зиёдтар аз 340.000 доллар ҷамъоварӣ намудем, вале ҳама чиз каме ноҷӯр буд. Мо то ҳол роҳи беҳтарини эълон кардани биниши худро наёфтем.

Ҳамон тирамоҳ яке аз аъзои дастаи мо боз як ғояи илҳомбахш гирифт. Вақте ки мо чемпионати дуюми солонаро барои тобистони соли 2012 ба нақша мегирифтем, ӯ гуфт:

– Мо кулоҳҳои имзошудаи бейсбол ва футбол, гитараҳои имзошуда ва ғайраро ба музояда мегузорем. Ва ҳар яки ин ашёҳо ҳатто барои як кишвар маблағгузориро таъмин намекунад. Биёед ба музояда ашё нею кишварҳоро мегузорем. Арзиши кишвар хеле баланд аст.

Ба ҳамаи мо ин ғоя маъқул шуд, вале ӯ суханашро давом дода, онро боз мукаммалтар кард:

– Ба ин чорабинӣ бисёр одамоне ташриф меоранд, ки мафкураи қавии рақобаткунӣ доранд. Биёед ҷадвали роҳбаронро

тартиб медиҳем, ва вақте ки онҳо кишварҳоро маблағгузорӣ мекунанд, хайроти онҳо дар ҷадвал намудор мешавад, ва мо тӯбҳо, гитараҳо ва дигар ҳадяҳоро ба онҳое медиҳем, ки бештар аз дигарон барои маблағгузории кишварҳо хайрот медиҳанд.

Ғояҳои эҷодкорона омадан гирифтанд. Дар кадом як лаҳза ман эътироз кардам:

– Кашол додани вақти музоядаро тоқат надорам; чанд дақиқаи хомӯшӣ чун абадият ба назар мерасад. Биёед соат ба кор мебарем, як муддати кӯтоҳро ҷудо менамоем, масалан, 35 дақиқа, ва ба иштирокдорон мегӯем, ки ҳамон лаҳза ки мӯҳлат ба охир расад, мо музоядаро ба охир мерасонем. Ҳар кишваре, ки маблағгузорӣ карда намешавад, аз рӯйхат меафтад. Ин ҳисси бештари таъхирнопазириро ба вуҷуд меорад.

Акнун ба ман иҷозат диҳед, ки ба *лоиҳа* таърифи кӯтоҳ диҳам. Он аз ду қисм иборат аст. Якум – хароҷот барои тарҷумаи ҳамаи маводҳои чопӣ, аудиоӣ ва видеоӣ барои роҳбарон, ки тақрибан 17.500 долларро барои ҳар як забон ташкил медиҳад. Дуюм – ин арзиши чоп ва паҳнкунии китобҳо ё маҷмӯи маводҳои таълимӣ барои роҳбарон дар кишвари алоҳида мебошад. Дар ҳар як кишвар аз 500 то 40.000 нафар роҳбарони калисоҳо ва гурӯҳҳои хурд ҳастанд. Дар аксарияти кишварҳо аз 5.000 то 10.000 роҳбарон ҳастанд, ва ин чунин маъно дорад, ки хароҷот ба ҳисоби миёна аз 20.000 то 40.000-ро ташкил медиҳад.

Ҳангоми вохӯриҳои навбатии дастаи мо дар бораи он, ки чӣ тавр таассуроти иштирокдоронро беҳтар кардан мумкин аст, чӣ тавр бинишамонро бифаҳмонем ва чӣ тавр чорабинии дуюмро баргузор кунем, ғояҳои бештар омаданд.

Дар соли дуюм, ҳангоми музояда, саҳмияҳои эълоншуда нисбат ба соли аввал ду баробар зиёд шуданд. Дар ҳоле ки вақт ҳанӯз ба охир нарасида буд, беш аз 50 лоиҳа пурра маблағгузорӣ шуданд. Афзоиш босуръат идома меёфт, ва як сол пас, дар сеюмин “Ҷоми Мессенҷер”, мо барои маблағгузорӣ кардани шумораи боз ҳам бештари лоиҳаҳо зиёда аз 1.3 миллион доллар маблағ ҷамъоварӣ намудем.

Ҳар сол барои маводҳо эҳтиёҷ зиёд мешуд. Одамон аз кишварҳои нав ба нав бо Роб тамос гирифта, хоҳиш мекарданд, ки ба онҳо маводҳо фиристонем. Дар натиҷа шумораи лоиҳаҳо аз сад гузаштанд, ва, дар шашумин "Ҷоми Мессенҷер" мо 140 лоиҳа доштем, ва барои маблағгузорӣ кардани онҳо беш аз 2 миллион доллар маблағ ҷамъоварӣ кардем. Дар соли нӯҳум мо шоҳиди ҷамъоварӣ шудани зиёда аз 3 миллион доллар барои маблағгузорӣ кардани қариб 200 лоиҳа гардидем!

Дар вақти интишори ин китоб – дар охири соли 2020 – дастаи "Ҷоми Мессенҷер" барои шубонҳо ва роҳбарон дар зиёда аз 100 кишвар ва барои 120 забон беш аз 30 миллион мавод паҳн кард.

Тамоми ин муддат мо аз яке аз қаҳрамонони ман, Эндрю Карнеги, илҳом мегирифтем. Ӯ яке аз хайроткунандагони машҳур дар таърих буд, ки қисми зиёди боигарии худро хайр кардааст. Аз рӯи арзиши асъори имрӯза, ӯ миллиардҳо доллар хайрот додааст! Аксар қисми ин маблағҳо барои бунёди китобхонаҳои оммавӣ масраф карда шудааст. Аз соли 1883 то 1918 ӯ бештар аз 2.500 китобхона сохтааст, ки бештари онҳо дар 47 иёлати ИМА ҷойгир шудаанд.

Иҷозат диҳед, ки саволи ҷолибе диҳам. Дар кадом давра Иёлоти Муттаҳида ба як давлати абарқудрати ҷаҳонӣ табдил ёфт? Аз соли 1883 то соли 1918 – дар айни ҳамон даврае, ки Карнеги китобхонаҳо месохт! Ман мутмаинам: бо он ки ӯ донишро барои ҷамъият дастрас гардонид, ба давлати абарқудрати ҷаҳонӣ табдил ёфтани ИМА мусоидат намуд.

Ин принсип ба дониши рӯҳонӣ низ дахл дорад! Худо изҳор мекунад:

> "Халқи ман аз *норасоии дониш* нобуд мешавад" (Ҳушаъ 4:6, НРП).

> "Халқи ман аз *норасоии биниш* ба асорат меравад" (Ишаъё 5:13, НРП).

Дар тӯли солҳои хидматгузорӣ маълум шуд, ки роҳи аз ҳама самараноктарини дигаргун кардани деҳа ё шаҳр – ин сохтмони бинои калисо нест. Бо ин кор, танҳо ходимони маҳаллиро дар

вобастагӣ ба худамон нигоҳ медорем. Агар мо ба роҳбарони маҳаллӣ дониши рӯҳонӣ диҳем, кори мо самараи бештар медиҳад, ва дар натиҷа ин ба онҳо барои таъсир раонидан ба шаҳру деҳаи худ қувват мебахшад. Ин дониш имони зарурӣ медиҳад, то ки калисо афзоиш ёбад ва кори худро таҳким бахшад, ва, аз рӯи зарурат, бино созад ва дигар ресурсҳоро ба даст орад.

Дар мавриди тадбирҳои стратегии мо оид ба тақсимоти маводҳо, аҷибаш он аст, ки бинои калисо барои мо даҳҳо ҳазор доллар арзиш дошта метавонист. Маҷмӯи маводҳо барои роҳбарон ҳамагӣ якчанд сад долларро ташкил медиҳаду халос!

Даҳсолаи охир, дар муддате, ки мо барои роҳбарони калисоҳои мамлакатҳои рӯ ба инкишоф маводҳо паҳн кардем, бешубҳа, дар хидматгузории чилсолаи ман аз ҳама писандидатарин кор буд. Ман узви он дастае буданро railwayмеписандам, ки барои таълим додани халқҳо бо иштиёқу рағбат муттаҳид шудааст (ниг. Матто 28:19-20). Мо муттаҳид шуда, бештар корҳоро ба анҷом расонидем, назар ба он, ки дар алоҳидагӣ карда метавонистем. Меҳнати мо мисоли суханони зайл мебошад: “Панҷ нафар аз шумо сад нафарро таъқиб хоҳанд кард, ва сад нафар аз шумо – даҳ ҳазорро” (Ибодат 26:8, НРП). (Ин оят боз як ҷузъи асосии афзункунӣ – ягонагиро нишон медиҳад, ки дар борааш дар яке аз бобҳои оянда гап мезанем).

Ҳамбастагии мо дар суханони зерини Исо асос меёбад:

> “Вақте ки хӯроки пешинӣ ё хӯроки бегоҳӣ ташкил мекунӣ, дӯстон ё бародарон ё хешон ё ҳамсоягони сарватдори худро даъват накун: мабодо онҳо низ туро даъват намоянд, ва мукофоти ту дода шавад. Балки, чун зиёфат медиҳӣ, мискинон, маъюбон, шалон ва кӯронро даъват намо, ва ту хушбахт хоҳӣ буд, ки онҳо *имконият надоранд подоше ба ту бидиҳанд;* зеро ки дар рӯзи эҳёи одилон подоше ба ту ато хоҳад шуд” (Луқо 14:12-14).

Албатта, роҳбароне, ки мо барояшон мавод мефиристонем, маъюб, шал ва кӯр намебошанд; мо аз ин порча он ҳақиқатро

гирифтем, ки онҳо ба мо *подош дода наметавонанд.* Агар ман дар калисоҳо ва анҷуманҳо дар Иёлоти Муттаҳида хидмат кунам, ба хидматгузории “Мессенҷер Интернэшнл” ҳадяи пулӣ ё хайрот дода, ба ман миннатдорӣ изҳор мекунанд. Роҳбарон аз кишварҳое, ки мо кӯмакашон мекунем, ин тавр карда наметавонанд. Ҳамаи аъзои дастаи мо – соҳибкорон, роҳбарони калисоҳо ва кормандони хидматгузории “Мессенҷер” – дарк мекунанд, ки мо имтиёзи бузурги хайру эҳсон карданро дорем, ва бар ивази он аз онҳое, ки мо кӯмакашон кардаем, ҳеҷ чиз интизор нестем.

Чанд сол пеш Лиза ва ман ба шаҳри Ереван, ба Арманистон, сафар кардем. Дар он ҷо аз тамоми Шарқи Наздик роҳбарон барои иштирок кардан дар анҷуман ҷамъ омада буданд. Ҳангоми ин анҷуман мо дар толори алоҳида шубонҳоро аз Эрон, Афғонистон, Сурия ва дигар кишварҳои Шарқи Наздик ҷамъ кардем. Наворбардорӣ иҷозат набуд; ин одамон намехостанд, ки касе онҳоро бинад. Ҳузури Худо пурқувват буд, ва ман ҳамеша фикр мекардам: *“Худи ин роҳбарон бояд ба мо мавъиза кунанд, на ману Лиза – ба онҳо”.* Дар кадом як лаҳзае ман гуфтам:

– Ҳамаи шумо ба Ману Лиза нигоҳ карда, моро қаҳрамони ин хидматгузорӣ мепиндоред, аммо на ҳамаи инро Ҷон ва Лиза Биверҳо, балки соҳибкорон ва калисоҳое, ки миллионҳо доллар хайрот додаанд, ба амал меоранд, то ки бо ин маводҳо шуморо баракат диҳанд. Онҳо қаҳрамонони ҳақиқӣ ҳастанд.

Ин лаҳза, ҳамаи мо худамонро дошта натавониста, ашк рехтем.

Баъд аз анҷуман як шубони эронӣ гуфт:

– Чӣ тавр одамон ҳамин қадар маблағро барои онҳое, ки ҳатто боре ҳам вонахӯрдаанд, хайр мекунанд?

Ҷавоби ман хеле оддӣ ба назар мерасид, вале ин рост аст:

– Чунки дилҳои онҳо пур аз муҳаббати Худост.

Ва боз ашкҳо ҷорӣ шуданд.

# БОЗ ҲАМ БЕШТАР АФЗУНКУНӢ

Дар соли 2019 мо дарк кардем, ки веб-сайте, ки мо барои паҳнкунии маводҳо таҳия карда будем, маҳдуд шуд. Он дар соли 2011, вақте ки мо онро таҳия карда будем, самаранок буд, вале аллакай он барои истифодабарандагон мукаммал ва қулай ҳисоб шуда наметавонист. Масалан, онро дар смартфонҳо истифода бурдан хеле мушкил буд. Лиза, аксари аъзои дастаи мо ва ман ба бисёр кишварҳои камбағал ва ақибмонда ташриф оварда будем. Мо мушоҳида мекардем, ки ҳатто агар одамон дар хаймаҳо, хандаққо ё кулбаҳои аз фанер сохташуда зиндагӣ кунанд ҳам, аксарияти онҳо ақаллан ким-чӣ хел смартфонҳо доштанд. Аз рӯи далелҳо тахмин карда мешавад, ки то соли 2020 бештар аз 5 миллиард одамон смартфон хоҳанд дошт.

Баъд аз сафарҳои зиёд маълум шуд, ки, агар ин аллакай рӯй надода бошад, пас хеле ба зудӣ ба воситаи Интернет дастрас кардани тамоми одамон дар ин сайёра имконпазир мешавад. Ғайр аз чизҳои дигар, ман ҳис кардам, ки мо боз вақти пайдо шудани “Роҳи Рим”-ро дар таърих мебинем.

Иҷозат диҳед, ки ба таври мухтасар фаҳмонам. Дар Каломи Худо навишта шудааст: “Вале ҳамин ки пуррагии замон даррасид, Худо Писари Худро фиристод” (Ғалотиён 4:4). “Пуррагии замон” ба бисёр чизҳо дахл дорад. Яке аз аломатҳои муҳими “пуррагии замон” он аст, ки Инҷил ба тамоми олам паҳн мешавад. Дар соли 312-и пеш аз милод румиён ба кушодани роҳҳои хушкигард ва баҳрӣ равнақ бахшиданд, ки тамоми олами дар он вақт маълумро фаро гирифтанд. Дар он давра, вақте ки Исо гуфт: “Ба тамоми ҷаҳон равед”, ин роҳҳо хеле ривоҷ ёфта буданд ва барои зуд паҳн шудани Каломи Худо дар олами ҳамон вақт маълум мусоидат карданд.

Ман боварӣ дорам, ки боз пуррагии замон фаро расид, то ки барои бозгашти Исои Масеҳ роҳ муҳайё шавад, ва Интернет – ин Роҳҳои Рими замони мо аст. Мо имкон дорем, ки дар тамоми ҷаҳон Каломи Худоро паҳн кунем, то ки аз ҳар халқ шогирд созем.

Инро фаҳмида истода, дастаи мо боз ба дуо кардан,

орзу парваридан ва иҷро кардани банақшагирии стратегӣ шурӯъ намуд. Пас аз чанд моҳи омӯзиш, мо як лоиҳаеро ба кор андохтем ва онро ба яке аз ширкатҳои беҳтарин оид ба таҳияи барномаҳо ва веб-сайтҳо дар ИМА бовар карда супоридем. Мо барои шогирдсозӣ як платформаи тавоно ва серсоҳаро, ки истифода бурдани он дар системаҳои iPhone ва Android, планшетҳо ва компютерҳо қулай аст, бунёд кардем. Мо азми қавӣ доштем, ки ба қадри имкон беҳтарин платформаро бо технологияҳои ҳозиразамон барпо кунем. Мо мехостем, ки роҳбарони калисо дар ҳар ҷо, махсусан дар кишварҳои ақибмонда чизи аз ҳама беҳтарин дошта бошанд. Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар ин давра мо аллакай миллионҳо истифодабарандагонро аз 227 кишвар ва ҳудудҳое, ки китобҳо, курсҳо ва маводҳои дигарро, ки дар ин платформа дастрас мебошанд, меомӯзанд, пайгирӣ карда метавонем. Ҳамагӣ якчанд кишвар боқӣ мондааст, ва мо ҳамаро дастрас мекунем!

Бо мурури вақт мо дар бораи усулҳои иловагии афзункунӣ фикр карданро сар кардем. Барои васеъ ва мустаҳкам кардани платформаи мо, қарор додем, ки муаллимони машҳури дигарро бо паёмҳои нодир ва таҳаввулбахши ҳаёт, ҳамчун меҳмонон, илова кунем. Акнун роҳбарон дар саросари дунё компютерҳо, планшетҳо ва телефонҳоро барои омӯзиши мустақилона ё ташкили дарсҳо дар гурӯҳҳои хурд ва калисоҳо истифода бурда метавонанд. Ин усул на танҳо самаранокиро афзун мегардонад, балки ҳамчунин барои вақти зиёд китобҳои чопиро иваз мекунад ва барои наслҳои оянда боқӣ мемонад[1].

Чӣ рӯй медод, агар ман ва Лиза ба навиштан машғул намешудем? Ё бо он қонеъ мешудем, ки муаллифони шоҳасарҳо ҳастем, ва курсҳои таълимиро матраҳ намекардем? Чӣ мешуд, агар дастаи мо танҳо бо он қонеъ мегардид, ки ба одамон ва калисоҳои англисзабон хидмат мекунад? Чӣ мешуд, агар ҳамкорони мо саъю кӯшиши худро барои дар Броудмур ҷамъ кардани даста аз

1 Барои бештар донистан оиди он, ки чӣ тавр шумо дар ин иштирок карда метавонед, ба MessengerX.com нигоҳ кунед.

саросари Иёлоти Муттаҳида ба харҷ намедоданд? Ҳар як дараҷа мушкилиҳои худро эҷод мекард, ки моро барои васеъ кардани имкониятҳои худ ва умед бастан ба файзи Худо водор менамуд. Дар ҳар як дараҷа хеле осон мебуд, ки бозистем ва ба пеш, ба сӯи самаранокии бештар дар хидмат ба дигарон, ҳаракат накунем.

Рӯҳулқудсро гӯш карда истода, мо қадам ба қадам ба афзункунии бештар пеш меравем. Ӯ ба шумо тамоми қадамҳоро аз худи аввал, ё ҳатто ду ё се қадами навбатиро нишон намедиҳад. Агар ман пешакӣ бештар аз сӣ соли ҳаёти худро ва тамоми роҳи сисолаи дастаи мо тайнамударо дар кураи булӯрин медидам, хеле осонтар мебуд. Вале агар ин имконпазир мебуд, мо барои ҳар як қадам ҳамин қадар бо ҷидду ҷаҳд дуо карда, роҳнамоии Худоро талабида, мубориза намебурдем. Ғайр аз ин, мо имону иродаи мустаҳкамро, ки дар ҳар қадами итоаткорона ба мо наздиктар мешуданд, пайдо намекардем.

Афзункунӣ ғояи одамӣ намебошад – ин ғояи Худо аст. Боз, ин ҳукми аввалини Ӯ ба одамизод буд: “Ҳар атое, ки Ман ба шумо бовар карда месупорам, бо мақсади афзункунии Подшоҳии Ман дода шудааст (парафразаи ман ба Китоби Ҳастӣ 1:22 ва Матто 25:14-29). Иҷозат фармоед, ки ин ҳақиқати хеле муҳимро боз ҳам равшантар ифода кунам: афзункунӣ набояд ба шумо фишор орад, чунки, дар ниҳояти кор, ин атои Ӯст. Ҳама коре, ки шумо карда метавонед, ин дуо гуфтан, шунидан, бовар кардан ва итоат намудан ба он аст, ки Ӯ ба шумо нишон медиҳад.

Гап дар сари он аст, ки Ӯ шуморо ба сӯи афзункунӣ ҳидоят мекунад.

Эҳтимол, шумо фикр мекунед: “Қалби ман аз шаҳодате, ки шумо дар се боби охир нақл кардед, фурӯзон шуд. Вале ман модари ҷавон, донишҷӯ, варзишгари касбӣ, коргар ҳастам. Ман чӣ тавр Подшоҳиро афзун карда метавонам?”

Мо аз боби навбатӣ сар карда, дар ин бора гуфтугӯ мекунем.

## ТАФАККУР КУНЕД

1. Таъминот ва дахолати Худо, ки мо барояшон интизор мешавем, аксар вақт дар шакли ғояи стратегӣ меоянд. Шумо чӣ тавр ба воситаи ғояҳои илҳомбахши Худо дигаргуншавии вазъиятҳои худро мушоҳида кардед?

2. Ҳикмат ёфтан – ин кори муҳимтарине, ки шумо карда метавонед. Дар кадом соҳаҳои ҳаётатон ба шумо ҳикмат лозим аст? Шумо барои ҳикмат пайдо кардан аз Худо чӣ тавр бояд ба назди Ӯ биёед?

3. Ғояи стратегӣ – ин атои Худо, ки барои баромадан ба сатҳи нави самаранокӣ ба мо роҳ мекушояд ва барои афзункунӣ қувват мебахшад. Вақте ки шумо ғояи стратегӣ дарёфт мекунед, аз шумо кадом чораҳо талаб карда мешаванд?

*Худо аз рӯи файзи Худ барои иҷро кардани корҳои муайян ба мо атоҳои (харизмаҳои) гуногун додааст. Пас, агар Худо ба шумо атои нубувват дода бошад, ба андозаи имон нубувват кунед. Агар атои хизмат дошта бошед, самаранок ба хизматгузорӣ машғул шавед. Агар муаллим бошед, самаранок таълим диҳед. Агар атои шумо рӯҳбаланд кардани дигарон бошад, рӯҳбаланд кунед. Агар эҳсонкор бошед, бо саховат эҳсон кунед. Агар Худо ба шумо атои сардорӣ кардан дода бошад, бо масъулияти ҷиддӣ сардорӣ кунед. Агар атои шумо ба одамон некӣ кардан бошад, бо хурсандӣ некӣ кунед.*

– Румиён 12:6-8, NLT

# 9

# Саҳмгузорӣ

Ҳavvорӣ Павлус атоҳои гуногунро, ки Худо ба ходимони Худ додааст, номбар мекунад. Ман боварӣ надорам, ки ин рӯйхат мукаммал аст, аммо он доираи васеи қобилиятҳои илоҳиро дар бар мегирад. Шумо метавонед бо ман розӣ набошед, аммо иҷозат диҳед, ки шарҳ диҳам.

Дар ҳеҷ ҷои ин рӯйхат, ки ҳавворӣ навиштааст, ман қобилияти сурудхонӣ, дар додгоҳ дифоъ кардани парвандаҳо, бо воситаи ҷарроҳӣ бартараф кардани бемориҳо, кашидани тасвирҳои илҳомбахш, навохтани асбобҳои мусиқӣ ва дигар қобилиятҳои зиёди худододаро, ки мо ҳар рӯз дучор меоем, намебинам. Ана барои ҳамин ман бовар намекунам, ки ин рӯйхат мукаммал аст. Агар шумо то ҳол бо ман розӣ набошед, ман фикри шуморо эҳтиром мекунам; ин мавзӯъ муҳокимаи васеъро талаб намекунад, чунки он ҷабҳаи муҳими ин китоб нест.

Ба суханони Павлус баргашта, ман дӯст медорам, ки чӣ гуна Тарҷумаи нави зинда *харизмаро* ҳамчун қобилияти “корҳои муайянро самаранок анҷом додан” тавсиф мекунад. Ин маънидодкунӣ, бешубҳа, ҳадафи асосии ин китобро нишон медиҳад. Се боби қаблӣ дар бораи афзункунии атоҳои *набавӣ* ва *муаллимӣ* буданд. Биёед диққати худро ба атои дигар – *эҳсонкорӣ* равона мекунем.

## САҲМГУЗОРӢ БА ПОДШОҲӢ

Ман як дӯсте дорам бо номи Майк. Ӯ дар 11-солагиаш ба Исои Масеҳ имон овардааст, вале дар бунёди Подшоҳии Худо босамар набуд. Аз ин сабаб норозигии ӯ зиёд шудан гирифт ва, охири охирон, ӯ дар 35 солагӣ, аз боиси он ки барои абадият ҳеҷ коре намекард, хаста шуд. Аксар вақт одамоне, ки ба чунин хулоса меоянд, фавран кӯшиш мекунанд, ки бе дониш, бе хирад ва бе имон чизеро дар ҳаёти худ иваз кунанд. Майк оқилона рафтор кард; усули ӯ дигар хел буд. Ӯ азм кард, ки дар қадами аввал барои таъсир гузоштан ба нафъи абадият, “зарфи худро пур мекунад”. Бинобар ин дар давоми шаш моҳи навбатӣ ӯ ду ҳазор оятро аз Китоби Муқаддас аз ёд кард!

Дере нагузашта пас аз ин давраи шашмоҳа ӯ азм кард, то дар як анҷумане, ки дар Финикс, иёлати Аризона, барои роҳбарон пешбинӣ шуда буд, иштирок кунад. Ӯ ончунон камбағал буд, ки дар меҳмонхона утоқ гирифтанро ба худ раво надид, ва маҷбур буд, ки бо ёздаҳ нафар донишҷӯён дар як хонаи сеҳуҷрагӣ бимонад.

Дар ҷараёни анҷуман ҷамъоварӣ кардани хайроти махсус эълон карда шуд. Роҳбари анҷуман иштирокдоронро ба дуо кардан оиди хайротдиҳӣ рӯҳбаланд намуд. Майк аз Худованд шунид: “Ман мехоҳам, ки ту 200 доллар хайр кунӣ”.

Майк эътироз кард: “Худоё, ман ҳамин қадар пул дораму бас”.

Худованд мулоимона ҷавоб дод: “Ман аз ту хоҳиш надорам, ки бештар диҳӣ”.

Майк итоат кард ва ҳама чизеро, ки дошт, хайр намуд. Баъд аз ин Худо ба Майк амр дод, ки ҳар моҳ то охири ҳамон сол илова ба даҳякаш 100 доллар хайр кунад.

Дере нагузашта Худо ба ӯ *ғояҳои стратегӣ* додан гирифт, ва кори навташкили ӯ мунтазам ба рушд кардан сар кард. Соли дигар, Майк ҳис кард, ки ӯ бояд ҳар моҳ илова ба даҳякаш 400 долларӣ барои бунёди Подшоҳии Худо хайрот диҳад.

Пас аз як сол ин маблағ ҳар моҳ илова ба даҳякаш то 1.000 доллар афзоиш ёфт. Боз пас аз як сол он то 4.000 доллар зиёд

шуд, ва соли дигар илова ба даҳякаш то ба 10.000 доллар расид.

Он вақт Майк аз Худованд хоҳиш карда буд, ки барои Подшоҳӣ даҳ миллион доллар хайр кунад. Ин дархост ба назари ӯ беҳад зиёд ва қариб дастнорас менамуд, вале ӯ дар имон ва дархости худ устувор буд. Аммо, он чизе, ки дар қалбаш садо дод, ӯро ба ҳайрат овард. “Писарам, чаро ту Маро маҳдуд мекунӣ?” Инак, Майк маҳдудиятҳои худро ба як сӯ гузошт ва ба чизҳои бузургтар бовар кард. Дере нагузашта, эҳсонкории ӯ бо суръат афзоиш ёфтан гирифт, ва соли дигар ӯ аллакай 17.000 доллар бар замми даҳякаш хайр кард. Ин маблағ то 25.000 доллар, сипас то 40.000, ва баъдтар то 50.000 доллар дар як моҳ афзоиш ёфт. Лаҳзае фаро расид, ки Майк барои бунёди Подшоҳӣ илова ба даҳяки худ дар як моҳ 100.000 доллар хайрот дод. Маротибаи охирин, вақте ки ман бо ӯ сӯҳбат кардам, ӯ бар замми даҳяки худ аллакай 150.000 доллар хайр кард!

Майк хеле хуб зиндагӣ мекунад, аммо ӯ барои некӯаҳволии худ тақрибан 10-15 фоизи даромади худро масраф мекунад. Бале, шумо дуруст хондед; ӯ тақрибан 85-90 фоизи даромади худро хайр мекунад. Ӯ муваффақияти худро ба омӯзиши Китоби Муқаддас, ҳангоми дуо шунидани овози Худо ва таълим гирифтан аз масеҳиёни баркамол рабт медиҳад.

Дар мавриди афзункунӣ суханронӣ карда истода, шумо калимаи *“эҳсонкорӣ”*-ро сарфи назар карда наметавонед, чунки аксар вақт ин ҷузъи асосии афзункунӣ мебошад. Бисёр имондорони самимӣ *хайрияҳои молиявиро* чунин мешуморанд: *“Ман ба хотири дигарон чӣ додан мехоҳам?”* Ин олиҳимматона ва парҳезгорона аст, аммо, агар ин ба хайрия назари ягона бошад, пас он нопурра аст. Иҷозат диҳед, ки бифаҳмонам.

Аввалан, ин дуруст аст; Худо дар қалби мо нисбат ба одамон меҳру муҳаббатро ҷойгир кардаст, ва аз ин рӯ дар ниҳоди мо хоҳиши беғаразона *додан* ва *хидмат кардан* мавҷуд мебошад. Ин дар эҳсонкории ҳар як одам бояд хоҳиши бузургтарин бошад. Аммо, эҳсонкори *оқил* хайрияро на танҳо ҳамчун атои муҳаббат ё хидмат, балки ҳамчун саҳмгузорӣ низ меҳисобад. Вақте ки мо

саҳмгузорӣ мекунем, аз истеъмоли ин маблағ даст мекашем, то ки онро афзун намоем. Хусусан дар робита бо молиёт, ин чунин маъно дорад, ки барои афзоиш додани маблағ ҳоло аз сарфу хароҷот даст мекашед.

Чанд сол пеш ману Лиза ду қитъаи замин ёфтем. Мо фаҳмидем, ки нархи он кам нишон дода шудааст, ва он бо мурури замон боло хоҳад рафт. Мо барои харидани ҳар ду қитъа маблағи нақд ва кофӣ доштем, ва ҳамон вақт мо бо мақсади афзун кардан азм кардем, ки он маблағро барои эҳтиёҷоти шахсӣ сарф накунем. Натиҷааш аз он, ки мо тасаввур карда будем, беҳтар шуд, ва маблағи мо ҳамагӣ дар ду сол ду баробар зиёд шуд. Дар натиҷа мо ду баробар зиёд пули нақд доштем, ва акнун дар сатҳи баландтар онро кор фармуда метавонистем.

Исо мегӯяд, ки вақте мо ба нафъи Подшоҳӣ саҳмгузорӣ мекунем, мо *“чандин маротиба* зиёдтар дар *ин ҳаёт”* дарёфт менамоем (Луқо 18:29-30, НРП). Ӯ намегӯяд: “дар ҳаёти *оянда”,* балки “дар ин ҳаёт”. Лиза ва ман хурсанд шудем, чунки маблағгузории мо ба қитъаҳои замин ду баробар фоида дод, аммо Исо тамоман дар бораи дигар чиз ҳарф мезанад; дар байни афзуншавии *дукарата* ва *бисёркарата* фарқи калон ҳаст. Потенсиали саҳмгузорӣ, ки *чандин карат* меафзояд, чӣ гуна аст? Мо дар мисоли шаҳодати Майк дар ин бора тасаввурот пайдо карда метавонем.

Ҳаввори Павлус эҳсонкории моро ба коштани тухмӣ монанд мекунад. Вобаста ба шароитҳои беруна, ба ҳисоби миёна, як донаи гандум, агар онро ҳамчун хӯрок истеъмол накунему ба замин корем, то сад дона гандум дода метавонад. Ин афзуншавии *бисёркарата* мебошад. Ана барои чӣ навишта шудааст: “Саховатмандона бидеҳ, ва сарвати ту боз ҳам бештар мешавад; хасис бош, ва аз ҳама чиз маҳрум шав” (Масалҳо 11:24, NLT). Агар ба имондорон лозим намебуд, ки дар бораи афзункунӣ ва зиёдшавӣ фикр кунанд, Сулаймон, Исо ва Павлус ин ҳақиқатҳоро дар бораи эҳсонкорӣ таъкид намекарданд.

Бисёриҳо қарори Майкро оиди зиндагӣ кардан бо 10-15 фоизи

даромаднокӣ танҳо ҳамчун қурбонӣ аз рӯи муҳаббат ҳисобида метавонанд; аммо, Майк васеътар фикр мекунад. Азбаски ӯ саршор аз ҳикмати Худост ва 2.000 оятро аз Китоби Муқаддас аз ёд карда, худро аз Каломи Худо пур намудааст, ӯ инро на фақат ҳамчун зоҳиркунии муҳаббат, балки саҳмгузорӣ низ меҳисобад.

Ӯ тавре ба он менигарист, ки ман ва Лиза ба ҳамон ду қитъаи замин нигоҳ мекардем. Рафтори ӯ ба рафтори оилае монанд аст, ки соҳиби тарабхонаи муваффақ мебошад. Ба ҷои он ки тамоми фоидаи худро истеъмол кунад, ин оила фоизи калонро аз он ҷудо карда, барои харидани биноҳои бештар, киро кардани шумораи бештари коргарон, харидани ғизои бештар ва ҳама чизҳое, ки барои рушди кори онҳо заруранд, истифода мебарад. Агар ҳама тадбирҳо дуруст ба амал оварда шаванд, дар оянда онҳо соҳиби панҷ тарабхона мегарданд ва бо ин васила панҷ баробар бештар фоида ба даст меоранд. Дар натиҷа, онҳо назар ба он ки агар танҳо як тарабхона дошта бошанд, шумораи хеле бештари одамонро баракат дода метавонанд.

Агар Майк хайрияҳояшро саҳмгузорӣ ҳисоб намекард, ӯ маънои амиқи эҳсонкориро намефаҳмид. Масали Исо оиди талантҳо ҳаминро таълим медиҳад. Ба суханони Исо диққат кунед: “Хидматгоре, ки панҷ халта нуқра гирифта буд, ба *саҳмгузорӣ* машғул шуда, боз панҷ халтаи дигар фоида гирифт” (Матто 25:16, NLT). Дар ин ҷо маҳз калимаи “саҳмгузорӣ” истифода бурда шудааст, то нишон дода шавад, ки чӣ тавр ин хидматгор чизи ба ӯ додашударо афзун кард.

## БОЗ ЯК МАСАЛ ДАР БОРАИ АФЗУНКУНӢ

Биёед боз як масалро мехонем, ки Исо барои тавсиф додани афзункунӣ истифода бурдааст.

> “Мардум ҳамаи суханони Исоро гӯш мекарданд. Ва, азбаски Ӯ ба Ерусалим наздик мешуд, боз як масалеро барои ислоҳ кардани тасаввурот оиди он, ки Подшоҳии Худо ҳамон лаҳза шурӯъ мешавад, нақл кард” (Луқо 19:11, NLT).

Ба ман муқаддимаи ин масал маъқул аст. Одамон интизор буданд, ки Исо подшоҳиро барпо ва онҳоро аз зери зулми ҳокимияти Рум озод мекунад. Ӯ бо нишон додани он, ки дар асл чӣ бояд рӯй диҳад, мафкураи онҳороислоҳ кард. Ӯ мехост, ки мо баъди рафтани Ӯ Подшоҳиро бунёд кунем. Вале чӣ тавр? Ба воситаи *саҳмгузорӣ*. Ин масалро гӯш кунед:

> «Марди шарифе ба империяи дур даъват карда шуд, то подшоҳ шавад ва баргардад. Пеш аз рафтан, ӯ даҳ нафар ғуломони худро даъват намуд ва даҳ мино нуқраро ба онҳо тақсим карда, гуфт: “То баргашта омаданам инро барои ман *саҳмгузорӣ* кунед”» (Луқо 19:12-13, NLT).

Ба мисли ҳикоя аз Инҷили Матто, Ӯ ба мо дар бораи саҳмгузорӣ дастур медиҳад. Мо дар робита ба он чизе, ки ба мо бовар карда супорида шудааст, танбал набошем, балки бояд *бо ҷидду ҷаҳд* ва *оқилона* меҳнат кунем.

Гарчанде ин ду масал якхела ба назар мерасанд, онҳо гуногун мебошанд. Биёед фарқияти онҳоро дида мебароем. Аввалан, Матто дар бораи се хидматгор ҳарф мезанад, аммо Луқо дар бораи даҳ нафар. Дуюм, дар масали Матто ҳар як хидматгор андозаи худро гирифт ва дар масали Луқо ҳама ба андозаи баробар минои нуқра гирифтанд. Сеюм, дар ҳикояи Матто хидматгорон на танҳо як мино, балки халта ё як халтаҳои нуқра гирифтанд, ки ҳар кадоме аз як мино 75 маротиба бештар буд. Ин ду масалро муқоиса карда, ман боварӣ дорам, ки дар масали Матто дар бораи атоҳое сухан меравад, ки ба андозаи баробар дода намешаванд, аммо дар масали Луқо дар бораи он чизҳое навишта шудааст, ки ҳар як имондор аз Худо ба андозаи баробар гирифтааст – дар бораи асосҳои имон, муҳаббати Худо, Каломи Худо, баракатҳои мо дар асоси аҳд, ва ғайра. Аммо принсипҳои асосӣ ҳамон гунаанд. Биёед ин ҳикояро давом медиҳем:

> «Баъд аз подшоҳ шуданаш, ӯ баргашта, хидматгорони худро, ки ба онҳо пул дода буд, даъват намуд. Ӯ донистан мехост, ки

> фоидаи онҳо чӣ гуна аст. Хидматгори якум хабар дод: Ҷаноб, ман пули туро *саҳмгузорӣ* кардам ва аз миқдори аввала *даҳ маротиба* зиёд ба даст овардам!”
>
> “Офарин!”, – хитоб кард подшоҳ. – “Ту хидматгори нек ҳастӣ. Ту дар чизи андаке, ки ба ту бовар карда супоридам, *содиқ* будӣ; бинобар ин ҳамчун мукофот, ту ҳокими *даҳ шаҳр* хоҳӣ буд”» (Луқо 19:15-17, NLT).

Якчанд нуктаро таъкид кардан лозим аст. Аввалан, ин хидматгор он чиро, ки ба вай дода шуда буд, ба кор андохт. Дуюм, ӯ *ғайратмандона* ва *оқилона* кор кард ва дар натиҷа даҳ карат фоида ба даст овард. Маънои *оқилона* кор кардан ҳикмати Худоро пайравӣ кардан аст, ва ин танҳо дар сурате имконпазир аст, ки мо, ба монанди дӯстам Майк, овози Худоро гӯш кунем. Сеюм, *афзункунӣ* боз бевосита ба *садоқат* марбут мебошад. Дар ин ҷо ҳеҷ гуна коре ё фазилате зикр карда нашудааст, чунки барои Худо содиқ будан маънои афзункуниро дорад. Ва дар ниҳоят, подоши ҷовидонаи хидматгор ба афзункунии ӯ мутаносиб аст – хидматгори аввал ҳокими даҳ шаҳр таъин гардид.

Акнун биёед дар бораи хидматгори дигар мехонем:

> «Хидматгори дигар гуфт: “Ҷаноб, ман пули *шуморо* ба кор андохтам ва аз миқдори аввала панҷ маротиба бештар фоида ба даст овардам”.
>
> “Офарин!”, – гуфт подшоҳ. – “Ту ҳокими панҷ шаҳр хоҳӣ буд”» (Луқо 19:18-19, NLT).

Ин хидматгор даҳ баробар нею панҷ баробар фоида гирифт. Мукофоти абадии ӯ саҳми ӯро инъикос кард – панҷ шаҳр, на даҳ. Барои чӣ ӯ ба монанди хидматгори якум даҳ маротиба афзун накард? Оё мумкин аст, ки ӯ ба ҳикмати Худо он қадар бодиққат набуд? Шояд ӯ имкониятҳоро аз даст медод? Ё ӯ дар солҳои баъдина, тавре ки Стен аз боби якуми мо ба нақша гирифта буд, аз амал кардан бозистод? Шояд ӯ гумон карда бошад, ки баъд аз нафақа баромадан ҳеҷ кор кардан лозим нест?

Чанд сол пеш, ман дар як анҷумани роҳбарон дар мавзӯи афзункунӣ мавъиза мекардам. Яке аз бинокорони машҳури амволи ғайриманқули Калифорния, ки аллакай барои Подшоҳӣ миллионҳо доллар хайр кардааст, баъд аз шунидани мавъиза ба назди ман омад. Ӯ ҳайратзада, вале зиндадил менамуд. Ӯ гуфт:

– Ҷон, ман фикр мекардам, ки аз сабаби муваффақияте, ки дорам, корро бас кунам. Ба ин тарзи тафаккур афтода мондан осон аст, аммо ман мебинам, ки ин хато аст. Ман ба пеш ҳаракат мекунам ва барои афзун кардани он чизе, ки Худо ба ман додааст, диққат медиҳам ва саъй мекунам.

Эҳтимол, тавбаи самимонаи ӯ ҳаёти ӯро тағйир медиҳад, ва ӯ аз афзункунии панҷкарата ба даҳкарата мегузарад.

Бо хидматгори сеюм чӣ рӯй дод?

«Аммо хидматгори сеюм пули аввалияро баргардонд ва гуфт: “Ҷаноб, ман пули туро пинҳон кардам ва нигоҳ доштам. Ман тарсидам, чунки ту шахси сахтгир ҳастӣ, ва чизеро, ки аз они ту нест, мегирӣ, ва он чиро, ки накоштаӣ, медаравӣ”.

> «“Хидматгори шарир!” – фарёд зад подшоҳ. – “Суханонат туро маҳкум мекунанд. Агар ту медонистӣ, ки ман одами сахтгир ҳастам ва он чизеро, ки аз они ман нест, мегирам ва он чиро, ки накоштаам, медаравам, пас чаро пули маро ба бонк нагузоштӣ? Ман метавонистам ақаллан андаке фоида гирам”» (Луқо 19:20-23, NLT).

Ба монанди ҳикояи Матто, ин хидматгор ҳамон ду камбудии калон дошт. Якум – ӯ метарсид, дуюм – ӯ хислати хӯҷаини худро намедонист. Ин ҳикоя бори дигар нишон медиҳад, ки нигоҳ доштани он чизе, ки ба Худо тааллуқ дорад, на *садоқат,* балки *шарорат* аст. Шумо мушоҳида кардед, ки подшоҳ *фарёд зад?* Муносибати танбалона ин ғазаби ҳокимро овард, ва ӯ инро нишон дод! Агар фикр кунӣ, хеле ҳушёркунанда аст.

Он чизе, ки баъдтар рӯй медиҳад, танҳо хулосаҳои моро аз масали Матто тасдиқ мекунад:

> «Ва подшоҳ ба онҳое, ки дар паҳлӯяш меистоданд, рӯ оварда, гуфт: “Пулро аз ин хидматгор гирифта, ба он касе диҳед, ки даҳ мино дорад”.
>
> “Аммо ҷаноб”, – гуфтанд онҳо – “вай аллакай даҳ мино дорад”.
>
> “Бале” – ҷавоб дод подшоҳ, – “ва ба онҳое, ки чизи додашударо самаранок истифода мебаранд, боз бештар дода мешавад. Аммо аз онҳое, ки ҳеҷ коре намекунанд, ҳамон чизи андаке, ки доранд, кашида гирифта мешавад”» (Луқо 19:24-26, NLT).

Ин дар як вақт ҳақиқати аҷиб ва бимнок аст. Агар мо он кореро, ки Майк карда буд, накунем, агар ба омӯзиши Каломи Худо ва сӯҳбат бо Ӯ вақти зиёд сарф накунем, мо ғофилона ба хислатҳои Худо дар асоси фикру ақидаи ҷомеае, ки дар он зиндагӣ мекунем, баҳо медиҳем. Ин метавонад фикру ақидаи Ҳолливуд, шабакаҳои иҷтимоӣ ва иттилоотӣ, фикру ақидаи падари сахтгир, дину мазҳаб, ягон таҷрибаи дигар ё мафкураи сотсиалистӣ бошад, ки ба мо писанд ё нописанд буда метавонад. Аммо вақте ки мо Худо ва Каломи Ӯро аз наздик медонем, мо ин фикру ақидаҳои дурӯғинро шинохта метавонем.

## МО БА ЭҲСОНКОРӢ ДАЪВАТ ШУДАЕМ

Майк *атои эҳсонкорӣ* дорад; ӯ дар ин кор муваффақ аст. Аммо, ҳар яке аз мо бояд *эҳсонкор* бошем.

Барои беҳтар фаҳмидани ин, биёед эҳсонкориро бо фармоиши Исо дар бораи ба тамоми ҷаҳон мавъиза кардани Инҷил муқоиса мекунем (ниг. Марқӯс 16:15-16). Ин супориш ба ҳамаи имондорон дода шудааст. Ҳамаи мо бояд сафир бошем ва Инҷилро ба гумшудагон нақл кунем. Мо инро ҳамчунин дар суханони Павлус мебинем: “Кори башоратдиҳандаро ба ҷо овар” (2 Тимотиюс 4:5), ки ба ҳама имондорон дахл дорад.

Аммо хидмат ва атои махсус – *башоратдиҳандагӣ* вуҷуд

дорад. Павлус менависад: “Ӯ ... *баъзеро башоратдиҳанда* таъин намуд (Эфсӯсиён 4:11). На ҳама, вале баъзеҳо ба ин хидмат даъват карда шудаанд. Ин ато тавассути қобилияти ҷамъоварӣ кардани ҷонҳо рушд мекунад. Дар Аъмоли Ҳаввориён, Филиппус башоратдиҳанда номида шудааст, на ҳама имондорон (ниг. Аъмол 21:8). Билли Грэм, Ти Эл Осборн, Рейнхард Боннке башоратдиҳандаҳои моҳир буданд. Ҳар яке аз онҳо, бо ёрии дастаҳои худ, даҳҳо миллион ҷонҳоро ба наҷот овардаанд. Онҳо атои худододаи худро ҳамчун Майк ва дигарон, ки ман аллакай дар бораашон нақл кардам, афзун намудаанд.

Мо ба мисли онҳо ба эҳсонкорӣ даъват шудаем, аммо онҳое ҳастанд, ки *харизмаи эҳсонкорӣ* доранд. Онҳо дар эҳсонкории молиявӣ комёб мешаванд, чуноне ки башоратдиҳанда дар наҷоти ҷонҳо. Ин китоб дар бораи он нақл мекунад, ки чӣ тавр атоҳои худододаро афзун кардан мумкин аст. Вале азбаски эҳсонкории молиявӣ ҷиҳати хеле муҳими афзункунӣ мебошад, то охири ин боб ман диққати асосиро ба он равона кардан мехоҳам, ки ҳар яки мо ба он даъват шудаем – ба афзункунӣ дар соҳаи эҳсонкории молиявӣ.

Дар тӯли чил соли хидматгузории худ, ман дар робита бо эҳсонкории молиявӣ шоҳиди ду чаправӣ будам. Ин чаправиҳо ба бисёр касон дар калисоҳо таъсир расонидаанд, ва ман сидқан умед мекунам, ки ин вазъият дигар мешавад. Аввалан, одамоне ҳастанд, ки танҳо дар бораи гирифтан фикр мекунанд; онҳо бо сабабҳои худхоҳона бештар гирифтан мехоҳанд. Агар мо ба таври объективӣ фикр ронем ва чизҳоро бо номи мушаххаси худ бихонем, пас ин ангезаро танҳо бо як калима – *ҳирс* тавсиф кардан мумкин аст.

Мутаассифона, ин мафкураи хато барои пайдо шудани чаправии дигар сабаб шуд. Асосан, ин ба одамоне дахл дорад, ки, бар хилофи Майк, ҳадафи пурраи Каломи Худоро намеомӯзанд. Онҳо ба ҳар гуна таълимоте, ки имони одамонро ба эҳсонкории молиявӣ зиёд мекунад, беаҳамиятона муносибат мекунанд. Ин муносибат метавонад ҳатто ба чаправӣ – радди пурраи ҳама чизе, ки ба хайрия марбут аст, оварда расонад.

Моҳиятан, ҷонибдорони ин ғоя ҳам самаранокии худашонро ва ҳам самаранокии шахсонеро, ки онҳоро гӯш мекунанд, маҳдуд менамоянд. Дар натиҷа, кори умумии Инҷил маҳдуд мешавад.

Пас аз он ки ману Лиза Исоро қабул кардем, аъзои як калисое будем, ки оиди эҳсонкорӣ хеле бисёр таълим медод. Ин солҳои 1980-ум буданд, ва он вақтҳо бисёриҳо назар ба башоратрасонӣ дар барои худ бештар ғамхорӣ мекарданд. Гарчанде таълимоти калисои мо комилан дуруст буд, аз сабаби камбудии хислат, бисёр одамон барои он хайрот медоданд, ки хонаҳои калонтар, мошинҳои хеле боҳашамат, истироҳатҳои гарон дошта бошанд, ва ҳавасҳои худпарастонаи дигарро амалӣ кунанд. Онҳо чизҳоеро пайравӣ мекарданд, ки беимонҳо мекунанд, фақат бо он фарқият, ки ин бо формулаи Китоби Муқаддас печонида шуда буд. Ман ва Лиза аз худи аввал медонистем, ки дар ин як чизи нодурусте буд, аммо дақиқ гуфта наметавонистем, ки ин маҳз чӣ буд.

Рости гап, пас аз вақти дар он муҳит сарфшуда, ману Лиза бояд марҳилаи муайяни покшавӣ ва камолотро мегузаронидем, то ки дар бораи эҳсонкорӣ тасаввуроти пурра пайдо кунем. Роҳбари ҳамон калисо дар охир ба васваса дода шуд ва ҳама чизро аз даст дод. Инро дида, ба васвасаи гузаштан ба чаправии дигар рӯ ба рӯ шудем, лекин мо моил ба он будем, ки назар ба таҷрибаи худ бештар ба Каломи Худо бовар кунем.

Пас аз ду сол баъд аз он, ки калисоямон моро барои сар кардани хидматгузории худамон рухсат дод, ман як азсаргузаронии фавқуттабиӣ доштам, ки чашмони маро кушод. Вақте ки ман дар ҷамъомад будам ва барои мавъиза кардан тайёрӣ медидам, Рӯҳулқудс аз ман пурсид: *“Писарам, оё ту медонӣ, рӯҳи динпарастӣ чӣ аст?”*

Ман дар бораи мафкураи динӣ хонда, шунида ва ҳатто навишта будам, аммо, вақте ки Ӯ пурсид, ман зуд фаҳмидам, ки чизеро дарк накарда будаам. Ман ҷавоб додам: “Эҳтимол ман намедонам. Вагарна Ту инро аз ман намепурсидӣ. Ин чӣ аст?”

Рӯҳулқудс ҷавоб дод: “Рӯҳи динпарастӣ – ин мафкураи одаме, ки Каломи Маро барои амалӣ кардани иродаи худ истифода

мебарад. Ин гуна одам дастурҳои Маро иҷро намекунад, ва хоҳишҳои дили Ман барои ӯ аввалиндараҷа намебошанд”.

Ин суханон ангезае гардида, пас аз он муҳити заҳролуд, ки дар он будам, дар қалби ман тағйироти зарурӣ ба вуҷуд оварданд. Ин паёми Рӯҳулқудс нишон дод, ки мо хайр карда ва ҳатто ҳосили эҳсонкории худро даравида метавонем, аммо ин корро бо мақсадҳои нодуруст мекунем. Ҳатто агар мақсадҳои мо нодуруст бошанд ҳам, қонунҳои Худо самара меоранд.

Азбаски ҳаворӣ Павлус барои тавсиф кардани эҳсонкорӣ мисоли кишоварзиро истифода бурдааст, ба ман ҳам иҷозат диҳед, ки ҳамин тавр кунам. Кишоварз танҳо бо як мақсад – тамоми ҳосилро барои худ ғун кардан тухмӣ кишт карда метавонад. Ӯ барои ҳама чизе, ки истифода бурда наметавонад, анборҳо месозад, ва дар дили худ мегӯяд: “Эй ҷони ман! Дороии бисёре барои чандин сол дорӣ: фароғат кун, бихӯр, бинӯш ва димоғчоқӣ кун“ (Луқо 12:19).

Худо ба чунин одам мегӯяд: “Нодон!” (ояти 20). Чуноне ки мебинем, принсипҳои коштан ва даравидан барои ин кишоварз кор карданд, гарчанде, аз рӯи суханони Исо, ӯ хасис буд.

Кишоварзи дигар хоҳиш дошта метавонад, ки ба одамон ёрӣ расонад ва онҳоро сер кунад. Ӯ ҳамон ҳосилеро мерӯёнад, ки кишоварзи аввалин рӯёнда буд, вале ба таври дигар рафтор мекунад. Ӯ дар дили худ мегӯяд: “Хеле хуб! Ман на танҳо ҳамин қадар ғизо дорам, балки илова ба ин ба ҷамоати худ ёрӣ мерасонам, ки қавӣ ва некӯаҳвол гарданд! Ман саховатманд буда метавонам!”

Қонуни кишт ва дарав ба андозаи баробар барои ҳар ду кор мекунанд. Хандаовар мебуд, агар аз боиси он, ки ангезаи кишоварзи аввал ҳирс буд, ҳама одамон коштану даравиданро бас кунанд. Аммо бисёриҳо дар соҳаи эҳсонкорӣ барои Подшоҳӣ маҳз чунин рафтор карданд.

Биёед суханони Павлусро муфассалтар дида мебароем. Ӯ бо суханони зерин оғоз мекунад:

> “Ман фикр кардам, ки ин бародаронро пеш аз рафтани худ ба назди шумо бифиристонам, то боварӣ ҳосил кунам, ки *хайроти* ваъдакардаи шумо тайёр аст. Аммо ман мехоҳам, ки ин *хайрот* ихтиёрӣ бошад, на маҷбурӣ” (2 Қӯринтиён 9:5, NLT).

Бешубҳа, Павлус дар бораи ҳадяи пулӣ ё хайрот гап мезанад. Ӯ принсипи кишоварзиро истифода бурда, суханони худро давом медиҳад, то нишон диҳад, ки Худо барои эҳсонкорон чӣ кор мекунад:

> “Инро дар хотир доред: кишоварзе, ки танҳо андаке тухмӣ мекорад, ҳосили кам мерӯёнад. Аммо касе, ки бисёр мекорад, ҳосили фаровон мегирад” (2 Қӯринтиён 9:6, NLT).

Агар мақсади ягонаи эҳсонкории мо – ин кӯмак ба одамон бошад, чаро Павлус дар бораи дараве гап мезанад, ки мо аз эҳсонкорӣ ба даст меорем? Наход доштани хоҳиши дуюмдараҷа барои афзункунӣ нодуруст аст, махсусан агар он хоҳиши аввалиндараҷаи моро барои обод кардани одамон дар Подшоҳӣ тақвият ва афзоиш диҳад? Оё имкон дорад, ки Павлус навимондорони калисои қӯринтиёнро оиди баланд бардоштани самаранокии онҳо таълим дода бошад, тавре ки Исо, масали Худро дар бораи талантҳо нақл карда, таълим дода буд? Оё мо ба хулосае омада метавонем, ки Павлус онҳоро ба раҳмдилӣ ва дар айни замон ба саҳмгузорӣ даъват кардааст, то баракати боз ҳам бештар ба даст оранд? Ман мутмаинам, ки Павлус маҳз ҳаминро мехост, чунки ӯ ба суханони худ идома дода, мегӯяд:

> «Ҳар яки шумо бояд дар дили худ тасмим гиред, ки чӣ қадар медиҳед. Ва бо дили нохоҳам ё дар зери фишор чизе надиҳед. “Зеро Худо одамонеро дӯст медорад, ки бо хурсандӣ медиҳанд”. Ва Худо ҳама чизеро, ки ба шумо лозим аст, фароҳам меорад. Ва шумо ҳамеша *аз ҳар чизи лозима ба қадри кофӣ қонеъ хоҳед буд,* ва *боз зиёд боқӣ мемонад, то ки ба дигарон тақсим кунед»* (2 Қӯринтиён 9:7-8, NLT).

Диққат диҳед, ки ду чиз рӯй медиҳад. Эҳтиёҷоти шахсӣ қонеъ гардонида мешавад, аммо Павлус махсусан таъкид мекунад, ки *боз зиёд боқӣ мемонад, то ба дигарон тақсим кунед.* Аз боиси он ки мо саҳмгузорӣ мекунем ё тухмӣ мекорем, қобилияти эҳсонкории мо афзун мегардад. Дар оятҳои зерин ин ният боз бештар тасдиқ карда мешавад:

> “Зеро Худое, ки барои коранда тухм ва барои хӯранда нон муҳайё менамояд, *маблағҳои шуморо зиёд* ва самари *кори хайри* шуморо афзун хоҳад кард. Бале, шумо аз ҳар ҷиҳат бой мешавед, то ки шумо *доимо саховатманд бошед”* (2 Қӯринтиён 9:10-11, NLT).

Павлус махсусан таъкид мекунад, ки ба воситаи эҳсонкорӣ Худо маблағҳои шуморо зиёд мегардонад. Ин ба шумо имкон медиҳад, ки доимо саховатманд бошед. Ин ҳақиқат на танҳо ба он касоне дахл дорад, ки атои эҳсонкории молиявӣ доранд, балки ба ҳамаи имондорон низ. Ин қонуни рӯҳонӣ мебошад, ки Худо аз аввал муқаррар кардааст.

Вақте ки Лиза ва ман роҳи худро дар хидматгузорӣ оғоз кардем, даромади мо дар як сол 18.000 долларро ташкил медод. Мо базӯр ҳисобҳои худро пардохт мекардем. Ман Рӯзи Мавлуди аввалинамонро дар хидматгузорӣ дар хотир дорам. Мо маҷбур будем, ки барои харидани маводҳо ва ҷамъоварӣ кардани сабадҳо бо тӯҳфаҳои худсоз каме пулҳои пасандоз кардаамонро истифода барем. Мо барои чизи дигар пули кифоя надоштем.

Пас аз ду сол шубони мо хайроти махсус ҷамъ кард. Лиза ва ман барои он коре, ки хайрот пешбинӣ шуда буд, саҳм гузоштан хостем. Худо ба мо гуфт: “1.000 доллар диҳед”.

Дар давоми ду сол мо ба қадри имкон барои ҷамъоварӣ кардани пардохти аввала барои хонаи хурд пул пасандоз мекардем. Мо 1.800 доллар ҷамъ кардем. Мо дигар ҳеҷ чиз надоштем – на нақшаи нафақавӣ, на саҳмияҳо ё пасандози дигар, ки такя карда тавонем. Агар мо 1.000 доллар медодем, дар ҳисоби мо 800 доллар боқӣ мемонд. Зоҳиран, пасандозе, ки дар

давоми ду сол ҷамъ шуда буд, бо ин хайрот сахт коҳиш меёфт, ва барои мо солҳо лозим мешуд, ки барои пардохти аввалаи хона пули кофӣ ҷамъ кунем. Вале мо ин миқдор пулро хайр кардем, зеро мехостем ба он коре, ки ба одамон баракат меовард, саҳми худро гузорем. Ҳамчунин мо бештар саховатманд будан мехостем. Мо аз Китоби Муқаддас медонистем, ки усули ягонаи васеъ кардани имкониятҳои мо – ин афзун намудани он чизи андаке буд, ки мо доштем.

Бо мурури замон мо имконият пайдо кардем, ки назар ба сабадҳо бештар ҳадя диҳем, ва беш аз 1.000 доллар хайрот кунем. Танҳо ҳамин сол мо тавонистем барои кори башоратрасонӣ аз хайроти аввалинамон 50 маротиба зиёдтар хайр кунем. Мо мехоҳем, ки одамони зиёдро бо усулҳои гуногун баракат диҳем. Худо қобилияти моро афзун кард ва барои саховатманд будан қувват дод. Тарҷумаи “Passion” ин ҳақиқатро хуб ошкор мекунад:

> “Ин Худои саховатманд, ки кишоварзро бо тухмии фаровон таъмин мекунад, то барои мо нон шавад, нисбат ба шумо боз ҳам бештар эҳсонкор аст. Аввалан, Ӯ ҳама гуна мӯҳтоҷиро қонеъ мегардонад, ва ҳатто бештар. Сипас вақте ки тухмиро кишт мекунед, Ӯ онро *афзун мегардонад,* то ки *ҳосили саховатмандии шумо афзоиш ёбад.* Шумо ҳар вақте ки бо саховатмандӣ хайр мекунед, аз ҳар ҷиҳат бо фаровонӣ баракат дода мешавед” (2 Қӯринтиён 9:10-11, TPT).

Диққат диҳед, ки Ӯ нисбат ба шумо эҳсонкор аст. Ӯ он чизеро, ки мо барои Подшоҳӣ хайр мекунем, бо мақсади махсус *афзун мекунад* – то ки *саховатмандии мо афзоиш ёбад.* Мо ҳисобҳои осмонии худро, ки дар он ҷо куя ва занг намезанад, ва луздон нақб канда, намедузданд, пурра мекунем ва мо онҳоро ҳамчунин барои зисту зиндагиамон истифода мебарем. Бале, подоши ҷовидонӣ мавҷуд мебошад, вале ҳисобе вуҷуд дорад, ки мо барои дар ин дунё низ саховатманд будан пурра мекунем. Павлус ҳангоми ба калисои Филиппиён нома навиштанаш, инро возеҳ нишон додааст:

> “На ин ки аз шумо ҳадя талаб мекунам, балки толиб ва хоҳишманди самаре ҳастам, ки ба фоидаи шумо биафзояд (ҳосили баракат, ки дар ҳисоби шумо ҷамъ мешавад) (Филиппиён 4:17, АМРС).

Чи тавре ки баъзеҳо ҳисобҳои бонкӣ, ҳисобҳои саҳҳомӣ ва хазинавӣ доранд, ҳар як имондор ҳисоби осмонӣ дорад. Ин ҳисоб ба мо қуват мебахшад, ки самаранокии худамонро дар бунёди Подшоҳии Худо афзун гардонем. Чӣ рӯй медод, агар ҳамаи имондорон ин қонуни рӯҳониро мефаҳмиданд, медонистанд ва ба он бовар мекарданд? Мо ин ҷаҳонро бо Инҷил хеле зудтар дастрас мекардем! Акнун ба шумо фаҳмо аст, ки чаро душмани Подшоҳии мо саъй мекунад, то имондоронро бо ҳар роҳ аз коштани тухмиҳои молиявӣ боздорад?

Ман ва Лиза бо як ҷуфти оилавӣ – Фил ва Дана, ки эҳсонкунандагони хеле саховатманд ҳастанд, дӯстони наздик ҳастем. Онҳо қариб 50 фоизи даромади худро ба Подшоҳӣ хайр мекунанд. Хеле ба наздикӣ онҳо барои як хидматгузорӣ 100.000 доллар хайр карданд. Пас аз ду рӯз онҳо боз 100.000 доллар ба як хидматгузории дигар хайр карданд. Ман барои он аз ин хабар дорам, ки ҳамон хидматгузории дуюм “Мессенҷер Интернэшнл” буд.

Фил чандин сол пештар ба кори худ шурӯъ карда буд, ва он дар сатҳи миёна – на он қадар муваффақ буд. Аммо 22 сол қабл Фил ва Дана ба Худо ваъда дода буданд, ки дар давоми се соли навбатӣ ба як хидматгузорӣ 250.000 доллар хайр мекунанд. Ин куллан ғайриимкон ба назар мерасид, аммо онҳо ба Худо иҷозат додан мехостанд, ки дахолат кунад.

Коргоҳи Фил ба ривоҷ ёфтан сар кард, аммо ӯ дарк намекард, ки корҳои ӯ то чӣ андоза пеш мерафтанд. Пас аз се моҳ ӯ фаҳмид, ки дар ҳисоби ӯ 250.000 доллари иловагӣ зам шудааст. Ӯ ва Дана азм карданд, ки ваъдаи худро барои се сол тӯл накашонида, фавран онро иҷро кунанд. Ӯ ба ман гуфт:

– Ҷон, аз ҳамон вақт сар карда, дар ҳаёти мо дараҷаҳои тасаввурнопазири эҳсонкорӣ шурӯъ шуданд.

Ҳамчун Майк, онҳо қарор карданд, ки бознамеистанд. Вақте ки дар ҷои худ истодан осонтар буд, онҳо ба пеш мерафтанд, ва ҳисоби осмонии онҳо то ҳадде расид, ки дар ин бора ҳатто орзу карда наметавонистанд. Ва ин ҳамчунин барои ману шумо низ имконпазир аст! Павлус махсус ба мо мегӯяд:

> *"Ҳеҷ гоҳ шубҳа накунед,* ки қудрати азими Худо барои анҷом додани ҳама чиз амал хоҳад кард. Он аз дархости бузургтарини шумо ва орзуи умдатарини шумо дида бештар натиҷа хоҳад овард, ва аз тахайюлоти боҷуръаттарини шумо болотар хоҳад рафт. Он аз ҳамаи ин чизҳо пештар хоҳад гузашт, чунки қудрати пурэъҷози ӯ ба шумо ҳамеша қувват мебахшад" (Эфсӯсиён 3:20, ТРТ).

## РАХНА ЗАДАН

Дар давоми солҳои хидматгузорӣ ман донистам, ки мо ҳам дар *харизма* ва ҳам дар *эҳсонкории молиявиамон* санҷида мешавем. Дар ҳаёти шумо вақтҳое фаро расида метавонанд, ки ягон нашриёт барои гуфтугӯ кардан дар бораи китоби шумо мароқ зоҳир намекунад, ва ин солҳои зиёд давом карда метавонад. Шумо дар бораи бозистодан фикр мекунед, чунки шумо хеле заҳмат кашидед, аммо, зоҳиран, китоби шумо ҳеҷ гоҳ нашр намешавад, ва шумо барои тағйир додани ягон чиз имкон намеёбед. Аммо шумо итоаткорона идома медиҳед. Ва ногаҳон *як рахна* ба амал меояд.

Ё шумо доим хайр мекунед, аммо зуд ҳосилашро намебинед, ва, чунин ба назар мерасад, ки барои давом додан пули шумо хеле кам аст. Аммо лаҳзае фаро мерасад, ки Худо бо шумо гап мезанад, чуноне ки бо Майк гап зада буд, ва шумо ба он бовар мекунед, ҳатто вақте ки ин ғайриимкон менамояд. Шумо *рахна мезанед* ва ба зинаи нави эҳсонкорӣ мегузаред.

*Рахна задан* чӣ аст? "Dictionery.com" ин калимаро ҳамчун "амал ё ҳодисаи бартараф ё барҳам додани монеа ё маҳдудият" таъриф мекунад. Нуктаи зеринро тасаввур кунед: сарбанд

обро нигоҳ медорад. Об баланд шудан мегирад, аммо сарбанд ба он монеъ мешавад. Ногаҳон дар сарбанд тарқишҳо пайдо мешаванд; дар муддати кӯтоҳ ногаҳон об рахна зада мебарояд. Монеа бартараф гардид, ва об бемамониат ба он ҷое, ки пештар намерасид, ҷорӣ мешавад. Ана ҳамин рахна задан аст.

> Шоҳ Довуд мегӯяд: "Худо душманонамро *бо дасти ман* маҳв намуд, чунон ки селоб маҳв менамояд" (1 Вақоеънома 14:11). Селоб – ин рамзи итоати доимӣ ба ҳақиқат, ва обе, ки, пас аз рахна зада баромадан, озодона ҷорӣ мешавад – ин рамзи серҳосилӣ ва фаровонӣ.

Ба воқеаи дӯстонам, Фил ва Дана, бармегардем. Фил ба ман нақл кард, ки пас аз 100.000 доллари аввалинро хайр кардан, онҳо ҳафтаи рекордӣ доштанд, ва фақат ҳамон ҳафта боз 100.000 доллар ва ҳатто бештар аз он кор карданд. Ана рахна задан чӣ аст. Онҳо аз аввал чунин муваффақ набуданд; онҳо доимо хайр мекарданд, аммо ин қадар ҳосили фаровон ба даст намеоварданд. Вале пас аз солҳои пайдарпайи коштанҳо, онҳо рахна заданд, ва, чунин ба назар мерасад, ки ҳосили онҳо қариб ҳамчун коштан доимӣ мебошад.

Ин ба амал омадани суханони Омӯси набӣ мебошад: «"Инак, рӯзҳое меоянд", – мегӯяд Худованд, – "ки гандум ва ангур, назар ба он вақте ки онҳоро ҷамъоварӣ карда метавонанд, зудтар пухта мерасанд"» (Омӯс 9:13, NLT). Дар тарҷумаи кӯҳнатар ин ҳақиқат зеботар ошкор карда шудааст:

"Инак, айёме меояд, мегӯяд Худованд, ки шудгоркунанда ба даравгар дучор хоҳад омад, ва пахшкунандаи ангур — ба коранда; ва кӯҳҳо шираи ангурро хоҳад чаконид, ва бар ҳамаи теппаҳо шир *ҷорӣ хоҳад шуд".*

Даравгар чунон ҳосили фаровон ба даст хоҳад овард, ки кишткунанда бо ӯ ҳангоми кор рӯ ба рӯ мешавад.

Пахшкунандагони ангур ҳанӯз ҳам ангури мавсими гузаштаро пахш мекунанд, дар ҳоле ки кишткунанда барои кори соли оянда

шурӯъ менамояд! Ин тасвири аҷоиби натиҷаи меҳнати онҳо мебошад. Кишткунандагон, даравандагон ва пахшкунандагони ангур мақсади умумӣ доранд – тайёр кардани шароб. Ана дар бораи натиҷаи меҳнати онҳо чӣ гуфта шудааст: “Шароб доимо ҷорӣ хоҳад шуд; он кам намешавад, дигар давраҳои беҳосилӣ намешаванд” (парафрази муаллиф).

Вақте ки маҳз ҳамин тавр мешавад, барои *харизма* ва *эҳсонкории молиявии* мо ҷой вуҷуд дорад. Ин бо Майк, ва ҳамчунин бо Фил ва Дана рӯй дод. Хидматгузории мо “Мессенҷер Интернэшнл” дар бораи ҳаёти одамон шаҳодатҳои зиёде мегирад, ки ба туфайли ресурсҳои мо, ки дар давоми солҳои зиёд кишт кардаем, тағйир ёфтаанд. Ангур назар ба фаворасии вақти ҷамъоварӣ кардани он зудтар нашъунамо мекунад!

Бисёриҳо андаке пештар аз рахна задани худ таслим мешаванд. Онҳо аз душвориҳо ва аз набудани натиҷаҳои дилхоҳ хаста мегарданд. Ман ва Лиза метавонистем ба осонӣ ба ақли солим ва мантиқ рӯ биёрем ва овози Рӯҳулқудсро нодида гирем. Барои пешпардохт кардани пули хона ба мо ҳатман ҳадди ақал 5.000 доллар лозим буд. Дар аксарияти биноҳои серҳуҷраи бароҳат дар шаҳри мо танҳо калонсолон зиндагӣ мекарданд, ва онҳо барои зиндагӣ кардан бо бачагон қулай набуданд. Мо гуфта метавонистем: “Аввал хона мехарем, ва баъд ба яке аз лоиҳаҳои ояндаи калисо 1.000 доллар хайр мекунем”. Лекин бо ин рафторамон мо имконияти хуби саҳмгузориро ба Подшоҳии Худо ва афзун кардани ресурсҳои худамонро аз даст медодем.

Ҷиҳати хуби ин қисса дар он буд, ки пас аз шаш моҳ ба таври мӯъҷиза соҳиби он 5.000 доллар гаштем. Лиза аз як суратҳисобе, ки падари ӯ кушода буд, пул гирифт, гарчанде мо он вақт дар ин бора намедонистем. Боз ду одаме, ки дар бораи эҳтиёҷи мо чизе намедонистанд, ба мо 2.000 доллар доданд. Мо камтар пас аз як сол дар хонаи нави худамон будем. Ин мӯъҷиза буд, ва барои имон ва сабри мо, вақте ки ин “ғайриимкон” ба назар мерасид, гирифтани таъминоти Ӯ хеле беҳтар буд. Ман боварӣ надорам, ки ин кор ба амал меомад, агар мо ҳамон 1.000 долларро, ки

Рӯҳулқудс ба додан водор мекард, нигоҳ медоштем.

Дар ин марҳилаи мавзӯи мо тавсия додан оқилона мебуд, ки аз чизҳои зайл огоҳ бошем: мо набояд худсарона кор кунем. Ман чиро дар назар дорам? Мо бояд аз Шарики Калонамон, Рӯҳулқудс, маслиҳат гирем. Ӯ ба мо мегӯяд: “Ман Худованд Худои ту ҳастам, ки фоида гирифтанро ба ту таълим медиҳад, ва туро ба роҳе ҳидоят мекунад, ки ту бояд равон шавӣ” (Ишаъё 48:17, NKJV). Доштани виҷдони ҳассос (ҷое, ки Рӯҳулқудс ба мо нур мепошад) ва итоат ба он чизҳое, ки Ӯ ба мо нишон медиҳад, бениҳоят муҳим аст, зеро маҳз Ӯ моро аз саҳмгузориҳоямон дар Подшоҳии Худо ба сӯи фоида ҳидоят мекунад. Агар Ӯ ба қалби мо гап намезад, мо он 1.000 долларро намедодем.

Баъзе одамон маслиҳати Ӯро гӯш намекунанд. Дигарон маслиҳати Ӯро гӯш карда наметавонанд, чунки онҳо бисёр маротиба “не” гуфтаанд, ва виҷдони онҳо аллакай ҳассос нест. Агар шумо ҳам ин гуна бошед, тавба кунед ва барои хомӯш гардонидани овози Ӯ бахшиш пурсед. Он гоҳ ҳассосияти шумо барқарор мешавад, чунки Ӯ зуд мебахшад! Вале баъд аз он роҳнамоии Ӯро гӯш кунед, ва нагузоред, ки овози ақл шуморо ба иштибоҳ андозад.

## ТАФАККУР КУНЕД

1. Худо ба қалби шумо нисбат ба одамон меҳру муҳаббатро ҷойгир кардааст, ва аз ин рӯ дар ниҳоди шумо хоҳиши *додан* ва *хидмат кардан* мавҷуд мебошад. Шумо ҳоло чӣ тавр ба дигарон медиҳед ва хидмат мекунед? Бо кадом усулҳои эҷодкорона дар эҳсонкорӣ ва хидматгузорӣ ба камол расида метавонед?

2. Эҳсонкори хирадманд хайротро на танҳо ҳамчун атои муҳаббат ва хидмат, балки ҳамчун *саҳмгузорӣ* низ мефаҳмад. Шумо бар ивази эҳсонкорӣ ва хидмати худ аз саҳмгузориатон чӣ қадар даромад интизор ҳастед? Вақте ки шумо эҳсонкорӣ ва хидматро ҳамчун саҳмгузорӣ меҳисобед, чӣ тавр муносибати шумо ба онҳо тағйир ёфт?

3. Шумо ҳам дар *харизма* ва ҳам дар *эҳсонкории молия-виатон* санҷида хоҳед шуд. Ҳангоми ин санҷишҳо вақтҳое фаро мерасанд, ки ба назари шумо ҳосил дер мекунад, ва меҳнати шумо бесамар аст. Вақте ки шумо ба васвасаи таслим шудан дучор мешавед, ҷавоби шумо бояд чӣ гуна бошад? Шумо чӣ тавр худро рӯҳбаланд мекунед?

# MessengerX

***Барномаи шумо барои шогирдсозии ҳаррӯза***




## Комилан ройгон!

Ба дастгоҳи мобилии худ зеркашӣ карда, ба истифода бурдан шурӯъ кунед!
Ё аз веб-версия дар сайти зер истифода баред:

**MessengerX.com**

**110+ забонҳо, ва ҳанӯз бо ин маҳдуд намешавад**

- Маводҳоеро, ки ба зиёда аз 110 забон тарҷума шудаанд, фавран аз назар гузаронед
- Ва мо пайваста маводҳои нави тарҷумашударо илова мекунем.

## Тамошо кунед. Хонед. Шунавед.

Китобхонаи васеи манбаъҳоро, ки аз китобҳои электронӣ, китобҳои аудиоӣ, филмҳои кӯтоҳметраж иборат мебошад, ба ғайр аз он чизҳое, ки тамошо карда, хонда ва шунида метавонед, омӯзед.










### Функсияҳои аҷоибе, ки ба шумо писанд хоҳанд омад!

- Воситаҳои оддӣ ва истифодабариашон осон, ки ба шумо барои мубодилаи ин маводҳо кӯмак мерасонанд.
- Chromecast и AirPlay барои тамошо дар телевизорҳои интелектуалии шумо.
- Пешрафти худро дар тамоми дастгоҳҳои худ захира кунед. Маводҳои писандидаатонро барои зуд дастрас кардан дар китобхонаатон захира кунед.
- Маводҳоро барои бо тариқи офлайн дидан зеркашӣ кунед.
- Ҷустуҷӯи интелектуалӣ  ва филтр барои ёфтани маҳз он чизе, ки ҷустуҷӯ мекунед.




## Рушд дар самтҳои муҳимтарин

Мавзӯъҳоеро аз қабили оила, муносибатҳои солим, ҳадафи шумо дар зиндагӣ, озодӣ аз порнография, мустаҳкам кардани имони шумо, шунидани овози Худо, роҳбарӣ дар соҳибкорӣ ва чизҳои дигарро биомӯзед!

## Роҳ ба сӯи рушди шумо

MessengerX мақсад дорад, ки ба шумо барои гузоштани қадами оянда кӯмак кунад. Мо роҳҳои шогирдсозӣ ва асбобҳои тавоноеро таҳия кардаем, ки ба шумо барои равона шудан дар ин роҳ кӯмак мекунанд.




**1** Барномаи **MessengerX-ро** аз Apple Store и Google Play зеркашӣ кунед

**2** Аккаунт тартиб диҳед ва барномаеро, ки бо забони шумост, истифода баред

**3** Манбаъҳои ба шумо писандро тамошо кунед, хонед, бинед, шунавед ва зеркашӣ кунед ва онҳоро бо дигарон мубодила кунед

# Шогирд шавед, шогирдсозӣ кунед

Шумо, ҳамчун ҳамкори **MessengerX** , ба мо дар расонидани маъхазҳои тарҷумашуда ба одамони тамоми ҷаҳон кӯмак хоҳед кард.

***Зеро ҳама сазовори донистан ҳастанд!***

MessengerX

Download on the App Store

GET IT ON Google Play

**MessengerX.com**

*Худо ба ҳар яки шумо аз атоҳои гуногуни рӯҳонии Худ бахшоишҳо додааст. Онҳоро барои хидмат кардан ба якдигар самаранок истифода баред.*

*– 1 Петрус 4:10, NLT*

# 10

# Стимул

Дар ин боб, ки боби марказӣ номидан мумкин аст, ман дар бораи он нақл мекунам, ки *стимули афзункунии* самаранок чӣ аст. Дар бораи *самаранокӣ* ҳарф зада истода, ман афзункуниеро дар назар дорам, ки абадан мемонад.

Стимул – ангезае, ки ба амал кардан ё тағйир ёфтан водор мекунад, ё барои он шароити мусоид фароҳам меорад (таърифи ман аз якчанд луғатҳо гирифта шудааст). Ҳамаи мо атоҳо гирифтаем, аммо потенсиали пурқуввати онҳо бо он ба амал баровarда мешавад, ки ҳаввории Петрус дар бораaш гуфтааст: “Онҳоро барои *хидмат кардан* ба якдигар самаранок истифода баред”. Хидматгузорӣ айни *стимул* аст, аммо асоси хидматгузории ҳақиқӣ ҳамеша муҳаббат аст. Ҳавворӣ Павлус менависад:

> “Чунки мо дар назди Худо ва Падари мо дар хотир дорем, ки чӣ тавр шумо имони худро дар амал татбиқ мекардед, чӣ тавр *муҳаббат шуморо барои хидмат кардан ба дигарон бармеангезад”* (1 Таслӯникиён 1:3, ТРТ).

Хидматгузории ҳақиқӣ аз диле бармеояд, ки дар он оташи муҳаббат фурӯзон аст. Ин тамоюли ботинӣ аст, ки аз таъсири душвориҳо, азобҳо ё шароитҳои номусоид тағйир намеёбад. Баъзан он дар сухан, вале, бештар аз ҳама, дар амал зоҳир мешавад.

## ЗАНЕ, КИ МУРҒИ МАРҶОН ҲАДЯ МЕКУНАД

Мо хидматгузориро дар мисоли як воқеа муҳокима мекунем. Ҷуфти оилавие, ки ман дар борааш нақл кардан мехоҳам, дӯстони наздики мо мебошанд, ки номаълум монданро дархост карданд. Аз ин сабаб, барои иҷро кардани хоҳиши онҳо, ман номҳои сохтаро истифода мебарам.

Райли ва Дейв дар канори яке аз шаҳрҳои калонтарини Иёлоти Муттаҳида зиндагӣ мекунанд. Тақдир онҳоро якҷоя кард, чунки онҳо дар ҳамсоягӣ зиндагӣ мекарданд.

Чанде пас аз тӯйи арӯсу домодии худ, Райли ҳайрон шуд, ки барои чӣ аксари калисоҳо, хонаҳои парасторӣ барои бехонаҳо ва дигар созмонҳои хайрия, ки дар ҷашни Мавлуд хӯрок ва тӯҳфаҳо медиҳанд, барои Рӯзи шукргузорӣ камтар кор мекунанд. Вай боварӣ дошт, ки Рӯзи шукргузорӣ ҷашни муҳим аст, чунки он хонаводагӣ мебошад. Рӯзи шукргузорӣ дар гирди дастархон гузаронида мешавад, вале бисёр модарони танҳо, маъюбон ва бесарпаноҳон маблағе надоранд, ки хӯроки идона омода кунанд, ва ба касе ҳамроҳ шаванд. Ӯ мӯътақид буд, ки ошхонаҳо корҳои заруриро анҷом медиҳанд, аммо дар он ҷойҳо он муҳити ҳамдилию рафоқат, ки дар гирди дастархон ба амал меояд, мавҷуд нест.

Райли изҳор кард: "Ҳар яке аз мо метавонад таъсири муайян дошта бошад, вале дар якҷоягӣ мо бисёртар кор карда метавонем". Ӯ Каломи Худоро хуб дарк мекунад ва медонад, ки кӯшиши ду нафар одам дар ҳамоҳангӣ назар ба кӯшиши як нафар даҳ маротиба зиёдтар натиҷа меорад (ниг. Такрори Шариат 32:30). Ҳамчунин, ба вай хуб маълум аст, ки вақте имондорони зиёд муттаҳид мешаванд, натиҷаҳо афзоиш меёбанд. Дар қалби ӯ боз як ҳақиқат фурӯзон аст, ки хидматгорони ҳаққонӣ узви даста шудан мехоҳанд ва ба худ раво намебинанд, ки меҳнати муайянро ба худ мансуб донанд. Мавқеи Райли ин асосҳои муҳими афзункуниро таҷассум мекунад.

Дар аввалин Рӯзи шукргузорӣ Райли аз оила ва дӯстони худ барои харидани мурғҳои марҷон пул ҷамъ кард. Мафкураи вай ба

афзункунӣ равона шуда буд, ва барои ҳамин онҳо бо Дейв ваъда карда буданд, ки ба ҳар як доллари ҷамъшуда як долларӣ зам мекунанд. Дар ҳамон сол ӯ 11 мурғи марҷон харид ва онҳоро дар бағочи мошини худ кашонида, худро маълум нокарда, онҳоро тақсим кард. Соли дигар ин шумора ба 31 расид.

Дар соли сеюм ӯ ба оила ва дӯстони худ гуфт, ки онҳо метавонанд дар бораи ин биниш ба дӯстони худ нақл кунанд, фақат бо шарте ки онҳо номи ӯро ба забон наоранд. Онҳо ҳамин тавр ҳам карданд, ва натиҷаи кори ӯ афзоиш пайдо кардан гирифт. Соли панҷум онҳо ба 500 оила мурғи марҷон тӯҳфа карданд ва тавонистанд ба ҳар як мурғи марҷон ду бонкаи консерва бо сабзавот ва пуркардаҳо илова кунанд.

То ин вақт ӯ ба таври расмӣ бо Артиши наҷот дар бораи *беном* тақсим кардан шартнома баст. Ин созмони хайрия бо хадамоти иҷтимоӣ робита дорад, ки ба туфайли ин ӯ тавонист ҷараёни аризадиҳиро барои дарёфти одамони ҳақиқатан ниёзманд ташкил кунад. Одамони интихобшуда воситаи дигари таъминот (талонҳо барои ғизо, барномаҳои давлатӣ, ва ғ.) надоштанд. Райли ва дастаи ӯ дар ҳудуди Артиши наҷот нуқтаи тақсимот ташкил карданд.

Бисёр одамон чизҳои мухталифро фикр карда мебаромаданд, то ки омада, ғизои лозимаро гиранд. Онҳо бо аробаҳо ё сабадҳо меомаданд, аз ҳамсояҳои худ барои бурдану овардан кӯмак талаб мекарданд ё баъзан аз ҷои дур, ҳамту пиёда омада, мурғи марҷони худро бо сабзавот ва пуркардаҳо гирифта, ба автопритсеп, ба хона, ба боғ ё ягон ҷои дигари кушод, ки дар он зиндагӣ мекарданд, бармегаштанд. Як бесарпаноҳ ёд гирифт, ки чӣ гуна барои худаш ва дӯстони бесарпаноҳаш бо истифода аз ҷиҳози партофташуда ва балони газ мурғи марҷон пазад.

Ниҳоят, тақсимот он қадар васеъ шуд, ки ба онҳо бо шумораи боз ҳам зиёдтари одамон ҷои нави кор лозим шуд. Ассотсиатсияи масеҳиёни ҷавон дар наздикии он як майдони холӣ дошт, аммо муносибати онҳо бо Артиши наҷот бад буд. Ин мӯҳтоҷӣ водор намуд, ки ин ду ташкилот норозигии байниҳамдигариро бартараф кунанд. Онҳо оштӣ карданд, ва аз ҳамон вақт инҷониб

бо лоиҳаи Райли, ва ҳамчунин бо лоиҳаҳои дигари минтақаи худ якҷоя кор мекунанд.

Ҳар сол ҳадафи Райли ва Дейв ин буд, ки назар ба соли гузашта бештар тақсим кунанд. Онҳо азм карданд, ки дар Рӯзи шукргузорӣ дар минтақаи онҳо ҳеҷ кас бе хӯроки шоиста нахоҳад монд. Бо зиёд шудани шумораи гирандагон, ва алалхусус аз сабаби болоравии нарх ва аз боиси он ки баъзе дӯстон ёрӣ расониданро бас карданд ё рафтанд, тақсимот боз ҳам мураккабтар ва печидатар шуд. Вале азбаски ҳолати молиявии ин ҷуфти оилавӣ беҳтар шуд, онҳо дар мавриди тақсимот пешравиро қатъ гардонидан намехостанд. Аз ин рӯ, онҳо қарор доданд, ки ба ҳар як доллари ҷамъовардаашон ду долларӣ зам мекунанд (Ҳамчун эзоҳ гуфтаниам, ки вазъи молиявии онҳо дар тӯли шаш сол беҳтар шуд. Худо эҳсонкории онҳоро афзун кард, то ки онҳо боз ҳам бештар самаранок гарданд).

Чуноне ки худи Райли мегӯяд, “Худо бо кадом як роҳе ҳамеша аз манбаъҳои гуногун моро бо пул таъмин мекард, ва даромади умумии мо доимо афзоиш меёфт”. Ва аз ҳама аҷоибаш дар он аст, ки аз худи аввал ин ҷуфти оилавӣ қарор дода буд, ки аз барномаҳои давлатӣ ё ширкатҳои хусусӣ ҳатто як сент ҳам қабул намекунанд. Ҳамаи маблағҳо танҳо аз оила, дӯстон ва дӯстони дӯстони онҳо ҷамъоварӣ карда мешуданд.

Шумораи гирандагон зиёд мешуд, ва якҷо бо онҳо мушкилиҳои нав пайдо шудан мегирифтанд. Одамон он қадар зиёд буданд, ки акнун онҳо тамоми мурғҳои марҷонро дар як рӯз тақсим карда наметавонистанд. Райли ва Дейв маҷбур буданд, ки барои тақсимот боз як рӯзи дигарро илова кунанд, аммо ин монеаи ҷиддиро ба бор меовард: барои дар рӯзи дуюм тақсим кардан ҳамаи ин мурғҳои марҷонро шабона дар куҷо нигоҳ медоштанд? Райли боисрор ҷавоб меҷуст. Дар нисфи шаб силсилаи калони мағозаҳои хӯрокворӣ, ки онҳо аз ҳамон ҷо тамоми мурғҳои марҷонро мехариданд, истифода бурдани мошинҳои боркаш-яхдонҳои худро пешниҳод карданд. Акнун онҳо пулро барои харидани хӯрок сарф мекарданд, на барои нигоҳдорӣ.

Дигар монеаҳо ва мушкилоти хеле зиёде мавҷуд буданд, ки бартараф кардан лозим буд, хеле зиёд, ки номбар кардан мушкил аст. Имони ин ҷуфти оилавӣ хеле мустаҳкам, ва азмашон қавист. Бо мушкилиҳо рӯ ба рӯ шуда, онҳо доимо дуо мекарданд, ба Худо нидо менамуданд, ғояҳои стратегии илҳомбахш мегирифтанд ва аз он нафароне, ки ба онҳо ёрӣ медоданд, файз меёфтанд.

Ҳозир ба хидматгузории онҳо 26 сол шуд, ва имсол, вақте ки ман ин сатрҳоро менависам, онҳо ба 10.500 оилаҳо хӯрок доданд (агар ҳар як оила тақрибан аз чор нафар иборат бошад, пас 42.000 одамро дар бар мегирад). Онҳо ба тамоми мӯҳтоҷон дар минтақаи худ ва ба бисёр мӯҳтоҷон дар ду минтақаи ҳамсоя хӯрок тақсим карданд (дар ёд дошта бошед, ки мо дар бораи яке аз шаҳрҳои калони Иёлоти Муттаҳида гап мезанем). Барои ин онҳо панҷ мошини боркашро (бо притсепҳои 15-метра) аз мурғҳои марҷон, ва се мошини боркашро аз сабзавот ва пуркардаҳо пур карданд. Беш аз 200 ихтиёриён ба кор ҷалб карда шуданд, ки бисёрашон дар давоми чанд рӯз хаста нашуда, кор карданд. Бисёре аз онҳо дар хидматгузории Райли аз худи аввал иштирок мекарданд. Аҷибаш ин аст, ки аксарияти ин ихтиёриён то ҳол занеро, ки мурғҳои марҷон ҳадя мекунад, намешиносанд!

Баён кардани ҳамаи мӯъҷизот, ҳикояҳо ва шаҳодатҳоро оид ба ҳаёти одамон, ки ба туфайли афзункунӣ дигар шуданд, ғайриимкон аст. Бисёр одамон, аз ҷумла шавҳари Райли – Дейв ба Исо имон оварданд, ва бисёриҳо ба имонашон баргаштанд. Оилаҳо оштӣ мекарданд, ва бисёр одамон – хидматчиёни давлатӣ, коргарони мағозаҳои хӯрокворӣ, ва то андозаи муайяне тамоми шаҳр рӯҳбаланд мешуданд.

Иҷозат диҳед, ки якчанд ҳикояҳои кӯтоҳ нақл кунам. Яке аз дӯстони Райли дар клуби маҳаллии байкерҳо хазиначӣ шуда кор мекунад. Ҳар сол ӯ аз аъзои клуб хоҳиш мекунад, ки барои ин зан пул ҷамъоварӣ кунанд. Онҳо мусобиқа мекунанд, ки аз онҳо кӣ бештар хайр карда метавонад. Соли гузашта пас аз Рӯзи шукргузорӣ он зан паёмак гирифт, ки онҳо барои ҷашни ояндаи Рӯзи шукргузорӣ хайроти пулии худро то 3.000 доллар зиёд мекунанд.

Баъд аз тақсимоти навбатӣ дастаи Райли қарор дод, ки маблағи боқимондаро ба як калисои маҳаллӣ хайр мекунад. Ин кор калисоро барои истифода бурдани намунаи Райли ва сар кардани барномаи шахсӣ оид ба кӯмак ба камбағалон дар Рӯзи шукргузорӣ ва дар вақти боқимондаи сол рӯҳбаланд намуд.

Аъзои дастаи Артиши наҷот, ки ба дигар иёлот гузаронида шуданд, бо тайёрӣ аз рӯи намунаи Райли барномаҳо сар карданд. Дигарон, ки ба минтақаи ӯ гузаронида шуданд, бесаброна дар бораи ин хидматгузорӣ донистан мехостанд, чунки онҳо саргузашти Райлиро аз дигар ходимон шунида буданд.

Райли шубон нест ва дар ягон калисо кор намекунад; вай зани соҳибкор ва роҳбари корхонаи калон намебошад. Ӯ зан, модар ва имондори сарсупурда аст, ки содиқона ба калисо меравад. Ӯ боварии қавӣ дорад, ки ба Худои қодир хидмат мекунад, ки аз афзуншавии самараи кори ӯ хурсанд аст. Ба ман шараф аст, ки дӯсти ин ҷуфти оилавӣ бошам.

## МИСОЛИ БУЗУРГТАРИНИ АФЗУНКУНИИ АБАДӢ

Хидматгузорие, ки асосаш муҳаббат аст, омили афзоиш мебошад. Ҳикояҳои шавқангезро оиди афзункунӣ аз Каломи Худо ба ёд оред. Албатта, мисоли хеле равшани афзункунӣ дар Китоби Муқаддас Исо мебошад. Ӯ мегӯяд:

> “Лекин дар миёни шумо набояд ин тавр шавад: балки ҳар кӣ дар байни шумо хоҳад бузург бошад, хизматгори шумо шавад; ва ҳар кӣ хоҳад дар байни шумо нахустин бошад, ғуломи ҳама шавад. Зеро Писари Одам низ на барои он омад, ки ба Ӯ хизмат кунанд, балки барои он ки *хизмат кунад* ва ҷони Худро барои фидияи бисёр касон бидиҳад” (Марқӯс 10:43-45).

Исо роҳи азамати ҳақиқиро нишон медиҳад – хоҳиши хидмат кардан, на хидматро қабул кардан. Тааҷҷубовар нест, ки Ӯ бузургтарин амали хидмати Худро бо суханони зерин тасвир кард: “Ба ростӣ, ба ростӣ ба шумо мегӯям: агар донаи гандум дар хок афтода, намирад, фақат худаш боқӣ мемонад; лекин агар

бимирад, донаҳои фаровон меоварад” (Юҳанно 12:24). Боз ҳам, мо дар бораи *кишт* (ё *саҳмгузорӣ*) ва *дарав* мешунавем. Айнан чуноне ки *касе* донаи гандум *кишт мекунад,* ғалладонагиҳои зиёд медаравад, итоаткории Исо дар хидмат бисёр писарон ва духтарони Худоро овардааст. Ин мисоли беназир аст! Ӯ роҳро муҳайё ва меъёрро муқаррар кард, ва ба мо чӣ тавр *самаранок* афзун карданро нишон дод. Исо ба мо мегӯяд:

> “Шумо Маро “Устод” ва “Худованд” мегӯед ва рост мегӯед, зеро ки Ман чунин ҳастам. Пас, агар Ман, ки Устод ва Худованд ҳастам, пойҳои шуморо шустаам, шумо ҳам бояд пойҳои якдигарро бишӯед. Зеро *ба шумо намунае нишон додам, ки шумо онро бояд пайравӣ кунед.* Чунон ки Ман бо шумо рафтор кардам, шумо низ ҳамон тавр рафтор кунед” (Юҳанно 13:13-15, NLT).

Ҳамчун роҳбар ва муаллиф ман аҳамияти *сухани охирро* медонам. Ин ифода ё паёмест, ки шумо ба хонанда, шунаванда, донишҷӯ, узви даста, коргар, фарзанд, ва ғайра мегузоред. Ин фикри асосиест, ки шумо ба шунавандагони худ расонидан мехоҳед.

Суханони охирини Исо дар вақти ҳаёти заминиаш чӣ гуна буданд? Ҷолиб он аст, ки ин мавъизаи бо мисоли зинда тасвир кардашудае буд, ки Ӯ пеш аз маслуб шудани Худ баён кард – шустани пойҳои пайравони Худ.

Ман бо шумо ростқавл мешавам. Ман ҳамчун як ҷавони имондор, вақте ки касе дар гурӯҳи хурд пешниҳод мекард: “Биёед пойҳои якдигарро мешӯем”, тоқат карда наметавонистам. Ман зуд баҳонаҳои бемаъно пеш меовардам, то ки оҳиста аз он ҷо биравам, зеро вақте ки мардон ба пои ман даст мерасонанд, ин ба ман маъқул нест!

Ман бо гузашти солҳо, аз фаҳмидани он, ки шустани пойҳо бештар ба анъанае монанд аст, ки дӯстони ман пайравӣ мекарданд, сабукӣ ҳис мекунам. Ба унвони мисол, метавон бо он қиёс кард, ки Мӯсо морро ба сутун бардошта буд (ниг. Ададҳо 21:8-9), ва ҳама касоне, ки ба он нигоҳ мекарданд, аз

захми морон шифо меёфтанд. Ин хеле пурэъҷоз ва муқтадир буд. Вале, пас аз чанд насл, Исроил аз ин мор барои худ бут сохт (ниг. 4 Подшоҳон 18:4). Онҳо ба ҷои фаҳмидани он, ки сараввал, бисёр сол пештар, он чиз итоаткориро ба супоришҳои Худованд таҷассум мекард, онро дар маркази диққати худ гузоштанд.

Дар солҳои 1980-ум мо низ дар гурӯҳҳои омӯзиши Китоби Муқаддас ҳамин гуна роҳро интихоб карда будем. Мо "шустани пойҳоро" берун аз маънои аввалааш истифода мебурдем. Мо бештар ба амал диққат медодем, на бо он чиз, ки ба воситаи он таҷассум карда мешавад. Дар асри як роҳҳои мумфарш набуданд, ғайр аз пиёда гаштан, ҳайвонот воситаи ягонаи ҳаракат буданд, ба мисли "Адидас" ва "Найк" пойафзолҳои варзишӣ набуданд. Одамон шиппак мепӯшиданд ё, дар бисёр ҳолатҳо, умуман пойафзол надоштанд. Аз ин рӯ, ба миқдори зиёд ифлосиҳо, саргини ҳайвонот, партовҳо, ва ғайра ба пойҳо мечаспиданд. Бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки имрӯз дар фарҳанги ғарбии мо тасаввур карда наметавонем, ки дар он муҳит пойҳои одамон чӣ қадар ифлос ва бадбӯй буданд.

Вақте ки одамон ба хонаи марди сарватманде медаромаданд, хидматгорон ё ғуломон бояд пойҳои хӯҷаини худ, аъзои оила ва меҳмонони ӯро мешустанд. Дар хонаи оддии аъзои ҷомеаи олӣ вазифаҳои сершумор буданд: нигоҳубини оғилхона, омода кардани хӯрок, рӯбучини хона, ва ғайра. Вазифаи шустани пойҳо ба хидматгори аз ҳама залил супорида мешуд. Дар баъзе ҷойҳо аз ҳад мегузаштанд: ин вазифаи таҳқиромезро танҳо ба канизоне медоданд, ки мақоми пасттарин доштанд, зеро танҳо онҳо барои чунин кори нафратангез "нолоиқ" дониста мешуданд.

Дар таоми шом шогирдон дар хонаи калоне буданд, то ки тамоми дастаи Исо дар як ҳуҷраи алоҳида ҷойгир шаванд. Эҳтимол, ин хонаи аз ҳама бойтарин буд. Чанд соат пештар хидматгори ҳақиртарин пои ҳар кадоме аз ин мардонро шуста буд. Аммо, ба тааҷҷуби онҳо, ҳамон бегоҳ Ӯ на танҳо дастшӯ ва кӯзаи пуробро ба даст гирифт, балки либосашро, ки рамзи

мақоми Ӯ ҳамчун устод аст, кашид ва ба шустани пойҳои онҳо шурӯъ кард. Онҳо аниқ медонистанд, ки чӣ рӯй дода истодааст ва ин чӣ маъно дорад. Бар хилофи ин, дар донишгоҳ шустани пойҳо барои ман хиҷолатангез ва ҳатто дилбеҳузуркунанда буд, чунки пойҳои ман тоза буданд; ман пеш аз рафтан ба машғулиятҳо оид ба омӯзиши Китоби Муқаддас ғусл мекардам. Ман фикр мекардам: *“Барои чӣ ким-кадом ҷавоне, ки ман базӯр мешиносам, пойҳои маро шустан мехоҳад?”.*

Агар шумо суханони Исоро бори дигар хонед, онҳо барои шумо маънои хеле бештар хоҳанд дошт. Вай ба онҳо таассуроти фаромӯшнашаванда гузошт, ки мебоист то охири умрашон боқӣ мемонд. Ин *сухани вопасини* Ӯ буд.

Хулоса, барои он ки бузург бошем, мо бояд ихтиёран ҷои хидматгори аз ҳама пасттаринро гирем. Оё имкон дорад, ки маҳз барои ҳамин Исо гуфта буд: “Ман ҳалим ва фурӯтан ҳастам” (Матто 11:29)?

Барои фаҳмидани ин барои ман каме вақт лозим шуд. Вақте ки ман чанд соли аввал имондор будам, зоҳиран, бисёре аз мо ба одамон хидмат карданро айнан баръакс мефаҳмидем. Ақидаи ногуфтаи мо чунин буд: *“Агар ту ба бисёр одамон мавъиза ва роҳнамоӣ накунӣ, шахси муҳим нестӣ”.* Мо фикр мекардем, ки хидмат ба одамон вазифаи имондороне аст, ки дар калисои мо мавқеи пасттаринро ишғол кардаанд, ва боз ин ки агар мо хеле сахт меҳнат мекардем, одамони муҳим ҳисоб мешудем. Мафкураи мо чӣ гуна ғалат буд!

Ман ба сабри Рӯҳулқудс дар ҷараёни камолоти ман хеле миннатдорам! Ӯ мафкураи маро дигар кард, аммо барои ин вақт лозим шуд.

Чуноне ки ман аллакай нақл кардам, чор соли аввали хидматгузории ман асосан аз эҳтиёҷоти шубони ман иборат буд. Боре, вақте ки ман супориши навбатиро иҷро мекардам, Рӯҳулқудс ба ман пичиррос зад: “Писарам, агар Ман ба ту пешравӣ диҳам, ба ту лозим мешавад, ки ба одамон *боз ҳам бештар хидмат кунӣ.*

Агар ҳоло ту хато кунӣ, танҳо куртаеро, ки ба шустан додаӣ, расво мекунию халос. Иштибоҳ дар хидмати ҷамъиятӣ на бо куртае, ки иваз кардан мумкин аст, бартараф карда мешавад, балки метавонад ба ҳаёти одамоне, ки Ман дӯст медорам, осеб расонад". Суханони Ӯ ба ман сахт таъсир карданд. Ӯ на танҳо ба ман гуфт, ки мақомҳои баланд дар Подшоҳии Худо масъулияти бештарро дар хидмат ба одамон ба бор меорад, балки инчунин нишон дод, ки дар чизҳои майда доимо содиқ будан муҳим аст. Ман бояд хидматгор буданро ҳамон вақт низ давом медодам, ки ба ман боигарии ҳақиқӣ – одамон супорида мешуданд.

## Ривқо

Яке аз мисолҳои равшани аҳди қадим оиди афзункунӣ, ки дар натиҷаи хидмати фидокорона ҳосил мешавад, Ривқо мебошад. Биёед ба таври мухтасар ба саргузашти ӯ назар меандозем.

Иброҳим содиқтарин ходими худро ба кишваре, ки аз он ҷо баромада буд, фиристод, то ки ба вориси ӯ Исҳоқ ҳамсаре ёбад. Хизматгор даҳ шутурро гирифта, шитобон ба сафари дур баромад. Вақте ки хидматгори Иброҳим омада расид, вақти он буд, ки духтарон аз шаҳр ба назди чоҳ барои об равон мешуданд. Ӯ дуо кард: "Он духтаре ки ба вай гӯям: "Кӯзаи худро хам кун, то бинӯшам", ва ӯ гӯяд: "Бинӯш, ва шутуронатро низ нӯшонам", — ҳамон бошад, ки барои бандаи Худ Исҳоқ ихтиёр кардаӣ; ва аз рӯи ин бидонам, ки ба оғоям эҳсон кардаӣ" (Ҳастӣ 24:14).

Пеш аз он ки вай дуояшро тамом кард, Ривқо бо кӯзаи худ наздик омад, ва хидматгори Иброҳим аз вай об хост. Он чизе, ки баъд аз он рух дод, хеле ҳайратангез аст.

> «Вай гуфт: "Эй оғои ман, бинӯш!" Ва *дарҳол* кӯзаашро ба дасташ фуроварда, ӯро нӯшонид. Ва чун аз нӯшониданаш фориғ шуд, гуфт: "Барои шутуронат низ об мекашам, то даме ки аз нӯшидан бозистанд". Ва *дарҳол* кӯзаи худро дар обхӯр холӣ кард, ва боз сӯи чоҳ ба обкашӣ *бидавид,* ва барои ҳамаи шутуронаш об кашид» (Ҳастӣ 24:18-20).

То даме ки ҳамаи даҳ шутурро об нӯшонид, хидматгор хомӯшона ӯро мушоҳида мекард. Дар ин чанд оят мо хусусиятҳои аҷоиби хидмати Ривқоро пайдо мекунем. Ман ҳар кадоми онҳоро номбар мекунам.

- *Кӯшиш.* Ривқо танбалӣ накард. Вай ҳама корро зуд анҷом дод ва ҳатто ба назди чоҳ ва ба қафо медавид. Хидмати суст ва қулай ҳаққонӣ намебошад. Оё шумо ягон бор одамонеро дидаед, ки хидмат мекунанд, вале кӯшиш ба харҷ намедиҳанд ва фикр мекунанд: "Ман аз ҳамаи ин кор хаста шудам"? Инро дар бораи Ривқо ва ё дар бораи ягон ходими ҳақиқӣ гуфтан мумкин нест. Ходимони ҳақиқӣ омода ва пурқувватанд, ва ин аз амалҳояшон маълум аст.
- *Кори болотар аз ҳадди зарурӣ.* Хидматгорон аз ҳадди лозима бештар кор мекунанд. Ривқо аз он чизе ки талаб карда шуд, зиёдтар кор кард. Азбаски аксарияти мо шутур надорем, ва дар Шарқи Наздик зиндагӣ накардаем, он омилеро, ки хидмати Ривқоро боз ҳам аҷибтар намоён мекунад, ба ҳисоб намегирем. Пас аз сафари тӯлонӣ шутури оддӣ метавонад аз 120 то 150 литр об нӯшад. Хидматгори Иброҳим даҳ шутур дошт! Биёед ҳисоб мекунем: агар ҳар як шутур 120 литр об нӯшад, пас Ривқо аз чоҳ бояд 1200 литр об мекашид! Агар кӯзаи оддӣ 20 литр об ғунҷонад, пас ӯ бояд ба назди чоҳ ва ба ақиб 60 маротиба равуо мекард!

  Аммо ҳанӯз ин охири кор нест. Дар он давра ду намуди чоҳҳо буданд. Яке аз онҳо имкон дошт, ки кӯзаро бо арғамчин баста, ба сатҳи об фароварда шавад. Бо чоҳҳои намуди дигар 20-30 қадам ба сатҳи об фаромадан лозим мешуд. Оё мо медонем, ки Ривқо бо кадом намуди чоҳ сару кор дошт? Албатта, бо дуюмаш, чунки дертар, вақте ки хидматгор ба оилаи Ривқо дар бораи чӣ кор кардани вай нақл намуд, ӯ гуфт: "...сӯи чашма *фуромада,* об кашид" (ояти 45). Вай на танҳо ба чоҳ мефаромад ва бо 20 литр об 60 маротиба бармегашт, балки вай бояд хеле бисёр дар байни шутурҳо

ва чоҳ равуо мекард. Ва дар ёд дошта бошед, ки ӯ ин корро ихтиёран ба ҷо овард, гарчанде касе аз вай хоҳиш накарда буд! Нуқтаи ояндаи мо маҳз дар бораи ҳамин хислат.

- *Фаросатнокӣ.* Вақте ки эҳтиёҷ маълум аст, хидматгори ҳақиқӣ талаби кӯмакро интизор намешавад; ӯ фавран ба кор машғул мешавад. Дар тӯли солҳои хидматгузориам ба ман аён гашт, ки вақте одамон доимо интизори он мешаванд, ки чӣ кор карданро ба онҳо гӯянд, онҳо ҳеҷ чизро афзун намекунанд. Онҳое афзун мекунанд, ки доимо аввалин шуда, амал мекунанд.
- С*арсупурдагӣ.* Гарчанде вазифаи Ривқо душвор буд, ӯ ғайратмандона хидмат мекард. Бо гузашти солҳо ман як қонуниятро мушоҳида кардам: вазифа ҳар қадар мушкилтар бошад, омодагӣ ҳамон қадар зудтар аз байн меравад – табиати одамӣ ҳамин гуна аст. Вале мо табиати Исои Масеҳро дорем. Ӯ ҳатто мушкилиҳо ва муқобилиятҳои тасаввурнопазирро аз сар гузаронида бошад ҳам, ҳаргиз таслим нашуд. Бо табиати Масеҳ зиндагӣ кунед ва аз мисоли Ривқо илҳом гиред!
- *Мукаммалгардонӣ:* Ривқо то даме ки корро ба анҷом нарасонид, бознаистод. Ӯ аз шумори касоне набуд, ки таслим мешаванд. Агар шумо 99 фоизи супориши худро иҷро карда бошед, ин маънои онро надорад, ки шумо онро ба анҷом расонидед. Шоул дар мубориза бо амолеқиён ҳамин гуна рафтор кард. Вақте ки ӯ даҳҳо ҳазор одамонро кушт, аммо ҳаёти якеро нигоҳ дошт, Худо ӯро барои саъю кӯшишаш таҳсин накард (ниг. 1 Подшоҳон 15). Ривқо ба ивази меҳнати худ мукофот гирифтанашро надониста бошад ҳам, тамоми корро анҷом дод. Ин хислати ҳақиқии хидматгор аст. Онҳо эҳсоси шодӣ ва қаноатмандиеро, ки аз хидматгузориашон мегиранд, дӯст медоранд. Агар хидмат мукофот дошта бошад, пас ин танҳо баракати иловагӣ аст, на омили он. Мукофоти Ривқо бузург буд. Ӯ намедонист,

ки даҳ шутур бароящ ҷавоҳирот ва тӯҳфаҳо овардаанд ва ӯ ба одами парҳезгор ба шавҳар мебарояд. Вале ҳеҷ яке аз онҳо мукофоти бузурги вай набуданд. Ӯ ба ваъдае, ки Худо ба Иброҳим дода буд, дохил шуда, мукофоти ҷовидониро ба даст овард. Ӯ модари халқҳои зиёд шуд, ва ҳамаи халқҳо ба воситаи ӯ баракат ёфтанд. Ривқо афзункунии бениҳоят бузургро ба даст овард.

## МИСОЛҲОИ ДИГАР

Дар Китоби Муқаддас мисолҳои зиёди афзункунии абадӣ мавҷуд мебошанд, ки аз хоҳиши амиқи хидмат кардан сарчашма гирифтаанд. Боз якчанд ҳикояҳоеро, ки дар вақти омӯзиши Китоби Муқаддас хонда метавонед, ба диққати шумо ҳавола мекунам.

### Рут

Рути мӯобӣ ба Ривқо монанд аст. Хушдомани ӯ Ноомӣ се маротиба ташвиқ кард, ки вай ба кишвари худаш баргардад, аммо Рут рад кард ва гуфт:

> “Маро водор накун, ки туро тарк намоям ва аз пеши ту баргардам, зеро ба ҳар ҷое ки ту биравӣ, хоҳам рафт, ва дар ҳар ҷое ки ту иқомат кунӣ, иқомат хоҳам кард: қавми ту қавми ман ва Худои ту Худои ман хоҳад буд” (Рут 1:16).

Рут, ба монанди Ривқо, омода буд, ки аз ҳадди зарурӣ бисёртар кор кунад, ва ҳатто агар душвор бошад ҳам, ҷидду ҷаҳд нишон диҳад ва фидокор боқӣ монад. Эҳтимол, роҳи зиндагии Рут назар ба Ривқо душвортар буд. Азбаски ӯ мӯобизан буд, бо эҳтимоли зиёд аз тарафи сокинони шаҳр бо сабаби мансубияти нажодӣ ва миллӣ таъқиб карда мешуд. Вале ӯ ба ҳама азобҳо тоқат кард, то ки ба хушдомани худ содиқона хизмат кунад.

Ин чӣ натиҷа дод? Вай бибикалони бисёр одамони машҳур, аз ҷумла шоҳ Довуд, шоҳ Сулаймон ва ҳамаи подшоҳони Яҳудо

гардид. Аз ҳама муҳимтаринаш, ӯ дар насабномаи Исо ҷойгир шуд. Ӯ низ ба аҳди абадии афзункунӣ, ки ба Иброҳим дода шуда буд, ворид гардид.

## Элишоъ

Бо вуҷуди он ки Илёс се маротиба Элишоъро ба рафтан ташвиқ кард, Элишоъ қатъиян қарор дод, ки бо Илёс бимонад ва ба вай хидмат кунад. Ҳатто вақте ки анбиёи дигар ӯро барои вақт гузарониданаш бо Илёс масхара мекарданд, Элишоъ устодашро тарк накард. Чунин ба назар мерасид, ки афкори ин анбиё мантиқӣ аст: онҳо анбиёи комил гардиданд, соҳиби мақому манзалат шуданд ва дар хидматгузорӣ таҷриба андӯхтанд. Пас аз сууди Илёс бо Элишоъ чӣ рӯй дода метавонист? Оё ӯ ба Илёс хидмат карда ва аз имкони барпо намудани хидматгузории худ маҳрум монда, солҳои умри худро беҳуда сарф накард? Хулосаи анбиёи дигар ҳамин гуна буд, аммо Элишоъ ба онҳо гӯш накард. Ба ҷои ин, ҳар дафъа ӯ қатъиян ба онҳо мегуфт: “Хомӯш бошед!” (ниг. 4 Подшоҳон 2). Ӯ ба онҳо имкон надод, ки ӯро аз хидмат боздоранд ва супориши худро иҷро кард.

Рафтори Элишоъ ба рафтори Ривқо ва Рут монанд буд. Ва ин чӣ натиҷа дод? Ӯ назар ба Илёс ду маротиба зиёдтар мӯъҷиза содир кард, ва он кореро ба амал овард, ки Илёс накарда буд – ӯ ба сулолаи Изобал хотима бахшид. Ӯ афзункуниро аз сар гузаронид!

## Ҷеҳазӣ

Ҷеҳазӣ имкон дошт, ки самараи меҳнати Элишоъро афзун кунад, аммо вай қалби хидматгорро надошт. Вай шахси боғараз ва тамаъкор буд ва аз ин рӯ дар ҳаёти худ афзункунии самаранокро ба бор наовард (ниг. 4 Подшоҳон 5).

# X

Дар Аҳди Ҷадид мо одамонеро мебинем, ки дар сари дастархони бевазанон хидмат мекарданд. Онҳо ба ин вазифа ҷиддӣ муносибат мекарданд. Ба онҳо даст гузошта, дуо карда

буданд, то боварӣ ҳосил кунанд, ки онҳо вазифаи худашонро бо муваффақият иҷро мекунанд. Натиҷа назаррас буд; дар китоби Аъмол ин суханони ҳайратоварро мехонем:

> “Каломи Худо торафт интишор меёфт, шумораи шогирдон дар Ерусалим бағоят меафзуд” (Аъмол 6:7).

Дар ин ҷо чӣ чизи ҷолибе ҳаст? Ин суханонро бо овози шунаво гӯед: “бағоят меафзуд”. Дар ин бора андеша кунед! Ин суханон пас аз паёми классикии Петрус дар рӯзи Пантикост, ки дар натиҷа се ҳазор одамон аз олами боло таваллуд шуданд, гуфта нашудааст. Дар он ҷо ибораи “ҳамроҳ шуданд” истифода бурда шудааст (ниг. Аъмол 2:41). Дар баёни муроҷиатҳои ҳаррӯза, мо калимаи “меафзуд”-ро мебинем (ниг. Аъмол 2:47). Вақте ки андаке пас панҷ ҳазор одам қалбашонро ба Исо супориданд, мо боз ҳам ин суханонро намебинем (ниг. Аъмол 4:4).

Калимаи “афзункунӣ” то боби шашуми Аъмол, вақте ки тамоми калисо барои бунёди Подшоҳӣ амал карданро шурӯъ намуданд, истифода намешавад.

Имрӯз, афзункунӣ вақте рӯй медиҳад, ки Стен, Майк, Фил, Райли ва Дейв барин одамон хидмати худро пайдо мекунанд ва атоҳои худро истифода мебаранд. Он гоҳ мо дар бораи *афзункунии бузург* хоҳем шунид.

## ҶУЗЪИ МУҲИМТАРИН

Акнун шумо фаҳмидед, ки ҷузъи муҳимтарини афзункунии самаранок чӣ аст? Дар партави он чизҳое, ки мо дар Каломи Худо дидем, дар бораи дӯстони мо Райли ва Дейв аз нав фикр кунед. Ин зану шавҳар, ки ғояҳои илҳомбахши стратрегиро ба кор бурданд ва самаранок хидмат карданд, аллакай ба даҳҳо ҳазор нафар таъсир расониданд. Онҳо, тибқи суханони Исо, шахсони бузург гардиданд. Айни ҳамин чиз ба Стен, Майк, Фил ва Дана низ дахл дорад. Ҳамаи онҳо дорои хислати хидматгорони ҳақиқӣ мебошанд.

Аммо, лутфан, ба ин суханони муҳим диққат диҳед: *шумо*

*метавонед бо тарзи худхоҳона афзун кунед,* аммо таъсири шумо то абад нахоҳад монд. Одамоне ҳастанд, ки афзун мекунанд, вале рӯзе мерасад, ки тамоми маҳсули кори онҳо сӯхта, нобуд мешавад, чунки онҳо бо мақсади фоидаи шахсӣ гирифтан ба хидмат машғул мешуданд. Ин дар масали Исо оиди шахсе, ки анборҳои калон сохтааст, тасвир карда шудааст. Ӯ худро ҳавобаландона табрик карда, гуфт: "Ҷони ман, роҳат кун, бинӯш, димоғчоқӣ кун, чунки ман таъмин ҳастам; ман ҳама чизи лозима ва ҳатто бештар аз онро дорам". Аммо ин қисса хуб ба поён нарасид, ва тамоми дастовардҳои ӯ дар як лаҳза нопадид шуданд.

Мақсади ин паём дар он нест, ки шумо барои афзункунӣ имон пайдо кунед ва барои худ ганҷҳо ғун намоед. Мақсади он шуморо дар хидмат ба дигарон ба фидокорӣ даъват кардан аст. Исо эълон мекунад, ки вақте мо ин тавр мекунем, ҳама *чизҳое,* ки беимонҳо ба он саъй менамоянд, ба мо дода мешавад (ниг. Матто 6:33). Ман инро медонам, чунки худам инро аз сар гузаронидаам.

Биёед ба саргузашти ману Лиза оид ба калисои аввалини мо бармегардем. Аз боиси он ки мо давоми шаш сол дар он муҳити заҳрогин будем, дар ман оиди афзункунӣ тасаввуроти нодуруст боқӣ мондааст. Боре саҳарӣ, зуд пас аз он, ки ман аз он ҷо рафтам, бо мошини худ равон будам ва ман яке аз вохӯриҳои тағйирдиҳанда ва озодибахшро бо Рӯҳулқудс аз сар гузаронидам. Ӯ гуфт: "Писарам, Маро ба хотири баракатҳо ҷустуҷӯ накун. Ба Ман иҷозат деҳ, ки онҳоро ба ту диҳам".

Ман фавран дар бораи Матто 6:33 андеша кардам: "Аввал Подшоҳии Худо ва адолати Ӯро биҷӯед, ва ҳамаи ин чизҳо ба таври илова ба шумо дода хоҳад шуд". Суханони Рӯҳ назари маро нисбат ба чизҳо дуруст карданд ва барои рафъи тамоюле, ки дар ман боқӣ монда буд, кӯмак намуданд.

Ман ба Ӯ хеле миннатдорам! Ман медонам, ки худхоҳ ва ҳарис будан чӣ аст. Ман медонам, ки эҳсоси ғаму ғусса ва ҷудоӣ аз ҳузури Худо чӣ гуна аст? Вақте ки ман роҳҳои Ӯро омӯхтам ва донистам, ки дар қалби Ӯ бунёди Подшоҳӣ мақсади

аввалиндараҷа аст, ман хурсандии азим, оромӣ ва ҳузури Ӯро дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ пайдо кардам!

## X

Акнун мо ба он омада расидем, ки пурсем: агар мо роҳбари кори шахсӣ ё хидматгузории худамон набошем, вале дар дастаи ягон каси дигар хидмат карда истода бошем, чӣ тавр мо афзун карда метавонем? Биёед ба ин савол дар боби минбаъда ҷавоб медиҳем ва афзалиятҳои бузурги хидматгузориро мебинем.

## ТАФАККУР КУНЕД

1. Исо нишон медиҳад, ки хидматгузорӣ – ин роҳ ба сӯи азамати ҳақиқӣ. Чӣ тавр Исо намунаи хидматгузориро нишон дод? Чӣ тавр роҳи бузургии Худо аз роҳҳои ин ҷаҳон фарқ мекунад?

2. Саргузашти Ривқоро ба хотир оред. Хидматгузории ӯ кадом хислатҳои аҷоибро доро буд?

3. Шумо метавонед бо тарзи худхоҳона афзун кунед, аммо таъсири шумо абадӣ нахоҳад буд. Хидматгузорие, ки ба хотири *манфиат гирифтан* ба ҷо оварда мешавад, аз хидматгузорие, ки ба хотири *эҳсонкорӣ* анҷом дода мешавад, чӣ фарқ дорад? Барои чӣ фидокорона хидмат кардан зарур аст?

*Бинобар ин аз шумо илтимос мекунам: ба ман тақлид намоед... Барои ҳамин...*

1 Қӯринтиён 4:16-17

# 11

# Ба ман тақлид кунед

Пеш аз гузаштан ба муҳокимаи он, ки чӣ ба афзункунӣ халал мерасонад ва чӣ ба он мусоидат мекунад, боз як соҳаи муҳиме вуҷуд дорад, ки бояд муҳокима кунем. Вақте ки мо барои шахси дигар кор ё хидмат мекунем, чӣ тавр мо афзун менамоем? Ин савол ба аксарияти хонандагон дахл дорад.

Инро муҳокима карда истода, ман аз хидматгузорӣ мисолҳо истифода хоҳам бурд, аммо айни ҳамон принсипҳо ба ҳама гуна вазифа дар ҳамаи соҳаҳои ҷаҳони муосир дахл доранд: корпоративӣ, тиҷоратӣ, таълимӣ, тиббӣ, ҳукуматӣ, васоити ахбори омма, варзиш, санъат ва ғайра.

Павлус изҳор мекунад: "Аз муваккалон талаб карда мешавад, ки ҳар яке амин барояд" (1 Қӯринтиён 4:2) Чуноне ки мо аз Каломи Худо дидем, яке аз хусусиятҳои асосии садоқат – ин афзункунӣ. Чанд оят баъдтар дар худи ҳамон боб, Павлус ба яке аз таркибдиҳандаҳои асосии афзункунии оммавӣ ишора кардааст. Ӯ менависад:

> "Зеро, агарчи шумо ҳазорон носеҳон дар Масеҳ доред, лекин падарони *бисёр* надоред: ман шуморо дар Исои Масеҳ ба воситаи Инҷил ба дунё овардаам" (1 Қӯринтиён 4:15).

Павлус падари калисои Қӯринтӯс буд. Мувофиқи ин оят, падар шахсе аст, ки касеро ба имон меорад. Аммо якчанд таърифи

падар вуҷуд дорад. Дар Каломи Худо падар аксар вақт шахсе аст, ки барои ба имон овардани ин ё он кас машғул нашудааст.

Ҳамин Павлуси ҳаввории ба калисои ғалотиён муроҷиат карда мегӯяд: "Ва дар дини яҳудӣ дар авлодам назар ба бисёр ҳамсолони худ бештар комёб будам, дар ҳолате ки барои ривоятҳои *падаронам* ниҳоятдараҷа ғайрат мекардам" (Ғалотиён 1:14, NKJV). Павлус як шахсро дар назар надорад, зеро ӯ калимаи *"падарон"*-ро истифода мебарад. Ин андеша дар ояти қаблӣ тақвият дода шудааст: "шумо... падарони *бисёр* надоред". Маънои калимаи *"бисёр"* дар забони юнонӣ "сершумор" мебошад, ва ин нишон медиҳад, ки дар ҳаёт аз як "падар" зиёдтар дошта метавонем.

Павлус аксар вақт Тимотиюсро "писар"-и худ мехонад. Аммо Тимотиюсро ӯ ба имон наовардааст. Навишта шудааст, ки Павлус "ба Дарба ва Лустра омад. Дар он ҷо *шогирде* бо номи Тимотиюс зиндагӣ мекард. Модари Тимотиюс яҳудизани имондор, лекин падараш юнонӣ буд. Бародарони сокини Лустра ва Иқуния Тимотиюсро таъриф мекарданд" (Аъмол 16:1-2). Маълум аст, ки Тимотиюс аллакай ҳангоми вохӯрданаш бо Павлус имондори комил будааст.

Агар мо ба Аҳди Қадим нигоҳ кунем, Довуд роҳбари бераҳм ва золими худро "падарам" мехонад (ниг. 1 Подшоҳон 24:11, НРП), ва Элишоъ роҳбари худро "падарам" хондааст (ниг. 4 Подшоҳон 2:12). Илёс гуфтааст, ки ӯ аз падарони худ беҳтар нест (ниг. 3 Подшоҳон 19:4), ва ғайра.

Дар ин китоб мақсади ман ин нест, ки *мафҳуми падариро* амиқ омӯзам, балки аниқтараш, нишон додани он аст, ки *вазифаи падариро кӣ иҷро карда метавонад.* Падар шахсест, ки роҳбарӣ ва ғамхорӣ намуда, фарҳанги муайянро ба ҳаёти шахс ё ташкилот ворид мекунад. Аз рӯи мақсадҳои муҳокимаронии мо, таъкид кардан зарур аст, ки падар метавонад вазифаҳои гуногунро иҷро кунад –аз қабили сардори корхонае, ки шумо дар он кор мекунед, мудири шӯъбаи шумо, шубони шумо, роҳбари гурӯҳи хурди шумо, роҳбари ҳаракати шумо, омӯзгор, мураббӣ

ё духтуре, ки шумо дар тахти назорати ӯ кор мекунед, ва ғайра. Албатта, эҳтимол, шумо аллакай фаҳмидед, ки зан ҳам ба осонӣ вазифаи "падарӣ"-ро иҷро карда метавонад. Бинобар ин, дар бораи падарон гап зада истода, ман занонро низ дар ин вазифа дар назар дорам.

## ТАРЗҲОИ ГУНОГУНИ АМАЛ

Павлус ҳамчун падар дар калисои Қӯринтӯс, дар ояти зерин онҳоро чунин таълим медиҳад: *"Аз шумо илтимос мекунам: ба ман тақлид намоед*" (1 Қӯринтиён 4:16).

Дар бисёр тарҷумаҳо, дар идомаи сухан чунин навишта нашудааст: "чуноне ки ман ба Масеҳ тақлид мекунам" (ӯ дар ҳақиқат чунин мегӯяд, лекин дертар, дар боби 11). Дар ин ҷо ӯ танҳо онҳоро таълим медиҳад: "Ба ман тақлид кунед". Барои ин сабаби қатъӣ мавҷуд мебошад, ва мо ҳоло онро дида мебароем:

> *"Барои ҳамин* ҳам ман Тимотиюсро назди шумо фиристодам, ки ӯ фарзанди маҳбуб ва *содиқи* ман дар Худованд аст; ва ӯ *роҳҳои маро дар Исои Масеҳ* ба ёди шумо хоҳад овард, чунон ки ман дар ҳама ҷо дар ҳар калисо таълим медиҳам" (1 Қӯринтиён 4:17).

Суханони аввалини ӯ "Барои ҳамин", хеле аҳамиятнок мебошанд. Павлус дар айни ҳол ба хонандагони худ дастур дод, ки ба вай тақлид кунанд. Ва, барои боварӣ ҳосил кардан ба он, ки дар биниш, усулҳо, фарҳанг ва эътиқодҳо ҳеҷ гуна нофаҳмие мавҷуд нест, ӯ ба назди онҳо писари *содиқи* худро фиристод. Нишонаи писари *содиқ* чӣ аст? *Писар ё духтари содиқ натиҷаҳои кори падарро афзун мекунад!* Андаке пас ман инро ба таври муфассал мефаҳмонам, вале аввалан дар ин бора фикр кунед: Павлус ба калисои Қӯринтӯс нома навишта истода, нагуфтааст, ки Тимотиюс "роҳҳои ҳавворӣ Петрусро дар Масеҳ ба ёди шумо хоҳад овард". Оё Петрус роҳбари ҳақиқии калисо буд? Бале, бешубҳа! Оё ӯ парҳезгор ва тадҳиншуда буд? Боз ҳам, бале. Дар

Китоби Муқаддас ду номаи ӯ ҷой дода шудаанд! Оё Петрус назар ба Павлус барои вақти бештар ҳавворӣ буд? Боз ҳам, бале.

Ҳамчунин, Павлус нанавишт, ки Тимотиюс "роҳҳои ҳавворӣ Яъқубро дар Масеҳ ба ёди шумо хоҳад овард". Ба мисли Петрус, Яъқуб падари ҳаққонии калисо буд; ӯ назар ба Павлус барои вақти бештар ҳавворӣ ва роҳбари боэътимод буд. Дар Китоби Муқаддас як номаи ӯ ҷой дода шудааст, ва ӯ дар калисои Ерусалим ба ҳайси сардори калон хидмат кардааст.

Оё тарзи амалҳои Петрус ё Яъқуб аз тарзи амалҳои Павлус фарқ мекард? Бале. Оё ин чунин маъно дорад, ки номаҳо ва роҳҳои Павлус номаҳо ва роҳҳои Петрус ва Яъқубро инкор мекарданд? Албатта не! Аммо, роҳҳои онҳо ба калисои Қӯринтӯс, ки падари рӯҳонии он Павлус буд, мувофиқ намеомаданд.

Павлус дар ҷараёни бунёд кардани фарҳанги худ дар калисои қӯринтиён буд. Усулҳои ӯ аз усулҳои "падарон"-и дигар фарқ мекарданд, вале ҳамаи онҳо ба принсипҳо ва таълимотҳои асосии Масеҳ содиқ буданд. Ҳар яке аз онҳо усулҳо, роҳҳо ва ақидаҳои худро доштанд ва онҳоро барои иҷро кардани вазифаи худ оиди таълим додани тамоми халқҳо нигоҳ медоштанд.

Мо ҳақиқатеро мебинем, ки он ба бисёр имондорон номаълум аст, ва ноогоҳӣ аз он аксар вақт дар бадани Масеҳ сабаби ҷудоиҳои харобиовар мегардад. Ин ҳақиқат дар бораи он аст, ки дар калисоҳо *тарзҳои* гуногуни *амалҳо* мавҷуд мебошанд. Ба ибораи дигар, роҳҳои гуногуни расидан ба ҳамон як мақсад, яъне васеъ кардани Подшоҳӣ вуҷуд доранд.

Павлус ба калисои Қӯринтӯс таълим медиҳад:

> "Дар тарзи амалҳо (барои расидан ба мақсад) фарқиятҳои аниқ мавҷуд мебошанд, аммо ҳамон як Худо ҳама чизро дар ҳама ба амал меоварад" (1 Қӯринтиён 12:6, AMPC).

Ҳамчун воизи сафаркунанда дар давоми 30 сол, ман дар калисои умумиҷаҳонӣ фарқиятҳоро дар фарҳанг, усулҳо ва ақидаҳо бараъло дидаам. Аммо, ба ин нигоҳ накарда, ман дар

муҳити ҳар як калисо ҳузури Исоро эҳсос мекардам.

Павлус калисоҳоро таълим дода истода, аксар вақт истилоҳоти ҳарбиро истифода мебарад. Ин на танҳо тимсолҳо мебошанд; мо дар ҳақиқат дар рӯи замин сарбозони артиши Худо мебошем. Ман барои нишон додани тарзҳои гуногуни амалҳои калисоҳо ва хидматгузориҳо намунаи ӯро пайравӣ мекунам. Артиши ИМА аз намудҳои гуногуни қӯшунҳо иборат аст. Мо артиши хушкигард, флот, нерӯҳои ҳавоӣ, корпуси пиёдагардони баҳрӣ, муҳофизони соҳил ва нерӯҳои кайҳонӣ дорем. Ин қӯшунҳо барои иҷрои мақсадҳо ва вазифаҳои худ тарзҳои гуногуни амалҳо ва усулҳои худро доранд. Аммо ҳадафи онҳо ягона аст – муҳофизат кардани кишвари мо ва хидмат кардан ба он.

Курсанти омӯзишгоҳи авиатсионӣ ҳамчун узви амалкунандаи Нерӯҳои Ҳавоии ИМА омӯзонида мешавад. Дар вақти омӯзиш ба амалиёти тактикии ҳавоӣ таваҷҷӯҳи калон зоҳир карда мешавад, чунки ин нерӯҳо асосан дар ҳаво амал мекунанд. Агар ногаҳон ин курсантро аз ин ҷо гирифта, ба флот сафарбар кунанд, ӯ бояд тайёрии навро гузарад. Албатта, усулҳои зиёди фундаменталие мавҷуд мебошанд, ки дар ҳар ду қӯшун мувофиқ меоянд. Аммо, азбаски амалҳои флот дар баҳр ба вуқӯъ меоянд, ин узви собиқи нерӯҳои ҳавоиро лозим мешавад, ки як қатор манёврҳо ва стратегияҳои нави ҷангиро омӯзад.

Подшоҳии Худо низ ба ин монанд амал мекунад. Биёед мисолҳои тахайюлӣ меорем. Фарз мекунем, ки номҳои шубонҳои калони калисои шумоён Ҷо ва Терри Андерсон мебошанд. Онҳо бо дастаи роҳбарии худ, аз рӯи файзи Худо, шумораи имондорони калисоро ба 1.800 расониданд. Дар ҷараёни ин онҳо роҳҳои худ, яъне усулҳо ва фарҳанги худро, ки хоси услуби роҳбарии онҳост, таъсис доданд. Самаранокии калисои шумоён ба шаҳри шумо ба таври аълодараҷа таъсир расонид. Он дар ҳамон маҳал дорои обрӯю эътибор аст, аммо таъсираш бо ҳамин тамом мешавад.

Акнун бошад, фарз мекунем, ки дар шаҳри дигар калисои хеле маъруфе ҳаст. Он дар тамоми ҷаҳон машҳур аст, ва даҳҳо ҳазор аъзо дорад. Номҳои шубонҳои калони ин калисо Кевин ва Марисса

Смит мебошанд. Онҳо тамоюлҳоро муайян месозанд ва тактикаҳои наву тозаро истифода бурда, роҳбарӣ мекунанд. Кори онҳо назар ба кори шубонҳои калисои шумоён ба шумораи зиёдтари одамон таъсир мерасонад. Шумо роҳҳои киро пайравӣ мекунед? Роҳҳои Смитҳо, ё роҳҳои шубонҳои худатон, Адерсонҳоро?

Шояд шумо ба васвасаи пайравӣ кардани ин роҳбарони машҳури ҷаҳон дучор шавед ва кӯшиш кунед, ки роҳбарони худро барои қабул кардани усулҳои онҳо водор созед. Агар шумо ба ин васаваса дода шавед, ман гуфта метавонам, ки шумо ходими содиқи Исои Масеҳ нестед. Бо ин коратон шумо парокандагӣ, ҷудоӣ ва ҷанҷолҳоро ба вуҷуд меоред. Ба мисли қӯринтиён, шумо бояд кӯшиш кунед, ки усулҳо ва фарҳанги роҳбарони худро биомӯзед ва ба хотири ягонагӣ онҳоро пайравӣ намоед. Ҳақиқат дар он аст, ки роҳбарони шумо на Смитҳо, балки Андерсонҳо мебошанд.

Дар давоми сафарҳоям ба тамоми ҷаҳон, ман ба бадани Масеҳ бештар аз нуқтаи назари умумӣ нигоҳ карда, шоҳиди фоҷиаҳои зуд-зуд ба амал оянда шуда будам, ки сабабаш надонистани ин ҳақиқати муҳим буд. Ман имондоронеро дидам, ки ба мактабҳои роҳбарӣ ва инҷилие меравапд, ки фарҳангашон аз фарҳанги ҳамон калисое, ки онҳо ба воя расидаанд, фарқ мекунад. Аксар вақт ин мактабҳо бо калисоҳои калоне пайванд мебошанд, ки дар ҳамон маҳал фарҳанги умумии масеҳиро ба вуҷуд меоранд. Ин донишҷӯён тарзи амалҳои ин калисоро ҳам дар мактаб ва ҳам дар хидматгузориҳои охири ҳафта мебинанд.

Таҳсилро хатм карда, онҳо пур аз орзую омол ба хона бармегарданд, ва кӯшиш мекунанд, ки фарҳанг ва усулҳои калисои худро тағйир диҳанд. Гарчанде эҳтимол, онҳо ҳақ ҳастанд, ки роҳҳои нав мувофиқтар ва самараноктаранд, вале бо вуҷуди ин, агар онҳо хеле боисрор бошанд, метавонанд барои ягонагии умумии калисо ва рисолати ӯ монеа шаванд.

Агар усулҳое, ки донишҷӯёни собиқ пешниҳод кардаанд, аз тарафи калисо қабул карда нашаванд, қарори беҳтарин барои ҳама он хоҳад буд, ки донишҷӯён дар дуо аз Худо пурсанд, ки оё

онҳо ба калисои дигар раванд ё дар калисои худашон монда, аз таҳти дил ба фарҳанг ва усулҳои роҳбари худ итоат кунанд.

Агар онҳо хоҳиши рафтан пайдо кунанд, онҳо тавре бояд инро ба амал оранд, ки ба калисои пештара осеб нарасад. Одатан қарори беҳтарин он аст, ки онҳо аз минтақаи худ дур шаванд. Худо ҳамеша метавонад роҳбареро ба ҷои нав биёрад, то ӯ дар он ҷо ҳама чизро аз нав сар кунад, ва шиносҳои худро аз калисои пештараи худ дур накунад.

## ПИСАРИ СОДИҚ

Ва акнун биёед он ҳақиқатро муҳокима мекунем, ки ҳаворӣ Павлус Тимотиюсро "писари содиқ" меномад. Чуноне ки аллакай гуфта шуд, писари содиқ натиҷаҳои кори падари худро афзун мекунад. Бо эҳтимоли зиёд, шумо атоҳое доред, ки роҳбари шумо надорад, ва масъала ба тариқи зайл аст: оё шумо атоҳои худро мувофиқи бинише, ки ӯ дар дили худ дорад, афзун мекунед? Оё ниятҳои афзункунии шумо бо ақида ва фарҳанги ӯ мувофиқ аст, ё шумо кӯшиш мекунед, ки тарзи амалҳои худро, ки бесамар ва ба биниши ӯ муқобил аст, барқарор кунед?

Шумо инро чӣ тавр дар амал иҷро карда метавонед? Бо ду усул. Усули аввал – кӯшиш кардан ба он, ки атоҳои худро истифода баред, то ки *натиҷаҳои кори роҳбари шумо васеъ гардад,* чуноне ки агар ӯ бо атоҳои беназиратон дар мавқеи шумо бошад. Ин маънои онро надорад, ки шумо нусхаи роҳбари худ гардида, даъвати худро як сӯ гузоред. Ман инро дар назар дорам.

Тасаввур кунед, ки шумо шубони ҷавонон ҳастед. Агар шумо хидмати якшанбегии шубони худро нусхабардорӣ кунед, ҷавонони маҳаллиро дастрас карда наметавонед. Аммо агар шумо хидматгузории худро тавре ба роҳ монед, ки ба воситаи он ҷавононро дастрас намоед ва дар айни замон онро бо бинише, ки дар дили падари шумо аст, иҷро кунед, пас шумо оқилона рафтор мекунед. Чунин натиҷаро танҳо бо муошират бо ӯ ҳосил кардан мумкин аст. Ҷавобҳои ӯро шунида, шумо бояд бифаҳмед, ки то кадом андоза биниши ӯ ба тарзи амалҳои шумо мувофиқат дорад.

Барои самаранок анҷом додани ин кор, шумо бояд мусоҳибаҳои ошкоро ва самимона дошта бошед. Агар шумо ба вазъияте дучор шавед, ки бо “умеди он, ки ӯ намебинад ва намефаҳмад” коре бикунед, пас бидонед, ки шумо бо роҳи ҳалокатовар равонаед. Агар шумо шубҳа дошта бошед, дар ин бора ба вай нақл кунед; дақиқ бошед, то ӯ фаҳмида тавонад, ки чӣ шуморо ба ташвиш овардааст. Эҳтимол, вақте ки шумо аз ӯ хоҳиш менамоед, ки дар хидматгузории шумо иштирок кунад, оқилона рафтор мекунед. Агар ӯ усулҳои шуморо қабул накунад, ба ӯ фаҳмонед, ки барои чӣ шумо чунин рафтор мекунед. Агар ӯ launch аздусар розӣ нест, фавран ба тартиб додани нақшае шурӯъ кунед, ки ӯ онро дастгирӣ мекунад.

Усули дуюми ба кор бурдани ин принсип ба *вуҷуд овардани худ* мебошад. Тасаввур кунед, ки шумо дар шаҳр бузургтарин хидматгузории ҷавононро доред. Ин олиҷаноб аст: Худо усулҳои шуморо баракат медиҳад, ва атои Ӯ, ки дар ҳаёти шумо амал мекунад, одамонро ҷалб менамояд. Аммо оё шумо одамонеро дарёфт кардед, ки дорои ин гуна атоҳо мебошанд, то он ҳикмат ва он роҳҳоеро, ки шумо аз худ кардаед, ба онҳо супоред? Агар ҷавоби шумо мусбӣ бошад, пас вақте ки “падар”-и шумо эълон мекунад, ки калисои шумо дар қисми дигари шаҳр хидматгузории худро оғоз менамояд, шумо аллакай одамонеро хоҳед дошт, ки ба рафтан омодаанд. Ман боварӣ дорам, ки яке аз сабабҳои он ки барои чӣ бисёр калисоҳо дар қисмҳои дигари шаҳри худ хидматгузории навро сар карда наметавонанд, дар он аст, ки тобеъони шубони калон худро ба вуҷуд намеоранд.

Шумо метавонед коргардони овоз, муҳаррири видео, шубони хидматгузории бачагона, сардори гурӯҳи парастиш, гитаранавоз, воиз, ходими тартибот, ё дар дигар вазифаи калисо аз ҳама беҳтарин бошед, вале муваффақияти ҳаққониро дар Подшоҳӣ танҳо ин муайян намекунад. Аҳамиятнокии ҳақиқӣ дар он зоҳир мешавад, ки шумо худро ба вуҷуд оред. Аз худ бипурсед: *“Оё ман дар бораи пайдо кардани одамоне, ки дорои ин гуна атоҳо мебошанд, дуо мекунам, ё онҳоро ҷустуҷӯ менамоям?”* Ва, ин гуна одамонро пайдо карда, оё онҳоро барои такмил додани

атоҳо ташвиқ мекунед ва дар айни замон бинише, ки дар дили падари шумо аст, ба онҳо месупоред?

Ин ду усули содиқ будан аст, вақте ки мо мутобиқ ба биниши шахси дигар хидмат мекунем. Мо бояд дар ёд дошта бошем, ки Исо қатъиёна изҳор мекунад: “Ва модоме ки дар чизи бегона содиқ набудед, кист, ки чизи худатонро ба шумо медода бошад?” (Луқо 16:12).

Биёед таърифи Исоро дар бораи садоқат истифода бурда, суханони Ӯро такрор мекунем: “Агар чизи бегонаро афзун накардед, кист, ки чизи худатонро ба шумо медода бошад?”, ё “Агар шумо роҳҳо, фарҳанг, қувват ва ресурсҳои роҳбари худатонро, ва, аз ҳама асосиаш, бинишеро, ки дар қалби ӯст, афзун накардед, кӣ ба шумо аз они худатонро медиҳад?” Боз як тарзи баёни фикрро пешниҳод кардан мумкин аст: “Агар шумо қувват, ақл, нерӯ ва қалбатонро барои васеъ кардани доираи масъулияти худ насупоридед, кӣ хидматгузориатонро ба шумо медиҳад?” Чунин тарзи баёни ин ҳақиқат одамро ҳушёр мегардонад.

Ҳамаи одамони муваффақ, ки ман дар давоми сафарҳоям вохӯрдаам, аввалан дар он чизе, ки мутааллиқ ба шахси дигар буд, содиқ буданд. Ман бисёр вақт аз онҳо мепурсидам, ки аз чӣ оғоз кардаанд. Ман ягон бор шахси дар ҳақиқат муваффақеро надидаам, ки пештар дар он чизе, ки ба падар ё падарон тааллуқ дошт, содиқ набошад.

## МУБОРИЗАИ БУЗУРГТАРИНИ МАН

Вақте ки ман ходими ҷавон будам, бо ҳиссиёти бемуҳофизатӣ, ки аз боиси он ман мехостам машҳур ва обрӯманд шавам, мубориза мебурдам. Ман ҳама корро анҷом медодам, ки то ба мардум, ва бештар ба худам исбот кунам, ки ман роҳбаре бо ғояҳои олиҷаноб ҳастам. Аз ҳамон вақт инҷониб ман бо бисёр роҳбарон, ки бо ҳамон ҳиссиёти бемуҳофизатӣ мубориза мебаранд, сӯҳбат кардаам. Агар онҳо дар сатҳи дили худ бар ин ҳиссиёт ғолиб наоянд, ин метавонад онҳоро ба шикаст оварда расонад.

Ман дар шаҳри калон, дар яке аз калисоҳои босуръат

рушдёбандаи кишварамон шубони ҷавонон будам, ва дастаи ҷавонони мо нақша тартиб дод, ки тамоми хонандагони синфҳои болоии шаҳрамонро дастрас кунад. Ин барномаи нотакрор ва хеле хубе буд. Ояндаи хидматгузории ҷавонони мо комилан дар гирди ин барнома тоб мехӯрд, ва ман бо ёрдамчиёни худ барои таҳияи стратегияи ин барнома ҳашт моҳ сарф кардам. Ман назари худамонро ба тамоми хидматгузории ҷавонон нақл кардам, ва онҳо инро қабул карданд.

Аммо, вақте ки мо ба оғози ин барнома наздик шудем, ман фаҳмидам, ки он ба бинише, ки дар қалби шубони ман буд, мувофиқат намекард. Ӯ аз ман талаб кард, ки онро иҷро накунам. Ман бо ӯ тақрибан 20 дақиқа баҳс кардам, аммо ӯ боисрор буд. Ман дигар ҳеҷ чизро фикр карда баровварда наметавонистам, ва ниҳоят даҳонамро пӯшидам, вале аз хашм пур будам. Ҳашт моҳи кори бенатиҷа, даст кашидан аз барномаи олиҷаноб диламро ба танг оварда буд, вале, бадтар аз ҳама, тамоми биниши мо дар атрофи ин барнома сохта шуда буд. Акнун мо бояд ҳама чизро аз нав сар мекардем. Ман ба 24 нафар роҳбарони мо ва тамоми хидматгузории ҷавонон чӣ тавр инро гуфта метавонистам? Онҳо ба хотири ин хеле кӯшиши зиёд ба харҷ дода буданд!

Ман ошуфтаҳолона ба назди Лиза барои тасаллӣ гирифтан шитофтам. Ӯ барбод рафтани нақшаҳои маро шунида, бо мулоимӣ эътироз кард: “Ҷон, ба назарам, Худо мехоҳад, ки ба ту чизеро ёд диҳад”. Акнун ман ҳам ба шубони худ ва ҳам ба ҳамсарам хашмгин будам!

Ман Лизаро ба ҳоли худ гузоштам, чунки, ба андешаи ман, вай маро дастгирӣ накард. Ман боварӣ доштам, ки нақшаи ман барои дастрас кардани хонандагони гумшудаи синфҳои болоӣ аз ҳама бузургтарин буд. *Шубони ман ва завҷаам тамоман кӯр будаанд;* ҳадди ақал ман чунин фикр мекардам! Ман худро танҳо, маъюс ва бероҳат ҳис менамудам. Як лаҳзае ман ҳатто фикр кардам, ки ин як хоби даҳшатнокест ва ман ба зудӣ бедор мешавам, ва ҳама чиз дубора хуб хоҳад шуд. *Наход ин дар ҳақиқат рӯй дода метавонист?*

Дар он лаҳза Худо ба дили ман возеҳона сухан ронд. Ӯ гуфт: "Писарам, вақте ки Ман туро барои шубони ҷавонон буданат доварӣ мекунам, дар навбати аввал, туро барои он доварӣ нахоҳам кард, ки ту чанд нафар одамро ба назди Ман овардӣ, балки барои он доварӣ мекунам, ки ту то кадом андоза ба шахсе, ки Ман ба ту роҳбар таъин кардаам, содиқ будӣ".

Ин суханон маро ба худ оварданд, аммо на ба қадри суханони навбатии Ӯ. Ӯ қатъиян дар қалби ман гуфт: "Ту метавонӣ ҳамаи хонандагони синфҳои болоии шаҳратонро ба назди Ман биёрӣ, вале ҳама таҳсину мукофотҳоро барои кори худ аз даст диҳӣ, зеро ту ба шубони худ содиқ набудӣ".

Ногаҳон ман аз тарси муқаддас ба ларзидан сар кардам. Ман зуд тавба кардам ва бахшиш пурсидам, ва баъд ба шубони худ занг задам ва аз вай низ маъзарат хостам. Пас аз он ки ман гӯшаки телефонро гузошта, андеша мекардам, ки чӣ рӯй дод, ногаҳон Худованд ба ман рӯъё дод. Ман дидам, ки чӣ тавр ман барои вохӯрӣ бо 24 роҳбарон пойҳои худро базӯр кашола карда рафта истодаам. Барои ман ин сахт ва ғамангез буд ва, бо нафрат дар садоям, ман эълон доштам: "Бачаҳо, шумо медонед, ки мо моҳҳои зиёд барои ин барнома кор кардем; ин биниши хидматгузории ҷавонони мо буд. Аммо шубони калони мо ин барномаро бекор кард. Ҳама коре, ки мо кардем, тамом шуд".

Ман дидам, чӣ гуна онҳо бо нафрат сар фуруд оварданд, ва баъзеҳо аз нобоварӣ чашму даҳонашонро васеъ кушоданд. Ҳама дар ҳайрат монданд ва хашмгин шуданд. Ман дар ин рӯъё медонистам, ки ҳамаашон аз шубони калони мо хашмгин буданд ва моро ҳамчун қурбонии камбуди тафаккури эҷодкоронаи ӯ медиданд.

Худо аз ман пурсид, ки оё ман чунин рафтор кардан мехостам? Ман ҷавоб додам: "Не! Бе ҳеҷ ваҷҳ! Не!". Ман медонистам, ки Ӯ муносибат ва ниятҳои қалби маро ошкор мекард. Ин рӯъёе, ки Ӯ ба ман дод, намоён кард, ки ҳанӯз ҳам ман қалби падари худро надоштаам. Ман зуд амиқтар тавба кардам.

Ман дар ёд дорам, ки пас аз чанд рӯз барои вохӯрӣ ба назди дастаи роҳбарони худ омадам. Акнун, вақте ки тарси муқаддас дар қалби ман даргирифта буд, ман бозикунон қадам мезадам, чашмони ман медурахшиданд, ва ман шодии худро паҳн мекардам. Ман бо шавқу завқи зиёд эълон кардам:

– Бачаҳо, ман хабари олиҷаноб дорам! Шубони калони мо ба таваллуди Исмоил иҷозат надода, моро наҷот дод. Ӯ гуфт, ки он чизе, ки мо аз болояш кор мекардем, ба самте, ки ӯ мехоҳад калисоро роҳнамоӣ кунад, мувофиқ нест, аз ин рӯ мо ин барномаро қатъ мекунем!

Ҳама зуд хушҳолона вокуниш карданд. Баъзеҳо табассум намуданд, баъзеи дигарон ба якдигар “панҷа” доданд, ва боқимондагон бо нидоҳо розигии худро баён карданд. Ҳар яке аз онҳо он чиро, ки дар дили ман буд, фаҳмиданд, чунки, ниҳоят худи ман фаҳмидам, ки дар дили шубонам чӣ буд.

Пас аз як сол ман боз ба воситаи як барнома, ки дар давоми чандин моҳ мо аз болояш кор мекардем, имтиҳон карда шудам. Ин дафъа шубони ман аз ин огоҳ буд ва бо дастури мо розӣ шуд. Аммо, вақте ки мо дар давоми се моҳ ин барномаро иҷро мекардем, вай фикри худро дигар кард. Боз ҳам, ин барои мо тағйири якбораи самт буд, ва ӯ бахшиш пурсид. Ман ба ин нисбат ба дафъаи гузашта тамоман дигар хел муносибат кардам. Ман ин барномаро бекор кардам; ман бо ӯ баҳсу талош накардам ва норозигии худро изҳор нанамудам. Ман он тавофуте, ки ҳис кардам, аниқ дар ёд дорам: ман қаноатманд аз он гардидам, ки бо ӯ розӣ шудам, гарчанде агар ихтиёр дар дасти ман мешуд, ман ин барномаро идома дода метавонистам.

Ман боз ба дастаи роҳбарони худ бекор шудани ин барномаро, тавре ки гӯё ғояи ман бошад, хабар додам. Худо хидматгузории ҷавонони моро сахт баракат дод. Он дар ду сол, дар давоми вақте, ки ман шубони ҷавонон будам, се баробар зиёд шуд.

Ман мутмаинам, ки агар ин санҷишҳоро бомуваффақият аз сар намегузаронидам, дар он ҷое, ки имрӯз ҳастам, намешудам. Ман

гуфта метавонам, ки ҳамаи ин чӣ гуна натиҷаҳоро ба бор оварда метавонист, чунки Рӯҳулқудс ба ман инро нишон дод. Дар ниҳояти кор, ба ҳар ҳол ман ҳамон барномаи аввалро бе интихоби дигар лағв мекардам. Ман инро бо чунин муносибат ба амал меовардам, ки ба дигар роҳбарон паҳн шуда, онҳоро заҳролуд мекард. Баъд аз ин ман калисоро тарк мекардам, ва ба туфайли атоҳое, ки дар ҳаётам амал мекарданд, ба одамони камшумор таъсир мерасонидам. Ман ҳеҷ гоҳ он хидматгузориеро, ки ҳоло мо роҳбарӣ мекунем, ба даст намеовардам. Мо мавъиза намекардем ва китобҳо наменавиштем, ва ба миллионҳо одамон дар саросари ҷаҳон таъсир намерасонидем. Барои чӣ? Агар дар чизи бегона содиқ намебудам, ба супорише, ки Худо ба ман додааст, соҳиб намешудам.

Ёд гирифтани ин чизҳо ба ман осон набуд. Ҳамчун як роҳбаре, ки дар ақидаи худ боисрор аст, ман барои он чизе, ки беҳтар мешумуридам, тайёр будам, ки мубориза барам. Аммо ман фаҳмидам, ки барои Худо аз натиҷаҳои ман дида, бештар хислати ман муҳимтар буд. Ӯ пеш аз он ки ба ману Лиза хидматгузории шахсии моро бовар карда супорад, асоси мустаҳкамеро бунёд кардан мехост.

Дӯсти азизи ман, шумо низ роҳбар ҳастед. Худо ба ҳамаи мо ваъда додааст, ки агар бо роҳҳои Ӯ равона шавем, имкони роҳбар шуданро пайдо мекунем. Мо “сар ҳастем, на дум”, ва мо “фақат баланд хоҳем буд, на паст” (Такрори Шариат 28:13). Илтимос, ба сихак лагад назанед, чуноне ки ман ҳамин тавр мекардам. Аз ман ёд гиред, то ки шумо низ дар кори Подшоҳӣ ба пеш ҳаракат кунед.

## АҲАМИЯТИ ЯГОНАГӢ

Барои афзункунӣ ягонагӣ лозим аст. Яке аз порчаҳои ҳикматомӯзи Китоби Муқаддас дар ин бора дар китоби Ҳастӣ ҷойгир шудааст. Як гурӯҳ одамони бехудо қарор доданд, то кореро, ки барои одамони он замон қариб имконнопазир буд, ба амал оранд, яъне бурҷе созанд, ки то осмон қад кашад. Аммо бишнавед, ки Худои Қодир чӣ мегӯяд:

> «(Худованд) гуфт: “Инак, қавм як аст, ва ҳамаи онҳоро забон як аст; ва ин корро шурӯъ кардаанд, ва *акнун ҳар коре ки карданӣ шудаанд, барояшон имконнопазир нахоҳад буд”»* (Ҳастӣ 11:6, НРП).

Дар хотир доред, ки инро кӣ гуфтааст: Худи Худо! Суханони Ӯро бишнавед: “акнун ҳар коре ки карданӣ шудаанд, барояшон имконнопазир нахоҳад буд”. Чаро Худо чунин гуфт? Чунки онҳо “як қавм” буданд, ва онҳо “як забон” доштанд, Онҳо муттаҳид буданд. Онҳо бо маслиҳат амал мекарданд.

Агар Худо дар бораи одамони беимон ин суханонро гуфта бошад, Ӯ дар бораи одамони аҳд чӣ мегӯяд? Хеле бештар аз он, зеро дар он ҷое, ки халқи ӯ муттаҳид мешавад, “дар он ҷо Худованд баракатро амр фармудааст” (Забур 132:3). Маънои ибораи *“амр фармудааст”* ин “фармон додааст, роҳнамоӣ кардааст, таъин кардааст” мебошад. Ҳама чиз хеле кушоду равшан аст: ягонагӣ баракат меорад, аз ҷумла афзункуниро.

Ин бевосита ба фарзандони Аҳди Ҷадид дахл дорад. Тааҷҷубовар нест, ки мо такрор ба такрор чунин изҳоротро вомехӯрем, чуноне ки:

> “Пас шодии маро пурра кунед, ба тавре ки *дорои як фикр бошед,* дорои як муҳаббат буда, *якдил* ва *ҳамфикр* бошед” (Филиппиён 2:2, NLT).
>
> “Хуллас, эй бародарон, шод бошед! Комил шавед, тасалло ёбед, *якдил бошед,* осоиштагиро ҳифз намоед, — ва Худои муҳаббат ва осоиштагӣ бо шумо хоҳад буд” (2 Қӯринтиён 13:11).
>
> “Фақат ин ки муносиби башорати Масеҳ умр гузаронед, то ки ман — хоҳ омада шуморо бинам, хоҳ аз шумо дур бошам — дар бораи шумо бишнавам, ки шумо дар *як рӯҳ* қоим буда, *якдилона* барои имони Инҷил ҷидду ҷаҳд менамоед” (Филиппиён 1:27).

Мо илтиҷои *падари* ин калисоҳоро мешунавем. Павлус

ибораҳоеро ба мисли “якдил будан”, “ҳамфикр будан” ва “дар як рӯҳ қоим будан” истифода бурдааст. Ӯ мехост, ки калисоҳо ба қабул кардани баракатҳои фармудаи Худо қодир бошанд. Ӯ медонист, ки танҳо дар ин сурат онҳо дар тамоми соҳаҳо ба афзункунии ҳаққонӣ мушарраф мегарданд.

Биёед намунаи олиҷаноби баракатҳои фармударо барои онҳое, ки дар ягонагӣ сокин ҳастанд, мехонем. Пайравони содиқи Исо фармони Ӯро оиди дар болохона ҷамъ омадан иҷро карданд (ниг Аъмол 1:4). Дар давоми 40 рӯз пас аз эҳё шуданаш Исо ҳадди ақал ба 500 мардон ва занон зоҳир шуд (ниг. 1 Қӯринтиён 15:6), аммо пас аз даҳ рӯзи сууди Ӯ дар Ерусалим танҳо 120 нафар шогирдон боқӣ монданд. Дигарон дар куҷо буданд? Ба фикри ман, зиёда аз 75 фоизи онҳо ба суханони Исо итоат накарданд. Гарчанде мо намедонем, ки онҳо дар куҷо буданд, аммо аниқ медонем, ки хоҳиши Ӯ барои онҳо аввалиндараҷа набуд.

Мардон ва заноне, ки дар болохона ҷамъ омада буданд, дар зери қудрати Каломи Худо муттаҳид буданд. Масъала ба тариқи зайл буд: онҳо ба Петрус – ба ҳамин падари калисо, ки Исо таъин кардааст ва ваколатҳои Худро супоридааст, чӣ гуна муносибат мекунанд?

Дар Инҷилҳо аксар вақт Петрус шитобкор буд ва аз иродаи Худо ғофил мемонд. Вақте ки ӯ далерона изҳор кард, ки Исо Масеҳ, Писари Худои Зинда, аст, Исо ӯро хушбахт номид. Аммо, пас аз чанд лаҳза, Исо «баргашта ба Петрус гуфт: “Эй шайтон, аз Ман дур шав! Ту васвасакоре барои Ман ҳастӣ, зеро ту на дар бораи амру наҳйи Худо, балки аз чизҳои инсонӣ андеша мекунӣ”» (Матто 16:23).

Дар мавриди дигар, Петрус дар болои об қадам мезад, дар ҳоле ки шогирдони дигар ӯро фақат тамошо мекарданд. Ӯ боз дар сафи пеш буд. Аммо чанд сония нагузашта, вай ғарқ шудан гирифт. Исо бо таассуф гуфт: “Эй сустимон! Чаро шубҳа кардӣ?” (Матто 14:31).

Дар воқеи дигар Петрус, якҷоя бо Юҳанно ва Яъқуб, Исоро дар кӯҳи дигаргуншавӣ ҳамроҳӣ мекард. Дар он ҷо онҳо шоҳиди

он шуданд, ки чеҳраи Ӯ чун офтоб дурахшид, ва ҳатто либосаш дигаргун шуд. Мӯсо ва Илёс зоҳир шуданд ва бо Ӯ сӯҳбат карданд. Чӣ шарафе! Аммо, пеш аз он ки Исо ва се шогирдони Ӯ аз кӯҳ фароянд, Петрус якбора гуфт, ки онҳо бояд се хайма созанд, ки дутои он барои Мӯсо ва Илёс хоҳад буд (ниг. Матто 17). Боз ӯ нақшаҳо ва мақсадҳои Худоро нафаҳмид.

Ҳоло бошад, бо назардошти ҳамаи ин, биёед яке аз қарорҳои аввали Петрусро ҳамчун роҳбари калисои навтаъсис дида мебароем. Аммо аввал, мо бояд як далели муҳимро ба ёд оварем: аз он вақте, ки Петрус ҳатто шинохтани Масеҳро инкор кард, ҳамагӣ чанд рӯз гузашта буд. Ин далел метавонад барои бисёр имондорон баҳонае бошад, ки роҳбарии Петрусро пайравӣ накунанд, хусусан агар онҳо бо самти кор ё дастурҳои вай розӣ набошанд.

Пас биёед ин ҳикояро оғоз кунем. Чанд рӯз пас аз сууди Исо ба осмон, Петрус дар китоби Забур каломи нубувват дарёфт кард. Ин каломи нубувват бевосита ба он алоқаманд буд, ки Яҳудо ба Исо хиёнат кард. Петрус онро бо ҷамоати хурди худ, ки дар болохона ҷамъ омада буд, хонд: «Дар китоби Забур навишта шудааст: ...*“Вазифаи вайро каси дигаре бигирад”»* (Аъмол 1:20-21, NLT). Боз, Петрус он чизеро дид, ки дигарон надиданд, аммо оё ӯ метавонад инро дуруст истифода барад?

Он чизе, ки шумо мехонед, шояд тахмин ҳисобида шавад, аммо умедворам, ки барои асоснок кардани нуқтаи назари худ ман ба шумо аз Каломи Худо далелҳои кофӣ хоҳам овард. Ман боварӣ дорам, ки Петрус боз дар қабул кардани қарори навбатӣ аз иродаи Худо ғофил монд, зеро ӯ пешниҳод кард, то мардоне, ки аз аввал бо онҳо ҳамроҳ буданд, ҷамъ шаванд, то “қуръа партофта” бубинанд, ки Худо кадоме аз онҳоро ба ҷои Яҳудо интихоб мекунад.

Дар ҳеҷ ҷои дигари Аҳди Ҷадид шумо намебинед, ки Худо ҳаввориро тавассути системаи лотерея интихоб карда бошад! Исо бо намунаи Худ роҳи Худоро нишон додааст: Ӯ пеш аз интихоб кардани 12 ҳаввори тамоми шаб дуо кард ва аз Худо дастур гирифт (ниг. Луқо 6:12-13). Хубтар мебуд, агар Петрус

барои муайян кардани ҳаввории дигар усулеро ба кор мебурд, ки бештар ба кори Исо шабоҳат дошта бошад.

Дар хотир доред, ки ҳамагӣ пас аз чанд сол анбиё ва муаллимон дар калисои Антиёхия намунаи Исоро пайравӣ карданд. Онҳо пеш аз он, ки Барнаббо ва Шоулро ба хидматгузории ҳавворӣ ҷудо кунанд, рӯза гирифтанд ва дуо карданд (ниг. Аъмол 13:1-4). Ин боз як тасдиқи нодуруст будани қарори шитобкоронаи Петрус мебошад.

Онҳое, ки дар болохона ҷамъ омада буданд, ду номзад ёфтанд: Матёс ва Юстус. Матёс дар ин бозии лотерея бурд кард ва ба шумори ҳавввориён шомил шуд (ниг. Аъмол 1:23-26), лекин мо боре ҳам номи Матёсро дар Аҳди Ҷадид вонамехӯрем. Чаро? Чунки оқибат Каломи Худо нишон медиҳад, ки интихобкардаи Худо на Матёс, балки Павлус буд. Ана барои чӣ Павлус навиштааст:

> “Ӯро (Исоро) Яъқуб дид, ва баъдтар ҳамаи ҳавввориён. Аз ҳама охир, гӯё ки пеш аз мӯҳлат таваллуд шуда бошам, ман низ Ӯро дидам. Чунки ман хурдтарини ҳавввориёнам” (1 Қӯринтиён 15:7-9, NLT).

Павлус худро пеш аз мӯҳлат таваллудшуда номид; ба ибораи дигар, ӯ, эҳтимол, барои шомил шудан ба сафи ҳавввориён хеле ҷавон буд. Ин масъаларо таҳқиқ карда истода, ман дар бораи санаи таваллуди Павлус фикру ақидаҳои гуногун пайдо кардам; ҳисоби сарчашмаҳои гуногун дар ҳудуди 14 сол фарқ мекунанд. Як чиз яқин аст: соли таваллуди ӯро касе намедонад. Пас, биёед ба ҷадвали Аҳди Ҷадид нигарем, то ки дар бораи синну солаш тасаввурот пайдо кунем.

Тибқи маълумотҳои бештари таърихӣ, шаҳодати Истефанус пас аз чор соли эҳё шудани Исо рӯй дод, ва ин чунин маъно дорад, ки Исо шогирдони аввалини худро ҳафт сол пеш аз ин воқеа интихоб карда буд. Вақте ки Истефанусро сангсор карданд, Китоби Муқаддас Шоулро (Павлусро) ҷавон меномад (ниг. Аъмол 7:58). *“Луғати юнонӣ-англисӣ”* калимаи “ҷавон”-ро ҳамчун “акнун ба

балоғат расида” шарҳ медиҳад. Аз ин рӯ, агар шумо ҳафт солро кам кунед, боварӣ ҳосил карда метавонед, ки Павлус барои шомил шудан ба сафи шогирдони аввал хеле ҷавон буд.

Ман пурра мӯътақидам, ки интихобкардаи Худо Павлус буд. Вай ба таври равшан назар ба Матёс дорои самара ва қудрати ҳаввории буд. Бо ин ман нишон додан мехоҳам, ки, ба андешаи ман, Петрус, ҳамчун роҳбар, қарори шитобкоронае қабул кард, ки ба нақшаи Худо мувофиқ набуд. Агар ӯ дар калисои ҳозира чунин рафтор мекард, пас калисо, бо эҳтимоли зиёд, ба се гурӯҳ тақсим мешуд: мухолифони интихоби ҳавворӣ ба воситаи системаи лотерея; онҳое, ки дигар ба ҳавворӣ ниёз надоранд; ва тарафдорони интихоби ҳавворӣ ба воситаи системаи лотерея (онҳое, ки боқӣ мемонданд). Аммо ба суханоне, ки дар Китоби Муқаддас баъди рӯй додани ин воқеа навишта шудааст, диққат кунед:

> “Вақте ки рӯзи Пантикост фаро расид, ҳамаашон *якдилона* дар як ҷо ҷамъ омаданд” (Аъмол 2:1).

Калимаи *“якдилона”* дар забони юнонӣ – ин калимаи “һомотумадон”, ки маънояш “бо фикри ягона, бо як овоз, якдилона, ҳама якҷоя” мебошад. Ин таъриф дар афкор ё дар аъмол барои тафриқа ҷое боқӣ намегузорад. Онҳо дар мақсадҳо, дар фикрҳо, дар дил ва дар рӯҳ ягона буданд. Натиҷа чӣ гуна буд?

Каломи Худо изҳор мекунад, ки ҳамон рӯз се ҳазор одам ба Худованд *пайвастанд.* Агар ин рақамро ба 120 тақсим кунем, *афзуншавии* 25 маротиба зиёд ҳосил мешавад. Дар ин бора фикр кунед – калисо ҳамагӣ дар як хидматгузорӣ 25 маротиба афзоиш ёфт. Худо ба шарофати ягонагӣ ба онҳо баракат ато фармуд! Ин қонуни рӯҳонӣ аст.

Ман боварӣ дорам, ки дар болохона имондороне буданд, ки ҳама чизро на ҳамчун Петрус мекарданд. Бешубҳа, барои онҳо беҳтар мебуд, ки пеш аз қарор қабул кардан намунаи Исоро пайравӣ кунанд ва аввалан ба қадри кифоя Худоро ҷӯянд.

Гарчанде ки роҳи беҳтарини ин кор вуҷуд дошт, одамон дар

болохона чизи аввалиндараҷа, яъне стратегияи роҳбари худро қабул карда, дар *ягонагӣ* боқӣ монданро афзал донистанд. Ҳар яке аз онҳо чунин рафтор кард, ки гӯё ин ғояи ӯ бошад. Бисёр вақт аз сабаби ихтилофоти бемаъно ва ночиз дар усулҳо дар байни мо ҷудоиҳо ба вуҷуд меояд! (Иҷозат диҳед, ки як ҳақиқати муҳимро илова кунам: агар роҳбари шумо қароре қабул кунад, ки тибқи Каломи Худо *гуноҳ* аст, ин ҳолати ягонае аст, ки мо метавонем итоат накунем. Аммо, бисёр ҷудошавиҳо аз сабаби усулҳо рӯй медиҳанд, на бо сабаби гуноҳ).

## МАҶРОҲОИ ЗЕРИОБӢ

Мо бояд дар хотир дошта бошем, ки ҷудошавиҳо бо суханҳо ё амалҳо маҳдуд намешаванд. Онҳо хеле амиқтар – дар фикрҳо, дар дил ва дар рӯҳ ҷойгир мешаванд. Се ояти қаблиро дар бораи ягонагӣ ҳамчун ёдоварӣ бори дигар хонед. Мо метавонем муттаҳид ба назар расем, аммо дар ниятҳо ва мақсадҳоямон ҷудо бошем.

Модари ман дар Веро Бич, дар иёлати Флорида, зиндагӣ мекунад. Тақрибан бист километр шимолтар аз ин шаҳр ҷое ҳаст, ки Халиҷи Себастян ном дорад. Он бо маҷроҳои зериобии худ машҳур аст. Маҷрои зериобӣ падидаест, ки ба чашм намоён нест. Ба сатҳи уқёнус нигоҳ карда, чунин менамояд, ки тамоми об ба як самт равона шуда, ба сӯи соҳил ҳамоҳанг ҳаракат мекунад. Аммо дар зери сатҳ об ба самти муқобил ҳаракат мекунад. Ин ҷараёни мутақобил қурбониёни худро ғасб карда, ба баҳри кушод мекашад ва баъзан ҷони онҳоро мерабояд.

Оё дар калисоҳои мо, корхонаҳо, мактабҳо, ҳокимиятҳо, дастаҳо ва клубҳои варзишӣ "маҷроҳои зериобӣ", ки ба таври харобиовар ба афзункунӣ халал мерасонанд, мавҷуд мебошанд? Албатта, ҳа. Чаро ин рӯй медиҳад? Оё, эҳтимол, сабабаш дар он аст, ки мо мехоҳем Подшоҳии Худоро на бо тафаккури Подшоҳӣ, балки бо тафаккури демократӣ бисозем? Мо шаҳрвандони Подшоҳии ҳаққонитарин мебошем, ва мо наметавонем қудратеро, ки Подшоҳи мо ба роҳбарон додааст, нодида гирем. Вақте ки мо аз таҳти дил ба онҳо итоат мекунем, баракатҳои Ӯ намудор мешаванд.

Мо бояд аз худамон бипурсем: *“Барои мо муҳимтар аз ҳама ҳақ будан аст ё муттаҳид будан?”* Шумо 100 фоиз ҳақ буда метавонед ва , дар айни замон, 100 фоиз ноҳақ буда метавонед. Агар як гурӯҳи одамон пайдо шуда, бекор кардани системаи интихоби лотерягии аз тарафи Петрус пешниҳодшударо талаб мекарданд, ва онро бо дуо ва рӯза иваз менамуданд (мувофиқи намунае, ки мо дар Китоби Муқаддас мебинем), ин гурӯҳ 100 фоиз ҳақ мебуд. Аммо, аз сабаби ҷудоиандозии онҳо, резиши баракати Худо боздошта мешуд.

Агар шумо дар ёд дошта бошед, афзункунии фавқуттабиӣ дар Аъмол пас аз он рӯй дод, ки падарон дастури амалӣ доданд. Вақте ки ин дастур дода шуд, мо мехонем: “Ин ғоя ба тамоми калисо маъқул шуд” (Аъмол 6:5, ТРТ). Дар натиҷа чӣ шуд? Шумораи шогирдон *бағоят афзун шуд* (Аъмол 6:7). Ҳама дар калисо ин стратегияро ҳамчун стратегияи худ қабул карданд. Боз ҳам, ман мутмаинам, одамон эътироз карда метавонистанд, аммо онҳо як ҳақиқатро дарк карданд: *“Баракат ёфтан аз ҳақ будан беҳтар аст”.* Аз ин рӯ, онҳо ин усулро тавре қабул карданд, ки гӯё ин ғоя аз они худашон бошад.

Ҳоло мо бояд саволи аз ҳама мушкилро диҳем: чанд нафар аз мо дар назди курсии доварии Исо истода, аз он чизе, ки Ӯ ошкор мекунад, ҳайрону зор мемонем? Ӯ бо ашки фаровон ба мо нишон медиҳад, ки чӣ тавр ҷудошавиҳои мо ба баракати ато фармудаи Ӯ монеа шуданд? Оё мо одамонеро мебинем, ки аз ин сабаб таъсири абадиятро напазируфтанд, ва оё имкониятҳои афзункуниро, ки аз даст додаем, дарк карда, якҷоя бо Ӯ гиря мекунем? Чандин нафароне аз мо мехоҳанд баргарданд, то ба ягонагӣ саъй кунанд, на ба ҳақталошӣ? Аммо хеле дер мешавад.

## ТАФАККУР КУНЕД

1. Падар шахсе аст, ки роҳбарӣ ва ғамхорӣ карда, фарҳанги муайянеро ба ҳаёти шахс ё ташкилот ворид мекунад, ва ӯ метавонад вазифаҳои зиёде аз қабили директор, шубон, роҳбари гурӯҳи хурд, мудири шӯъба, муаллим, мураббӣ ва ғайраро иҷро кунад. Дар ҳаёти шумо кадом "падарон" ҳастанд? Онҳо чӣ тавр ба шумо "падарон" мебошанд?

2. Писар ё духтари содиқ натиҷаҳои кори падари худро афзун мекунад. Барои чӣ ба намунаҳои роҳбаронатон тақлид кардан муҳим аст? Ин чӣ тавр ба шумо барои аз фарқиятҳои биниш, усулҳо ва фарҳанги байниҳамдигариатон канорагирӣ кардан ёрӣ мерасонад?

3. Афзункунии он чизе, ки ба каси дигар тааллуқ дорад, аз шумо талаб мекунад, ки худро аз нав ба вуҷуд оред. Оё шумо одамонеро пайдо мекунед, ки дорои ин гуна атоҳо мебошанд, то ки он ҳикмат ва он роҳҳоеро, ки шумо аз худ кардаед, ба онҳо супоред? Агар не, пас шумо чӣ тавр ба ин кор шурӯъ карда метавонед?

*“Ҷаноб, ман медонистам, ки ту одами сахтгир ҳастӣ; дар ҷое, ки кишт накардаӣ, медаравӣ, ва аз ҷое, ки напошидаӣ, ҷамъ мекунӣ. Ман тарсидам, ки пули туро гум мекунам, аз ин рӯ онро ба замин пинҳон кардам”.*

– Матто 25:24-25, NLT

12

# Монеаҳо барои афзункунӣ I

Акнун мо дар бораи ниятҳо ва фикрҳои идоракунандаи танбал аз масали Исо сӯҳбат мекунем. Чаро ду идоракунандаи дигар афзун карданд, ва ӯ танҳо нигоҳ дошт? Чаро идоракунандагони якум ва дуюм “нек ва содиқ” номида шуданд, ӯ бошад “шарир ва танбал” номида шуд?

Пеш аз сар кардан, биёед ин ҳақиқатро муҳокима кунем: *вақте ки одам дар ҳузури Исо меистад,* вай дурӯғ гуфта наметавонад. Иҷозат диҳед, ки инро бо як мисоли оддӣ шарҳ диҳам. Оё ягон бор шумо дар бораи ҷосусон филме тамошо кардаед, ки дар он ҳангоми бозпурсӣ ҷосусро бо “зардоби ҳақгӯӣ” укол мекунанд, то ки далелҳои махфиро ошкор кунанд? Ин ҷосус ё агенти дукарата чизҳоеро ошкор мекунад, ки барои махфӣ нигоҳ доштан қасам хӯрда буд, ва ҳақиқат маълум мегардад.

Ман аз ҳаёти худ боз як мисол меорам. Дар солҳои аввали издивоҷи мо ман баркамол набудам ва бо ҳиссиёти бемуҳофизатӣ мубориза мебурдам. Вақтҳое буданд, ки ман амалҳои худро қобили қабул мешумоpидам, то даме ки Лиза онҳоро нишон намедод. Дар сӯҳбатҳои худ ман амалҳо ва ниятҳои худро ба таври боварибахш ҳимоя мекардам. Аксар вақт ман ҳар суханеро, ки аз даҳонам мебаромад, ҷасурона ҳимоя мекардам! Дертар, вақте ки ман ба ҳузури Худо омада, дуо мекардам, мефаҳмидам, ки Лиза ҳақ буд. Ман ба назди ӯ

баргашта, иштибоҳи худро эътироф мекардам.

Ман ин ҳақиқатро ба хотир овардам, то нишон диҳам, ки макру фиреб, қаллобӣ ва дурӯягӣ дар ҳузури шоҳонаи Худо вуҷуд дошта наметавонад. Исо мегӯяд:

> “Вақте мерасад, ки ҳама чизи пинҳон ошкор мегардад, ва ҳама чизи махфӣ маълум мешавад. Бинобар ин, он чи шумо дар торикӣ гуфтаед, дар рӯшноӣ шунида хоҳад шуд; ва он чи шумо пушти дарҳои пӯшида ба гӯш гуфтаед, дар болои бомҳо эълон карда хоҳад шуд!” (Луқо 12:2-3, NLT).

Исо дар ин ҷо дар бораи доварие сухан меронад, ки дар он дурӯғ гуфтан ё дурӯғ фикр кардан ғайриимкон хоҳад буд, зеро муҳит аз ҳақиқат пур хоҳад буд, ва ҳеҷ кас наметавонад ҳатто як калимаи дурӯғ ё фиребгарона гӯяд. Далели он, ки масали мо таҷассумгари доварӣ мебошад, чунин аст: мо итминон дошта метавонем, ки ҷавоби идоракунандаи танбал рост аст. Ӯ худро фош кард, ва суханонаш ӯро айбдор карданд.

Ду сабаби асосие мавҷуд ҳастанд, ки чаро ӯ *барои абадият* афзун накард:

- Ӯ хислати хӯҷаини худро намедонист.
- Ӯ метарсид.

Ин сабабҳо бо тартиби дуруст оварда шудаанд. Дуюминаш, доимо набошад ҳам, аксар вақт аз аввала бармеояд, чунки надонистани хислати Худо ба осонӣ тарсро ба вуҷуд меорад. Вақте ки мо дар бораи ин ду иштибоҳ сӯҳбат карданро давом медиҳем, ин маълум хоҳад шуд.

## “МАН БА ЧӢ БОВАР МЕКУНАМ”

Биёед иштибоҳи аввалро муҳокима кунем. Бо нақли як воқеа оғоз мекунем. Ман ба Ҳавайи барои иштирок дар анҷуман парвоз карда омадам. Ҳанӯз бо либоси сафарӣ, омода шудани ҳуҷраи меҳмонхонаамро интизор шуд истода, ман қарор додам,

ки дар зери чатри лаби ҳавз истироҳат кунам. Дар он ҷо як зани соҳибкор, ки дар анҷумани дигар иштирок мекард, низ интизор буд. Мо ба гуфтугӯ сар кардем, ва вақте ӯ фаҳмид, ки ман муаллиф ва ходими масеҳӣ ҳастам, вай дар бораи муносибатҳои худ бо Худо ба нақлкунӣ шурӯъ кард.

Як-ду дақиқа басанда буд, то бифаҳмам, ки ӯ Худоро намешиносад. Вай он чиро, ки ба он *эътиқод дошт,* бо боварӣ изҳор мекард, аммо ин қариб ба он чизе, ки Каломи Худо нишон медиҳад, мувофиқат намекард. Дар ҳоле ки вай эътиқоди худро шарҳ медод, ман аз Рӯҳулқудс хирад талабидам, ва Ӯ ба ман нишон дод, ки чӣ гӯям.

Вақте ки ӯ мулоҳизаашро ба поён расонд, ман пурсидам:

– Шумо мардеро, ки дар он тарафи ҳавз нишастааст, дида истодаед?

– Бале, – ҷавоб дод вай.

– Ба ман иҷозат диҳед, ки дар бораи ӯ нақл кунам, – гуфтам ман. – Ӯ парҳезкунандаи сахт аст; ӯ ягон хӯрокеро, ки баромадаш аз ҳайвонот аст намехӯрад, ҳатто асалро. Вай орзу дорад, ки ба дастаи Олимпии шиноварии ИМА шомил шавад. Вай ҳар рӯз се соат тамрин мекунад. Хоббии ӯ – бадминтон, теннис, ҷаҳидан бо парашют ва рассомӣ аст. Ӯ бо зане, ки дар паҳлӯи ҷакузи нишастааст, издивоҷ кардааст, ва он зан аз ӯ даҳ сол ҷавонтар аст.

Шавқи ин зан бедор шуд, ва ҳамчунин вай аз он, ки ман якбора мавзӯи сӯҳбатро тағйир додам, худро ноҳинҷор ҳис кард. Вай ин лаҳза фикрҳои амиқи худро дар бораи Худо нақл кард, ва дар ҷавоб ман дар бораи марде нақл карда истодаам, ки дар он тарафи ҳавз нишастааст. Зан бо кунҷковӣ пурсид:

– Оё ӯ дар худи ҳамон анҷуман иштирок мекунад, ки шумо иштирок карда истодаед?

– Не.

– Пас шумо ӯро аз куҷо мешиносед? – бо кунҷковии боз ҳам зиёдтар пурсид вай.

– Ман бо ӯ ошно нестам.

Вай ошуфта ва хавотиромез пурсид, ки ман аз куҷо дар бораи ӯ ин қадар бисёр чизҳоро медонам. Ман намедонам, ки оё ҳамин тавр аст, аммо, аз рӯи нигоҳи ӯ, шояд ӯ фикр мекард, ки ман агенти CIA ё FBI, детектив ё марди хонумбоз ҳастам. Кунҷковии ӯ дар ҳадди ниҳоӣ буд.

Ман таваққуф кардам ва баъд ба ӯ гуфтам:

– Ман бовар мекунам, ки ӯ ҳамин гуна шахс аст.

Вай аз тааҷҷуб карахт шуд.

– Шумо худи ҳозир бо ин қадар дилпурӣ гуфтед, ки ба Худо бовар мекунед, – давом додам ман. – Аммо қариб ҳама чизе, ки шумо дар бораи Ӯ гуфтед, нодуруст аст. Ман дар ин бора медонам, зеро ман Ӯро мешиносам.

Ман баргашта, рост ба чашмони вай нигаристам ва гуфтам:

– Тарзи гуфтугӯ дар бораи ин мард, ки бо ӯ шинос нестам, аз тарзи сӯҳбати шумо дар бораи Худо ҳеҷ фарқе надорад. Ман ба шумо оиди он чие, ки дар бораи ин марде, ки дар канори дигари ҳавз нишастааст, *бовар мекунам,* нақл кардам, ва ин хеле боварибахш садо дод. Аммо, бо эҳтимоли зиёд, аксари он чизҳое, ки ман дар борааш гуфтам, хатост, ва сабаб дар он аст, ки ман ҳеҷ гоҳ вақт сарф накардаам, ки ӯро бидонам.

Он зан гӯш кард, вале ба назарам каме ба изтироб афтод.

– Худо ба мо Каломи Худро дод, ки дар саҳифаҳои Китоби Муқаддас навишта шудааст, ва он Ӯро зоҳир мекунад, – гуфтам ман оромона. – Ӯ ҳамчунин Рӯҳулқудсро фиристод, то ки ба мо Исоро ошкор кунад, ва дар навбати Худ, Исо ба мо Худои Қодирро ошкор мекунад, чунки Ӯ Худост, ки ба ҳасби ҷисм омадааст.

Ман боз таваққуф кардам ва мулоимона пурсидам:

– Ба фикри шумо, мумкин аст, ки шумо дар зеҳни худ Худои сохтаро офаридед, ки дар асл вуҷуд надорад?

Мутаассифона, вай ё ба эътироф кардан омода набуд, ки Худоро намешиносад, ё аз вохӯрии ҳаққонӣ бо Ӯ метарсид. Мо боз чанд дақиқае сӯҳбат кардем ва баъд хайрухуш намудем.

Шояд шумо ҳангоми хондани ин ҳикоя табассум мекунед,

зеро фикр мекунед: *“Ман Худоро мешиносам. Ба калисо меравам ва Китоби Муқаддасро мехонам”.* Аммо пеш аз он ки касе аз байни мо ба туфайли ин фикр беҳад ором мешавад, мо бояд ҳолати фарисиёнро дар хотир дошта бошем. Онҳо ягон хидматгузориро аз даст намедоданд, пайваста дуо мекарданд ва рӯза мегирифтанд, ва ҳамчунин панҷ китоби аввали Китоби Муқаддасро аз ёд медонистанд (ман аниқ ҳамин қадар муваффақият надорам!). Аммо, онҳо Худоро, ки ба ҳасби ҷисм омад, яъне Исоро, ки дар рӯ ба рӯи онҳо меистод, шинохта натавонистанд.

## ШИНОХТАНИ ХУДО

Кӣ имтиёзи шинохтани Худоро ба даст меорад? Ҳама ба ин даъват карда мешаванд, аммо меъёрҳои дақиқ мавҷуд мебошанд. Дари муоширати ҳақиқӣ вақте кушода аст, ки мо аз умқи мавҷудияти худ барои ҳаётамонро пурра ба Худо супоридан қарор қабул мекунем. Ин қарор набояд рӯякӣ бошад, балки бо амалҳои мувофиқ тақвият дода шавад. Исо мегӯяд: “Агар ту ҷони худро ба хотири Ман барбод диҳӣ, онро наҷот медиҳӣ” (Матто 16:25, NLT). Ӯ “онро наҷот медиҳӣ” гуфта, чиро дар назар дорад? Ин хеле осон аст: ҳаёти ҳақиқиро танҳо дар *шинохтани Худо* пайдо кардан мумкин аст.

Мо ба калисо рафта, худро бо дӯстони масеҳӣ иҳота карда, китоб хонда, мусиқии парастиширо гӯш карда, “дуои тавба”-ро такрор карда ва ҳатто ким-кадом корҳоро ба анҷом расонида, Худоро шинохта наметавонем. Дар Китоби Муқаддас Исо аксар вақт Домод номида шудааст ва мо арӯси Ӯ ҳастем. Вақте ки домод ва арӯс пайванд мешаванд, ҳар ду як тан мешаванд. Павлус менависад: *“Ин намунаи он аст,* ки Масеҳ ва калисо як ҳастанд” (Эфсӯсиён 5:32, NLT). Барои нишон додани он, ки шинохтани Ӯ чӣ маъно дорад, Худо ба мо як *мавъизаи бо мисол фаҳмонидашударо* ҳамчун падидаи маъмултарин дар башарият додааст. Ҳар рӯз мо намунаи равшани муносибатро бо Ӯ дар *аҳди муқаддаси* никоҳ дида метавонем.

Вақте ки зан бо либоси сафед дар зери савту навои тӯёна қадам мезанад, вай изҳороти хеле пурқувват медиҳад. Вай дар ин ҷаҳон тақрибан бо 3.930.000.000 мард падруд мегӯяд! Вай тамоми қалб, ҷисму ҷон ва ҳаёти худро ба марде медиҳад, ки ӯро дар саҳни аҳди никоҳ интизор аст. Ҷолиб он аст, ки қарори вай рамзи “тавба”-и ҳақиқӣ аст. Вай аз ҳар як имкони издивоҷ бо марди дигари рӯи замин даст мекашад. Вай ва интихобкардааш аҳд мебанданд: ӯ пурра ба завҷааш тааллуқ дорад ва завҷа ба ӯ. Ин ду нафар ба роҳе қадамгузор мешаванд, ки аз ҳар ҷиҳат онҳо бо ҳам муносибати торафт наздиктар пайдо карда ва якдигарро бештар аз каси дигар шинохта метавонанд.

Ҳоло бошад, ман мехоҳам чизе бигӯям, ки шояд ихтилофангез садо диҳад, вале маро гӯш кунед! Шахсан ман боварӣ дорам, ки яке аз монеаҳои бузурге, ки мо барои *шинохтани* Худо эҷод кардаем, ин “дуои тавба” мебошад. Одатан мо чунин рафтор мекунем: мо муносибатро бо Худо ҳамон тавре мефурӯшем, ки ба истеъмолкунанда маҳсулотро таблиғ мекунем. Баъд аз мавъиза ё сӯҳбат, мо мегӯем: «Шумо Худоро шинохтан мехоҳед? Шумо бо Офаридгори худ муносибат барпо кардан мехоҳед? Пас шумо бояд танҳо дуо кунед: “Исо, ба ҳаёти ман биё. Ман барои гуноҳҳоям тавба мекунам. Ман Туро ҳамчун Наҷотбахши худ қабул мекунам. Раҳмат, ки маро мебахшӣ ва фарзанди Худо мегардонӣ”».

Мо фавран хушхабарро дар бораи имон овардан ба ҳамаи ҳозирин эълон мекунем, хурсанд мешавем, ки навимоновардагон абадан дар паноҳи Худованд хоҳанд буд, ва онҳоро барои иштирок дар ҷамъомадҳоямон даъват мекунем.

Аммо, мо ба онҳо дар бораи тавба, ва дар бораи он ки онҳо бояд пурра аз ҳаёти худхоҳона даст кашанд ва ҳаёти худро ба Ӯ супоранд, ҳеҷ чиз намегӯем. Бо вуҷуди ин, изҳороти пурраи Исоро бишнавед:

> “Агар шумо дар ҳақиқат хоҳед, ки Маро пайравӣ кунед, шумо бояд фавран ва пурра ҳаёти худро инкор кунед ва аз он даст кашед. Ва шумо бояд барои гирифтани салиби Ман

> тайёр бошед ва худро ба роҳҳои Ман таслим карда, онро ҳамчун салиби худ қабул кунед. Зеро агар шумо фидокориро интихоб намуда, ҳаёти худро барои ҷалоли Ман барбод диҳед, шумо бо тарзи давомдор ҳаёти ҳақиқиро ошкор мекунед. Аммо агар ҳаёти худро нигоҳдорӣ кардан хоҳед, онро барбод медиҳед” ( Матто 16:24-25, TPT).

Мо Худоро ба таври ҳаққонӣ танҳо бо роҳи муносибатҳои ҳақиқӣ бо Ӯ шинохта метавонем – дар ин оятҳо Исо ҳамин нуктаро дар назар дошт. Шинохтани Худо ҳодисаи якдафъагӣ нест; ин қарори қатъии итоат кардан ба роҳҳои Ӯст, на он чизе аст, ки ба назари шумо бароятон беҳтар мебошад. Ин қароре аст, ки мо ҳар рӯз ва ҳар сония қабул мекунем. Агар Каломи Худо ба таври возеҳ ягон мушкилиро ошкор кунад, мо баҳс намекунем ва барои аз итоат канораҷӯӣ кардан кӯшиш намекунем. Пайравӣ кардани Исо маънои онро дорад, ки шумо дар умқи дили худ қарор қабул кардаед, то аз ҳар чизе, ки Ӯро таҳқир месозад, даст кашед ва ҳамеша ба Ӯ хидмат кунед.

Ҳавворӣ Яъқуб менависад: “Аммо на танҳо Каломи Худоро гӯш кунед. Шумо бояд он чиро, ки Калом мегӯяд, иҷро кунед. Дар акси ҳол, шумо танҳо худро фиреб медиҳед” (Яъқуб 1:22, NLT). Одаме, ки Каломи Худоро гӯш мекунад, вале дар афкор, гуфтор ва аъмол ба он итоат намекунад, аллакай худро фиреб додааст. Тарҷумаи “Passion” инро “худфиребӣ” меномад, ки, ба фикри ман, идоракунандаи сеюмро аз масали Исо, фарисиёнро, ҳамон занро дар лаби ҳавз дар Ҳавайи ва бисёр дигар одамонеро, ки ман вохӯрдаам, аниқ тасвир мекунад. Чунин шахсон ҳамаҷониба бовар мекунанд, ки бо Худо муносибат доранд, чунки онҳо ба калисо мераванд ва аз Китоби Муқаддас иқтибос меоранд, аммо онҳо ҳамеша бар хилофи Каломи Ӯ ҳарф мезананд ва зиндагӣ мекунанд. Мутаассифона, онҳо гумроҳ ҳастанд. Ин *худфиребӣ* аст.

Ба ман иҷозат диҳед, ки зуд як нуктаи муҳимро қайд кунам. Лиза ба шумо мегӯяд, ки вай дар ҳаёти оиладорӣ бисёр хатогиҳо содир кардааст (ман хатогии бештар содир кардаам, аммо ҳоло ман дар бораи арӯс сухан ронда истодаам!), вале ӯ ҳеҷ гоҳ кӯшиш

намекард, ки хоҳишҳои худро аз ҳисоби аҳди никоҳи мо амалӣ кунад. Рафтори ӯ комил набуд, аммо дилаш ҳеҷ гоҳ аз садоқати қатъӣ дур намешуд.

Ба ин монанд, дар муносибатҳои мо бо Худо, агар мо гоҳо беитоатӣ кунем, Ӯ мебахшад. Инро ба он шабоҳат додан мумкин аст, ки зану шавҳар ҳангоми хатогӣ содир кардани яке аз онҳо аҳди худро намешикананд. Муносибат бо Офаридгори мо – ин садоқати ҳақиқӣ аз сидқи дил, на суханони пуч бе амалҳои мувофиқ.

Исо суханони шигифтангезеро изҳор мекунад: “Агар касе *хоҳад* иродаи Ӯро ба амал оварад, ... *хоҳад донист”* (Юҳанно 7:17). Вақте ки мо Каломро на танҳо гӯш мекунем, балки аз таҳти дил мувофиқи он рафтор кардан мехоҳем, ҳама чиз дар ниҳоди мо оғоз мешавад. Мо *ҳар чизе,* ки Ӯ мегӯяд, иҷро мекунем, ва он гоҳ мо *медонем.* Мо Худо ва Каломи Ӯро медонем ва *мефаҳмем*. Тарҷумаи “Passion” ба таври аҷоиб Юҳанно 7:17-ро нишон медиҳад: “Аввалан, ба иҷро кардани иродаи Худо саъй кунед, ва он гоҳ шумо фаҳмида метавонед, ки таълимоти Ман аз қалби Худо мебарояд ё не”.

Дар масали Исо оид ба талантҳо ҳар сеи идоракунандаҳо пеш аз рафтани хоҷаашон айни ҳамон як дастурро шуниданд. Ду нафари онҳо дастурро ба кор бурданд, вале якеаш ҳеҷ коре накард.

Тасодуф нест, ки маҳз идоракунандаи сеюм хоҷаи худро *намешинохт.* Маҳз ӯ дастурҳои хоҷаашро муҳим нашуморид. Ӯ худро фиреб дод.

## ТАРСИ МУҚАДДАС

Муҳокимаронии моро то ин лаҳза метавон бо як ибораи библиявӣ хулоса кард: *“тарси Худованд”.* Аз сабаби тарсу ҳароси зиёд дар ин ҷаҳон, махсусан дар замони ҳозира, мо ин ибораро кор фармудан намехоҳем. Аммо, *ду намуди тарс* мавҷуд мебошад, ва онҳо ба якдигар пурра муқобил ҳастанд. Аввалин – ин “рӯҳи тарс”, ва дуюмин – “тарси Худованд”. Каломи Худо фарқияти байни онҳоро нишон медиҳад. Мӯсо пас аз баромадан аз ҳузури Худо ба халқи Худо гуфт:

> «*“Натарсед,* зеро ки Худо барои озмудани шумо омадааст, то ки *тарси Ӯ* пеши рӯи шумо бошад, ва шумо гуноҳ накунед”. Ва қавм *аз дур истоданд,* ва Мӯсо сӯи меғ, ки Худо дар он ҷо буд, *наздик омад»* (Хуруҷ 20:20-21).

Аз нигоҳи аввал чунин ба назар мерасад, ки суханони Мӯсо ба якдигар мухолиф ҳастанд. Иҷозат диҳед, ки барои фаҳмонидан суханони ӯро ба таври дигар ифода кунам: *“Натарсед,* чунки Худо омад, то бубинад, ки дар ҳаёти шумо *тарси* Ӯ вуҷуд дорад ё не”. Дар суханони ӯ ҳеҷ ихтилофе мавҷуд нест. Вай мафҳуми “тарсидан аз Худо”-ро аз мафҳуми “тарси Худованд” ҷудо мекунад, зеро онҳо чизҳои мухталифанд. Шахсе, ки аз Худо метарсад, чизи махфӣ дорад. Ба ёд оред, ки Одам, пас аз он ки бар зидди Худо гуноҳ содир кард, аз ҳузури Ӯ пинҳон шуд (ниг. Ҳастӣ 3:8). Аммо одаме, ки тарси Худо дорад, ҳеҷ чизро пинҳон намекунад. Дар асл, вай аз фикри дур будан аз Ӯ метарсад.

Иҷозат диҳед, ки аз худи аввал бигӯям: *тарси Худо маънои аз Худо тарсиданро надорад.* Чӣ гуна мо бо шахсе, ки аз вай метарсем, робитаи наздик дошта метавонем? Тавре ки аллакай гуфтем, тарси ҳақиқии муқаддас – ин тарси дур будан аз Худо. Шумо дар ягон ҷои дигар будан намехоҳед, ба истиснои ҷое, ки пур аз ҳузур, тасалло ва муҳаббати Ӯ аст. Шумо новобаста ба он ки вазъият тиреву тор ба назар мерасад, устувор ҳастед. Шумо медонед, ки аз ҳузури Ӯ дида дигар ҷои беҳтаре нест. Ва муносибати шумо аз он маълум аст, ки шумо ба Ӯ итоат мекунед.

Тарси Худо маънои онро дорад, ки Ӯро аз чизе ё касе бештар иззату икром менамоем. Ин маънои онро дорад, ки Ӯро хеле қадр мекунем ва хоҳишҳои қалби Ӯро назар ба хоҳишҳои худамон арзишмандтар ва гаронбаҳотар медонем. Мо он чизеро дӯст медорем, ки Ӯ дӯст медорад ва аз он чизе нафрат мекунем, ки Ӯ нафрат дорад. Он чизе, ки ба Ӯ муҳим аст, барои мо муҳим мешавад; он чизе, ки барои Ӯ он қадар муҳим нест, барои мо низ он қадар муҳим нест.

Ин гуна муносибат мавқеи моро дар байни даъватшудагон

ба Ӯ наздиктар месозад. Мо мебинем, ки муҳаббати исроилиён ба Худо шартӣ буд. Вақте ки шароит мусоид буд, онҳо ба Худо ибодату итоат мекарданд ва Ӯро дӯст медоштанд. Вақте ки вазъият номусоид мешуд, онҳо шикоят мекарданд. Онҳо ба Худо эътимоди бечунучаро надоштанд; ба ҷои ин, онҳо ба худмуҳофизаткунӣ мекӯшиданд. Онҳо ҳаёти худро наҷот додан хоста, бар хилофи суханони Исо, ки дар Инҷил навишта шудаанд, рафтор карданд: онҳо аз имтиёзи олиҷанобии муносибатҳои ҳақиқӣ бо Ӯ даст кашиданд. Мӯсо аз Худо метарсид, аммо онҳо наметарсиданд.

Ниятҳои онҳо мувофиқан маълум шуданд: қавм *аз дур истоданд,* Мӯсо бошад ба ҳузури Худо *наздик шуд.* Онҳо бе дидани он чизе, ки барояшон беҳтар буд, зиндагӣ мекарданд. Бар хилофи онҳо, Мӯсо равшан дид. Мӯсо Худоро – Калом, роҳҳо ва ҳикмати Ӯро мешинохт. Аммо исроилиён танҳо Худоро аз он ҷиҳат мешинохтанд, ки Ӯ ба дуоҳои онҳо ҷавоб медод. *Вақте* ки мо фавран ба Ӯ итоат менамоем, ҳатто агар ин маъное надошта бошад, агар фоидаи назаррас надошта бошем ва, агар чунин ба назар мерасад, ки гӯё ин ба некӯаҳволии мо зарар расонида метавонад, мо дар тарси Худо зиндагӣ мекунем. Мо хислати Ӯро медонем, аз ин рӯ мутмаинем. Ҳатто агар чизе зараровар ба назар расад ҳам, мо ба Худо итоат карда, ҳеҷ вақт шикаст намехӯрем.

Ва дар ниҳоят, бо тарси Худо рафтор кардан дар он зоҳир мешавад, ки мо то охир ба Ӯ итоат мекунем. Вақте ки Худо ба Иброҳим супориш дод, ки чизи барояш азизтарин – чизеро, ки 25 сол интизораш буд, баргардонад, ӯ итоат кард. Вай бояд шахсеро, ки аз ҳама каси дигар ва аз ҳама чизи дигар бештар дӯст медошт, яъне писараш Исҳоқро қурбон мекард. Ӯ субҳи барвақт ба роҳ баромад ва се рӯз пиёда равон шуд, то талаби Худоро иҷро кунад. Худо дастури Худро бе ҳеҷ ваҷҳ шарҳ надод. Чунин ба назар мерасид, ки ин қурбонӣ ҳама чизеро, ки Иброҳим ба хотири он умр ба сар мебурд, нобуд мекард. Чунин менамуд, ки ин қурбонӣ ба ӯ осеб мерасонад. Аммо ӯ бечунучаро ба *хислати* Худо боварӣ дошт (комилан баръакси идоракунандаи танбал).

Ҳамин ки Иброҳим кордро барои забҳ кардани Исҳоқ бардошт,

фариштаи Худованд ӯро манъ кард, ва гуфт: “Ба вай ҳеҷ гуна осеб нарасон; зеро акнун донистам, ки *ту дар ҳақиқат аз Худо метарсӣ* ва писари худро, ки ягонаи туст, аз Ман дареғ надоштӣ” (Ҳастӣ 22:12, NLT). Чунин муҳаббат, эътимод ва имон дар дили онҳое зиндагӣ мекунанд, ки дар ҳақиқат аз Худо метарсанд.

Навишта шудааст: “Тарси Худованд ибтидои дониш аст” (Масалҳо 1:7, NKJV). Сухан дар бораи кадом дониш меравад? Мо ҷавобро дар чанд оят пайдо мекунем, аммо биёед оятҳоеро низ дида мебароем, ки ба ин ҷавоб оварда мерасонанд. Мо ба ин дониш вақте муяссар мегардем, ки Каломи Ӯро аз ҳама чиз болотар гузорем, моҳиятан, он коре, ки Иброҳим карда буд.

> “Эй писарам! Агар гуфтаҳои маро бипазирӣ ва аҳкоми маро дар худ маҳфуз дорӣ, ба тавре ки гӯши худро ба шунидани ҳикмат роғиб ва дили худро ба хирад моил гардонӣ, агар донишро даъват намоӣ ва овози худро сӯи хирад баланд кунӣ, агар онро мисли нуқра орзу кунӣ ва мисли ганҷҳо ҷустуҷӯ намоӣ, он гоҳ хоҳӣ фаҳмид, ки тарси Худо чӣ аст, ва *дониши Худоро хоҳӣ ёфт”* (Масалҳо 2:1-5, НРП).

Ҷавоб хеле возеҳ аст; тарси Худованд *ибтидои шинохтани Худо* аст. Мо имрӯз инро ба таври дигар ифода карда метавонистем: “Ту вақте мефаҳмӣ, ки тарси Худо чӣ аст, Худоро аз наздик мешиносӣ”. Акнун мо хатои асосии идоракунандаи танбалро фаҳмида метавонем. Вай тарси муқаддас надошт, ва ин аз беамалии ӯ ва ҷавоби охиринаш аён аст. Исроил Худоро золим мепиндошт ва ин идоракунанда низ хоҷаи худро чунин меҳисобид. Вай барои дидани хислати хоҷаи худ кӯр буд.

Тарси Худованд нуқтаи ибтидоии *шинохтани* Худо аст. Сарояндаи Забур инро тасдиққунон мегӯяд: “Худованд дӯсти онҳоест, ки аз Ӯ метарсанд” (Забур 24:14, NLT). Дӯстон онҳое мебошанд, ки мо *аз наздик* мешиносем. Исо суханони ҳайратбахшеро изҳор мекунад: “Вақте ки шумо ба фармудаҳои Ман итоат мекунед, бо ин коратон нишон медиҳед, ки шумо дӯстони *наздики* Ман ҳастед” (Юҳанно 15:14, ТРТ).

Бисёре аз мо аксар вақт мегӯянд, ки мо Исоро “дӯст медорем”, ҳамон тавре ки мо мегӯем, ки ситораҳои маъруфи кино, варзишгарон ё дигар шахсиятҳои ҷамъиятиро дӯст медорем. Дар аввали соли 2020, вақте ки баскетболбози машҳур Коби Брайант ва духтари ӯ Ҷианна бар асари суқути фоҷиабори чархбол ҳалок шуданд, тамоми кишвар мотам гирифт, ва бисёриҳо гиря мекарданд. Мардум ба “Маркази Стейпл” дар Лос-Анҷелес, яъне он ҷое, ки ӯ баскетболбозӣ мекард, миқдори зиёди пуфакҳо, кортҳо ва гулҳо оварданд. Ман низ аз ин фоҷиа андӯҳгин шуда будам ва дар ин бора бисёр андеша кардам.

Аммо бисёре аз мо, мотамдорон, Кобиро чуноне ки завҷааш, оила ва дӯстони наздики ӯ мешинохтанд, намешинохтем. Агар ӯ моро дар кӯча медид, кӣ будани моро намедонист. Ман ҳеҷ гоҳ бо ӯ вақт нагузаронидаам, аммо марги ӯ маро андӯҳгин кард, гӯё ки ман ӯро мешинохта бошам. Айнан ҳамон тавре ки Коби дар вақти зинда буданаш моро намешинохт, бисёр мардон ва занон даъво хоҳанд кард, ки Исоро мешиносанд, зеро онҳо ба калисо мерафтанд, дар бораи Ӯ дар шабакаҳои иҷтимоӣ сӯҳбат мекарданд, дар бораи Ӯ мусиқӣ гӯш мекарданд, ба исми Ӯ корҳои муайянро ба ҷо меоварданд ва ҳатто Ӯро ҳамчун Худованди худ эътироф менамуданд. Аммо ҷавоби Исо чунин мешавад: “Ман ҳеҷ гоҳ шуморо намешинохтам”. Ва аз ин рӯ:

> «На ҳар касе ки ба Ман: “Худовандо! Худовандо!“ мегӯяд, ба Малакути Осмон дохил хоҳад шуд, балки он касе ки иродаи Падари Маро, ки дар осмон аст, ба ҷо меоварад. Бисёр касон дар он рӯз ба Ман хоҳанд гуфт: “Худовандо! Худовандо! Оё ба исми Ту нубувват накардем? Оё ба исми Ту девҳоро нарондем? Оё ба исми Ту мӯъҷизоти зиёде нишон надодем?” Он гоҳ дар ҷавоби онҳо хоҳам гуфт: “Ман ҳаргиз шуморо намешинохтам; аз Ман дур шавед, эй бадкорон!» (Матто 7:21-23).

Мо ҳаргиз намехоҳем инро аз Худованд шунавем. Агар шумо ин порчаи Каломи Худоро бодиққаттар омӯзед, хоҳед дид,

ки ин одамон аз муносибати худ бо Исо дилпур ва ҳатто аз ин рӯҳбаланд буданд. Коби ба ман гуфта метавонист: “Шумо кистед? Шумо аз куҷоед? Номи шумо чӣ аст?” Ба ин монанд, Исо ба бисёриҳо, ки гӯё Ӯро мешиносанд, мегӯяд: “Ман намедонам, ки шумо аз куҷоед” (Луқо 13:25).

## БО Ӯ ВАҚТ ГУЗАРОНЕД

Тарси Худованд – ин нуқтаи ибтидоии аз наздик шинохтани Худо, аммо чаро дар оғози роҳ истодан лозим аст? Дар муносибатҳои худ чуқуртар равед, зеро Ӯ шуморо даъват мекунад, ки ба Ӯ наздик шавед. Навишта шудааст: “Ба Худо наздик шавед, ва Ӯ ба шумо наздик хоҳад шуд” (Яъқуб 4:8). Аҷибаш он аст, ки сатҳи муносибатҳоямонро бо Ӯ мо муайян мекунем.

Ман аз он ба тааҷҷуб меоям, ки ин қадар одамоне, ки худро масеҳӣ меноманд, аз он зане, ки дар лаби ҳавз дар Ҳавайи вохӯрдам, фарқи зиёд надоранд. Онҳо “дониши Худо”-ро аз шабакаҳои иҷтимоӣ, савти парастиш, блогҳо, сӯҳбатҳо бо дӯстон ва аз шубони худ гирифтаанд. Аммо худи онҳо бо Ӯ вақт намегузаронанд.

Охирин омор нишон медиҳад, ки одамони синнашон аз 15 то 25-сола дар як ҳафта 53.7 соатро дар назди экранҳо – смартфонҳо, планшетҳо, компютерҳо ва телевизорҳо мегузаронанд. Ман ҳайронам, ки онҳо барои Каломи Худо чӣ қадар вақт сарф мекунанд? Ва ин масъала на танҳо барои ҷавонон аҳамият дорад!

Ман зиёда аз чиҳил сол аст, ки Китоби Муқаддаси худро мехонам, ва ин ҳоло ҳам яке аз машғулиятҳои дӯстдоштаи ман аст. Пеш аз хондан, ман ҳамеша аз Рӯҳулқудс хоҳиш мекунам, ки Исоро ба тарзи нав ба ман намоён кунад. Солҳои зиёд ман барвақт аз хоб бармехестам ва дар таҳхона ё утоқи меҳмонхона, ва ё берун аз хона, дар ҷои хилват, ҳамту ба хондан, дуо кардан ва шунидан машғул шуда, вақт мегузаронидам. Ман намехоҳам аз он одамоне бошам, ки танҳо дар асоси атои худ дар саросари ҷаҳон Инҷилро мавъиза мекарданд, вале Атокунандаро нашинохтанд.

Худо мехоҳад, ки бо шумо муносибатҳои наздик дошта бошад. Муҳаббати комили Ӯ тарсро меронад. Мо аксар вақт худро дар он фош месозем, ки ҳамчун идоракунандае, ки некиҳои хоҷаи худро дида наметавонист, рафтор мекунем. Барои ҳамин ман шуморо даъват мекунам, ки дуо гӯед, то Худо шуморо аз тарси муқаддаси Худ пур кунад. Бо Ӯ самаранок вақт гузаронед ва табиати аслии Ӯ – Муҳаббатро кашф кунед.

Худо моро ёфт, дӯст дошт ва хеле пеш аз он ки Ӯро шинохтем, барои мо мурд. Ӯ ба оғози ин муносибати олиҷаноб асос гузошт. Ӯ тарафдори шумост. Ӯ мехоҳад, ки шуморо аз наздик шиносад. Аммо, муҳаббати Ӯ ба мо чунон амиқ аст, ки моро иҷборан водор намекунад, ки бо Ӯ муносибат дошта бошем.

Пас, ҳозир интихоб кунед! Ҳаётро интихоб намоед! Қарор қабул кунед, ки Ӯро ... аз наздик шиносед.

## ТАФАККУР КУНЕД

1. Надонистани хислати Худо ҳамеша тарсро ба вуҷуд меорад. Тасаввуроти ғалат дар бораи табиати Худо оиди атоҳо ба идоракунии атоҳоятон ва ба даъвататон чӣ гуна таъсир расонид?

2. Муносибати ҳақиқӣ бо Худо вақте имконпазир мешавад, ки шумо худро пурра ба Ӯ месупоред ва бо итоат ба Каломи Ӯ зиндагӣ мекунед. Оё дар ҳаёти шумо ягон афкор ё рафторе ҳаст, ки ба муносибати шумо бо Худо халал мерасонад?

3. Дар байни *тарсидан аз Худо* ва *тарси Худо* фарқи калоне ҳаст. Ин фарқ дар чист? Барои чӣ тарси Худованд барои аз наздик шинохтани Худо ин қадар муҳим аст?

*“Ҷаноб, ман медонам, ки Ту меъёрҳои баланд дорӣ, ва Ту хунукназариро нисбат ба кор бад мебинӣ, ва Ту чизи беҳтаринро талаб мекунӣ ва ба хатогиҳо гузашт намекунӣ. Ман тарсидам”.*

– Матто 25:24-25, MSG

13

# Монеаҳо барои афзункунӣ II

Акнун мо барои омӯхтани баёнияи дуюми идоракунандаи танбал омода ҳастем: “Ман тарсидам”. Тарс ӯро фалаҷ кард. Суханони идоракунандаи сеюм аз тарҷумаи *“The Message”* ба ман маъқул аст: “Ман медонам, ки Ту меъёрҳои баланд дорӣ... Ту чизи беҳтаринро талаб мекунӣ ва ба хатогиҳо гузашт намекунӣ”.

Ин як ҳикояро ба хотири ман меорад. Ман дар мусобиқаҳои баскетбол таҳти роҳбарии ду мураббӣ иштирок кардаам. Дар ҳар ду даста ман ҳимоятгари ҳамлакунанда будам, чунки ба сабад партофтани тӯб аз минтақаи сехолӣ яке аз чизҳои каме буданд, ки дар ин намуди варзиш ман хуб иҷро карда метавонистам.

Мураббии аввалини ман мехост, ки мо тамоми қувваамонро ба кор барем, ва ӯ бо ин мақсад рӯҳбаландкунӣ ва ислоҳи созандаро истифода мебурд. Ман медонистам, ки вай ҷонибдори ман буд, на зидди ман. Ман аз ҳар қисми майдони баскетбол дилпурона тӯбро ҳаво медодам. Боварие, ки ӯ нисбат ба ман дошт, маро дилпуртар мекард.

Мураббии дуввумини ман дигар хел буд. Аз рӯи суханонаш, ӯ “марде буд, ки меъёрҳои баланд дошт, ва ба хатогиҳо гузашт намекард”. Вақте ки ман тӯбро мепартофтам ва хато мекардам,

вай дар танаффуси навбатӣ маро сахт сарзаниш мекард, ва, одатан, ба зудӣ ман ба курсии бозингарони эҳтиётӣ мефаромадам. Ман дар таҳти роҳбарии ӯ тӯбҳоро бомуваффақият партофта наметавонистам. Вақте ки ман танҳо тамрин мекардам, ва ӯ ҳозир набуд, ман аз тамоми майдон тӯбро ба сабад ворид карда метавонистам. Ман ҳамон бозингар ва дорои ҳамон маҳорат будам, аммо, вақте ки ӯ ҳузур дошт, ман маҳорати худро истифода бурда наметавонистам.

Агар шумо ҷавоби хидматгорро аз порчаи Инҷил, ки ин бобро оғоз мебахшад, хонед, хоҳед дид, ки ӯ дар бораи хоҷаи худ ҳамон гуна фикр мекард, ки ман дар бораи мураббии танқидкунандаи худ фикр мекардам. Аммо тафовути калон вуҷуд дорад: *дар асл,* хоҷаи ин хидматгор ба мураббии дуввумини ман монанд набуд.

Боз ҳам, чуноне ки мо дар боби гузашта гуфта будем, маҳз барои ҳамин муҳим аст, ки мо барои шинохтани Худованд вақт ҷудо кунем. Ӯ тамоман ба *тасаввури* ин хидматгори танбал монанд нест. Худо тарафдори мост. Ӯ ба мо боварӣ дорад ва аз мо дилпур аст. Агар мо Ӯро ин тавр тасаввур накунем, мо ба осонӣ ба тарс дода мешавем, ва атоҳои мо ба хок дафн карда мешаванд.

Ҳоло мо решаи тамоман дигари бесамариро баррасӣ мекунем. Чуноне ки мо дар боби қаблӣ қайд карда будем, одамоне ҳастанд, ки Худоро мешиносанд, аммо то ҳол бо тарс мубориза мебаранд ва ҳатто ба он дода мешаванд. Каломи Худо дар бораи сабабҳои ин падида сухан мегӯяд ва мо онҳоро то охири ин боб ба таври муфассал муҳокима мекунем. Аммо аввалан биёед дар бораи тарс якчанд фикрҳои таъсирбахшро мехонем:

> “Инсон набояд аз марг, балки аз он битарсад, ки ҳеҷ гоҳ ба зиндагӣ оғоз накардааст”.
>
> – Марк Аврелий

> “Ҳеҷ гоҳ аз кӯшиши чизи нав натарсед. Дар ёд дошта бошед, ки Киштиро ҳаваскорон сохтаанд, вале *Титаникро* – мутахассисон”.
>
> – Муаллифи номаълум

"Иштибоҳи бузургтарине, ки мо содир мекунем, ин зиндагӣ дар тарси доимӣ аз содир кардани иштибоҳ аст".

– Ҷон К. Максвелл

"Яке аз кашфиётҳои азиме, ки инсон ба амал меорад, яке аз бузургтарин сюрпризҳо ин дарк кардани он аст, ки ӯ барои иҷрои коре қодир мебошад, ки қаблан барои худ ғайриимкон меҳисобид".

– Ҳенри Форд

Биёед муҳокимаронии худро бо чунин як ҳақиқати раднопазир оғоз мекунем: *муҳаббати Худо ба тарси носолим муқобил аст.* Вақте ки мо Худо ва одамонро бо муҳаббати бешарт дӯст медорем, тарс решакан мешавад. Ҳаворӣ Юҳанно менависад, ки "Муҳаббати комил тарсро меронад" (1 Юҳанно 4:18).

Дар бораи ин ҳақиқат сухан ронда истода, ман мулоқоти худро бо Рӯҳулқудс, ки дар шаҳри Сан Диего ба вуқӯъ омад ва чашми маро ба бисёр чизҳо воз кард, ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам. Ман нав хидматро тамом карда будам ва дар утоқи меҳмонхонаам танҳо менишастам. Ман барои писаронамон бар зидди тарс ҷанг мекардам. Ман дар бораи фарзандони ходимон, ки ба таври фоҷиабор ҳалок шудаанд, мешунидам – касе аз таъсири қувваи барқ, бисёриҳо дар садамаҳои нақлиётӣ, баъзеҳо аз нашъамандӣ ё ғарқшавӣ, ва дигарон бо сабабҳои гуногун. Ман ҳамон лаҳза боз дар бораи як фоҷиа шунидам ва кӯшиш мекардам, то хавотириеро, ки маро азият медод, дур кунам. Ногаҳон ман дар қалби худ шунидам: "Писарам, тарс ин нишондиҳанда аст. Он танҳо он соҳаи ҳаёти туро, ки ба Ман насупоридаӣ, ошкор мекунад; ин соҳа то ҳол ба ту мутааллиқ аст".

Суханони Ӯ маро ба ҳайрат оварданд. Ман дарк кардам, ки ба он чизе, ки даст задам, дошта истода наметавонам. Пас аз чанд сонияи баъди ин кушоиш, ман дар утоқи худ фарёд задам:

– Падар, ин писарон аз они ман нестанд. Ман танҳо идоракунандаи фарзандони Ту ҳастам. Бинобар ин, ман мехоҳам, ки

хоҳишҳои Ту, чи хеле ки ҳастанд, дар ҳаёти онҳо иҷро шаванд. Агар ба Ту писанд ояд, Ту метавонӣ онҳоро ба дигар канори олам ва ба осмон бигирӣ, аммо бо далерӣ аз ту илтиҷо мекунам, ки онҳо дар ин дунё ҳамаи он чиро, ки Ту барояшон онҳоро офаридӣ, иҷро кунанд.

Баъд аз ин ман боз ҳам баландтар фарёд задам:

– Иблис, ба номи Исо, ман ба ту фармон медиҳам, ки ба онҳо наздик нашавӣ! Ман эълон мекунам, ки онҳо аз они Худо мебошанд, ва ман он чиро, ки ба Худо мутааллиқ аст, куштан, дуздидан ва талаф карданро манъ месозам!

Қалби ман аз оромӣ пур шуд, ва баъд аз ин ман дигар ҳеҷ гоҳ барои чаҳор писаронамон музтариб нашудам. Вақте ки изтироб наздик мешуд, ман қатъиян мегуфтам: “Ман ташвишҳоямро дар ҳаққи фарзандонамон дар Сан Диего ба Худо супурдаам, ва ман қарори худамро дигар намекунам”. Ҳар дафъа тарс зуд хомӯш мешуд ва оромӣ бармегашт.

Тарс нозири даҳшатнок аст. Он зишт аст, мехоҳад шуморо назорат кунад, ва, ҳамин ки бар шумо қудрат пайдо кунад, шумо дар зери фишори он қарор мегиред. Агар шумо ба тарс бо таври нодуруст муносибат кунед, вай ба даъвати шумо халал мерасонад. Аммо, хабари хуш дар он аст, ки тарсро мағлуб кардан мумкин аст, аммо бо он чӣ тавр ҷанг карданро донистан зарур аст.

## БА АТОИ ХУД БОДИҚҚАТ БОШЕД

Павлус ба Тимотиюс, ба “писари рӯҳонӣ”-и худ, ду нома навиштааст. Дар ҳар ду нома ӯ дар бораи он воқеияти ҳол сухан ронд, ки ба атои *(харизмаи)* Тимотиюс беътиноӣ зоҳир карда мешуд ва он амал намекард. Биёед аз худи аввал чунин арзёбӣ мекунем: Тимотиюс одами парҳезгор буд. Дар номаҳои худ Павлус хислати озмудашуда ва имони ҳақиқии ӯро таҳсин кардааст. Тимотиюс аниқ ба шумори одамоне, ки бо сабаби надонистани хислати Худо аз таъсири тарс фалаҷ гардидаанд, дохил намешавад. Дар номаи якуми Павлус навишта шудааст: “Ба атое, ки дар туст, *беэътиноӣ* накун” (1 Тимотиюс 4:14, NKJV).

Ибораи *“беэътиноӣ кардан”* аз калимаи юнонии *“амлео”,* ки маънояш “аҳамият надодан ё хунукназарона муносибат кардан” мебошад, тарҷума шудааст. Маъхази дигар ба ин калима чунин таъриф медиҳад: “дар бораи чизе фикр накардан, ва, дар натиҷа, ба таври лозима посух надодан – диққат надодан ба чизе”.

Аз кадом сабаб Тимотиюс ё ҳар яки мо метавонем ба атои худододаи худ аҳамият надиҳем, таваҷҷӯҳ зоҳир накунем, ё ҳатто зиёда аз он дар борааш фикр ҳам накунем. Яке аз сабабҳои эҳтимолӣ чунин аст:

*Он мувофиқи интизориҳои мо амал намекунад ё натиҷа намеорад.*

Фикре ба миён меояд: “Ман кӯшиш кардам ва натиҷа надод”. Вақте ки ман 20-сола будам ва то зиёда аз 30-солагиам, аксар вақт ба васвасаи ҳамин тавр фикр кардан дода мешудам. Чуноне ки ман аллакай навиштам, боре Лиза ва дугонааш ҳангоми мавъизаи ман хоб карданд. Ман фикр кардам: *“Агар дар вақти мавъизаи ман ҳатто одамони ба ман наздиктарин хоб кунанд, кӣ маро шунидан мехоҳад?”*

Тақрибан дар ҳамон вақт боз як вазъият ба ақли ман баъзе фикрҳоро дар бораи мағлубият кишт мекард. Ман ва як дӯстам дар мактаби якшанбегӣ дарс мегузаронидем. Дар дарсҳои ӯ, ки дар толор бидуни курсиҳо баргузор мешуданд, 200 нафар ширкат мекарданд. Дар айни замон, дар дарсҳои ман тақрибан 20 нафар иштирок менамуданд. Як дафъа ба дарсе, ки ман мегузаронидам, танҳо як нафар омаду халос!

Вақте ки ман ба васваса афтода, атоҳои худро зери шубҳа мегузоштам, боз бисёр ҳолатҳои дигар буданд, ки номбар кардан душвор аст. Акнун ман мефаҳмам, ки агар ман ба ин фикрҳо оид ба интизориҳои бенатиҷа ва нокомиҳои ошкоро дода мешудам, ман хидматро тарк карда, роҳи дигареро пеш мегирифтам. Дар ниҳоят, ман аз сababи тарк кардани даъвати ҳаёти худ бадбахт мешудам.

Мо боз бо як сабаб метавонем ба атои худододаи худ аҳамият надиҳем ва таваҷҷӯҳ зоҳир накунем:

### *Суханони танқидӣ дар ҳаққи мо.*

Бешубҳа, вақте ки дастхати аввалини маро сарфи назар карданд, ба зери танқид гузоштанд, ва баъд аввалан аз тарафи муҳаррири якум, ва сипас аз тарафи ноширон рад карда шуд, ман ба васвасаи сахти дигар нанавиштан дучор шудам. Вақте ки аллакай ман китобамро худам мустақилона нашр кардам, яке аз дӯстонам услуби навиштани маро бо суханони назарногирона танқид кард. Бегоҳ пас аз он ки ман онҳоро шунидам, дар давоми 20 ё 30 дақиқа дар фарши меҳмонхонаамон беҳаракат дароз кашидам. Ман ба шифт нигаристам ва худро комилан рӯҳафтода ҳис кардам. Ман дар бораи он андеша кардам, ки оё як соли пурраи ҳаёти худ ва пули зиёдеро барои ин китоб беҳуда сарф накардам. Ман фикр кардам: *"Муҳаррири аввал, ноширон, ва акнун дӯстони ман – ҳамаи онҳо китобамро танқид карданд. Бедор шав, Ҷон! Чаро ту иқрор шудан намехоҳӣ, ки ин китоби бекора аст, ва ин нокомӣ мебошад?"*

Агар ман ба ин андешаҳо ва танқидҳои дигар дода мешудам, ман китоби дуюми худро, ки низ ноком ба назар мерасид, наменавиштам. Дар ёд дорам, онро ба яке аз муаллимаҳои пешинаам, ки дар мактаби Китоби Муқаддас кор мекард, фиристодам. Ӯ онро сахт танқид кард, ва ман боз ҳам зиёдтар рӯҳафтода шудам! То он вақт дуним сол сипарӣ шуда буд, ва китобҳо муваффақ набуданд.

Агар ман дар ягон лаҳза ба танқидҳо ва фикрҳои ноумедкунандаи худ гӯш медодам, ман метавонистам ба осонӣ таслим шавам. Ва ман китоби сеюми худро, ки албатта, *"Доми Шайтон"* буд, наменавиштам.

Мо боз бо як сабаб метавонем ба атои худододаамон аҳамият надиҳем ва таваҷҷӯҳ зоҳир накунем:

### *Тарси нокомӣ.*

Дар мавриди ин гуна тарс тааҷҷубовараш он аст, ки мо пеш аз сар кардани ягон кор нокомиро интизор мешавем, ва аз ин рӯ ҳатто ҳеҷ коре накарда, худамонро ҳимоя кардан мехоҳем! Мо фикр

мекунем: *“Кӯшиш кардан чӣ лозим аст, агар натиҷа надиҳад?”* Бисёр орзуҳо ва бинишҳо бо сабаби тарси нокомӣ барбод рафтаанд. То чӣ андоза ғамангез аст, ки атоҳои худодод ба мисли таланти идоракунандаи танбал истифода бурда намешаванд.

Дӯсти ман Майлс Монро дар китоби худ *“Ба ҳадди аъло расонидани потенсиали худ”* дар бораи натиҷаҳои тарси нокомӣ чунин навиштааст:

“Қабристон дар рӯи замин ҷои аз ҳама бойтарин аст, чунки дар он ҷо ҳама умеду орзуҳое, ки ба амал наомадаанд, китобҳое, ки навишта нашудаанд, сурудҳое, ки сароида нашудаанд, ихтироъҳое, ки ба вуҷуд оварда нашудаанд, доруҳое, ки кашф карда нашудаанд, дафн карда шудаанд, чунки касе *аз гузоштани қадами аввал* сахт тарсидааст”.

Бо Майлс розӣ шуда, ман ҷиддан шуморо огоҳ мекунам: ба он роҳ надиҳед, ки атоҳои худододаи шумо дар ҳаёт татбиқ нашуда монанд.

Он чизе, ки ман ҳоло мегӯям, шуморо ҳайрон карда метавонад, чунки ҳамаи мо Тимотиюсро хеле қадр мекунем. Вале мо аз номаҳои Павлус медонем, ки Тимотиюс ба ҳамон самт равона буд, ки идоракунандаи танбал низ! Атои худододаи ӯ дар ҳолати ғанаб кардан буд, ва ӯ ба ин аҳамият намедод. Хушбахтона, ӯ дар имон падари ғамхор дошт, ки дар ин ҳолат боқӣ мондани ӯро раво намедонист.

Дар номаи дуюм, ки Павлус ба “писари” худ навишт, ӯ дигар вақтро сарф накарда, зуд ба ин масъала гузашт: “Ба ин сабаб ба ту хотиррасон мекунам, ки он бахшоиши Худоро, ки ба василаи гузоштани дастҳои ман дар туст, *авҷ гиронӣ”* (2 Тимотиюс 1:6). Ибораи *“авҷ гирондан”* аз калимаи юнонии *“аназопурео”* тарҷума шудааст, ки маънояш “боз даргирондани оташ” мебошад. Аммо “Луғати юнонӣ-англисӣ” маънои пурратари ин калимаро баён мекунад: “аз нав сар кардани чизе; аз нав барқарор кардан”. Атои Худо дар Тимотиюс амал намекард, ва онро аз нав ба кор андохтан лозим буд. Аммо сабаби ин ғанабкунӣ чӣ буд? Павлус инро дар ояти навбатӣ шарҳ медиҳад:

“Зеро ки Худо ба мо на рӯҳи тарсу ҳаросро, балки рӯҳи қувват ва муҳаббат ва парҳезгорӣ додааст” (2 Тимотиюс 1:7, НРП).

Калимаи юнониe, ки ҳамчун *“тарс”* тарҷума карда шудааст, ин *“деилиа”* мебошад, аммо тарҷумаи аниқтари ин калима *“беҷуръатӣ”* аст. Павлус инро дар назар дорад: “Тимотиюс, атои худододаи ту аз сабаби рӯҳи *тарс* ба пинак рафтааст”, ё, агар возеҳтар гӯем, “Тимотиюс, атои худододаи ту аз сабаби рӯҳи *беҷуръатӣ* амал накарда истодааст”.

Мо ин калимаро ба осонӣ фаҳмида метавонем. Маънои калимаи “беҷуръатӣ” ин “бо сабаби тарс аз амал боздошта шудан” мебошад. Аммо аз ҳама муҳимтаринаш он аст, ки дар пушти беҷуръатӣ *рӯҳ* меистад. Ин қувваи рӯҳонӣ аст, ва, агар мо ба тарс дар сатҳи рӯҳонӣ муқобил набароем, мо онро пурра решакан карда наметавонем.

## МУБОРИЗАИ МАН БАР ЗИДДИ БЕҶУРЪАТӢ

Ман дар ин бора ҳама чизро медонам, чунки ман солҳои зиёд бо ин рӯҳ мубориза бурдаам. Ман тахмин мекардам, ки сабаби беҷуръатии ман сустии худам буд. Аммо боре, ҳангоми ҷамъомадҳои ҳаррӯзаи аввали солҳои 1990-ум, ман фаҳмидам, ки хулосаи ман пурра нодуруст будааст. Ман маҷбур будам, ки дар давоми ҳамагӣ чор рӯз дар як калисо, ки дар шаҳри на он қадар калон ҷойгир буд, ҷамъомад баргузор кунам. Аммо ин ҷамъомадҳо ба ҷунбиши Худо мубаддал шуданд, ва се ҳафта давом карданд. Ҳар бегоҳӣ дар бинои калисо ҷои холӣ набуд; бисёриҳо наҷот меёфтанд, шифо пайдо мекарданд ва озод мешуданд. Атои худододаи ман – атои мавъиза кардан – пурқудратона амал мекард. Ин вақти аҷоиб буд. Одамон 150 километр роҳро тай карда меомаданд, то ки дар ин хидматгузорӣ иштирок кунанд. Ман аниқ дар ёд дорам, ки вақте рӯзона ба толори холӣ медаромадам, ба назарам, ҳузури Худо дар он ҷо сокин буд.

Аммо як бегоҳӣ дар ҳафтаи охир ҳама чиз дигар шуд. Бегоҳии

рӯзи қаблӣ якчанд роҳбарони гурӯҳи парастиш маро танқид карданд. Яке аз роҳбарони ин калисо пеш аз оғози хидматгузорӣ дар ин бора ба ман хабар дод. Суханони онҳо худбоварона, аммо беозор буданд. Вале, ман онҳоро аз майнаи худ дур карда наметавонистам. Диққати ман аз хидматгузории дарпешистода ба танқиди паёми дирӯзаи ман равона гардид. Шубони ин калисо эътирозҳои онҳоро рад кард; мо дуо кардем ва ба толор равона шудем, чуноне ки аллакай чандин бегоҳӣ ин тавр мекардем.

Ҳамон бегоҳӣ ҳама чиз хушк ба назар мерасид. Ман кӯшиш кардам, то чунон хидмат кунам, ки ду ҳафтаи пеш карда будам, аммо ман музтариб шуда будам, фикрҳоямро ба як ҷо ҷамъ карда наметавонистам ва дар назди минбар истодан намехостам. Ман бо дари қафо гурехтан мехостам! Ман худро, чун дар солҳои наврасӣ, дар синфҳои болоӣ, вақте ки дар назди ҳамсинфонам баромад карда, шармандавор ноком мешудам, беқувват ҳис мекардам. Дар ман тадҳини ҳузури Худо набуд. Ин даҳшатнок буд. Ман хидматгузориро барвақт тамом карда, ба ҷое, ки иқомат доштам, баргаштам.

Ман аз Худо хафа шуда будам. *Чаро Ӯ ба ман ёрӣ надод? Чаро ин хидматгузорӣ дигар хел буд? Чаро ман худро таркшуда ҳис кардам?* Ман фикр кардам: *"Ин паём ва ин хидмат риққатовар буд. Фардо бегоҳӣ касе намеояд. Ва ман ҳам фардо ба он ҷо баргаштан намехоҳам".*

Ман бо умеди он, ки фардо ҳама чиз тағйир меёбад, хоб кардам.

Субҳи дигар ман бо ҳиссиёти вазнин, бо ҳолати рӯҳафтодагӣ ва афсурдаҳолӣ аз хоб бедор шудам. Ман ба дуо кардан кӯшиш намудам, вале бенатиҷа буд. Ноором аз он чиз, ки рӯй медод, зиёд шудан гирифт. Дар давоми рӯз ман се соат дар дуо вақт гузаронидам, ва ҳамаи ин вақт бо фикрҳо оиди нокомӣ мубориза бурдам. Ман то даме, ки аз ин эҳсосоти вазнин халос шудам, дуо кардам, ва фикран ба хидматгузории минбаъда тайёр шудам.

Ҳамон бегоҳӣ дар толори калисо ибодат хушк ба назар мерасид ва ман эҳсос кардам, ки чизи додание ба мардум

надорам. Ман боз мехостам, ки бо дари қафо гурезам. Ҳамин ки аз ман ба минбар баромаданро хоҳиш карданд, ман давоми якчанд дақиқа печ дар печ сухан рондам. Ман фикрҳоямро ҷамъ карда наметавонистам. Ногаҳон ман дар зеҳни худ овозе шунидам: "Ҳозир ту чӣ гуфтӣ? Умуман ту дар бораи чӣ сухан ронда истодаӣ? Ту хандаовар ҳастӣ!"

Ман дигар инро тоқат кардан намехостам. Ногаҳон, дар назди 600 нафар одам истода, аз даҳонам чунин суханон баромаданд:

– Ман намедонам, ки чӣ шуд, аммо дар ду шоми охир чизи аҷибе рух дода истодааст. Оё шумо бархеста, бо ман дуо карда метавонед?

Вақте ки мо дуо кардем, Худо ба ман гап зад – ман дар давоми бештар аз 24 соат овози Ӯро аввалин бор шунидам. Ӯ суханони Павлусро аз 2 Тимотиюс 1:7 ба ёди ман овард ва гуфт: "Писарам, гурӯҳи парастиш, ки ҳоло дар саҳна дар паси ту истодааст, туро тарсонид. *Рӯҳи беҷуръатиро* бишкан ва он чизеро, ки Ман ба ту медиҳам, мавъиза кун".

Ман гуфтаҳои Ӯро иҷро кардам, ва фавран аз Каломи Худо паёми ҷасурона гирифтам. Ин хидматгузорӣ дар давоми 21 рӯз аз ҳама пурқувваттарин буд. Ҳафтоду панҷ фоизи ширкаткунандагон ба пеш баромаданд, ва эътироф карданд, ки онҳо низ бо беҷуръатӣ мубориза бурдаанд. Гузаргоҳҳо аз одамоне, ки дуои озодибахш гирифтан мехостанд, пур шуда буданд.

Шубони он калисо пас аз чанд ҳафта бо ман тамос гирифт, то ки дар бораи то чӣ андоза муваффақ шудани он хидматгузорӣ сӯҳбат кунад. Маълум шуд, ки сардорони гурӯҳи парастиш, ки маро танқид карда буданд, бо гуноҳҳои азим – зинокорӣ, шаҳватпарастӣ ва майхорагӣ зиндагӣ мекарданд. Ҳамаи ин дар тӯли ду ҳафтаи минбаъда маълум шуд, ва ҳама, ба ғайр аз як нафар, калисоро тарк карданд. Шубон гуфт, ки гурӯҳи парастиш баъд аз ин воқеа хеле муттафиқ ва самаранок гардид. Ин таҷриба ҳаёти одамон ва хидматгузории он калисоро тағйир дод.

Дар ҳаёти ман ин таҷриба мубориза маро бо депрессия, ки солҳои тӯлонӣ идома дошт ва кӯшишҳои маро барои баъзан

бо қуввати худ доир кардани хидматгузориҳо бидуни истифода бурдани атоҳое, ки Худо ба ман додааст, хотима бахшид. Кашфиёти аз ҳама муҳимтарин барои ман он буд, ки ба *рӯҳи беҷуръатӣ* рӯйрост муқобилият кардан зарур аст, чуноне ки Исо ҳангоми озмоиши Худ дар биёбон рӯйрост ба зидди иблис бо Каломи Худо муқобилият карда буд. Исо *аз Худо* дархост накард, ки ин ҳамлаҳоро аз Ӯ дур кунад; Ӯ Худ қатъиян ва мустақиман фармон дод, ки шайтон за Вай дур шавад.

## ИВАЗ КАРДАНИ ИЛЁС

Ман ба шумо маслиҳат медиҳам, ки 3 Подшоҳон 17-19-ро хонед. Дар ин бобҳо шумо як қиссаро оиди беҷуръатӣ, ки ба қиссаи ман шабоҳат дорад, яъне рӯбарӯшавии Илёсро бо Изобал, маликаи Исроил, пайдо мекунед.

Ин набии бузург дар кӯҳи Кармил ба тамоми Исроил ҷасурона муқобилият нишон дод. Вай 850 анбиёи козиб, подшоҳ Аҳъоб ва ходимони ӯро ба шӯр овард. Худо ба дуои Илёс пурқудратона ҷавоб дод ва дар назди тамоми мардум аз осмон оташ фиристод. Илёс ҳатто фармон дод, ки тамоми анбиёи козибро қатл кунанд. Атои Илёс пурқудратона амал мекард! Баъд аз ин ӯ дуо кард ва хушксолие, ки сеюним сол тӯл мекашид, хотима ёфт. Дар охир, ӯ давида, аз аробаи подшоҳ пеш гузашт! Ҳамаи ин воқеаҳо дар як рӯз ба амал омаданд. Ин ҳайратбахш аст!

Аммо то ғуруби офтоб Изобал дар бораи ҳамаи ин воқеаҳо шунид ва муҳорибаи ҳақиқӣ оғоз шуд:

> «Изобал ба Илёс чунин паём фиристод: “Худоён маро зарба зананд ва ҳатто бикушанд, агар фардо дар ҳамин вақт туро накушам, чуноне ки ту онҳоро куштӣ”» (3 Подшоҳон 19:2, NLT).

Пеш аз он, ки ба таҳдиди Изобал гузарем, бо иҷозати шумо гуфтаниям, ки рӯҳҳо ба серфингистҳо монанд мебошанд. Чуноне ки ба серфингистҳо барои шино кардан мавҷ лозим аст, ба рӯҳҳо суханон лозиманд, то ки амал кунанд. Навишта шудааст: “Ҳар

аслиҳае ки бар зидди ту сохта шавад, муваффақият нахоҳад ёфт; ва ҳар овозеро, ки барои айбдор кардани ту бармехезад, *хомӯш хоҳӣ гардонд.* Ходимони Худованд чунин бартариятҳо доранд" (Ишаъё 54:17, NLT). Диққат диҳед, ки мо ҳар овозеро, ки бар зидди мо бармехезад, бояд хомӯш гардонем. Ин кори мо аст, на кори Худованд. Вақте ки Исо дар биёбон буд, Ӯ аз Худо хоҳиш накард, ки шайтонро хомӯш гардонад. Мо низ, вақте ки ба ҳамлаҳо дучор мешавем, набояд ин тавр рафтор кунем.

Аён аст, ки суханони Изобал рӯҳияи тарсро ба вуҷуд оварданд. Ба он аҳамият диҳед, ки Илёс онҳоро шунида, чӣ гуна рафтор кард: "Ва ӯ ин хатарро дида, бархост ва барои ҳифзи ҷони худ равона шуд" (3 Подшоҳон 19:3).

Ин мард, ки ба тамоми халқ, ба анбиёи козиб ва ба подшоҳ мухолифат мекард, гурехт. Ӯ тамоми кишварро гузашта, як рӯз дар биёбон роҳ гашт, дар зери дарахт нишаст ва *барои мурдан дуо кард.*

Наход ки ин ҳамон шахс бошад? Чӣ рӯй дода истодааст? Вай аниқ ошуфта, афсурда ва дар ҳолати ноумедӣ буд. Ин нишонаҳои рӯҳи беҷуръатӣ мебошанд. Мутаассифона, аксари одамон бо нишонаҳои беҷуръатӣ мубориза мебаранд, на бо рӯҳе, ки дар пушти он меистад.

Аз сабаби надонистан, ман низ дар давоми солҳои зиёд, то он шоме, ки Худованд асрори рӯҳи шариррро фош кард, бо нишонаҳо мубориза мебурдам. Ман атои худро истифода бурда наметавонистам ва сабаби онро намедонистам.

Илёс таслим шуд, ва аз ин рӯ Худо набии ноумедгаштаро ба сафар фиристод. Ба ӯ фариштa зоҳир шуд ва ба ӯ барои сафари чилрӯза ба кӯҳи Сино ғизо дод. Вақте ки ӯ ба он ҷо расид, якум, он чиз, ки Худо аз ӯ талаб кард, чунин буд: "Эй Илёс, туро дар ин ҷо чӣ кор аст?" (3 Подшоҳон 19:9, НРП).

Чӣ? Андаке сабр кунед! Худо ба фаришта амр дод, ки ба Илёс ғизо диҳад, то ӯ ин роҳро тай карда тавонад. Аммо, вақте ки вай ба он ҷо расид, Худо аз ӯ пурсид, ки чаро ӯ дар ин ҷост? Наход Худо ба касалии шизофрения гирифтор аст?

Албатта не! Мо бояд нуктаҳои минбаъдаро дарк кунем. Вақте ки мо бо тарсончакӣ мубориза мебарем, аксар вақт Худо моро ба минтақаи бетараф мефирситонад, то ба мо хидмат кунад, чунки Ӯ моро дӯст медорад. Ман намедонистам, ки ҳангоми он хидматгузориҳо чӣ рӯй медод, аммо ман бовар намекунам, ки Илёс низ ҳеҷ чизро намедонист. Вай медонист, ки чӣ гуна ба бадӣ далерона муқобилат кунад, аммо ӯ аз ин малика метарсид.

Мо бояд пурсем, ки Худо чиро дар назар дошт. Худо пурсид, ки чаро Илёс ба ин малика муқобилият накард, чунки маҳз вай ташаббускори ҳамаи бадиҳо буд. Вайро боздоштан лозим буд, аммо Илёс аз вай гурехт.

Ба ҷои он, ки ба саволи Худо мувофиқ ҷавоб диҳад, Илёс мавзӯъро дигар кард ва ба шикоят кардан оғоз намуд, ки ӯ ягона ходими ҳақиқии Худост, ки зинда мондааст. Вай достони ашковари классикиро баён кард:

> “Ман ба Худованд, Худои лашкарҳо, бо рашки азим хидмат кардам. Исроилиён аҳди Туро тарк намуданд, қурбонгоҳҳои Туро вайрон карданд, ва анбиёи Туро бо шамшер куштанд. Танҳо ман мондаам, ва онҳо мехоҳанд, ки маро ҳам кушанд” (3 Подшоҳон 19:10, НРП).

Худо ҷавоби ӯро комилан ба назар нагирифт ва боз ҳамон саволро дод: “Эй Илёс, туро дар ин ҷо чӣ кор аст?” (3 Подшоҳон 19:13, НРП). Илёс боз ҳамон қиссаи ашковарро нақл кард (ниг. ояти 14). Ӯ таслим шуд ва бо бадии воқеӣ, ки дар паси бадии намоён истода буд, мубориза бурдан нахост.

Худо боз қиссаи ғамангези ӯро комилан сарфи назар кард ва ба ӯ супориши ҳайратангез дод:

> “Рафта, бо роҳи худ ба биёбони Димишқ баргард, ва омада, Ҳазоилро ба подшоҳӣ бар Арам тадҳин намо; ва Еҳу ибни Нимширо ба подшоҳӣ бар Исроил тадҳин намо, ва Элишоъ ибни Шофотро, ки аз Обил-Маҳӯло мебошад, *ба набигӣ ба ҷои худат* тадҳин намо” (3 Подшоҳон 19:15-16).

Оё шумо ба суханони охир аҳамият додед: *“ба набигӣ ба ҷои худат”?* Худо Илёсро иваз кард, чунки вай ба тарс дода шуд ва аз он мағлуб гардид. Агар шумо хонданро давом диҳед, дар 4 Подшоҳон мебинед, ки Илёс бештар аз чор соли минбаъда ба шахсе, ки бояд ӯро иваз мекард, таълим медод. Далели боз ҳам ҳайратангезе мавҷуд мебошад: ӯ на Ҳазоил, на Еҳуро тадҳин накард. Ин корро Элишоъ, ки ӯро иваз кард, анҷом дод.

Элишоъ ҳеҷ гоҳ нагузошт, ки ӯро тарсонанд. Ӯ ҷасур буд ва аз ҳеҷ бадӣ ақибнишинӣ накард. Худо дар бораи ӯ мегӯяд: “Ҳар кӣ аз шамшери Еҳу наҷот ёбад, Элишоъ ӯро мекушад” (3 Подшоҳон 19:17). Еҳу ва Элишоъ сулоли шарири Аҳъоб ва Изобалро сарнагун карданд. Ман боварӣ дорам, ки сараввал ин вазифаи Илёс буд, вале, аз беҷуръатӣ, даъвати ӯ иваз карда шуд.

Мо дарк мекунем, ки Илёс, бар хилофи ходими танбал, хислати Худоро медонист. Аммо муборизаи ӯ ба таври равшан нишон медиҳад, ки чӣ тавр тарс ва беҷуръатӣ ба ато ва даъвати мо таъсир расонида метавонанд.

Муҳимтар аз ҳама он аст, ки қатъиян тасмим гирем, то вақте ки ба тарс ва беҷуръатӣ рӯ ба рӯ мешавем, ақибнишинӣ накунем. Вақте ки мо бо ин қувва рӯ ба рӯ мешавем, Худо моро пуштибонӣ мекунад. Онро мағлуб кардан мумкин аст, вале мо бояд бо ёрии Каломи Худо ва ваъдаҳои Ӯ рӯ ба рӯ ба он ҳамла кунем.

Ман такроран мегӯям, ки Худо тарафдори шумост. Ӯ мехоҳад, ки дар атоҳое, ки Ӯ ба шумо додааст, муваффақ шавед. Ақибнишинӣ накунед. Нагузоред, ки касе ё чизе шуморо аз рисолат ва даъвати шумо боздорад.

## ТАФАККУР КУНЕД

1. Тарс орзуҳои бисёр одамонроduzдидааст. Он зишт аст, мехоҳад шуморо назорат кунад, ва, агар шумо бо таври нодуруст ба тарс муносибат кунед, вай ба даъвати шумо халал мерасонад. Чӣ тавр тарс ба даъвати шумо халал расондан мехост?
2. Тимотиюс ҳушдор карда шуд, ки ба атои худ беэътиноӣ накунад. Чаро сарфи назар кардани атои худ хатарнок аст? Аз мисолҳое, ки дар ин боб оварда шуданд, кадом сабаби беэътиноӣ ба шумо бештар таъсир кард? Чаро?
3. Беҷуръатӣ – ин рӯҳ. Чӣ тавр шумо бо ин рӯҳ рӯ ба рӯ шудаед? Чӣ тавр ин рӯҳро мағлуб кардан мумкин аст?

*“Кӣ будани худатонро ва кореро, ки ба шумо дода шудааст, бодиққат тафтиш кунед ва сипас аз таҳти дил ба он машғул шавед... Ҳар яки шумо то ҳадди имкон масъулияти иҷро кардани кори эҷодиро бо ҳаётатон ба зиммаи худ гиред”.*

– Ғалотиён 6:4-5, MSG

# 14

# Атоҳои худро ошкор кунед ва такмил диҳед

Акнун мо дар бораи ошкор кардан ва такмил додани атоҳое, ки Худо ба мо додааст, сӯҳбат мекунем. Ман аллакай қайд карда будам, ки ният дорам, то дар бораи рушди истеъдод ва қобилиятҳои табиӣ сӯҳбат кунам. Агар ба таври кофӣ машғул шавем, қариб ҳар кас дар ҳар чиз метавонад моҳир гардад.

Вақте ки сухан дар бораи сурудхонӣ меравад, аҳли оилаи ман бо ин изҳорот розӣ шуда наметавонанд, ва, эҳтимол, онҳо ҳақ мебароянд. Аз ин рӯ, иҷозат диҳед, ки ба шумо як мисоли воқеӣ биёрам. Агар ман ягон асбоби мусиқиро дар давоми 10.000 соат машқ мекардам, ман метавонистам аз як навозандаи бадсалиқатарин ба як навозандаи миёна табдил ёбам. Ба туфайли вақт ва кӯшишҳо, қобилияти навозандагии ман беҳтар шуда метавонист.

Аммо, ҳатто пас аз ин ҳама машғулиятҳои бошиддат, он аздусар ба *харизмае*, ки ба даъвати ман барои сохтани Подшоҳии Худо кӯмак мекард, табдил ёфта наметавонист.

## ИШТИРОКИ ХУДО

Дар қисми аввали ин боб мо дар бораи суханони зерини Павлус сӯҳбат мекунем: *“Кӣ будани худатонро ва кореро, ки ба*

*шумо дода шудааст, бодиққат тафтиш кунед"*. Барои ошкор кардани даъвати шумо ва атоҳое, ки онро ҳамроҳӣ мекунанд, ҳеҷ гуна формулаҳо мавҷуд нестанд. Албатта, бисёр маводҳое мавҷуд мебошанд, ки ба шумо дар ошкор кардани маҳорату малакаи шумо кӯмак карда метавонанд. Аммо, вақте ки гап дар бораи таъсири абадӣ меравад, барои ошкор кардани *даъват* ва *харизмаи* шумо мадади Офаридгорамон лозим мешавад.

Баъзан иштироки бевоситаи Худо дар ошкор шудани атоҳо ба осонӣ фаҳмида мешавад, масалан, вақте ки Ӯ маро ба навиштан водор намуд. Агар ман ҳамон субҳи тобистони соли 1991 дар дуо калом намегирифтам, ҳеҷ гоҳ ба навиштан кӯшиш намекардам. Ягон китоб ё курси таълимӣ маро ба навиштан водор карда наметавонист, ва ман албатта тасодуфӣ ба чунин хулоса намеомадам. Мисоли дигар, шоҳ Довуд ҳеҷ гоҳ намедонист, ки вай ҷанговар аст, агар гӯсфандони худро аз шер ва хирс муҳофизат намекард. Пас аз ин ҳодисаҳо зарур буд, ки касе Исроилро аз фалиштиён озод кунад. Барои Довуд, ҳайвоноти дарранда танҳо зинаҳои тайёрӣ ба муҳориба бо Ҷолиёт буданд, дар ҳоле ки ҳамаи исроилиён пинҳон шуда буданд. Худо ба Довуд имкон дод, то ки ӯ атоҳои худро ба воситаи мӯҳтоҷиҳое, ки дар атрофаш буданд, ошкор кунад.

Агар ба Ҷидъӯн назар кунем, ӯ ба ман шабоҳат дошт. Ба Худо лозим буд, ки ӯро чандин бор ба воситаи пашм бовар кунонад, ки ӯ ҳамчун ҷанговар даъват шудааст.

Биёед аз худи аввал сар мекунем. Бо имон талаб кардани иштироки Худо дар ошкор кардани *харизмаи* шумо хеле муҳим аст. Каломи Худо мегӯяд, ки Худо ба онҳое мукофот медиҳад, ки Ӯро бо ҷидду ҷаҳд ва имон меҷӯянд. Навишта нашудааст, ки Худо ба онҳое мукофот медиҳад, ки Ӯро бепарвоёна, пур аз саволҳо ва шубҳаҳо ҷустуҷӯ мекунанд (парафрази Ибриён 11:6 аз муаллиф). Дар ҳамин маврид, Исо ба мо мегӯяд:

> "Талаб карданро давом диҳед, ва ба шумо дода хоҳад шуд; ҷустанро давом диҳед, ва хоҳед ёфт; дарро бикӯбед, он ба

рӯятон кушода хоҳад шуд; зеро ҳар кӣ биталабад, мегирад, ва ҳар кӣ биҷӯяд, меёбад, ва ҳар кӣ дарро бикӯбад, он ба рӯяш кушода мешавад" (Матто 7:7-8, NLT).

Мо барои донистани *харизмаамон* бояд хоҳиши бепоён дошта бошем. Умедворам, ки ин китоб дар шумо хоҳиши пурҳарорати ошкор кардан ва истифода бурдани атоҳоятонро фурӯзон мекунад. Ин хоҳиш ба шумо имкон намедиҳад, ки фориғболона талаб кунед, биҷӯед ва бикӯбед; шумо суботкор мешавед, ба мисли он ки Исо моро дар порчаи дар боло овардашудаи Инҷил таълим медиҳад. Гап дар он нест, ки Худо аз мо чизеро пиҳон медорад. Ӯ мехоҳад, ки шумо нисбат ба чизе, ки дархост кардаед, хоҳиши зиёд дошта бошед.

Дар синфҳои болоӣ ман телескопи биноишаш қавӣ мехостам, чунки астрономияро дӯст медоштам ва мехостам осмонро биомӯзам. Ман имкони ба даст овардани телескопи хубро надоштам, аммо дар бораи астрономия хондани китобҳо ва маҷаллаҳоро давом медодам. Ман ҳар дафъа аз китобхона чор-панҷ китоб ё маҷалла мегирифтам, онҳоро дар вақти холӣ аз сар то охир мехондам, баъзан чанд бор такроран мутолиа мекардам, ва баъд онҳоро баргардонда, боз дигарашро мегирифтам. Хондан дар ман хоҳиши пайдо кардани телескопро зиёд кард.

Ниҳоят кӯшишҳоям маро ба як фикри ғайриоддӣ оварданд, ки чӣ тавр барои телескоп пул ҷамъ кунам. Ман ҳамчун мураббии теннис кор мекардам ва танҳо дар давраи таътили тобистона дарс медодам. Ман коре кардам, ки дар клуби мо ҳеҷ кас намекард. Бо иҷозати раёсати клуб, ман азм кардам, ки дар мавсими тирамоҳ дарсҳои хусусӣ ташкил кунам. Агар ҳама чиз хуб пеш мерафт, ман барои харидани телескоп маблағи кофӣ ҷамъ карда метавонистам. Ва ман ин корро кардам! Ман ҳеҷ гоҳ ба ин телескоп чунон муносибат намекардам, ки гӯё он осон ба даст омада бошад. Агар касе пеш аз он, ки хоҳиши ман ин қадар пурзӯр шавад, онро ба ман медод, баъд аз паст шудани ҳаяҷони аввалаам, он маро дилгир мекард.

Ин маънои онро надорад, ки Худо шуморо бо душворӣ

мешунавад. Ӯ аз шумо ҳеҷ чизро дареғ намедорад. Ӯ мехоҳад, ки шумо ба он атоҳое, ки Ӯ барои обод кардани халқаш ба шумо медиҳад, чунон муносибат накунед, ки гӯё онҳо беқадр бошанд. Саъю кӯшиши шумо бояд аз муқовимате, ки дар роҳи орзуҳоятон дучор мешавед, қавитар бошад. Бинобар ин имкон диҳед, ки хоҳишҳоятон афзоиш ёбанд ва, ба туфайли қуввати он, шумо ҳамеша саъй хоҳед кард, ки дар бораи *харизма* ва атоҳои худ огоҳӣ ёбед.

Дигараш, мо бояд дарк кунем, ки Худо ба мо бо усулҳои қолабӣ ҷавоб намедиҳад. Ӯ ба ҳар як фарзандонаш бо тарзҳои гуногун ҷавоб медиҳад. Баъзан ман ҳайрон мешавам, ки мо доимо дар бораи “муносибатҳои шахсӣ” бо Исо гап мезанем, аммо, вақте ки Худоро гӯш кардан зарур мешавад – дар ҳолати мушаххаси мо, барои огоҳӣ ёфтан аз *харизма* ва атоҳоямон – мо усулҳои қолабиро пайравӣ мекунем. Худо мехоҳад, ки онро дар сатҳи шахсӣ гузорад. Ӯ мехоҳад, ки ин танҳо дар байни шумо ва Ӯ бошад. Ӯ ба дуоҳои фарзандони азизаш ба таври якхела ҷавоб намедиҳад. Ана барои ҳамин Исо ба мо дастур медиҳад, ки талабидан, ҷустан ва кӯбиданро давом диҳем. “Ҷустуҷӯи” иродаи Ӯ вуҷуд дорад, ва он барои мо хеле фоиданок аст.

Дар раванди ҷустуҷӯҳо мо бояд ба худ ва дигарон савол диҳем. Ин ҳам як қисми раванди ҷустуҷӯҳо мебошад. Мо ҳикмати одамонро намеҷӯем, балки саъй менамоем, то овози Худоро ба воситаи овози онҳое, ки сӯҳбаташон мекунем, бишнавем.

Муҳим аст, ки бо кӣ сӯҳбат мекунед. Мо бояд одамонеро пайдо кунем, ки моро рӯҳбаланд мекунанд, аммо аз гуфтани гапи ҳақ наметарсанд. Гуфтан мехостам, ки ин гуна одамон бисёранд, вале онҳо кам ҳастанд. Ман одамонеро медонам, ки ба наздашон меравам ва онҳо ҳамеша ба ман он чизро нақл мекунанд, ки ман шунидан мехоҳам. Дигарҳо низ ҳастанд, ки, ба назарам, ба ҳама чиз муносибати ноумедона, интиқодӣ ва манфӣ доранд – онҳо биниш надоранд. Аз ин гуна одамон канораҷӯӣ кунед. Падар ё модари боимон ё шахси оқилеро ёбед, ки дар роҳи имон назар ба шумо бештар роҳпаймоӣ кардааст, иштибоҳҳо содир намуда, аз онҳо панд гирифтааст.

Муҳим он аст, ки одамоне, ки шумо ба онҳо боварӣ доред, ба ҳаёт бетавофут ё хунукназарона нигоҳ накунанд, чунки бадгумонӣ ва шубҳа дар онҳое пайдо мешаванд, ки кинагир ҳастанд. Одамеро пайдо кунед, ки зуд мебахшад, касеро, ки дар ҳаёти якранги динӣ дарнамондааст, балки замонҳо ва ҳаракатҳои нав ба нави Рӯҳро пайравӣ карда, ба пеш меравад. Муҳимтар аз ҳама, ин одам бояд ба ҳаёт аз нуқтаи назари абадият нигоҳ кунад. Вақте ки шумо ин гуна шахсро пайдо мекунед, муносибати худро бо ӯ хеле қадр кунед ва барои нигоҳ доштани он ҳар кори аз дастатон меомадаро ба сомон расонед.

Бисёр одамон аз рӯи меъёрҳои ин ҷаҳон оқиланд, аммо онҳо ҳаётро аз нуқтаи назари абадият баррасӣ намекунанд. Шумо ба маслиҳати ин гуна одамон танҳо то андозаи муайян эътимод кунед. Ҳангоми гӯш кардани онҳо боэҳтиёт бошед, ва ҳамеша маслиҳатҳои онҳоро бо Каломи Худо ва дуо тафтиш кунед.

Волидайни шумо, ҳамсаратон ва шубонҳои шумо бароятон чизҳои беҳтаринро мехоҳанд ва, одатан, маслиҳатҳои оқилона медиҳанд, гарчанде истисноҳо вуҷуд доранд. Вақте ки ҷавон будам, ба падарам гуфтам, ки ба хидматгузорӣ машғул шуданро орзу дорам. Одамони замони ӯ ҷонибдорони “зиндагии устувор” (ки сустӣ ба шумор меравад, вақте ки гап дар бораи ҳаёти бо имон меравад) буданд. Падарам гуфт: “Писарам, дар ин роҳ устуворӣ вуҷуд надорад”. Ӯ ба ман пешниҳод кард, ки муҳандис шавам, чунки ман аз математика ва фанҳои дақиқ баҳоҳои хуб доштам, ва худи ӯ низ дар давоми 40 сол муҳандис буд. Ин интихоби касби бардавом буд. Ман нафаҳмида будам, ки барои шаш соли пуразоб дар донишгоҳ сабт шудаам! Гарчанде ман дар ин фанҳо қобилиятнок бошам ҳам, худро бадбахт ҳис мекардам, чунки барои ҳаёти ман ин даъвати Худо набуд.

Аввалин кори ман ба ҳайси муҳандис дар ширкати Ай-Би-Эм буд. Боре роҳбарам маро ба утоқи кории худ даъват кард ва гуфт:

– Бивер, ту дар муҳандисӣ чӣ кор мекунӣ? Ту одами сӯҳбаторо ҳастӣ; Ту бояд дар он соҳае бошӣ, ки бо одамон бисёр муошират мекунанд.

Ходимони машҳур низ дар вақти бисёр хидматгузориҳо маро ба канор бурда, мегуфтанд:

– Писарам, ман мебинам, ки Худо туро барои мавъиза кардани Инҷил даъват кардааст.

Гарчанде ман бо хидмат сарукор доштан намехостам, дар вақти дуоҳои шахсиам Худо қалби маро ба сӯи хидмат равона мекард. Ҳамаи ходимоне, ки ман вохӯрда будам, ғалатӣ менамуданд. Аммо новобаста аз ин дили ман ба Офаридгор ҳассос буд. Пеш аз наҷот ёфтанам, ман як ҳафта дар семинарияи католикӣ иштирок кардам, ва чунин эҳсос кардам, ки ман ба хидмат даъват шудаам. Аммо ман аз он метарсидам, ки агар коҳини католикӣ шавам, ман ҳеҷ гоҳ издивоҷ намекунам.

Аммо ман гаштаю баргашта боварӣ ҳосил мекардам ва ин дар ниҳоят маро водор намуд, ки маслиҳати падарамро рад кунам. Ман ӯро хеле эҳтиром мекардам ва ин ба Худо маъқул буд, аммо вақте ки ман барои муҳандис шудан таҳсил мекардам ва оқибат аз рӯи ихтисосам ба кор машғул шудам, ман медонистам, ки чизе комилан нодуруст буд. Азбаски ман ҳамеша роҳнамоии Худоро меҷустам ва талаб мекардам, Ӯ нагузошт, ки ман ба роҳи хато равам (ҳатто аз рӯи маслиҳати падарам, ки ба ман танҳо некӣ мехост) ва равшану возеҳ иродаи Худро зоҳир кард.

Вақте ки ман ба даъвати худ мутмаин шудам, дар ман саъйи оташин пайдо шуд, ки натиҷаи ҷустуҷӯҳое буд, ки якуним сол идома ёфт. То он вақт якуним семестр боқӣ монда буд, ки ман соҳиби дипломи муҳандисӣ шавам. Ман қарор додам, ки таҳсили худро ба охир расонида, фавран ба хидматгузорӣ машғул мешавам. Ин қарори дуруст буд, чунки ман стратегияҳоеро омӯхтам, ки дар мактаби Китоби Муқаддас ба ман намеомӯзониданд. *Худо дар ҳаёти мо ҳама чизро истифода мебарад, то ки моро таълим диҳад!*

Боз як омили муҳим дар ошкор кардани атои шумо – ин нашъунамо кардан дар калисои солими маҳаллӣ. Дар Каломи Худо навишта шудааст: “Онҳое ки дар хонаи Худованд шинонда шудаанд, дар саҳнҳои Худои мо хоҳанд шукуфт” (Забур 91:14).

Агар шумо тухмии пахта коред, аз замин каду намерӯяд. Замин ин калисои солими маҳаллӣ аст, ва, вақте ки худро ба хидмат мебахшед, атоҳое, ки Худо ба шумо додааст, намоён мешаванд. Фарқе надорад, ки шумо дар ҷаҳони соҳибкорӣ, соҳаи маориф, идоракунӣ, варзиш ё боз ягон ҷои дигар даъват шудаед – шумо муваффақ хоҳед шуд. Чунин аст нақшаи Худо.

## САВОЛҲОЕ, КИ ШУМО БА ХУДАТОН ВА ДӮСТОНИ ХИРАДМАНДАТОН ДОДА МЕТАВОНЕД

Биёед ба худамон ва дӯстони хирадмандамон саволҳо медиҳем. Саволҳои дуруст, ки ба шахсони ростқавл дода мешаванд, ба шумо кӯмак мекунанд, ки ба чӣ даъват шудани худро фаҳмед. Ба чанд мисол диққат кунед:

### Табиатан шумо кадом корро хуб иҷро карда метавонед?

Ин нуқтаи оғозкунии хуб аст. Эҳтимол, атои шумо олами рақамҳо, саҳеҳ тартиб додани ҷумлаҳо, сохтани биноҳо, сохтани қиссаҳои видеоӣ, тарҳи либосҳо ё ташкили чорабиниҳо аст. Шумо қобилиятҳои табиии варзишӣ, ҳисси баланди бӯйгирӣ ё биноӣ дошта метавонед. Ҳар чӣ ҳам бошад, ҷиҳатҳои пурзӯри худро падидор кунед.

Агар шумо қобилияти мусиқафаҳмӣ дошта бошед, ва мехоҳед, ки одамонро ба ҳузури Худо роҳнамоӣ кунед, ин нишонаи хуби он шуда метавонад, ки шумо барои хидмат кардан дар парастиш ё дар ягон хидматгузории дигари марбут ба мусиқӣ даъват шудаед. Ба ин монанд, агар ба ҷисми инсон таваҷҷӯҳ дошта бошед ва ба илми тиб шавқ доред, шумо бояд аз Худо пурсед, ки оё шумо ба соҳаи ҳифзи саломатӣ даъват шудаед. Ин рӯйхатро ба таври беохир давом додан мумкин аст.

Аммо ин тахминҳо набояд сухани охирин бошанд. Ман теннисбози хеле хуб будам. Ман дар дастае ба теннисбозӣ шурӯъ намудаам, ки дар ҳайати Дивизияи якуми Ассотсиатсияи миллии варзишии донишҷӯён буд, ва ҳамчунин дар мусобиқаҳои Ассотсиатсияи теннисбозони Иёлоти Муттаҳида ва Ҷоми Дэвис

дар байни наврасон иштирок кардаам. Чуноне ки ман аллакай навиштам, ман дар давоми се сол мураббии касбии теннис будам. Ғайр аз ҳамаи ин, дар мусобиқаи теннисбозон дар штати Вирҷинияи Ғарбӣ дар байни хонандагони синфҳои болоӣ ғолиб омадаам. Аммо, вақте ки ман дуо кардам, фаҳмидам, ки тенниси касбӣ даъвати ман нест.

Аммо, ман як дӯсте бо номи Арон Бэддели дорам, ки бозингари моҳири бозии голф ва иштирокчии “PGA тур” мебошад. Лекин дар соли 2004, вақте ки ӯ соли дуюм дар “PGA тур” иштирок мекард, ӯ мушкилиҳо дошт (ӯ базӯр дар соли 2005 ба сабқат баргашта тавонист, чунки дар рӯйхати бозингарон ба мавқеи 124-ум афтода буд). Дар охири ин соли душвор ӯ дар хонаи мо монда, дар як мусобиқа иштирок кард, аммо, мутаассифона, аз сабқат хориҷ шуд. Мо ба Лас Вегас, ки дар он ҷо ман бояд дар як анҷуман хидмат мекардам, якҷоя парвоз кардем. Ҳангоми ин хидматгузорӣ Худо ба қалби ӯ чор маротиба гап зад: “Ман туро ба хидматгузорӣ даъват накардаам; Ман туро ба бозии голф даъват кардаам”.

Арон тамоми нерӯи худро ба бозии голф додан намехост, чунки ӯ мехост ба он коре машғул шавад, ки ман машғул будам. Ӯ мехост, ки бо истифода аз нисфи вақти худ сафар карда, дар анҷуманҳо ва калисоҳо мавъиза кунад, ва нисфи дигари вақти худро ба бозии голф сарф кунад. Он бегоҳ ӯ дар дили худ қарор дод, ки худро пурра ба даъват ва атои худ бахшад. Дар ду сол ӯ дар рейтинги ҷаҳонии голф ба ҷои 16-ум баромад, ва баъдан дар чор мусобиқаи “PGA тур” ва дар чор мусобиқаи “PGA тур” дар Австралия ғолиб омад. Ӯ аллакай бештар аз 15 сол дар бисёр мусобиқаҳо иштирок кард, ва ҳоло ҳам бозӣ карданро давом медиҳад. Нуфузи ӯ зиёд шуд, ва ӯ барои хидмат ва мавъиза кардан ба одамоне, ки ҳеҷ гоҳ ба ягон калисо намерафтанд, имкониятҳои бешумор дошт.

Ман як дӯсти шубон дорам, ки номаш Ал аст. Бисёр сол пеш дар калисои ӯ марде буд, ки таълим додани Каломи Худоро дӯст медошт, ва ӯ дар ин кор моҳир буд. Ӯ мехост, ки ҳамчун шубони таълимдиҳанда дар калисо кор кунад. Ҳамчунин ӯ дар таъмир

кардани мошинҳо атои беназир дошт. Ба ӯ дар калисои калон, ки дар қисми дигари шаҳри онҳо ҷойгир шуда буд, вазифаи шубони таълимдиҳандаро ваъда карданд. Ӯ шубон Алро ба хӯроки нисфирӯзӣ таклиф кард ва дар ин бора хабар дод. Ҳамчун ходими хирадманд, Ал ба ӯ гуфт:

– Ман дар бораи ту дуо кардам, ва ман ҳис намекунам, ки ту ҳамчун муаллими Каломи Худо барои вақти пурра даъват шудаӣ. Ту барои таъмири мошинҳо атои фавқулодда дорӣ.

Ин мард маслиҳати шубони худро гӯш накард ва аз калисо ба қисми дигари шаҳр рафт.

Пас аз як сол ҳолати ӯ бад шуд. Ӯ ҳанӯз дар он калисо расман ба ҳайси муаллим таъин нашуда буд, издивоҷаш ба ҳадди фурӯпошӣ расида буд, ва дар мушкилоти молиявӣ қарор дошт. Дар яке аз ҷамъомадҳои рӯзи якшанбе Худованд ба ӯ сухан ронд: “Ман ҳеҷ гоҳ туро ба кори шубонӣ даъват накардаам. Ман туро барои механик будан даъват кардаам, ки дар калисои маҳаллии худ каломи Худоро таълим диҳӣ”.

Ин мард бо шубон Ал вохӯрд, барои гӯш накардани маслиҳати ӯ тавба кард, ва ба калисои маҳаллии худ баргашт. Ӯ боз ба кори худ – таъмир кардани мошинҳо машғул шуд.

Боре Худо ба ӯ дар бораи он хоб дод, ки барои ташхис кардани кори муҳаррик мошинро ба компютер пайваст кардан мумкин аст. Ӯ як дӯсте дошт, ки компютерро хуб мефаҳмид, ва онҳо якҷоя таҷҳизоти компютерикунонидашудаи ташхисӣ сохтанд. Маълум шуд, ки ин таҷҳизот мушкилоти мошинҳоро назар ба усулҳои оддии санҷишӣ чор маротиба зудтар муайян карда метавонист. Бо мурури вақт ин мард дар саросари иёлати Каролинаи Шимолӣ устохонаҳои таъмири мошинҳо кушод, ки бо ихтирои беназири ӯ муҷаҳҳаз буданд. Баъдан ӯ ба назди шубон Ал омада, табассум кард ва гуфт:

– Ман барои таъмир кардани мошинҳо даъват шудаам!

## Чӣ шуморо рӯҳбаланд мекунад?

Рӯзе ёрдамчии ман аз ман хоҳиш кард, ки “дараҷаҳои рӯҳбаландии” вазифаҳои кории маро барои як ҳафта нависам.

Вай дараҷабандии зеринро муқаррар кард: вазифаҳое, ки аз ман қуввати зиёд талаб мекарданд, баҳои -2 мегирифтанд; вазифаҳое, ки аз ман на он қадар қувват талаб мекарданд, баҳои -1 мегирифтанд; вазифаҳое, ки ба ман каме қувват медоданд, баҳои +1 мегирифтанд; ва ниҳоят, вазифаҳое, ки маро аз қувват пур мекарданд, баҳои +2 мегирифтанд.

Якчанд вазифаҳо аз қабили вохӯрӣ бо роҳбарони шӯъбаҳо, кор бо ҳуҷҷатҳо, ғундоштани ҷомадонҳо барои сафар, ва ғайраҳое буданд, ки баҳои -1 ва -2 гирифтанд. Баъзе вазифаҳо баҳои +1 гирифтанд, аммо танҳо ду вазифае буданд, ки ман самимона баҳои +2 гузоштам – мавъиза кардан ва навиштани китобҳо. Ин натиҷаҳо маро ба ҳайрат оварданд.

Дар бораи ин кушоиш тафаккур карда, ман дарк намудам, ки аксаран, вақте ки ман менависам, эҳсоси вақтро пурра гум мекунам. Баъзан ман саҳарии барвақт навиштанро сар карда, аз фаро расидани рӯз бехабар мемонам. Одатан ман аз бисёр навиштан фикран хаста мешавам, аммо ҳамчунин худро рӯҳбаланд ҳис мекунам.

Ҳангоми мавъиза кардани ман низ ҳамин чиз рӯй медиҳад. Дар он замоне, ки мо маҳдудияти вақт надоштем, ман аксар вақт бештар аз ду соат мавъиза мекардам. Ман фикр мекардам, ки ҳамагӣ сӣ дақиқа гузашт, аммо намедонам, ки шунавандагони ман чӣ фикр мекарданд!

Ман мушоҳида мекунам, ки писари боистеъдоди мо, Алек, вақте ки соатҳои дароз дар бобати лоиҳаҳои инноватсионӣ кор мекунад, комилан эҳсоси вақтро гум мекунад. Ӯ дар бахши эҷодии мо натиҷаҳои аъло ба даст овардааст. Ман мушоҳида мекунам, ки Лиза пас аз хидмат ба занҳо комилан вақтро фаромӯш карда, соатҳо бо занон сӯҳбат мекунад. Ӯ тавассути муошират онҳоро обод карда, худаш рӯҳбаланд мешавад.

Алберт Эйнштейн соатҳои зиёдро дар ҷои кор сарф мекард. Вақте ки ӯ сахт хаста мешуд, як табақи оҳанинро гирифта, ба курсӣ менишаст, дастонашро ба зонуҳояш гузошта, табақро бо дастонаш медошт. Ҳамин ки ба хоб мерафт, табақ аз дасти ӯ ба

замин меафтод. Гулдуроси баланд ӯро бедор мекард, ва ӯ боз ба кор машғул мешуд.

Ин роҳи осони муайян кардани атои шумо аст: атои ҳақиқии шумо бароятон рӯҳбаландӣ меорад, ҳатто агар шумо фикран ё ҷисман аз кори тӯлонӣ хаста мешавед. Барои онҳое, ки истеъдоди воқеии худро ошкор кардаанд, соатҳои тамрин, мусобиқаҳо ё кор чун дақиқаҳо зудгузар менамоянд. Пас, аз худ бипурсед: “Чӣ маро рӯҳбаланд месозад ва ба гум кардани эҳсоси вақт водор менамояд?”

Ҷавоби шумо – нишондиҳандаи хуби атоҳои шумо.

## Чӣ шуморо ба худ ҷалб мекунад?

Ба чӣ шавқ доред? Чӣ шуморо зиндадил мекунад? Вақте ки шумо суруд мехонед, оё қалбатон аз шодӣ пур мешавад? Оё шумо суруд мехонед, дар ҳоле ки каси дигар намехонад? Ман медонам, ки вақте суруд мехонам, ин ба меҳнати сахте шабоҳат дорад, ки аз он зуд хаста мешавам. Ин атои ман нест. Ман наметавонам дар як ҳуҷра бо чанд нафар нишаста, мусиқа ё суруд эҷод кунам. Ман ба ин шавқ надорам, аммо медонам, ки одамоне ҳастанд, ки инро дӯст медоранд.

Ба шумо кадом маҷаллаҳо писанд ҳастанд? Кадом наворҳо дар YouTube шуморо рӯҳбаланд мекунанд? Вақте ки дар Pinterest расмҳоро варақгардон мекунед, чӣ шуморо бозмедорад? Кадом фанҳоро дар мактаб бештар аз ҳама дӯст медоштед? Вақте ки ба мағозаи китобҳо ворид мешавед, кадом китобҳо шуморо ба худ ҷалб мекунанд?

Боз як саволи муҳим: шумо кадом корро бо шавқу ҳавас иҷро мекардед, ҳатто агар медонистед, ки барои ин кор ба шумо музд намедиҳанд? Бисёр варзишгарони касбӣ, ҳатто агар ба онҳо музд доданро бас кунанд ҳам, бозӣ карданро давом медоданд. Падарам ҳар саҳари рӯзи шанбе маро ба курсӣ мешинонд ва дар бораи чӣ тавр кор кардани муҳаррикҳои буғӣ ё мошинҳои дигар нақл мекард. Дар ёд дорам, як рӯзи шанбе, ӯ зиёда аз як соат барои ман расми тафдони буғиро кашид ва фаҳмонид, ки

он чӣ тавр кор мекунад? Ман то дараҷаи ашкрезӣ дилгир шуда будам, ва ман аллакай ҳамон вақт бояд мефаҳмидам, ки барои муҳандис шудан даъват нашудаам! Ман падарамро он қадар дӯст медоштам, ки ҳеҷ гоҳ ҷуръат намекардам, то бигӯям, ки ин дарсҳо барои ман тоқатфарсо ҳастанд. Ман ба хотири суботи молиявӣ ба муҳандис шудан азм карда, иштибоҳи калон содир кардаам. Ба ин гуна иштибоҳ роҳ надиҳед.

Бисёр одамон аз касбу кори худ хурсанд нестанд, чунки онҳо танҳо бо як сабаб – ба хотири маош кор мекунанд!

Тавре ки ман аллакай гуфтам, чандин сол пеш, вақте ки ҳамсари шубони ман гуфт, ки онҳо ҷуръат карда наметавонанд, ки маро ба кор қабул кунанд, ман ҷавоб додам: “Албатта метавонед!” Ман тайёр будам, ки бо маоши камтар кор кунам, чунки ҳамон вазифа дар хидматгузорӣ маро ба худ ҷалб мекард. Вақте ки маро ба он вазифа қабул карданд, 70 соати хидмат дар як ҳафта ба шубони ман ва меҳмонони ӯ ноаён гузашта мерафтанд. Ман бисёр вақт ба Лиза мегуфтам, ки ин ман бояд ба шубонҳоям музд диҳам, чунки онҳо ба ман имкон медоданд, ки ба онҳо хидмат кунам, на баръакс.

Ҳангоми навиштани ин сатрҳо ман дудила мешавам, зеро шумо гумон карда метавонед, ки ман худро таъриф карда истодаам. Умедворам, шумо бовар мекунед, ки мақсади ман – бо мисоли худ ба шумо кӯмак кардан. Вақте ки мо бо Лиза хидматгузории худро нав сар кардем, мо қарор додем, ки ҳаққи қалами китобҳоямро ба суратҳисоби “Мессенҷер Интернэшнл” гузаронем. Ман аллакай бештар аз 20 китоб навиштаам, ва барои навиштан ва таҳрири ҳар яки онҳо тақрибан 400-450 соат вақт сарф кардаам. Ин чунин маъно дорад, ки ман барои навиштани китобҳо қариб 9.000 соат заҳмат кашидаам. Ин бештар аз се соли фаъолияти нависандагӣ ҳар рӯз, аз ҷумла дар рӯзҳои шанбе ва якшанбе мебошад. Аслан, ман барои ин се соли корам музд нагирифтаам. Ман ба ин кор машғул мешудам, зеро ин атои ман аст, ки даъвати маро васеъ мегардонад.

Ман софдилона гуфта метавонам, ки агар ба ман лозим мешуд, ки дар байни хидмати Худо ва шуғли муҳандисӣ бо

200.000 доллар дар як сол якеро интихоб кунам, ман бе ягон андеша дубора айнан хидмати Худоро интихоб мекардам. Ана барои чӣ ҳаввориӣ Павлус менависад:

> “Ба ман мавъиза кардани Инҷил супорида шудааст, новобаста аз он ки ба ман музд медиҳанд ё не. Пас, мукофоти ман чӣ аст? Он аст, ки ҳамеша бо таври ихтиёрӣ, бемузд, ва ҳаққи корамро талаб накарда, Хушхабарро ба қалби одамон ҷо кунам” (1 Қӯринтиён 9:17-18, ТРТ).

## Кадом одамон шуморо ба худашон ҷалб мекунанд?

Ҳамчунин фаҳмидани он, ки кадом одамон шуморо ба худашон ҷалб мекунанд, бисёр чизҳоро дар бораи даъват ва атоҳои шумо нишон медиҳад. Баъзе одамон атоҳое, ки дар ниҳоди шумо аст, бедор ва ошкор карда метавонанд. Одамони ҳамфикрро пайдо кунед – онҳоеро, ки даъват ва атоҳои шабеҳ доранд. Онҳо дар муайян кардани он, ки шумо кистед ва кадом атоҳоро Худо ба шумо додааст, нақши муҳим мебозанд. Ҳамфикрони шумо одамоне мебошанд, ки шуморо мефаҳманд ва қабул мекунанд.

Ба ман муоширят кардан бо ходимон ва бо онҳо муҳокима кардани саргузаштҳо ва душвориҳо дар хидматгузорӣ, ва, албатта, омӯзиши Каломи Худо писанд аст. Ман ҳамчунин сӯҳбат карданро бо соҳибкорон ва одамони тадбиркор дӯст медорам. Ин соҳаҳо – ҷиҳатҳои пурқуввати ман.

Ба роҳ мондани хидматгузорӣ ба пешбурди кори шахсӣ бисёр монандиҳо дорад. Мо бо Лиза маҷбур будем, ки соҳибкор шавем. Вақте ки мо ҷавон будем, хидматгузориҳои маъруфе вуҷуд надоштанд, ки мувофиқи хости мо амал кунанд; ягон хидматгузорие мавҷуд набуд, ки намунаашро пайравӣ карда тавонем. Мо худамон бояд роҳро муҳайё мекардем. Аз ҳамин сабаб, соҳибкорони ҷаҳони тадбиркорӣ дар ман ҳамеша чизҳоеро бедор мекарданд, ки барои хеле беҳтар иҷро кардани он корҳое, ки мо барояш даъват шуда будем, ба ман ёрӣ мерасониданд.

Агар шумо дизайни дохили биноро дӯст доред, шумо дар

байни дигар дизайнерҳо худро бароҳат ҳис мекунед. Агар шумо духтур бошед, сӯҳбат бо дигар духтурон шуморо рӯҳбаланд месозад. Агар шумо навозанда бошед, навозандагони дигар ба такмил додани атои шумо ёрӣ мерасонанд. Ман боз ҳам идома дода метавонистам; вақте ки шумо дар байни ҳамфикрон қарор мегиред, ин ба шумо кӯмак мекунад, ки атоҳои худро ошкор кунед ва ҳатто истифода бурдани онҳоро ёд гиред.

Ҳамчунин дар хотир доштан зарур аст, ки агар шумо барои ҷустуҷӯи Худованд ва фаҳмидани он, ки Ӯ шуморо ба чӣ даъват кардааст, вақт ҷудо накунед, ҳеҷ яке аз ин ҷавобҳо худ аз худ ҳалкунанда буда наметавонанд. Агар ман он чизҳоеро, ки аксари ходимон дар солҳои ташаккулёбии ман гуфта буданд, гӯш мекардам, ман шаҳреро интихоб мекардам ва ҳамчун шубон дар он ҷо ба бунёди калисо оғоз менамудам. Он атоҳои беназир ва даъвати моро, ки ману Лиза доштем, танҳо баъзе касон медиданд. Аз тарафи дигар, чандин ходимони хирадманд буданд, ки ба мо барои равон шудан ба самте, ки дар қалби худ эҳсос мекардем, кӯмак карданд.

## АТОИ ХУДРО ТАКМИЛ ДИҲЕД

Ҳоло биёед ба қисми дуюми оят, ки ин бобро оғоз мекунад, мегузарем: *“Ҳар яки шумо то ҳадди имкон масъулияти иҷро кардани кори эҷодиро бо ҳаётатон ба зиммаи худ гиред”* (Ғалотиён 6:5, MSG). Худо ба ҳар яки мо барои бунёди ҳаётамон ва Подшоҳии Ӯ потенсиал додааст. Аммо дар баъзе мавридҳо, ҳамаи мо бояд воқеияти онро дарк кунем, ки танҳо дорои потенсиал будан кофӣ нест – он бояд амалӣ карда шавад.

То чӣ андоза барои мо ғамангез мебуд, агар ба охири умри худ наздик шуда истода, мефаҳмидем, ки корҳои хеле зиёдро ба анҷом расонида метавонистем. Агар мо медонистем, ки чӣ қадар чизҳо ба вуқӯъ наомаданд, ё, бадтар аз ин, аз сабаби он ки мо атоҳои худододаамонро такмил надодем, чӣ қадар одамон ҳеҷ гоҳ таъсири Подшоҳиро аз сар нагузарониданд, дар назди тахти доварӣ дарду алами пушаймонӣ тоқатфарсо буда метавонист.

*Худи ҳозир тасмим гиред, ки ҳеҷ чизро нигоҳ надошта, бо дасти кушод ба роҳи охират сафар мекунед.* Ва ин ки шумо ҳама чизеро, ки дар худ доред, медиҳед ва худро холӣ мекунед. *Ин дунё ба он чизе, ки шумо доред, яъне ба атоҳое, ки Худо ба шумо додааст, эҳтиёҷ дорад.*

Дар Масалҳо 18:16 дар бораи атоҳое, ки Худо ба мо додааст, фикри аҷоибе ҳаст:

> "Атои одам барои ӯ вусъат муҳайё мекунад, ва ӯро сӯи одамони муҳим ҳидоят менамояд" (NKJV).

Атои шумо "бароятон вусъат муҳайё мекунад" ва ба назди "одамони муҳим" ҳидоят мекунад. "Вусъат" дар ин оят маънои духӯра дорад. Якум, атои шумо ба амалӣ кардани потенсиалатон мусоидат мекунад ва дар байни *он ҷое, ки шумо ҳастед* ва *он ҷое, ки хоҳед буд,* кӯпрук месозад. Дуюм, атои шумо барои пешрафт кардан ба дараҷаҳои нави даъвататон шароит фароҳам меорад. Дар ёд дошта бошед, ки ҳар пешравӣ сатҳи баландтари малакаро талаб мекунад. Боз, Сулаймон менависад:

> "Агар шумо дар кори худ истеъдоди беҳамто дошта бошед, шумо ба сатҳи баланд мебароед ва пешрафт мекунед. Шумо боздошта намешавед" (Масалҳо 22:29, TPT).

Дар бораи Довуд андеша кунед. Дар 1 Подшоҳон боби 16 мо ҳикояеро мехонем, ки Шоулро рӯҳи палид азият медод, чунки Рӯҳи Худованд вайро тарк карда буд. Шоул ноумед шуда, ба хидматгоронаш фармон дод, ки ягон навозандаи моҳирро ёфта, ба назди ӯ биёранд.

Яке аз хидматгорони ҷавон гуфт: "Ман писари Йисойи байтлаҳмиро дидаам, ки *моҳирона* менавозад" (1 Подшоҳон 16:18, AMPC). Довуд на танҳо *боистеъдод*, балки навозандаи *моҳир* низ буд. Чӣ ӯро *моҳир* гардонид? Ӯ атои худро такмил медод, аз ин рӯ вай барои пешравӣ кардан дар даъвати худ вусъат пайдо кард.

Оё имкон дорад, ки бисёриҳо аз сабаби суст инкишоф ёфтани атоҳояшон дар даъвати худ муваффақ намешаванд? Ва дараҷаи рушди атоҳои мо сатҳи пешравиеро, ки мо ба он муяссар шуда *метавонем*, муайян мекунад?

Биёед ба суханони боби гузашта, ки Павлус Тимотиюсро насиҳат карда буд, бармегардем. Аммо, ин дафъа мо хонданро давом медиҳем, то дар бораи қароре, ки ӯ ба писари рӯҳонии худ пешниҳод кард, бидонем:

> "Ба атое, ки дар туст (ба ин атои махсуси ботинӣ), беэътиноӣ накун, ки он ба ту бевосита дода шуда буд... Дар ин вазифаҳо *машқ кун,* онҳоро *такмил деҳ* ва дар бораи онҳо *тафаккур кун;* худро пурра ба онҳо (ҳамчун хидмати худ) бисупор, то ки *муваффақияти ту ба ҳама намоён шавад"* (1 Тимотиюс 4:14-15, AMPC).

Мо аз ин суханони оқилона бисёр чизҳоро омӯхта метавонем. Баъзан, ҳам ба мардон ва ҳам ба заноне, ки дар соҳаҳои худ ба муваффақият ноил шудаанд, нигоҳ карда, дастовардҳои онҳоро пастзанон чунин гуфтан мумкин аст: "Онҳо бо атои махсус таваллуд шудаанд". Онҳо, ба мисли шумо низ, дар ҳақиқат бо атои махсус таваллуд шуда буданд, ва онҳо қарор доданд, ки ин аторо такмил диҳанд. Ба ибораи дигар, далели он, ки мо надидем, ки онҳо атоҳои худро чӣ тавр такмил додаанд, маънои онро надорад, ки онҳо дар ин масъала ғайратмандона кор накардаанд.

Чуноне ки дар боби гузашта ишора кардем, Павлус бо он шурӯъ мекунад, ки Тимотиюс ба атоҳои худододааш *беэътиноӣ* накунад. Вақте ки мо ба атоҳои худ кам аҳамият медиҳем, пас мо ба онҳо беэътиноӣ мекунем. Ӯ ба Тимотиюс мегӯяд, ки агар вай ҳаёти худро ба такмил додани атоҳои худ бахшад, муваффақияти вай ба ҳама намоён мешавад. Аз рӯи суханони Павлус, инро ба воситаи *машқ кардан, инкишоф додан* ва *тафаккур кардан* ба даст овардан мумкин аст. Биёед дар бораи ин амалҳо ба таври мухтасар сӯҳбат мекунем.

## Машқ

Мувофиқи луғати “Мерриам-Вебстер” маънои машқ ин “бисёр маротиба иҷро кардани ягон амал ё ягон машғулият барои моҳир шудан” аст. Сатҳи он, ки мо чӣ қадар машқ мекунем, иҷроиши оммавии моро муайян мекунад, зеро иҷроиши мо ҳамеша дар он сатҳ қарор мегирад, ки дар он машқ кардаем. Аз тамошои баромади таъсирбахши оммавӣ ба ваҷд омадан осон аст, аммо ҳафтаҳо, моҳҳо ва солҳои машқу меҳнати душворро, ки ба чунин сатҳи маҳорату малака овардаанд, нодида гирифтан мумкин аст.

Мувофиқи маълумоти мутахассисон оид ба рафтор ва фаъолияти инсон барои корозмуда шудан ё аз худ кардани малакаи муайян 10.000 соат машқ кардан лозим аст. Аммо, профессори Донишгоҳи иёлати Флорида К. Андерс Эрикссон ақидаи анъанавиро, ки “амалия комил мекунад” аст, зери шубҳа мегузорад. Профессор як қадам пештар рафта, фаҳмонид, ки агар вақтро бо нияти комил шудан мақсаднок истифода набурда, ба ҷои он танҳо амалҳои муайянро такрор кунем, 10.000 соат машқ кардан кофӣ нест. Вай ин намуди амалияро “амалияи мақсаднок” меномад. Ӯ менависад:

> “Ин аст хулосаи амалияи мақсаднок: аз доираи ҳузуру ҳаловати худ берун оед, аммо ин корро бо диққат, бо мақсадҳои аниқ, бо нақшаи расидан ба ин ҳадафҳо ва бо роҳи пайгирии пешрафти худ кунед”.

Агар мо худро маҷбур накунем, ки аз сатҳи ҳузуру ҳаловати худ берун бароем, мо ҳеҷ гоҳ рушд нахоҳем кард. Агар мо “мақсаднок” набошем, хавфе вуҷуд дорад, ки вақте ба ягон дараҷа расида, онро “кофӣ” мешуморем, ба осонӣ худситоӣ хоҳем кард. Пас аз ин танҳо ба вақт вобаста аст, ки мо ба кори худ бепарвоӣ зоҳир мекунем, ва ин дар натиҷа ба иҷроиши мо таъсири манфӣ мерасонад ва дар оянда ба афзункунӣ халал ворид мекунад.

Вақте ки шумо қобилиятҳои худро инкишоф медиҳед, шумо

озодии бештар ба даст меоред, на маҳдудиятҳо. Ин потенсиали шуморо барои афзункунӣ афзоиш медиҳад. Ин маънои онро надорад, ки мо аз болои заъфҳои худ кор намебарем ё малакаҳои навро ёд намегирем; ин маънои онро дорад, ки мо диққати худро ба он соҳаҳое равона мекунем, ки аз он бозгашти потенсиалии аз ҳама зиёд ба даст меорем.

Ман омӯхтани малакаҳои навро тавсия медиҳам, аммо бе ҳеҷ ваҷҳ ин корро аз ҳисоби беэътиноӣ кардан ба он соҳаҳое, ки ба онҳо даъват шудаед, иҷро накунед.

Асли гап дар ин аст: рушд худ аз худ ба амал намеояд; он мақсаднок буданро талаб мекунад. Агар мо барои "моҳир" шудан дар атоҳои худ пайваста машқ накунем, мо ҳеҷ гоҳ потенсиали худро ба пуррагӣ амалӣ карда наметавонем. Ана барои чӣ мо бояд ба такомули шахсӣ содиқ монем. Аксарияти одамон мехоҳанд, ки корҳои бузургро дар зиндагӣ анҷом диҳанд, аммо на ҳама омодаанд, ки барои ба даст овардани бузургӣ корҳои *зурурииро* анҷом диҳанд. Бо машқ ё таҷрибаомӯзӣ мо он нархеро пардохт мекунем, ки подоши бузург меорад.

## Рушд

Машқ ба соҳаи амалӣ дахл дорад, вале рушд бисёртар ба маърифатнокӣ. "Рушд кардан" маънои "ба камол расидан ё ба воситаи маърифатомӯзӣ ё машғулият беҳтар гардидан; ба инкишоф ва ба камолот мусоидат кардан"-ро дорад.

*Рушд* бевосита ба мураббигӣ алоқаманд аст. Мураббигӣ барои такомули шахсӣ ва худтакмилдиҳӣ хеле зарур аст, зеро он ба шумо танқиди созанда ва роҳнамоӣ медиҳад, ки шумо онҳоро мустақилона ба даст оварда наметавонед. Ҳар касе, ки дар атои худ муваффақ аст, дар роҳи худ тарбия ва роҳнамоӣ гирифтааст. Хусусияти муҳимтарини устодон дар он аст, ки онҳо потенсиали шуморо мебинанд ва аз таҳти дил онро амалӣ кардан мехоҳанд, ҳатто агар бо ин мақсад нисбат ба шумо сахтгирона рафтор мекунанд.

Шумо ба воситаи муносибати устод ва шогирд, падар

ва фарзанд, муаллим ва талаба, тавассути дастурамал, машғулиятҳои амалӣ ва ёд гирифтани ягон ҳунар, ё ба таври ғайримустақим – тавассути китобҳо ва маводҳое, ки ба мо бо фаровонӣ дастрас ҳастанд, таълим гирифта метавонед.

Роҳи дигари маърифатомӯзӣ дар доираи атоҳои шумо – ин сӯҳбат кардан бо одамоне, ки атоҳои шабеҳ доранд. Чуноне ки аллакай қайд карда шуд, аксар вақт инро "пайдо кардани ҳамфикрон" меноманд. Вақте ки шумо бо одамоне ҳамнишин мешавед, ки истеъдод ва орзуҳои шабеҳ доранд, шумо барои ҳамкорӣ кардан ва дар якҷоягӣ чизи нав сохтан имкон пайдо мекунед.

Дар солҳои 1930-ум ва 1940-ум як гурӯҳи адибони эҷодкор, маъруф бо номи "Инклингҳо", дар як утоқи алоҳидаи майкада, ки дар назди Донишгоҳи Оксфорд ҷойгир буд, ҷамъ меомад. Дар байни ин ташаббускорони адабӣ К. С. Люис ва Ҷ. Р. Р. Толкин буданд. Мақсади ин ҷамъомадҳо хондан ва танқиди корҳои нотамоми аъзои гурӯҳ буд. Ин мулоқотҳо ба эҷоди асарҳои *"Ҳокими ҳалқаҳо"*-и Толкин ва *"Солномаҳои Нарния"*-и Люис илҳом бахшид. Дастаи олиҷаноби ҳамфикрон!

## Тафаккур кардан

"Тафаккур кардан" маънои "андеша кардан; фикр кардан"-ро дорад. Рушд танҳо дар он вақт имконпазир аст, ки мо таваққуф карда, дар бораи дарсҳое, ки омӯхтаем, тафаккур мекунем. Вақте ки мо рушди худро ба тарзи объективӣ назорат карда, барои баҳогузорӣ кардани пешрафт ва фаъолияти худ вақт ҷудо мекунем, мо он соҳаҳоеро мебинем, ки ба диққат ва такмил ниёз доранд.

Дӯсти ман Ҷон Максвелл аксар вақт ба шунавандагон ва хонандагони худ хотиррасон мекунад, ки муаллими беҳтарин на таҷриба, балки *таҷрибаи бомулоҳиза* аст. Дар бораи дастовардҳои худ мулоҳизаронӣ карда, аз мураббиён ва одамони гирду атрофатон маслиҳатҳо гиред, ва ҳамчунин дар бораи усулҳои нави беҳтар гардонидан ва дар амал татбиқ кардани атоҳоятон фикр кунед. Ба Худо ва ба худатон саволҳои дуруст диҳед: "Ман

чиро бояд тағйир диҳам?", "Дар кадом соҳаҳо ман бештар рушд кардаам?", "Ба кадом соҳаҳо ман бояд бештар диққат диҳам?" ва "Барои ба сатҳи нав баромадан ман бояд чӣ кор кунам?".

Вақте, ки барои тафаккур кардан сарф шудааст, беҳуда сарф нашудааст.

## ҲЕҶ ЧИЗРО БОЗДОШТ НАКУНЕД

Ва ниҳоят, биёед бори дигар суханони Павлусро, ки ба Тимотиюс гуфта шудааст, мехонем:

> "Дар ин вазифаҳо машқ кун, онҳоро такмил деҳ ва дар бораи онҳо тафаккур кун*; худро пурра ба онҳо бисупор* (ҳамчун хидмати худ), то ки муваффақияти ту ба ҳама намоён шавад" (1 Тимотиюс 4:15, AMPC).

Ҳамаи он чизҳое, ки муҳокима кардем, як шарт дорад: мо бояд худро пурра ба он чиз бахшем, ки Худо моро ба он даъват кардааст ва ато намудааст. Даъвати шумо сарсупурдагии комил металабад. Вақте ки мо аз таҳти дил худро ба он чизҳое, ки Худо додааст, мебахшем, муваффақияти мо ба ҳама намоён мешавад, ва мо потенсиали худро афзун мекунем.

Ҳар яке аз мо барои идора кардани атоҳоямон ва барои то қадри имкон иҷро кардани корҳои эҷодӣ бо ҳаёти худ масъул ҳастем. Чуноне ки мо фаҳмидем, дараҷаи рушди атоҳои моро он чиз муайян мекунад, ки мо то чӣ андоза дар соҳаҳое, ки ба онҳо даъват шудаем, пешрафт карда метавонем, ва самаранокии худро афзун менамоем.

Мо танҳо як ҳаёт дорем, ва мо бояд худро ба он пурра супорем. Биёед ҳеҷ чизро боздошт намекунем ва худро ба Худо бахшида, фидокорона зиндагӣ менамоем. Ҳаёт ана ҳамин аст. Маҳз он гоҳ дар ҳақиқат зинда мешавем ва ҳаётро бо пуррагиаш дарк мекунем.

## ТАФАККУР КУНЕД

1. Барои ошкор кардани даъвати шумо ҳеҷ гуна формулаҳо мавҷуд нестанд. Гарчанде барои ошкор кардани он чизҳое, ки шумо хуб ба амал оварда метавонед, маводҳои зиёде мавҷуд ҳастанд, барои ошкор кардани даъвати шумо иштироки Худо талаб карда мешавад. Оё шумо алоқамандона ба даъват ва атоҳои худ барои гирифтани хирад Худоро ҷустуҷӯ кардаед? Ӯ ба шумо чиро нишон дод?

2. Барои донистани даъвати худ мо бояд ба худ ва дигарон саволҳо диҳем. Ин ҳам як қисми раванди ҷустуҷӯ мебошад. Одамонеро пайдо кунед, ки ба онҳо эътимод доред, ва аз онҳо пурсед, ки дар ҳаёт ва ниҳоди шумо чиро мебинанд?

3. Танҳо дорои потенсиал будан кофӣ нест – он бояд амалӣ карда шавад. Барои чӣ такмил додани атоҳо ин қадар муҳим аст? Вақте ки шумо ба таври мақсаднок атоҳои худро такмил медиҳед, чӣ рӯй медиҳад?

*“Ва Он ки мову шуморо дар Масеҳ устувор мегардонад ва моро тадҳин намудааст, Худост”.*

– 2 Қӯринтиён 1:21

# 15

# Тадҳиншуда

Яке аз рӯзҳои охирини шукргузорӣ, мо, аҳли оила, дар гирди мизи меҳмонхона менишастем. Лиза зиёфати калон омода карда буд. Пас аз таоми шом, дар ҳузури пурсафои якдигар нишаста, аз муошират бо ҳам ҳаловат мебурдем. Ман ҳис кардам, ки, ҳамчун падар, ба оилаам ва ҳамчунин ба чанде аз аъзои дастаамон, ки ба мо ҳамроҳ шуда буданд, сухане бигӯям.

Ман дар зеҳни худ дуо кардам ва каломе ба қалбам омад:

– Ман аллакай 60-сола ҳастам, ва аз бисёр ҷиҳатҳо, масъулияти падаронаи худро барои мубодилаи хирад бо шумо ҳис мекунам. Агар шумо аз ман пурсед, ки чизи аз ҳама муҳиме, ки ману Лиза дар тӯли 40 соли охири роҳравиамон бо Худо ба амал овардем, чӣ буд, ман ба шумо ҷавоб медиҳам: *"Собитқадам бошед"*.

Дар давоми ин солҳо бисёр ҳолатҳое буданд, ки моро ба таслим шудан водор мекарданд. Ғайр аз ин, чандин маротиба мо имкониятҳои зиёде доштем, ки ҳақиқатро интихоб кунем ё ба хотири манфиатҳои шахсӣ, пешрафт ё сабук кардани шароитҳои душворе, ки доштем, ба созиш равем. Вале мо қарор додем, ки новобаста ба вазъиятҳои дарднок ҳақиқатро лангари худ созем ва дар он қоим бошем.

Яке аз суханони хирадмандонаи Айюб ҳангоми мусибаташ ин буд: "Ман аз он тасаллӣ ёфта метавонам, ки новобаста ба азияти

беамони худ суханони Қуддусро инкор накардаам” (Айюб 6:10, NLT). Вақте ки ман хато мекардам (ва ман бисёр хато кардаам), зуд тавба карда, ҳам аз Худо ва ҳам аз одамон бахшиш мепурсидам. Ба туфайли итоати собитқадамона ба ҳақиқат ҳоло ман баракатҳои фаровон мебинам, ва онҳо бениҳоят бузурганд! Худо хеле меҳрубон аст!

## ТАДҲИН

Яке аз баракатҳои бузурге, ки дар натиҷаи итоати собитқадамона ба ҳақиқат ҳосил мешавад, “тадҳин” ном дорад. Барои фаҳмидани он, ки тадҳин чӣ аст, биёед дар бораи савганди бузург – дар бораи рӯзе, ки Худои Падар Исоро ба мақоми Подшоҳии осмон ва замин бо тантана таъин кард, мехонем:

> “Ту адолатро дӯст дошта, аз шарорат нафрат мекардӣ. *Бинобар* ин Худо, Худои Ту, Туро бо равғани шодмонӣ *бештар аз рафиқонат тадҳин кардааст”* (Ибриён 1:9, TPT).

Ба калимаи “бинобар ин” диққат диҳед, чунки он барои фаҳмидани як ҳақиқати калидӣ хеле муҳим аст. Собитқадамии Исо дар ду чиз хеле муфид буд, ва ин хислати Ӯ бояд намунаи ибрати мо бошад. Исо *адолатро* дӯст медошт. Дар забони юнонӣ ин калимаи *“дикаиосуне”* аст, ки маъноям “мутобиқат ба талаботи мақоми баландтарин” мебошад. Аммо, дар баробари ин, Ӯ *шароратро* бад медид. Бисёр масеҳиёне ҳастанд, ки шароратро *дӯст намедоранд,* аммо қалби Исо дигар аст: Ӯ шароратро *бад мебинад.* Дар забони юнонӣ ин калимаи *“аномиа”* аст, ки маъноям “саркашӣ кардан ба ҳокимияти Худо” мебошад. Ӯ аз ҳар чизе, ки Ӯро аз ҳокимияти Худо дур мекард, нафрат дошт. Азбаски итоати Исо новобаста ба душвориҳо устувор буд, тадҳини Ӯ нисбат ба дӯстонаш хеле қавитар буд.

Барои чӣ ман ин китобро, ки оиди афзункунӣ аст, дар бораи *тадҳин* сухан ронда, ба охир расонида истодаам. Ҷавоб оддӣ, вале муҳим аст. *Тадҳин он аст, ки атоҳои худододаи моро барои*

*афзункунии абадӣ пурқувват мегардонад.* Тадҳинро ҳамчун тақвиятдиҳандаи атоҳои худ тасаввур кунед. Иҷозат диҳед, ки зуд ду мисол биёрам.

Ман одамонеро шунидаам, ки овози дилнишин ва сазовори таҳсин доранд, аммо ман инчунин одамонеро шунидаам, ки на он қадар овози олиҷаноб доранд, вале ба қалби ман таъсир расонида, дигаргуниҳо ҳосил кардаанд. Тафовут дар *тадҳин* буд. Ман ҳамчунин одамонеро шунидаам, ки паёмҳои амиқро мавъиза мекунанд, аммо одамони дигар низ буданд, ки мавъизаҳояшон на он қадар барҷаста бошанд ҳам, ба қалби ман таъсир карда, дар рафтори ман дигаргуниҳоро ба вуҷуд меоварданд. Тафовут дар *тадҳин* буд.

Худи ҳамин ба ҳама касоне дахл дорад, ки ба Худо хидмат мекунанд, новобаста аз соҳаи даъваташон, хоҳ ҳукумат бошад, хоҳ ҷаҳони тадбиркорӣ, хоҳ соҳаи санъат, хоҳ маориф ва ғайра. Шоҳ Довуд чунин гуфтааст:

> “Вале шохи маро (тимсоли нерӯи азим ва шаъну шарафи бузург) мисли шохи гови ваҳшӣ баланд кардаӣ; ман бо равғани тоза *тадҳин шудаам”* (Забур 91:11, АМРС).

Суханони ӯ бисёр чизҳоро ошкор мекунанд. Пас аз омӯхтани якчанд тафсирҳои барҷастаи ин оят, хулоса баровардам, ки тимсоли гови ваҳшӣ маънои аз Худо гирифтани қудрати аз ҳад зиёдро дорад. Тадҳин хурсандӣ меорад. Худо онро *равғани саодат* ё *шодмонӣ* меномад, ва шодмонӣ, мувофиқи Каломи Худо *қуввати* мост (ниг. Наҳемё 8:10). Дар асл, забурсарой мегӯяд, ки тадҳин моро қавӣ мегардонад. Он атоҳоро дар ҳаёти мо васеъ ва пурқувват мекунад, то ки мо самари ҷовидонӣ орем.

Ман боварӣ дорам, ки ин яке аз омилҳои ногуфтаи муваффақият аст, ки дар масалҳо оид ба талантҳо ва миноҳо гуфта шудааст. Меҳнати ду хидматгор бо тадҳин пурқувват карда шуда буд. Ман ин ҳақиқатро “ногуфта” меномам, чунки худи ман аз оятҳои боло ба ин хулоса омадаам. Барои афзункунӣ зарур буд, ки

онҳо дар итоат собитқадам бошанд ва аз беитоатӣ кардан нисбат ба дастурҳои хоҷаи худ нафрат кунанд, ва бо ин васила тадҳинро, ки атоҳои онҳоро пурқувват мегардонид, ба худ ҷалб намоянд.

Довуд дар бораи равғани *тоза* сухан меронад. Тадҳин рӯйдоди якдафъаина нест; ин баракатест, ки дар ҳаёти шахсе, ки ҳамеша ба Худо собитқадамона итоат мекунад, амал карданро шурӯъ карда, идома меёбад. Ин на он чизе аст, ки дар як лаҳза ба даст ояд ва онро ҳамчун як чизи муқаррарӣ қабул карда, фикр кунанд : “Ман аллакай инро дорам”. Шимшӯн тадҳин дошт, вале ӯ онро тоза нигоҳ надошт. Ӯ ба созиш роҳ дод ва итоат накард. Вай шароратро бад надид. Вай чанд маротиба раҳо шуд, вале дар охир ба доми гуноҳ афтод. Каломи Худо мегӯяд:

> *«Ва қувваташ аз ӯ дур шуд.* Ва вай (Далило) гуфт: “Фалиштиён бар ту омаданд, эй Шимшӯн!” Ва ӯ аз хобаш бедор шуда, дар дили худ гуфт: “Мисли пештара берун рафта, ба худ меоям”. Вале ӯ *надонист*, ки Худованд аз ӯ дур шудааст» (Доварон 16:19б-20).

Шимшӯн намедонист, ки тадҳин аз вай гирифта шудааст. Барои ҳамин Довуд пас аз беитоатӣ кардан ба Худо дар воқеае, ки бо Батшобаъ рӯй дод, бо ҷидду ҷаҳд дуо гуфт:

> “Худоё, дили поке дар ман биофарин, ва рӯҳи *садоқатмандеро* дар ботинам нав бикун. Маро аз пеши Худ дур наандоз, ва Руҳулқудси Худро аз ман нагир. Шодии наҷоти Худро ба ман баргардон, ва *барои итоат кардан* ба Ту маро *омода кун”* (Забур 50:12-14, NLT).

Фарёди дили Довуд, илтиҷои бузурги ӯ ин буд, ки тадҳин аз ҳаёти ӯ гирифта нашавад, ва ӯ медонист, ки ин аз ҳаёти содиқона ё *собитқадамона* дар итоаткорӣ ба Худо вобаста аст.

Биёед сӯҳбатро дар бораи тадҳин ва ба кӣ дода шудани он идома медиҳем. Суханони Павлусро аз ояте, ки ин бобро шурӯъ мекунад, аз нав мехонем:

> “Ва Он ки мову шуморо дар Масеҳ устувор мегардонад ва моро *тадҳин намудааст*, Худост” (2 Қӯринтиён 1:21).

Калимаи “тадҳин” дар ин оят аз калимаи юнонии *“хрио”* тарҷума карда шудааст, ки маънояш “гузоштани вазифа дар назди инсон бо назардошти *тасдиқ кардан,* баракат додан ва тақдими атоҳо бо роҳи фавқуттабиӣ – тадҳин кардан, муқаррар кардан, *таъин кардан”* мебошад.

Дар ин таърифибораҳои калидие ҳастанд, ки ба онҳо мо бояд диққат диҳем. Ибораи *“тасдиқ кардан”* маънои “иҷозат ё тасвиби мақомот барои ягон амал”-ро дорад. Хулоса, *тадҳин тасдиқи илоҳӣ барои амал* аст. Исо мегӯяд: “Рӯҳи Худованд бар Ман аст; зеро ки Ӯ маро тадҳин кардааст...” (Луқо 4:18). Давомашро хонда, мо мебинем, ки тадҳин розигии Худо ба Исо барои иҷро кардани коре мебошад. Ҳаввориӣ Павлус низ бо ҳамин мазмун мегӯяд: “Худо бо Рӯҳулқудс ва қувват Исои Носириро *тадҳин кард,* ва Ӯ ба ҳама ҷо рафта, ... *мекард”* (Аъмол 10:38, НРП). Боз сухан дар бораи амал меравад.

Таркиби дигари калидии таърифи калимаи *“хрио”* ин ибораи *“муқаррар кардан”* ва *“таъин кардан”* мебошад. Дар хидмати Худо давраи санҷишӣ мавҷуд аст. Пеш аз таъин ё тадҳин шудан, мо дар итоаткорӣ озмуда мешавем.

Дар қиссаи Майк дар боби нӯҳум имтиҳони бузурги ӯ вақте рӯй дод, ки Худо аз вай хоҳиш кард, ки 200 доллари охирини худро хайр кунад. Дар саргузашти ману Лиза, имтиҳони мо чунин буд: оё мо ба амри Худо дар бораи навиштан содиқ мемонем, ҳатто вақте ки ягон нашриёт ба ду китоби аввали мо таваҷҷӯҳ надошт, ва онҳо амалан ҳеҷ гуна таваҷҷӯҳи мардумро ба худ ҷалб накарданд?

Исо такрор ба такрор мегӯяд: “Даъватшудагон бисёранд, аммо интихобшудагон кам” (Матто 20:16, 22:14). Ман боварӣ дорам, ки “бисёриҳо” онҳоеанд, ки ба Ӯ тааллуқ доранд. Ҳар яки мо даъвати илоҳӣ дорем. Аммо, “интихобшудагон” шахсони таъиншуда мебошанд, ва, тибқи суханони Исо, мутаассифона, онҳо каманд. Барои чӣ? Мо бояд раванди тасдиқро гузарем. Ин

суханонро бо диққат хонед: “Ба Апалис, ки дар Масеҳ *озмуда* ва *тақдис карда шудааст,* салом гӯед” (Румиён 16:10, АМРС).

Апалис ҳамчун ҳар яке аз мо, ки ба сӯи даъвати худ равон шудан мехоҳем, озмуда шуда буд. Аён аст, ки ӯ аз имтиҳони худ гузашт, ва аз ин рӯ *интихоб* ё *тасдиқ* карда шуд. Дар асоси принсипҳои Каломи Худо, ҳатто агар дар ин бора навишта нашудааст, мо медонем, ки Апалис тадҳин шуда буд, ва атои ламси қувватбахши Худоро пайдо кард.

Одамони зиёд худро барвақт дар соҳаҳое, ки даъват шудаанд, таъин мекунанд, ва онҳо бояд на ба ризоияти худ, балки ба ризоияти Худо саъй кунанд.

> “Зеро на он кас арзанда аст, ки худро ситоиш мекунад, балки он кас, ки Худованд ӯро ситоиш мекунад” (2 Қӯринтиён 10:18, НРП).

Биёед ба зиёфате, ки дар Рӯзи шукргузорӣ баргузор шуд, бармегардем. Ман мехостам, ки аҳли оилаам ва аъзои дастаи ман бидонанд, ки *итоаткории собитқадамона* – муҳаббат ба адолат ва нафрат ба шарорат – барои иҷро кардани даъватамон хеле муҳим аст, чунки ин гуна собитқадамӣ ба мо имкон медиҳад, ки тадҳини Ӯро дарёфт кунем.

Ба ҳаёти худ нигоҳ карда, ман ва Лиза дар баъзе лаҳзаҳои душвор ба Худо итоат кардем. Аксар вақт итоаткорӣ барои рушд, некӯаҳволӣ, маъруфият ва дигар манфиатҳои шахсии мо, ки, зоҳиран, аз онҳо дуртар мерафтем, бенатиҷа ва ҳатто харобиовар менамуд. Аммо он чизе, ки дар дурнамои кӯтоҳмуддат бефоида менамуд, ҳамон калиде гардид, ки дари муҳимро ба даъвати мо боз кард.

## ВАЗИФАИ ШУМО

*Шумо* ҳамчун дигарон, ҳатто мисли онҳое, ки шумо қаҳрамони имон меҳисобед, *даъват шудаед.* Эҳтимол, даъвати шумо дар муҳити калисо ба амал намеояд, чунки танҳо баъзеҳо –

шумораи хеле ками одамон ба ин соҳа даъват шудаанд. Ба шумо имтиёз дода шудааст, ки муваффақ бошед ва дар соҳае, ки ба он фиристода шудаед, фарқ кунед.

- Дониёл дар мансабҳои давлатии Бобул *муваффақ буд* (ниг. Дониёл 6:3).
- Юсуф дар Мисри бузург *муваффақ буд* (ниг. Ҳастӣ 41:39).
- Фуби ҳамчун ходими Инҷил дар Канхария *муваффақ буд* (ниг. Румиён 16:1).
- Шумо низ ба ин даъват карда шудаед.

*Шумо атоҳои беназир доред.* Худо ба шумо қобилиятҳоеро фароҳам овардааст, ки барои иҷро кардани вазифаи шумо заруранд.

Диққат кунед, ки Каломи Худо дар бораи Басалъил ва дастаи коргарони ӯ чӣ мегӯяд: "Ва Басалъил ва Оҳолиоб ва ҳамаи мардони донодил, ки Худованд ба онҳо *ҳикмат* ва *қобилият* бахшидааст, то ки барои иҷрои ҳар амали хизмати қудс *моҳир* бошанд, мувофиқи ҳар он чи Худованд амр фармудааст, кор хоҳанд кард" (Хуруҷ 36:1, NLT). Ин устоҳо ҳамчун Мӯсо, Ҳорун ва писарони ӯ қобилият надоштанд, ки Каломи Худоро мавъиза кунанд ва ба мардум хидмат намоянд. Аммо онҳо дорои атоҳое буданд, ки барои бунёди маъбад бо дастони худ кор кунанд.

Шумо низ қобилият доред, ки ба воситаи маҳоратҳое, ки Ӯ ба шумо додааст, маъбади Худоро бунёд кунед. Аммо ин маъбад аз тилло, нуқра, биринҷӣ, сангҳои қиматбаҳо, пашми буз, катони бофта ва дигар ашёҳое, ки барои сохтмони маъбади Аҳди Қадим ё маъбади Ерусалим истифода мешуданд, иборат нест. Имрӯз маъбади Худо аз сангҳои зинда – одамон сохта мешавад, ва ин сангҳои зинда ҳамчун иқоматгоҳи Худо бино карда мешаванд (ниг. 1 Петрус 2:5 ва Эфсӯсиён 2:20-22). Шумо қобилият доред, ки одамонро барои ҷалоли Худо обод кунед.

*Шумо барои афзункунӣ қувват гирифтаед.* Мо идоракунандагони атоҳое ҳастем, ки Худо ба мо медиҳад, ва Ӯ мехоҳад, ки мо самараи ин атоҳоеро, ки гирифтаем, чандин

маротиба зиёдтар баргардонем. Барои афзун кардан, мо бояд стратегияҳои осмониро ҷустуҷӯ кунем. Роҳбарон ба мо принсипҳоро меомӯзонанд, вале ин стратегияҳои беназири осмонӣ ба ҳар як одам ба таври ҷудогона дода мешавад; онҳоро аз китобҳо ё дарсҳо ёд гирифтан ғайриимкон аст.

Мо, роҳбарон, танҳо шуморо ташвиқ карда метавонем, то ки шумо Ӯро биҷӯед ва ба овози Ӯ гӯш диҳед. Ҳатто вақте ки камаҳамият ба назар мерасад, ба Ӯ итоат кунед. Он чизе, ки ба афзоиш оварда мерасонад, одатан ночиз менамояд. Дар хотир доред, ки донаи хардал, ки аз ҳама донаҳои дигар хурдтарин аст, сабзида, ба яке аз дарахтони калонтарин табдил меёбад.

*Шумо ба воситаи саҳмгузорӣ афзун мекунед.* Ин афзункунӣ шаклҳои гуногун дорад, аммо, вақте ки мо медиҳем, ҳосили баракатҳоро ба даст меорем. Агар тухмӣ кишт нагардад (саҳмгузорӣ нашавад), он якто боқӣ мемонад; аммо, вақте ки саҳмгузорӣ карда мешавад, он ҳосили фаровон медиҳад. Дар ҳар лаҳза шумо метавонед ҳосили худро захира ё дубора саҳмгузорӣ кунед. Саҳмгузориро бас накунед; он барои сатҳи дигари самаранокӣ калид аст.

*Стимули шумо хидматгузорӣ аст.* Агар нияти шумо ғайр аз хидматгузорӣ ҳар чизи дигаре бошад, шумо худро дар он ҷое, ки намехоҳед, хоҳед ёфт. Шояд шумо дар назари дигарон хуб намоед, аммо шумо мақсади худро гум мекунед. Чароғи шумо хомӯш гардиданро давом медиҳад ва ҳатто пурра хомӯш мешавад. Аммо тасаллии шумо дар он аст, ки Ӯ “пилтаи нимсӯхтаро хомӯш нахоҳад кард”; Ӯ диққати шуморо барои дубора фурӯзон кардани оташ ҷалб мекунад (ниг. Ишаъё 42:3). Ҳар кореро, ки мекунед, ба хидмат кардан саъй кунед, бе риёкорӣ дӯст доред ва ҳама гуна душвориҳоеро, ки дучор меоед, бо истодагарӣ паси сар кунед.

*Барои тадҳин гирифтан хоҳиш дошта бошед.* Тадҳин тақвиятдиҳандаи шумо аст. Он ба меҳнати шумо арзиши ҷовидонӣ медиҳад. Он қуввати шуморо афзун мегардонад ва имкон медиҳад, ки дар соҳаи даъвататон муваффақ бошед.

Он шуморо аз одамони ин ҷаҳон ва ҳатто аз он аъзои калисо, ки атоҳои худододаашонро ба хотири мақсадҳои худхоҳона ва дунявӣ истифода мебаранд, ҷудо месозад.

*Шумо бояд имон дошта бошед.* Ин ягона роҳи афзун кардани потенсиали худододаи шумо мебошад. Бе имон “ба Худо писанд омадан ғайриимкон аст” (Ибриён 11:6). Барои зиёд кардани имони худ шумо бояд Каломи Ӯро гӯш кунед. Навишта шудааст: “Имон аз шунидан *ҳосил мешавад* ва шунидан аз Каломи Худо аст” (Румиён 10:17, NKJV). Шунидан, шунидан ва бори дигар шунидан – ин чизе аст, ки барои мустаҳкам дар қалби шумо ҷой гирифтани Каломи Худо имкон медиҳад. Ана барои чӣ шумо оқилона рафтор мекунед, агар ин китобро такрор ба такрор хонед. Аммо онро сарсарӣ нахонед! Дар вақти хондан онро гузошта, дар бораи он тафаккур кунед, ки ин ҳақиқатҳоро чӣ тавр ба кор бурда метавонед, ва баъд дар асоси онҳо рафтор кунед. Каломи Худоро, ки дар ин китоб ба таври муназзам оварда шудааст, тавассути хондан, мулоҳиза ва дуо ба рӯҳи худ қабул кунед, ва новобаста аз он ки дар атрофи худ чиро мебинед, бовар кунед, ки шумо барои афзункунӣ даъват шудаед. Эътимоди ботинии шумо оид ба афзункунӣ бояд аз он чизе, ки вазъиятҳои берунаи шумо талқин мекунанд, бештар шавад.

Ниҳоят, дар хотир дошта бошед, ки *Худо тарафдори шумо аст!* Ӯ мегӯяд:

> «“Зеро фикрҳоеро, ки Ман дар бораи шумо дорам, Ман медонам”, — мегӯяд Худованд, — “фикрҳое ки ба осоиштагӣ оид аст”» (Ирмиё 29:11).

Ва боз ҳам, Каломи Худо қатъиёна мегӯяд:

> “Пас мо ба ин чӣ гӯем? Агар Худо тарафгири мо бошад, зидди мо кист? Он Худое ки Писари Худро дареғ надоштааст, балки Ӯро барои ҳамаи мо таслим кардааст, чӣ гуна бо якҷоягии Ӯ ҳама чизро ба мо намебахшад? (Румиён 8:31-32).

Ин суханонро гӯш кунед, на суханони ғамангези *худои ин ҷаҳон* – айбдоркунандаи асосӣ ва кишткунандаи шубҳаҳоро. Офаридгоратон Падари шумо аст, ва Ӯ мехоҳад, ки шумо дар меҳнате, ки Ӯ шуморо ба он даъват кардааст, муваффақ бошед.

Ҳамчун падар дар имон, ки аллакай аз 60 гузаштааст, ман низ тарафдори шумо ҳастам! Ман шуморо ташвиқ мекунам, ки аз ҳамзамонони ман ва худи ман зиёдтар пешравӣ кунед. Мо ба як Подшоҳ хидмат мекунем, шаҳрвандони як Подшоҳӣ ва аъзои як оила мебошем. Мо як имон ва як вазифа дорем – бунёди хонаи Худо, ки дар он Ӯ абадан зиндагӣ хоҳад кард.

Биёед якҷоя меҳнат мекунем. Биёед муттаҳид мешавем ва ягонагиро ҳифз мекунем. Биёед ҳама чизро ба амал меорем, то ки ҷалоли Ӯ маскани Ӯро боз ҳам ва боз ҳам пур кунад. Ин ягона роҳи ҳалли проблемаҳои ин ҷаҳон аст.

Ман шуморо дӯст медорам, вале аз ҳама муҳимтаринаш Худои Падар, Исои Масеҳ ва Рӯҳулқудс шуморо хеле дӯст медоранд. Ва *муҳаббати Онҳо ба шумо ҷовидонӣ аст.*

Ва Ӯро, ки қодир аст шуморо аз фурӯ ғалтидан нигоҳ дорад ва дар шодӣ беайб ба ҳузури ҷалоли Худ биистонад, яъне Худои ҳакими якто ва Наҷотдиҳандаи моро, ба воситаи Исои Масеҳи Худованди мо, ҷалол ва шавкат, қудрат ва салтанат бод аз азал ва дар замони ҳозира ва то абад. Омин. Яҳудо 24-25 (НРП)

## ТАФАККУР КУНЕД

1. Тадҳин он чие аст, ки қобилиятҳои худододаи моро барои афзункунӣ қувват мебахшад. Чӣ тавр тадҳин шудан мумкин аст? Чӣ тавр он ба амалкарди атоҳои шумо таъсир мерасонад?
2. Чӣ тавр тадҳин дар ҳаёти шумо тоза боқӣ монда метавонад? Вақте ки шумо тадҳинро ҳамчун чизи муқаррарӣ қабул мекунед, чӣ ҳодиса рӯй медиҳад?
3. Дар кадом соҳаи ҳаёт шумо барои тағйирот ворид кардан даъват шудаед? Чӣ тавр тадҳин барои муваффақ шудан дар ин доираи таъсир ба шумо ёрӣ мерасонад?

*“Зеро агар ту бо даҳони худ эътироф кунӣ, ки Исо Худованд аст, ва бо дили худ имон оварӣ, ки Худо Ӯро аз мурдагон эҳё кард, наҷот хоҳӣ ёфт; чунки одам бо дили худ имон меоварад, ки ин барои адолати ӯст, ва бо даҳони худ эътироф мекунад, ки ин барои наҷоти ӯст”.*

– Румиён 10:9, 10

## Замима

# Наҷоте, ки ба ҳама дастрас аст

Худо мехоҳад, ки шумо ҳаёти пурарзиш дошта бошед. Ӯ шуморо бо тамоми дил дӯст медорад ва ба ҳаёти шумо нақша дорад. Аммо танҳо як роҳи интихоби тақдир мавҷуд мебошад – қабул кардани наҷот ба воситаи Исои Масеҳ, Писари Худо.

Тавассути марг ва эҳёи Исо Худо ба Подшоҳии Худ барои шумо, писар ё духтари маҳбубаш, роҳ муҳайё кард. Ба туфайли қурбонии Масеҳ дар салиб ба шумо ҳаёти фаровони ҷовидонӣ дастрас аст. Наҷот атои Худост барои шумо, мо бо аъмоли худ онро ба даст оварда наметавонем.

Барои гирифтани ин тӯҳфаи гаронбаҳо, ба гуноҳи худ иқрор шудан лозим аст, ки шумо берун аз иродаи Офаридгори ҳаёти худ зиндагӣ кардед (чунки ин решаи ҳамаи гуноҳҳое мебошад, ки шумо содир кардаед). Тавба қисми муҳими қабул кардани наҷот мебошад. Петрус дар ин бора, дар китоби Аъмол, он рӯзе, ки панҷ ҳазор одамон наҷот ёфтанд, возеҳ гуфта буд: “Пас, тавба кунед ва руҷӯъ намоед, то ки гуноҳҳои шумо маҳв гардад” (Аъмол 3:19). Навиштаҷот мегӯяд, ки ҳар яке аз мо ҳамчун ғуломи гуноҳ таваллуд шудаем. Ин ғуломӣ аз гуноҳи Одам, ки ба худсарӣ ва саркашӣ оғоз кардааст, сарчашма мегирад. Тавба ин интихоби

он аст, ки шумо аз шайтон, падари дурӯғ, рӯ гардонида, ба Хоҷаи нави худ, Исои Масеҳ – Он Касе, ки ҳаёти Худро барои шумо қурбон кардааст, итоат мекунед.

Шумо бояд худро ба Масеҳ мутеъ созед, Ӯро Хоҷаи худ гардонед, бар тамоми ҳаёти худ ба Ӯ қудрат диҳед (рӯҳ, ҷон ва ҷисми худро ба Ӯ мутеъ кунед), вуҷуди худро ва ҳар чизеро, ки доред, ба Ӯ супоред. Дар он лаҳзае ки шумо ин корро мекунед, Худо шуморо аз торикӣ раҳо месозад ва ба равшанӣ ва ҷалоли Подшоҳии Худ ворид мекунад. Шумо аз марг ба ҳаёт мегузаред ва фарзанди Худо мегардед!

Агар шумо хоҳед, ки ба воситаи Исои Масеҳ наҷот ёбед, ин дуоро хонед:

*“Худои Осмон, ман эътироф мекунам, ки гуноҳкор ҳастам ва мутобиқи меъёрҳои адолати Ту зиндагӣ намекунам. Барои гуноҳҳои худ ман ба ҷазои абадӣ сазовор ҳастам. Ташаккур, ки Ту маро дар ин ҳолат намегузорӣ, зеро ман бовари дорам, ки Ту Писари Ягонаи Худ Исои Масеҳро, ки аз Марями бокира таваллуд шудааст, фиристодӣ, то ки барои ман дар салиб қурбон кунӣ ва маро аз ҷазо раҳо созӣ. Ман боварӣ дорам, ки Ӯ рӯзи сеюм эҳё шуд ва акнун дар дасти рости Ту нишастааст. Ӯ Худованд ва Наҷоткори ман аст. Дар ин рӯз ман тавба мекунам, ки мутобиқи иродаи Ту зиндагӣ намекардам ва ҳоло ҳаёти худро пурра ба Худованд Исо месупорам.*

*Исо, ман Туро ҳамчун Худованд ва Наҷоткори худ эътироф мекунам. Ба ҳаёти ман бо Рӯҳи Худ ворид шав ва маро дигар кун, ва фарзанди Худо гардон. Ман торикиеро, ки то ин лаҳза асири он будам, рад мекунам, ва аз ҳамин рӯз сар карда, ман на барои худ, балки бо файзи Ту барои Ту зиндагӣ мекунам, чунки Ту Худро барои ман фидо кардӣ, то ки ман ҳаёти ҷовидон дошта бошам.*

*Ташаккур ба Ту, Худованд. Акнун ҳаёти ман дар дастони Туст, ва, чуноне ки дар Каломи Ту гуфта шудааст, ман хиҷил нахоҳам шуд. Ба номи Исо, омин”.*

Марҳабо ба оилаи Худо! Ман шуморо ташвиқ мекунам, то ба дигар имондорон дар бораи он чизе, ки бо шумо рӯй дод, нақл кунед. Ташриф овардан ба калисои маҳаллӣ, ки дар он ба Китоби Муқаддас бовар мекунанд, муҳим аст. Шумо ба он ҷо рафта, бо имондороне, ки ба рӯҳбаланд кардани шумо омодаанд, муошират кунед. Шумо метавонед бо хидматгузории мо (ба MessengerInternational.org дароед) робита пайдо кунед, ва мо метавонем барои шумо дар маҳалли зистатон калисо ёбем.

Шумо саёҳати хеле аҷиберо сар кардед. Бигзор Худо шуморо баракат диҳад, то ки ҳар рӯз шумо дар омӯзиши Калом, файз ва дӯстӣ бо Ӯ рушд кунед!

# АРЗИ СИПОС

Китобе, ки шумо дар даст доред, натиҷаи кори дастаҷамъона аст ва ман мехоҳам, ки ба якчанд аъзои дастаи худ, ки дар эҷоди он саҳм гузоштаанд, миннатдории худро баён кунам.

**Брюс Нигрен:** Барои таҷрибаи ту дар кори таҳрир ташаккур мегӯям. Ту дубора дастхати маро гирифтӣ ва овози маро гум накарда, онро хеле беҳтар кардӣ. Ва барои саволҳои душворат ташаккур мегӯям, ки китоби маро хеле возеҳтар ва муассиртар гардониданд.

**Кори Эмберсон, Лора Уилбур ва Лоран Ҷонсон:** Ба шумо ташаккур изҳор мекунам, ки оид ба дақиқ ва мураттаб кардани ҷиҳатҳои грамматикӣ, пунктуатсия ва услуби ин паём кор бурдед. Ман ба атои шумо мафтун ҳастам.

**Крис Пейс:** Ташаккур барои рӯҳбаландии бепоёни ту ҳангоми боб ба боб хондани ин дастхат. Ҳамчунин барои кӯмаки ту дар мураттаб гардонидани боби 14-ум сипосгузор ҳастам. Саҳми ту бебаҳо аст.

**Эдисон Бивер:** Барои малакаҳои таҳририат ва саволҳои мураккаби ту, ки ин китобро хеле беҳтар ва возеҳтар гардониданд, ташаккур мегӯям. Бештар аз ҳама, ба ту ташаккур изҳор мекунам, ки ту писари содиқ ва илҳомбахш ҳастӣ.

**Алан Нигрен:** Ташаккур барои ороиши аҷоиби ин китоб ва муқоваи он. Ман ба атои ту мафтун ҳастам!

**Дастаи “Мессенҷер Интернэшнл”:** Ҳар яке аз шумо барои бунёди Подшоҳии Худо дар паси парда кори бузурге карда истодаед. Он рӯз, ки ҳамаи мо бо чашмони худ мебинем, ки чӣ тавр Исо барои хидмати фидокоронаи шумо мукофоти олӣ медиҳад, бо шумо шод хоҳам шуд.

**Рӯҳулқудси Худо:** Сипоси бузургтарини худамро ба Ту изҳор мекунам! Навиштани ин паём бе роҳнамоии Ту ва хиради Ту ғайриимкон мебуд. Ман барои кушоишҳои пайвастаи Ту дар бораи Худовандам ва муҳаббати бузургтарини ман – дар бораи Исои Масеҳ беҳад миннатдорам. Ман Туро аз тахти дил дӯст медорам, ва шарафмандам, ки ба Ту хидмат мекунам ва бо Ту ҳамкорӣ мекунам.

# ТАВЗЕҲОТ

[i]Зодхиатес, Спирос: «Луғати пурра барои омӯзиши калимаҳо*: Аҳди Ҷадид*» (Чаттану́га, Теннесси, «AMG Publishers», 2000).

[ii]Арндт, Уильям, Фредерик У. Данкер и Уолтер Бауэр: «Луғати юнонӣ-англисии *Аҳди Ҷадид ва адабиёти дигари давраҳои аввали масеҳият*» (Чикаго, «University of Chicago Press», 2000).

[iii]Лув, Йоханнес П. и Юджин Альберт Найда: «Луғати семантикии юнонӣ-англисии Аҳди Ҷадид» (Нью Йорк, «United Bible Societies» 1996).

[vi]Лув, Йоханнес П. и Юджин Альберт Найда: «Луғати семантикии юнонӣ-англисии Аҳди Ҷадид » (Нью Йорк, «United Bible Societies» 1996).

[v]Лув, Йоханнес П. и Юджин Альберт Найда: «Луғати семантикии юнонӣ-англисии Аҳди Ҷадид » (Нью Йорк, «United Bible Societies» 1996) и Зодхиатес, Спирос: «Луғати пурра барои омӯзиши калимаҳо*: Аҳди Ҷадид*» (Чаттану́га, Теннесси, «AMG Publishers», 2000).

[vi]Зодхиатес, Спирос: «Луғати пурра барои омӯзиши калимаҳо*: Аҳди Ҷадид*» (Чаттану́га, Теннесси, «AMG Publishers», 2000).

[vii]Лув, Йоханнес П. и Юджин Альберт Найда: «Луғати семантикии юнонӣ-англисии Аҳди Ҷадид» (Нью Йорк, «United Bible Societies» 1996).

# РӮҲУЛҚУДС: ДАСТУРАМАЛ

*Шумо дар бораи Ӯ медонед, аммо шумо Ӯро мешиносед?*




Дар тӯли се сол шогирдон бо Исо буданд, бо Ӯ роҳ мерафтанд, ва ҳар он чиро, ки Ӯ мегуфт, мешуниданд. Бо вуҷуди ин, Исо ба дӯстони наздиктарини Худ гуфт, ки Ӯ бояд онҳоро тарк кунад, то Рӯҳулқудс биёяд – ва ин барои онҳо беҳтар хоҳад буд. (Юҳанно 16:7, 13-14). Агар ин барои шогирдон, ки ҳар рӯзро бо Исо мегузарониданд, беҳтар мебуд, пас мо имрӯз то чӣ андоза дар ҳаёти худ ба ҳузури фаъоли Рӯҳулқудс ниёз дорем?

Афсӯс ки Рӯҳулқудсро нодуруст фаҳмида, бисёр одамонро аз донистани он, ки Ӯ Кӣ аст ва чӣ тавр Ӯ Худро ба мо зоҳир мекунад, маҳрум месозанд. Рӯҳулқудс аксар вақт ҳамчун як чизи “аҷиб” тасвир карда мешавад. Аммо Китоби Муқаддас мегӯяд, ки Рӯҳулқудс на як чиз аст. Ӯ Касест, Ӯ Шахс аст, ва Ӯ ваъда додааст, ки моро ҳеҷ гоҳ тарк намекунад. Дар ин китоби интерактивӣ Ҷон Бивер Шуморо даъват мекунад, то Шахсеро, ки дар Калисо аз назари эътибор дур мондааст ва барои бисёр одамон шинос нест, яъне Рӯҳулқудсро, барои худ кашф кунед.

Дар **MessengerX.com** X дастрас аст

# НЕКӢ Ё ХУДО?

*Барои чӣ чизҳои хуб, агар ба он дасти Худо набошад, кофӣ нест*




Агар ин хуб бошад, ин аз ҷониби Худост, дуруст аст?

Дар замони мо калимаи некӣ ва Худо калимаҳои ҳаммаъно шудаанд. Мо фикр мекунем, ки агар ягон чизро ҷамъият хуб шуморад, Худо низ ҳатман тарафдори он мебошад. Саховатмандӣ, фур=танӣ ва адолат ин некӣ аст. Худпарастӣ, ғурур ва сахтдилц ин бадӣ аст. Фарқият бисёр возеҳ ва равшан аст.

Оё ин ҳама чиз аст? Агар некӣ ҳамин қадар аён бошад, пас барои чӣ дар Китоби Муқаддас навишта шудааст, ки мо некиро аз бадц фарқ карда тавонем?

“Некӣ ё Худо?”- ин дастурамали нав барои ёрдам додан намебошад. Ин китоб аз шумо талаб мекунад, ки рафторатонро тағйир диҳед. Он ба шумо барои бо Худо дар ҳамон сатҳ  пайваст шудан қувват мебахшад, ки ҳар як соҳаи ҳаёти шумо тағйир меёбад.

Дар **MessengerX.com** дастрас аст

# БО АБАДИЯТ ҲАРАКАТКУНАНДАГОН

*Ҳаёте, ки имрӯз ва то абад муҳим аст*




Рӯзе шумо ба назди Худо ҳозир шуда, ба Ӯ дар бораи ҳаёти худ ҳисобот медиҳед. Саволи муҳимтарине, ки ҳоло ба худ дода метавонед, ин аст: оё тайёр мешавед?

Аксарияти масеҳиён медонанд, ки ҷавоби онҳо ба салиб муайян мекунад, ки онҳо абадиятро дар куҷо мегузаронанд. Аммо оё шумо медонед, ки чӣ тавр абадиятро гузаронидани шумо бо он муайян карда мешавад, ки шумо дар ҳаёт чӣ кор мекунед?

Худо мехоҳад, ки шумо даъвати худро донед. Ӯ намехоҳад, ки шуморо дар нодонӣ нигоҳ дорад. Зиёда аз ин, Ӯ мехоҳад, ки шумо сабаби зиндагии худро дар замин дарк карда, мазмун ва мақсад пайдо кунед.

Баъд аз нафаси вопасин на танҳо ҷои таъинот, балки ҳаёт дар абадият хоҳад буд. Мунтазир набошед, ки хеле дер мешавад. Сарнавиштеро, ки Худо барои шумо муайян кардааст, дарк кунед ва чунон зиндагӣ кунед, ки ҳаёт дар рӯи замин ва дар абадият маънои бузург дошта бошад.

Дар **MessengerX.com** дастрас аст

# МАҲВ КАРДАНИ КРИПТОНИТ

*Безарар гардонидани чизе, ки қуввати моро медуздад*




Ҳамчун Супермен, ки барои бартараф кардани монеаҳо ва нобуд кардани ҳама гуна душман қодир аст, пайравони Масеҳ дорои қобилиятҳои фавқуттабиие мебошанд, ки ба воситаи он ҳар гуна душвориҳоро паси сар карда метавонанд.

Бешубҳа, Супермен ва криптонит – инҳо самараи тахайюлот. Вале криптонити рӯҳонӣ ҳақиқатан ҳам вуҷуд дорад.

Дар ин китоб шумо ба чунин савол ҷавоб пайдо мекунед, ки чаро бисёриҳо аз қувваи илоҳӣ, ки масеҳиёни қарни якумро, бе ягон шубҳа, фаро гирифта буд, бенасибанд.

Дар китоби “Маҳв кардани криптонит” Ҷон Бивер дар бораи он нақл мекунад, ки криптонити рӯҳонӣ чӣ аст, то кадом андоза он ба ҷамъияти мо хатарнок мебошад ва чӣ тавр аз асорати он халос шудан мумкин аст.

Ин китоб барои сустмиҷозон нест, ҳар чӣ ҳам бошад, на барои ширинидӯстон аст. Ин ҳақиқати ҷиддие барои ҳар як пайрави Масеҳ мебошад, ки барои гузаштан аз роҳи мушкилгузари дигаргунсозиҳо ба хотири ба даст овардани мукофоти ваъдашуда нотарсида қадам мениҳад.

Дар **MessengerX.com** дастрас аст

# ХУДО, ТУ ДАР КУҶОӢ?!

*Дар биёбони худ қувват ва мақсад пайдо кунед*




Шояд, шумо овози Худоро шунидаед, лекин ҳозир Ӯ, гӯё ки хомӯш аст. Мумкин аст, ки шумо дар имон ҳаракат мекардед, лекин ҳоло ҳузури Ӯро пайдо карда наметавонед. Хуш омадед ба биёбон – ҷой байни гирифтани ваъдаҳо аз ҷониби Худо ва иҷроиши онҳо.

Лекин хабари хуш дар он аст, ки биёбон ин замини бемақсад ва холӣ нест. Худо биёбонро истифода мебарад, то ки шуморо барои даъвататон тайёр ва мусаллаҳ гардонад, дар ҳолате ки агар шумо онро дуруст гузаред. Новобаста аз он, ки бисёриҳо фикр мекунанд, мо ин мавсимро, ҳамту Худоро интизор шуда истода, намегузарем. Шумо бояд дар гузаштани биёбон нақши худро бозӣ кунед, ва нақши шумо аҳамиятнок аст. Ва агар шумо нахоҳед, ки вақти худро беҳуда сарф кунед ва гирдогирд давр занед, донистани он ки биёбон чӣ аст, муҳим мебошад.

Дар ин китоб, ки пур аз ошкоршавиҳост, муаллифи китобҳои машҳур (бестселлерҳо) Ҷон Бивер шуморо бо донишҳои калидии Китоби Муқаддас ва ҳодисаҳои пурмазмун мусаллаҳ мегардонад, ки ба шумо ёрӣ медиҳанд, то аз мавсимҳои хушк ва душвори ҳаёти худ гузаред ва ба ҳамаи он чизе, ки Худо барои шумо тайёр кард, дохил шавед.

Дар **MessengerX.com** дастрас аст

# MessengerX

*Роҳ ба шогирдӣ барои ҳар кас, дар ҳар ҷо*




- **Ройгон бо бештар аз 110 забонҳо**
- Ҳамчун барнома ва онлайн дастрас аст
- Маводҳое, ки барои такомули рӯҳонии шумо нигаронида шудаанд
- Саргузашти ҳаёт ва роҳи шогирдии худро тадқиқ кунед



Китобхонаи пурраи маводҳоро барои шогирдсозии Messenger дастрас мекунед – китобҳои электронӣ, дарсҳои видео ва аудиоӣ, аудиокитобҳо, Китоби Муқаддас... Дар тамоми дастгоҳҳои худ тамошо кунед, хонед ва шунавед.




**MessengerX.com**

Download on the App Store

GET IT ON Google Play

Дар тамоми ҷаҳон дар App Store ва Google Play дастрас аст.

**“БИЁЕД ХУДРО БА ҲЕҶ ЧИЗ ПОЙБАНД НАМЕКУНЕМ ВА ХУДРО БА ХУДО БАХШИДА, ОЗОДОНА МЕМИРЕМ... МАҲЗ ҲАМОН ВАҚТ МО ДАР ҲАҚИҚАТ ЗИНДА МЕГАРДЕМ ВА ҲАЁТРО БО ПУРРАГИАШ ДАРК МЕНАМОЕМ”.**

**- ҶОН БИВЕР**

Оё шумо боре худро дар Подшоҳии Худо ҳамчун тамошобин ҳис кардаед? Эҳтимол, шумо медонед, ки ягон кореро бояд ба иҷро расонед, вале фаҳмида наметавонед, ки ин чӣ коре аст. Бисёре аз моён бо ҳаёти худ таъсири бузург расонидан мехоҳанд, вале шояд, шумо саволҳои беҷавобе доред, ба мисли:

- Чӣ тавр фаҳмидан мумкин аст, ки ман иродаи Худоро барои ҳаёти худ аз даст надода истодаам?
- Истеъдодҳои нотакрори ман дар бунёди Подшоҳии Худо то кадом дараҷа аҳамият пайдо карда метавонанд?
- Ман чӣ гуна дилпур буда метавонам, ки потенсиали ба ман додаи Худоро истифода мебарам?
- Агар ман дар “хидматгузорӣ” набошам, оё даъвати ман камаҳамият аст?
- Чӣ тавр тавозунро дар байни оромиш ёфтан дар файзи Худо ва амал кардан барои Подшоҳии Ӯ нигоҳ дошта метавонам?
- Чӣ тавр ҳатто дар ҳолати дудилагӣ ва хатар тарсро аз худ дур карда, ба пеш ҳаракат карда метавонам?

Дар ин китоби пурмазмун муаллиф Ҷон Бивер ба омӯзиши ҳамаҷонибаи Китоби Муқаддас такя мекунад ва қиссаҳои аҷоибро истифода мебарад, то ки барои ба таври дигар фикр кардани шумо оиди даъвати худ ва барои фаҳмидани он, ки чаро он барои Худо муҳим аст, кӯмак кунад. Ин китобро хонда истода, шумо афзун кардани атоҳои худодода ва истифода бурдани потенсиали худро ёд мегиред!

Агар шумо беамалиро бо мақсади бузург иваз кардан хоҳед, пас ин оғози сафари шумо аст.



**Ҷон Бивер** – воизи байналмилалӣ ва муаллифи шоҳасарҳо, бо муносибати бесозишкоронаи худ оид ба Каломи Худо машҳур аст. Ҷон ва ҳамсари ӯ, Лиза, асосгузорони хидматгузории “Мессенҷер Интернэшнл” мебошанд. Ҳадафи ин хидматгузорӣ тарбия кардани пайравони амини Исои Масеҳ аст, ки ҷаҳонро дигар мекунанд. Вақте ки Ҷон дар хона, дар Колорадо, аст, ӯ бо чор писарони худ бо қартаҳои рӯимизӣ бозӣ мекунад ё Лизаро барои бозӣ кардан ба голф розӣ кунонидан мехоҳад.

MessengerX

Барои сабткуниҳои ройгон ва сабти видеоии пайдарҳам ба **MessengerX.com**

Бисёртар донистан мехоҳед?
Аз ин ҷо скан кунед:

MESSENGER
INTERNATIONAL
MessengerInternational.org

Ин китоб аз ҷониби муаллиф тӯҳфа аст.
На барои фурӯш.